*Муаззама*

# АФСОНАИ ТАНҲОӢ



Душанбе
«Адиб»
2010

ББК Тоҷик 7-5
А-90

Мураттиб *Талъат Нигорӣ*

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

А-90 **Муаззама. Афсонаи танҳоӣ** (ҳикоя, очерк, тарҷума, нақди адабӣ, ёднома). – Душанбе, «Адиб», 2010, 224 саҳ.

Муаззама Аҳмадова 20 феврали соли 1952, дар деҳаи Қалъачаи Мазори ноҳияи Исфара ба дунё омада, мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хатм кардааст. Баъд аз хатми донишкадаи омӯзгории шаҳри Ленинобод (ҳоло Хуҷанд) дар мактаби ҳаштсолаи деҳааш омӯзгори фанни ҷуғрофия буд.

Аз соли 1979 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳозира «Ҷавонони Тоҷикистон») ҳамчун мухбири ғайриштатӣ фаъолият намуда, аз соли 1981 то охири ҳаёташ (феврали соли 1988) корманди рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» буд.

Ҳикояҳояш дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон», «Адабиёт ва санъат», маҷаллаҳои «Машъал», «Фирӯза» ба табъ расидаанд. Маҷмӯаи нахустинаш «Соҳиби аспи сафед» соли 1986 аз чоп баромадааст.

ISBN 978-99947-64-85-3

© Муаззама Аҳмадова, 2010

***Ҳар субҳ чун сар аз хоби ноз мебардорам, ба гӯшам савти хуши кабки кӯҳӣ мерасад. Ӯ ба дарёи деҳа ҷӯр шуда, суруд мехонад. Суруди ӯро гоҳо аз қуллаи баланде мешунаваму гоҳо аз сари сабзи арчаи зебое. Садои ӯ дар зери савти дарёи кӯҳӣ чун суруди маҳини духтаре дар зери навои танбӯр мерасад.***

***Ба кабки кӯҳӣ ҳавасам меояд. Ва мани духтари деҳотӣ ба вай ҳасад мебарам, ки кабкаки дили гирёни худро аз қафаси сина раҳо карда наметавонам…***

***МУАЗЗАМА***

# САВОРИ АСПИ САФЕД

*(Ба ҷои пешгуфтор)*

Муаззама Аҳмадова чун дурахши барқ ба сони гули нозбӯи навбаҳорон, мисоли чаҳ-чаҳи булбули саҳаргоҳон ва шилдироси гӯшнавози оби чашмасорон мафтунгару хушнаво, ботаровату хушсадо ба саҳнаи адабиёт ворид гашт ва ҳамчунин тару тоза, ҷавон ва шукуфону ноком аз он берун рафт. Оре, омаду рафти вай ҳар ду покиза, сапед ва некӯ буд. Чун афсонаи зебову хуши бачагон, чун лолаи навшукуфтаи навбаҳорон, чун рӯймолчаи ба сад умеду орзу бо меҳр дӯхтаву дастгардон нашудаи духтарони ошиқ, ӯ зуду рӯшан ворид гашту зуду нобаҳангом аз миён рафт ва ҳамин тавр чун лаҳза, ба сони зудӣ тару тоза ва ҷавон хоҳад монд. Вай савори аспи сафед ба сафари роҳи дилҳо баромада буд, хиромону бо кӯлвори ҳунари воло роҳ паймуд ва ин роҳаш идома дорад, вай ба сафар баромадааст, аммо ин сафараш охир надорад, аммо аҷиб сафаре, ки ӯ ҳар даму ҳар лаҳза сӯйи мо меояд, савори аспи сафед аз некӯӣ, сафедӣ, покизагӣ, одамгарӣ, вафову садоқат, дӯстдорӣ ва дилшиносиву дардрасӣ бо мо сӯҳбат мекунад. Оре, танҳо ҳунармандони воқеӣ, тозаназар ва покнияту навгаро имкон доранд, ки аз як чунин сафаре бебозгашт имкони баргаштан дошта бошанд, яъне умри дубора ёбанд…

Ба ин маънӣ дар бораи Муаззама чизе навиштан ҳам масарратбахш асту ҳам мушкил ва гузашта аз он риққатовар, вале вазифаи инсонӣ ва виҷдонии мо аҳли нақду адаб ҳам иборат аз он аст, ки ин ҳама ҳиссиёти шахсиро паси сар карда, дар бораи ин қабил ҳунармандони воқеӣ ва нотакрор сухани воқеӣ гуфта бошем.

Банда бо Муаззама ҳангоме шинос шудам, ки дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» кор мекард. Баъд донистам, ки вай бахши ғоибонаи Институти омӯзгории Хуҷандро, ки он солҳо ман низ дар он ҷо ба сифати устод кор мекардам, хатм намудааст. Ва боз баъдтар огоҳ гаштам, ки ӯ зодаи деҳаи Қалъачаи Мазори ноҳияи Исфара (мавлудаш 20 феврали соли 1952) будааст. Хушбахтона, ба банда насиб шуда буд, ки боре дар ин деҳаи зебоманзари пур аз рангҳо ва сербоғу роғ, ки дар соҳили рӯди шӯху зебои Исфара ҷойгир аст, меҳмон шудаву одамони меҳмондӯсту хушгуфтор ва аскиягӯяшро аз наздик

дида бошам. Мешавад гуфт, ки Муаззама чун фарзанди ин хоку замин аз ин ҳама зебоиву накӯиҳо барои худу эҷодиёташ хеле чиз гирифтааст ва баръакс, шояд беҳтарин ёдгорие, ки ин деҳи хушманзар ба мардуми мо ато кардааст, шахси Муаззама ба сифати як бонуи худшинохта, инсони шариф ва нависандаи нововар бошад.

Ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки дар адабиёти муосири тоҷик, балки дар адабиёти ҳазорсолаи тоҷику форс суннате ҳукмрон буд, ки заноне, ки ба фаъолияти адабӣ машғул шудаанд, ҳама майл ба таълифи шеър доштаанд: Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Зебуннисо, Макнуна, Дилшоди Барно, Тоҷуддавла ва даҳҳо дигар бонувони суханварро ном бурдан мумкин аст, ки дар шеъру шоирӣ дасти ҳунар ёфта ва ба сифати шоира дар таърихи адабиётамон нақши босазоеро ишғол намудаанд. Дар садаи бист, дар замони нав низ кӯшишҳо асосан ба ҳамин самт майл доштааст. Агар занон то солҳои ҳафтод насре таълиф карда бошанд, ҳама аз доираи ҳикоя, ё хотираву ёддошт ва ё лавҳаи лирикӣ берун нарафта буданд. Магар кӯшиши шоираи тавоно Гулрухсор, ки дар айни шавқу шӯри шеърнависӣ ва камолоти шоирӣ якбора ба таълифи румон барин як жанри калонҳаҷм даст зад ва натиҷааш достони «Занони Сабзбаҳор» гардид. Гулрухсор баъдтар низ ба насрнависӣ машғул мешавад ва як намунаи ба худ хоси насри вай китоби «Зан ва ҷанг» (дар чандин нашр) мебошад. Аммо наметавон гуфт, ки ин ҳама моҳияти аслии эҷодиёти вайро ташкил намудаанд. Ба ҳар навъ Гулрухсор, пеш аз ҳама, ба сифати шоираи тавоно ва нововари адабиёти муосири тоҷик шинохта шудааст ва аз ин ҷиҳат ҳам машҳур ва писандидаи мардум мебошад.

Аммо насрнависии ҳирфаӣ аз байни занон ба номи Муаззама иртиботи бевосита дорад (ҳарчанд маълум гашт, ки вай дар таълифи шеър низ қувва озмудааст). Имрӯз сафи хонумҳои носир хеле афзудааст ва ин имкон дорад, ки дар бораи <u>насри занон ва ҳатто адабиёти бонувон</u> бо диди хосу дарунмоя, мушкилот ва масоили ба зиндагии иҷтимоӣ ва равонии эшон хос дар адабиёти тоҷик сухан ба миён оварда бошем. Албатта ин мавзӯи дигар ва мавриди баҳси дигар аст. Вале дар лаҳзаи аввал ин корро тавассути аз назари таҳқиқ гузаронидани навиштаҳои адибаҳои алоҳида ба ҷо овардан метавонад дар ин масъала рӯшании бештаре андозад ва мавзӯъро мушаххасан ба баррасӣ гирад.

Мавзӯи асарҳои Муаззама аз рӯйдодҳои деҳот, аз зиндагии мӯйсафедону кампиракони барнодили рӯзгордида, меҳнатқарину одамдӯст, фарзандони дар олами кору бори худ овора ва гоҳо ёди волидайнро ба фаромӯшӣ супорида, аз занону духтарони босадоқат, зиндагии оилавӣ, аз олами пурнишоту покизаи бачагон, муҳаббати эшон ба табиат, ҳайвонот, аз орзуву ормонҳои дили пурмуҳаббати дӯшизагони ба камол расидаву дар дунёи ширину гуворои ишқи наврасида махмур, аз ҳаёи хоси эшон, мушкилоти изҳори муҳаббат ва ба ҳам нарасидани ошиқони аз эҳсоси якдигар бехабар, аз андеша, орзу ва парвози хаёлоти мухталифи олами равонии инсонҳо (одамон), бахусус занон баҳс мекунад. Пайдост, ки нависанда метавонад дар доираи ҳодисоту воқеаҳои як маҳал ё деҳот ва ё саргузашт ва андешаи шахси алоҳидае хеле аз масоили рӯзмарраву мушкили рӯзгор ва дилу ниятҳои мухталиф – поку пурғараз, яъне дунёи ботинии одамонро бо муҳимтарин ҷузъиёташ ва мураккабиву рангиниаш ба таври бадеӣ, балки дар майдони танги ҳикоя барин як навъи хурду мушкилписанд низ фаро гирад.

Муаззама ба зиндагӣ ва одамон сахтгир аст: вай аз бемеҳрии фарзандон, аз азобу сахтиҳои шахси танҳо, аз дунёи ғаниву дили пурмуҳаббати падарон (волидайн) қисса мекунад, сарддилии касони фарзанднописандро ошкор менамояд, ки чи инсоне буданашон дар ин мавридҳо муайян мегардад, сарнавишти сахту ибратангези ҳайвонотро ба тасвир мегирад, аз дарду аламҳои духтари ботаҳаммули ба висоли ёраш нарасида сухан меронад, бадиро маҳкум мекунад, вале дар миёни сахтиҳои зиндагӣ боз нуре, рӯшание, инсофу тараҳҳумеро дар дили одамон ҳамеша зиндаву мунаввар мебинад ва дар ниҳоят ба ҳақиқат расидани адолату инсоф ва одамгариро талқин менамояд.

Ба ин маънӣ Муаззама на танҳо як нависандаи навназар, умқбин ва ҳаётдӯсту инсонпарвар, балки хеле бонуи ҳассос низ мебошад. Аз ҳамин ҷост, ки ҳар як сухани вай вазну оҳанг дорад, ҳар манзара дар тасвираш ҷилову ҷон мегирад, ҷузъиёт пурмаънӣ, ҳар сарнавишт бо ҳама неку бадаш ибратангез ва ҳар ҳикоя дар ниҳоят мисли шеърест муассиру дилнишин, монанд ба тасвирест пуррангу ҷило ва хотирмон. Ҳикоёти онро метавон ба намунаҳои ҳикояи сирф воқеъгароёна, лирикии равонгаро, зеҳниву хаёлангез (бо истифода аз воситаҳои сурреалистӣ) ва ибратомӯз тавсиф намуд.

Бачагон, бибиҳо, мӯйсафедон, кампиракҳо, занону духтарон ҳама ҳассос, олами даруниашон поку беғаш; сухан, гуфтор ва муҳаббаташон табиию самимист. Аз диди ин ҳама афроди покназар, бахусус бачагон дидани ҳаводис, баҳо додан ба одамон, ба сурат кашидани чеҳраҳои ашхоси алоҳида ба насри Муаззама таровати хосе мебахшад. Масалан, «Ман, Амур ва очаам» аз чунин ҳикояҳои табииву самимист, ки дар он талқини ғаразкорона ва ошкорои фикру ҷузъиёти зиёдатӣ ба назар намерасад ва дар ниҳоят ба як асари сероҳанге (полифонӣ) табдил ёфтааст. Хонанда зоҳиран аз зовияи диди бачаи хурдсол аз нобасомониҳои зиндагии оилавӣ, аз он ки падари ӯ дар Маскав таҳсил менамояд ва танҳо баъди ҳафт сол бармегардад, аммо модараш аз ин дурӣ (шояд ҷудоӣ) ба танг омадаасту ғам мехӯрад ва ба ин сабаб бо ҳар баҳона зуд-зуд мегиряд, пай мебарад. Аммо писарак худ дар олами бозиҳо ва машғулияти бачагона, саргармӣ бо гурбаи ғайриодиаш Амур ва орзуи калон шудану ба дидори падар расидан, аз олами мураккаби муносибатҳо ва дарду алами калонсолон (масалан, модараш) гӯё бехабар аст. Ин тазоди ду дид ва олами андеша нисбат ба рӯйдодҳои зиндагист, ки тавассути манзараву ҷузъиёт ва тамсилҳое чун зуд-зуд омаданҳои бибӣ, афсонаи падардор будани кали айёр, ба хонаашон гоҳ-гоҳ меҳмон шудани амаки Фаррухи ронанда, ки бо ҳазлҳояш ҳам модарашрову ҳам бачаро дилхуш месозад, тасвирро рӯшан, пурра ва мавзӯъро такмил мекунанд ва дар натиҷа зиндагии муқаррарии як хонаводаи аз падар ҷудо, зани дар дуроҳаи зиндагӣ монда, олами ширину пур аз орзуҳо, вале дардноки кӯдакӣ, ки пайваста ба ёди падар мегузарад ва ҳатто Амури аз Шарқи Дур омада бо аҷобати худ, ҳама ба сифати ҷузъиёти зиндагии мураккаби инсонӣ намудор мешаванд.

Муаззама ба насри тоҷикӣ, бахусус ҳикояи он, хеле аз нақшу ҷилоҳои лирикиву романтикӣ, он ҷиҳатҳои эҳсосро, ки хоси духтарону занон мебошанд, ворид намуд. Барои вай ишқ нозуктарин ва муқаддастарин эҳсоси инсонӣ ба шумор меояд. Вале он ҳамон андоза пурасрору мӯъҷизаангез аст. Бинобар ин ширину гуворост, ҷаззобу илҳомбахш, вале пайваста бо дарду алам, ғаму фироқ, ҷудоӣ ва гоҳо нобарор ва, аз ин рӯ, баробар ба азоби ширин аст… Аммо ин ҳама аз мавқеи як духтари содаву покнияти деҳотии тоҷик, ки тамоми вуҷудаш ба хотири шарму ҳаё «аз барги гул нозуктар аст», мавриди тасвир қарор мегирад. Бинобар ин, ин ишқ асосан «гунг» аст,

забонаш бархӯрди нигоҳҳо ва эҳсоси нозуки қалбҳост... Табиист, ки чун ин ишқи поку ногуфтании духтарро ба тақлид аз муҳаббати озоде, ки баъзе аз ҷавонони муосир пайгири он мебошанду худ омада аз фарҳанги ғарбист, қиёс намоем, ба хубӣ эҳсос кардан мумкин аст, ки бунёди чунин муҳаббате, ки бо роҳи мушкил меравад, хеле душвор («Соҳиби аспи сафед», «Нури умед»), вале чун ба ҳам пайваст, албатта пойдору абадӣ хоҳад буд.

Зиёда аз он, нависанда таъкид карданист, ки на ҳамеша вазъ бад аст. Мисоли ин қаҳрамони ҳикояи «Келини шаҳрӣ» Сабоҳат мебошад, ки аз баҳри шароиту фароғати шаҳр гузашта, ба деҳа келин шуда омадааст ва аз рӯи муҳаббате, ки ба шавҳар дорад, аз ҳеҷ гуна меҳнату машаққат ва маҳдудиятҳо намеҳаросад. Шояд ӯ дар оила худ тарбияи хубе дидаву одамдӯсту мавридшинос ба воя расидааст. Аммо дар тасвири Муаззама ишқу муҳаббате, ки зодаи эҳсоси поку торҳои нозуки дил аст, ба ақли солим пайваставу ба як қувваи бунёдкору маънавиятсоз табдил меёбад. Муҳим он аст, ки дар ин маврид тасаввури ғалат ва қолабиро дар бораи духтарону келинҳои шаҳрӣ мешиканад, яъне ҳама мушкилот дар сари савияи маънавию ахлоқии инсон, тарбиятдида ва ё худшинохта budани ҷавон ё духтар мебошад, ки ҳам дар рӯзгори мо ва дар ҳамаи вақту замонҳо масъалаи муҳим ва ҳассос боқӣ хоҳад монд.

Як нуктае, ки дар ҳикояҳои Муаззама мавриди таваҷҷӯҳи бештаре қарор гирифтааст, ин тасвири ҳолати равонии инсони танҳост. Аксари қаҳрамонони ошиқи ӯ танҳоянд, зеро ҳамдили мувофиқ ба ормони ошиқӣ ёфтан дар ҳама давру замонҳо кори осоне набудааст; духтар изҳор медорад, ки мисли ҳамеша танҳост, зан ва ё шавҳар, ки ҳамдигарро нафаҳмидаанд, дар оила дарду алами танҳоӣ мекашанд. Танҳое, ки ҷавоби дили муҳаббатхоҳашро аз маҳбубаи бепарво нагирифт, балки чун он шӯхи бепарво ин ҳолатро ба боди ҳазлу ришханд кашид, ба сактаи қалб гирифтор шуд. Аммо дар тасвири Муаззама ин мавзӯъ фақат ба ишқу ошиқӣ маҳдуд намемонад, балки моҳияти васеътаре дорад. Олиме боистеъдод дар коргоҳаш аз дасти афроди корчаллону чоплус танҳоӣ мекашад, волидайнро бепарвоиҳои фарзандон азоб медиҳад, балки фарзандон ба танҳо зистан бештар унс гирифтаанд. Чунин ба назар мерасад, ки нависанда дар ин ҳама таъкидҳо на танҳо аз танҳоии афроди бедордилу покният дар

ҷомеаи худкома сухан ба миён меоварад, балки аз ин бегонагиву сардии миёни афрод, ки натиҷаҳои нохуше ба бор метавонад оваранд, ӯ ҳамеша дар андеша аст. Ва, бешубҳа, худи Муаззама низ аз ҳама бештар дарди танҳоӣ мекашид, балки гумони ғолиб бар он аст, ки қурбони ҳамин муҳити аз ҷиҳати маънавӣ тазъиқовару танҳокуш гардид. Вале бо ин ҳама аз осораш пайдост (ва мо худ шоҳид будаем), ки вай як шахси зиндагидӯст буд, балки тамоми эҷодиёти ӯро рӯҳияи ҳаётдӯстона ташкил додааст, мӯҳтавои онҳоро бармало сохтани рисолати инсон дар покизагии ахлоқии ҷомеа ва ростиву росткорӣ ташкил намудааст.

Ва ин хасоис бештар аз ҳама дар тасвири одамони калонсол, мӯйсафедон ва кампиракҳои, ба қавли устод Лоиқ, «нимҷон ҷоннисор» зоҳир гардида, дар ин мавзӯъ дасти ҳунари расо доштани нависандаро собит менамояд. Аввалан, нависанда онҳоро ҳамеша бо муҳаббат ва эҳтироми хос тасвир мекунад; сониян, олами маънавӣ, фикру андешаашонро бисёр хуб медонад ва хеле табиӣ ба риштаи тасвир мекашад. Солисан, бисёр муҳим аст, ки ин мӯйсафедони соҳибдил, агарчи ранҷу ташвишҳои фарзандони раҳдур ва гоҳо каммеҳрро дидаанд, аммо боз аз рӯи бузургдилие, ки хоси эшон аст, онҳоро мебахшанд («Истгоҳи шинос»); марги пайвандонро мардона таҳаммул мекунанд, вале дарун-дарун дуд кардаву онро бо азияти амиқи ботинӣ мардона ба поён мебаранд («Чинор»)». Ва ниҳоят, онҳо як қишри собити ҷомеа ҳастанд, ки покизагӣ ва солимии асосҳои маънавию ахлоқии онро устувор нигоҳ медоштанду медоранд.

Зиёда аз ин, насри Муаззама танҳо аз тозагии мавзӯъ, маводу мӯҳтаво иборат набудааст, фақат навназарӣ ва самимият ба онҳо хос намебошад. Балки ҳикоёти вай аз ҳайси сохтори дохили матн, аз хусуси ба истифода гирифтани шаклҳои гуногуни биниши бадеии суннатӣ ва воситаҳои модерн (ҷадид) ҷолиби диққат мебошанд. Метавон гуфт, ки онҳо аз диди наву сабки хоси адабие дар ҳикоянависии тоҷик гувоҳӣ медоданд ва ҷусторҳои дар ин равиш оғозшударо тақвият бахшиданд. Ва онро метавон чун усули ба ҳам омехтани воқеънигорӣ бо зеҳнгароӣ ва гоҳо равиши истиқлоли зеҳниву равонӣ дар тасвир ба шумор овард.

Лозим аст, ки дар ин маврид аз усул ва воситаҳои тасвири ба истифода гирифтаи Муаззама низ чанд нуктаро таъкид на-

моем, то появу савияи ҳунару истеъдоди ӯ ба қадри иҷмолӣ бошад ҳам, пеши назар омада бошад.

Муҳимтарин мазияти ҳикояҳои ӯ, ба фикри банда, дар иртиботи маҳкам доштани сохтори дарунии онҳо зоҳир мешавад. Ҷузъиёти сохтор байни ҳам мувозинати қавӣ ва табиӣ доранд: ба ҳам дар иртиботу таносуби комил мебошанд, яъне сохтаву бофта нестанд. Мо медонем, ки унсури «сохтан» ба ҳар навъ таълифот хос аст, вале чунон сохтани ҳунармандона, ки на аз он чизе гирифта метавонӣ ва на чизе илова карда, ҳамаи ҷузъҳо, ашхос, манзараҳо ба мисли узвҳои инсон ва мувозинати табиат ба ҳам омадаву ҷудоинопазиранд, балки ҳамдигарро тавзеҳ медиҳанд ва тақвият мебахшанд. Пас онҳо баёнгари истеъдоди воло ва ҳунари асили нависандаанд. Масалан, имкон дорад, ки ин хасоисро дар ҳикояи «Чинор» ба мушоҳида гирифта бошем.

Ҳодисаҳои ҳикоя аз зовияи диди Ҳалима ном духтаре нақл мешавад, ки ҳарчанд таҷрибаи кофии зиндагӣ надорад, вале дилаш поку дардошно ва худаш меҳнатдӯст аст. Вай ба хонаводаи Одил-амак ва Қамарбибӣ рафту омад дорад ва онҳо ӯро чун фарзанд дӯст медоранд. Аз ин рӯ, вай марги нобаҳангоми набераи хонадон – Зарифҷонро хеле ҳассос қабул дорад. Бинобар ин амали Одил-амакро, ки пас аз ин ҳодиса низ ҳар рӯз мисли пешина, яъне пеш аз марги набераash, сурудхониро идома медод, фаҳмида наметавонад. Дар дилаш ӯро мазаммат мекунад, ба таклифи Одил-амак, ки ба ӯ як даста ҳинову ӯсмаи чидаро барои ороиш доданист, қаҳраш меояд. Зиёда аз он вай тасаввур мекунад, ки дарду алами фироқи набераро танҳо Қамарбибӣ мекашад. Ҳатто аз он ки Қамарбибӣ ғами шавҳарашро мехӯрад дар тааҷҷуб шуда, гуфтаст, ки: «Ба болои ғами Зарифҷон боз ғами амакамро мехӯред. Он кас суруд хонда мегарданду шумо худатона обу адо мекунед». Кампир бошад дар ҷавоб гуфтааст, ки дили мардҳоро аз рӯяшон фаҳмидан наметавонӣ… Рӯзе мерасаду худат мефаҳмӣ».

Ва он рӯз ҳам мерасад. Одил-амаки мисли чинор болобаланду тануманд ба бистари беморӣ меафтад. Ва пеши назари Ҳалима фиреби назар будани он ҳама хушҳолиҳои амак намудор мегардад. Аввалан он шеъри халқии ошиқона, ки Одил-амак суруда мегашт: «Шинам ба баландию туро ёд кунам, Оям ба гузаргоҳи ту, фарёд кунам. Фарёд кунам, агар ҷавобам надиҳӣ, Хоки ду ҷаҳон бар сари худ бод кунам», маънии тоза мегирад, балки чун нолаву фарёд ва дарди

ҷудоиву фироқи набераи ҷавонмаргро ба худ мегирад. Яъне маълум мешавад, ки чинори азими сарсабз дарун-дарун сӯхта будааст. Сонӣ, қиссаи марди ҳафт фарзандро аз дастдодаву ин аламро бо кору меҳнат ва сурудхонӣ пинҳондошта, вале пас аз марг ҳафт ҷои ҷигараш сӯрохшуда воқеаҳои ҳикояро ба ривояту афсона пайваста, мӯҳтавои онро умқу вусъати тоза мебахшад. Ва дарвоқеъ, субҳи дигар Ҳалима аз марги Одил-амак огоҳ мешавад... Вале муҳим ин аст, ки ҳикоя бо ин анҷоми ҳузнангез тамом намеёбад, балки дар айни ҳаяҷони рӯҳии бохабар шудан аз марги амак кокулони майдабофаш мисли оби дамида якбора поён шорида, ҳамроҳ бо ларзиши бадан рӯи куртаи аноргулаш мавҷзании чиноракеро мемонанд, ки акнун сар боло карда, офтобро, зиндагиро мешинохта бошад. Ва боз ба гӯши Ҳалима аз дур як садои суруди шиносе омад. Касе суруди Одил-амакро такрор мекард...

Ва ҳикояи мазкур мисли сохтори ғазалест, ки матлаву мақтаъ дорад ва дар имтидоди ин ду нукта ҳамаи ҷузъҳои зиндагиву маънавӣ ва воситаҳои адабӣ ба ҳам таносуби сахти сохторӣ, мантиқӣ ва ғоявӣ барқарор карда, байни онҳо иртиботи табиӣ ва қавии ҳунарӣ ба миён омадааст, ҳама ҷузъиёт ҳамдигарро тақвият медиҳанд, ки дар натиҷа як намунаи хуби ҳунаркорие эҷод шудааст, ки ҳам сахтиҳои зиндагӣ, ҳам маънавияти мардум, ҳам сабру таҳаммули онҳо ва ҳам ҷараёни ҳамеша дар идома будани зиндагиро бозгӯ карда тавонистааст. Қаҳрамони ҳикоя Ҳалима бошад ин ҳамаро пай бурдаву ба мушкиливу хурсандиҳои зиндагии оянда тайёр мешавад. Ба ин маънӣ Муаззама ҳунаре дошт, ки аз воқеаву ҳодисаҳои муқаррарии рӯзгори худу ҳамзамононаш асари адабии асиле офарад.

Бозёфт ва воридоварди муҳими Муаззама ба насри тоҷикӣ, ба фикри банда, ин ба шакли ҳикоя даровардани madду ҷазр ва радду бадал шудани олами равонӣ ва умуман зеҳнгароӣ аст, ҷиҳатҳои зершуури инсон – як қабати муҳим, вале хеле кам ба доираи тасвири бадеӣ дохилшудаи зиндагии рӯҳии одамон дар насри мо мебошад. Муаззама дар қатори Сайф Раҳимзод, Баҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ дар тақвияти ин равияи тоза саҳми чашмрасе гирифтааст. Хушбахтона ин раванд имрӯз бо мушкилиҳо бошад ҳам пеш меравад.

Тамоюли зеҳнгароӣ ба он қабил ҳикояҳои Муаззама хосанд, ки бештар ба мавзӯъҳои ишқу муҳаббат, олами орзуҳо, хаёлоти рангину расидан ба ормонҳои воло ва покиза, вале

дар ин раванд надидани аксуламалҳои мусбат ва дилхоҳ, таълиф шудаанд. Чунон ки маълум аст, ҷанбаи зеҳнгарой – истифодаи воситаҳои субъективӣ, образҳои асотирӣ, хобу хаёл ва афсонаву ривоят дар ҳикояҳои муқаррарӣ (ахлоқӣ)-и нависанда низ мақоми муайяне доштанд. Вале дар ҳикояҳои зеҳнӣ нависанда ба тақозои мавзӯъ ва нияти бадеиаш ба воситаҳои сирф зеҳнӣ афзалият медиҳад. Ва аз ҳама муҳимаш, онҳо барои равшан кардани олами мураккабу зиддунақизи эҳсос ва ҳам гоҳо нобасомониҳои рӯзгори воқеӣ ба кор гирифта мешаванд.

Ин сифатҳо беш аз ҳама дар ҳикояҳои «Соҳиби аспи сафед», «Гулпараки заринбол», «Афсонаи танҳоӣ», «Нимашаб» ба назар мерасанд. Тору пуди ҳикоёти мазкур аз рӯъё, хаёл, орзу, усули афсонабофӣ, сужаҳои асотирӣ, ривоятӣ ба ҳам омада, таркиби нақли муаллифро ғанӣ гардонидаанд. Таҳия аз нақли урфӣ ва муқаррарии одӣ раҳо шуда, олами зеҳнӣ ва ҷунбишу ҳаракоти чандгунаи онро фаро мегирад. Нависандаи ҷавон бошад мехоҳад ҳамин мураккабии ҳиссу равону рӯҳияро ба тасвир оварад ва таҳлили зеҳниро як поя амиқ бурда бошад. Ба ин маънӣ насре, ки ба зеҳниятгароии сирф майл дорад, ҳарчанд аз ҷузъиёти воқеъгарой ба куллӣ покиза нашуда бошад ҳам, вале онро агар як риштаи наве дар нигориши ҳақиқати фикру ҳис ва андешаҳои таҳтушшуури инсон ба шумор орем, дуруст хоҳад шуд ва дар ин ришта Муаззама қадамҳои устуворе бардошта буд.

Як намунаи он ҳикояи «Соҳиби аспи сафед» аст.

Сароғози ҳикоя худ аз як таззоди равоние гувоҳӣ медиҳад: «Духтар сахт ошиқ шуд. Вале ҷавони ғофил аз дили шӯрида ва меҳрбори ӯ, аз дари умеду орзуҳояш ба сони рӯъё мегузашт. Аз ин рӯ, тамоми ҳастии духтар лабрези хоҳише буд, ки ҷавонмард ба дили он ошно гардад… Лекин оғози ҳамаи ин, ки оламро пур аз сирру асрор ва таронабор кардааст, аз куҷост, аз чист? Духтар наметавонист инро фаҳмад, донад…»

Барои нависандаи ҷавон таҳлилу таҳқиқи таърихи ҳамин ибтидои вақту замони оғозаш номуайяни ширину пурасрор, ҷузъиёти бархӯрдҳои ҷавони зоҳиран огоҳ, вале як андоза бепарво ва хоҳишу орзуҳои пур аз рангу тароват, нозук ва афсонавии духтари сахт ошиқ муҳим мебошанд. Аммо ин олами гунгу зиндагонии ногуфтанӣ хеле мураккаб ва гарон низ ҳаст. Аз як тараф, ғурури духтарӣ, ки бо ҳама малоҳате, ки дар он ниҳон аст, ба назари аввал ҳусн менамояд. Аммо он ғурур дар

назди туғёни эҳсоси нафису зиндагисоз аксаран монеае беш нест, ҳарчанд он амри осмонӣ талаққӣ шудааст, вале «дили духтарро лаболаб мекард, лаболаби алам» ва «димоғаш месӯхт, дасти номаълуме аз гулӯяш мегирифт…» Бингаред, нависанда чараёни мушкили изҳори ҳиссиёти духтарро чӣ тавр ҳунармандона ва воқеӣ ба тасвир мегирад: «...Ниҳоят чавон пурсид:

– Ту танҳоӣ?

Духтар лаб газид, дар ҳолате ки дилаш фиғон мекашид, фарёд мезад, туғён мекард. Мехост чизе гӯяд, вале метарсид. Мехост хандад, вале гиря гулӯгираш мекард.

– Ман танҳо…

Духтар як қад парид. Дар қаъри дилаш ҳиссе даргирифт, забона зад ва ба рӯяш сурхӣ бахшид, вале забонаш лол буд.

– …Бисёр танҳо, ту мефаҳмӣ, ту ҳеҷ мефаҳмӣ, ки танҳоӣ чист? Оё метавонӣ маро аз ин вартаи пурдаҳшат бираҳонӣ? Хоҳиш мекунам…

Духтар дар фарёдҳо хомӯш монд. Вале нигоҳаш, нигоҳи маҳзуни пурумедаш, чеҳраи андак паридарангу лабҳои ба ҳам фишурдааш чавоби ин суолро медоданд».

Ва ба ҳамин тариқ ҳар гардишу майл ва меҳрубонии чавон дар дили духтари сахт ошиқ раддубадалҳое ба бор меоваранд ва ӯ худ низ то ба ин дам ҳеҷ ошиқ нашуда буд, аз ҷониби дигар намехост, ки дар банду қайди ишқ гирифтор ва озодиашро аз даст диҳад. Ва ҳатто ҳангоме ки чавон низ бо ҷиддият аз танҳоии худ сухан ба миён овард, ӯ ҳатто ба худ иқрор шудан намехост, ки ошиқ шудааст. Вале ҳарчи набошад ӯ пайваста дар тасаввураш аспи сафеде аз афсонаҳои бибиашро медид ва аз он хоҳиш мекард, ки дӯстдорашро биёварад, дилаш мехост, ки «танҳо ҳамон чавон барояш гул, чинигулҳои сурх биёварад». Аммо изҳори ин ишқ, иқрори он барои духтар дар назди он чавон коре буд ғайритасаввур. Ва ҳатто фоле, ки як вақтҳо бо сафедори пири лаби ҳавз аз омади рӯзи нав медид, ба имдодаш нарасиданд: «Сафедори пирро бурида буданд».

Воқеан, як қиссаи ачибу ғариб ва нозуку иброзаш мушкиле аз ишқе, ки баёнаш аз он мушкилтар. Муаззама дар тасвири ин ишқи самимӣ ва бо тасаввури афсонавӣ, урфу расм, фаҳмиши духтари деҳотӣ, ки дар банду қайди шарму ҳаёи табиӣ победнд ва аз тасаввури муқаддаси покизагии эҳсос берун нарафтааст, барои риояи ҳақиқати равонии баёни он хеле

маҳорат нишон додааст. Ҳикоя бо дарунмояи адабии худ поён намепазирад, балки касро ба андешае водор месозад, ки ин сахтгирӣ ва дар баёни эҳсосот «гунг» мондан то чӣ миқдор лозим ва зарур аст, оё метавон аз барои ҳаёву умеди тасодуфӣ ва шарми ногуфтанӣ аз ишқи поку беолоиш ва самимии худ барои як умр ноком монд? Ё қавонини ошиқӣ чунин аст ва ё ишқ бо ҳамин ногуфтаниҳову нокомиҳояш ширину гуворост, ё месазад сари ғурурро бурид, қуфли забонҳоро кушод, дар ибрози эҳсос фаъол буд, то он орзуҳои бокираву покиза дарвоқеъ савори аспи сафеди бахти воқеӣ гарданд…

Бояд гуфт, ки Муаззама дар ҳикояи «Соҳиби аспи сафед» ҳарчанд дар олами андешаву орзу ва тасаввури зеҳнист, вале боз ҳам ӯ дар рӯйи замин ва замону макон (муҳит)-и мо пой барҷост, яъне тасвир дар заминаи воқеӣ ҷараён мегирад. Ба ин маънӣ, ҷанбаъҳои воқеъгаро ва зеҳнӣ дар ҳикояи мазкур баробар мавқеъ пайдо кардаанд. Дар дигар ҳикояҳои дар ин равиш таълифшуда низ ҳамин хусусиятро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин гувоҳ бар он аст, ки нависанда, агар аз як ҷониб, дар ҳангоми тасвир дар заминаи миллӣ ва воқеии замон истад, аз ҷониби дигар, вай ба олами маънавӣ, равонӣ, фарҳангӣ ва андешаи миллии тоҷикӣ нишонаҳо ва воситаҳое барои ба сурат даровардани равияи насри нави (модерн) зеҳниятгаро ҷустуҷӯ дорад. Ин кӯшишҳои Муаззама дар ҳикояи «Гулпараки заринбол», бахусус «Рӯймолчаи сари девор» низ ба мушоҳида мерасад. Ин ҷо низ духтарон ҳама дар олами хоббиниву орзупарварӣ ва гулдӯзианд. Ин айёми аҷибест ва дорои хусусиятҳои хоси равонӣ мебошад. Дар ҳикояи сонӣ духтар хеле ҳушёру фаъол аст, «айёми хоббиниву гулдӯзиаш» расидааст, дар баробари расидагӣ ба кору бори рӯзгор ва зиндагӣ, дар олами орзуву хобу рӯъёҳо низ дар худаш намегунҷад. «Вай хобҳое медид ғарқи нур, аҷоибу ғароиб. Вале ба касе онҳоро ба он соне, ки рӯъё мешуданд, зебову равшан гуфта наметавонист…Аз ин рӯ худ аз худ завқ мебурд. Дилаш лабрези шодиҳо буду забонаш лол.

Айёме буд, ки духтарак ҳар шаб хоб медид. Ва бедор мешуду дар шигифт мемонд». Дили духтар туғён дораду бедор, барояш чи хунуку сард, чи барф, дамидани субҳу омадани баҳор ҳама зебостанд, суратҳои дилкашу барангезанда ба вуҷуд меоваранд.

Воқеан ин хобҳо ва он ҳама парандагони дар онҳо буда сурати мушаххасе надоштанд, ба мурғакони заминӣ монанд на-

буданд, ҳама зебо, болу парашон маҳин, ба ҳазор ранг ҷило медоданд. Шодиҳо дили ӯро пуропур мекарданд, ба қадри расидани баҳор ин эҳсос пуршӯртар шудаву ба сурати рангҳову гулҳо болои рӯймолчаҳо мерехт... Натиҷаи ҳамин буд, ки: «Субҳе аз тори кӯҳ лолаи аввалин гум шуду ҷои рӯймолчаи гулдӯзии сари деворро гирифт». Маълум аст, нависанда ҳолатҳои мухталифи инсониро бо воситаҳои ба худ хосаш ба тасвир гирифта тавонистааст. Дар ҳар маврид ҳам воситаҳои рӯъёгунаи сурреалистӣ, хаёлот, афсона, рамз, асотир, ривоят, бовар бо воқеияти зеҳнии қаҳрамон баробар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар «Нимашаб» бошад маҳз хоб воситаи асосии тасвир аст, ки баёнгари рӯҳияи мағшуши қаҳрамон гардидааст. Умуман метавон гуфт, ки саҳми Муаззама дар амиқрафти ҷанбаи зеҳнии ҳикояи воқеагарои тоҷикӣ хеле назаррас мебошад.

«Афсонаи танҳоӣ» ҳикояест, ки дар сабки сурреалистӣ ва ёдгунаҳо таълиф шуда, дар баёни эҳсосоти мураккаби инсонӣ, зиндагии пур аз тазоду нобарор, ҷузъиёти тасодуфиву дурӯғин, олами орзуҳои ба ҳам нарасида, сарнавиштҳои ҳамдилу ба ҳам напайваста, бозиҳои қисмат, ки дар зиндагӣ бо афсонаи нахустини ишқи поку фаромӯшношудании аввал оғоз гардида, вале инак бо каси дигар ва бо ёди гузаштаи фаромӯшнопазир ҷараён мегирад, баҳс мекунад. Чунонки мебинем, он аз ҳайси мӯҳтаво, ҷузъиёти мутазоди зиндагӣ ва васоити тасвир хеле мураккаб аст. Аммо Муаззама чунон дар пайванд додани ин бӯъдҳои мухталифи зиндагӣ ҳунарнамоӣ кардааст, ки монанд ба фишурдаи намоишномае пеши назар меояд ва дарк карда мешавад.

Дар ҳикоянависӣ, хусусан дар тасвиргарӣ, иртиботи қавии моҳияти масъала ва баёни забонии он, бо камоли бовар метавон гуфт, ки сухан ва ҳунари Муаззама ба пояи камолот расида буд. Сад афсӯс, ки умри кӯтоҳ бақо накард ва ин нависандаи хушистеъдод то расидан ба зинаи камолоти сабки фардии худ фурсат наёфт. Вале ҳар чӣ гуфта ва навишта, хушбахтона, дар таълифоти насрнависони кунунӣ, бахусус, бонувони насрнавис ба шаклу тариқи хосе идома дорад...

Муаззама, маълум мешавад, ки эҷодкори чандҷабҳае будааст: шеър ҳам гуфтааст, тарҷума низ кардааст. Ба тақозои пешаи рӯзноманигорӣ асарҳои ҳуҷҷатӣ (очерк) низ навиштааст. Маълум аст, ки ӯ дар ин риштаҳо то ба дарачаи таълифи ҳикоя ба резакориҳои ҳунарӣ имкон надоштааст ва дар ин

навъҳои адабӣ имкони пайваставу ҷиддӣ кор карданро надошта. Вале аз онҳо як чиз маълум аст, ки ӯ дар ҳар навъи адабӣ, ки даст зада бошад, аз рӯи сидқу муҳаббат ва самимият қалам рондааст. Инро чи дар шеърҳои ҷиддиву бачагонаи вай, чи дар тарҷумаҳо ва чи дар очеркҳои хунариву таърихии ӯ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Аз ҳама муҳимаш дар ин навъҳо низ як инсони ҳалолкору заҳматкаш ва серталаб будани ӯ маълум шуда меистад.

Муаззама ҳанӯз айёми дар зиндагӣ буданаш, он рӯзгороне, ки хеле ҷавон буд, бо ҳунари воло ва нотакрори худ таваҷҷӯҳи аҳли адаб ва нақди адабиро ба худ кашидааст. Дар бораи ҳикояҳои алоҳида ва маҷмӯаи ягонаи вай нақду баррасиҳои самимӣ воқеъ шудаанд. Бисёре аз дӯстон ва ҳамкорон дар сӯги даргузашти бармаҳали вай ибрози назар ва таассуф кардаанд.

Маҷмӯаи ҳозираи Муаззама, ки ҳовии эҷодиёти умри кӯтаҳи вай ва ин ҳама навиштаҳову андешаҳост, аз ҷониби бонуи ҳунарманд ва инсони бедордил Талъат Нигорӣ гирдоварӣ шуда, инак пешкаши аҳли завқ мегардад. Умед аст, ки он ҳам барои муаллифи зиндаёдаш ва ҳам барои онҳое, ки хотираи ӯро азиз медоранд, тӯҳфаи арзандае хоҳад шуд.

*Абдухолиқи НАБАВӢ,*
*мунаққиди адабӣ,*
*номзади илми филология.*

# ҲИКОЯҲО

## СЕБИ СУРХ

Рӯз ба нима мерасид.

Айни тасфи тобистон буду ҳаво гарму дам. Деҳа гӯё ба сукут рафта бошад, на садои гову гӯсола, на шавқуни бачагон, на хониши мурғон ба гӯш намерасид. Шохаҳои дарахтон низ ба мисли тасвири суратгари моҳире, ки оромиву осоишро ба қалам дода бошад, ноҷунбон буданд.

Амина ин дам, хусусан дар ин ҳавлӣ, ки бо деворҳои хушандоваю баланд, дарвозаи оҳанини вазнину болояш гулпанҷарадор, роҳрави сементиву поғундаҳои сангӣ, хонаҳои нақшину пурдабдаба ва бо тартибу низомаш ба ӯ фишор меовард, хаставу дилгир буд. Вай муддати чанд моҳи зиндагиаш ҳеҷ натавонист ба ин ҳавлӣ, ки дар он кулли ашё дар назараш сардие доштанд, одат кунад. Кошкӣ боронаке мерехт, гуфт худ ба худ ӯ ба шохаҳои ғуборгирифтаи дарахтони рӯи ҳавлӣ назар дӯхта ва беихтиёр оҳе бадард кашид. Дилаш ким-чи хел ғуборолуд ва тира буд. Вай нохост шавҳарашро рӯ ба рӯяш дида як қад парид ва худро машғули кор сохт.

Аслан Амина табиати шавҳарашро ҳанӯз дурустакак наомӯхта буду намедонист, ки вай чӣ дилу нияте дорад. Ӯ бо Абдусаттор – шавҳари дувумаш фақат се моҳ аст, ки зиндагӣ мекунад. Ҳа, гоҳо ҳамин хел мешудааст, ки одамизод ғайри ба тақдир тан додан, илоҷе намеёфтааст, мегуфт ҷавонзанак худ ба худ гузаштаро ёд оварда. Замоне оё вай ба сар хаёли дувумбора шавҳар карданро роҳ дода метавонист? Ана, имрӯз бошад…

Амина вақтҳои охир инро гаштаю баргашта ёд мекард, бо шавҳари аввалааш, ки шофёр буд, тасодуфан шинос шуд. Ин шиносоӣ, ки гӯё амри осмоние буд, ба онҳо дӯстиву муҳаббат оварда боиси хонадориашон гардид. Чи хушу чи хуб буд он дамҳо, он рӯзҳо! Дили ҷавонзан аз ёдҳои вазнин, вале гуворои бахти бебозгашт рафтааш, хотираҳои он лаҳзаҳое, ки ба ҷони ӯ мӯҳри ҷовидон гузоштаанд, об мешуду алам мекашид. Алам

мекашид, ки фалокати ногаҳонӣ ҳама он шодиҳои покро ба коми бетагу сиёҳи худ фурӯ бурду ҷои он дарду ғами беҳадду ҳисоб овард, ӯро танҳо гузошт. Рӯзҳои аввали ҳамон фалокат вай ҳарчанд медонист, ки Шарафҷонаш нест, намеояд, лекин бовар намекард, дурусттараш қудрате надошт бовар кунад, ки… Дар гумонаш худи ҳозир шавҳараш чангу ғуборолуд, вале хушҳолу хандон аз дарвоза даромада меояду ҳавлиро бӯи хуш фаро мегирад. Вай ҳатто миёни андешаҳову ёдҳо медид, медид, ки Шарафҷон чун ҳамешагӣ пояш ба замин расам-нарасам, дастонашро кушодаву пазмони ӯ шуда гарму сӯзон тарафаш давида меояд.

Амина наметавонист ҳатто нақши як лаҳзаро аз зиндагии шашмоҳаи худ, ки ин шаш моҳ барояш кӯтоҳтар аз як мижа задан буд, дар лавҳи хотираш кӯр кунад. Баръакс онҳо рӯзорӯз, дамодам равшантару гӯётар мешуданд ва ӯро фаро мегирифтанду мефишурданд. Ягона воситае, ки вайро он вақт аз банди хаёлоти аламангез дур месохт, шуғли кор буд.

Баъди чанд моҳи марги Шарафҷон Амина соҳиби писар гашту номашро ба хотири шавҳараш Шараф гузошт. Ба дунё омадани ана ҳамин тифлак ва эҳсоси бахти модар шудан буд, ки сӯзи дили вай андаке паст шуд. Ҷавонзан ба рӯю мӯи писаракаш, ба дасту по заданҳои вай, ба ҳар тағйироте, ки дар ӯ падид меомад, нигоҳ карда шод мешуду завқ мебурду меболид. Аз чеҳраи беғашу содаи кӯдак ҳар бори назар дӯхтан нишонаҳое дармеёфт аз Шарафҷонаш. Нишоне меёфту ашк мерехт, нишоне меёфту шукр мекард.

Рӯзҳову солҳо ноаён гузаштанду Шараф писараки донояку дӯстрӯяке шуда монд. Ва дунёи умеду орзуи Амина ҳам ӯ буд. Акнун кулли орзуҳояш он буд, ниҳолакеро, ки шавҳараш ба ёдгор гузоштааст, беосеб ба воя расонад. Вай дар симои писарак давоми умри Шарафҷонро медид, давоми қиссаи муҳаббаташонро мехонд.

Вале баъдҳо паёпай пайдо шудани хостгорҳо, панду насиҳат ва маслиҳати ҳамсоягону ҳамкорон, ки ҳанӯз писаракаш хурдсол асту метавонад ба ҳар кас меҳр монад, дил бандад, ба ҷои падараш қабул кунад, тан ба тақдир диҳаду умрашро дигар дар танҳоӣ ва беҳуда нагузаронад, инчунин оби дидаи модараш, ки ба бахти Амина зиёдтар аз худи ӯ сӯхта ғам мехӯрд ва мегуфт, ки пирсол шудаасту намехоҳад ӯро, духтари яккаву ягонаашро танҳо гузошта аз ин дунё бо дили кашолу пурармон биравад, ҳамагӣ ҷавонзанро маҷбур кар-



данд дурустакак андешад, андешаду розигиашро ба хостгории Абдусаттор бидиҳад. Ба ӯ гуфта буданд, ки Абдусаттор бо занаш чанд сол хонадорӣ карда бошад ҳам, фарзанд наёфтааст. Ва сабаби ҷудоии онҳоро ҳам мардум аз ҳамин медонистанд.

– Ба писаракат ҷои падар мешавад, қатори дигар бачаҳо рӯзи иду арафа, рӯзи тӯю сур аз дасташ гирифта як бор ба кӯча барорад, на дар дили Шарафҷон армон мемонаду на дар

дили Абдусаттор, – гуфта, миёнаравҳо дили Аминаро пури ҳавасу умед карда буданд.

Мана, се моҳ – се моҳи дар гумони Амина тӯлонитар аз се сол шуд, ки ӯ бо Абдусаттор дар ин ҳавлии қалъамонанду ба қавли баъзеҳо пуркарру фар, ки ягон ҳамсоя даробаро надорад, зиндагӣ мекунад. Шараф бошад дар ҳавлии худашон, дар назди бибияш. Ҷавонзан чанд бор хост писаракро орад, вале бе хоҳиши шавҳараш инро ба худ муносиб надид, дурусттараш иззати нафсаш роҳ надод. Бигзор худи Абдусаттор аз ин хусус гап кушояд, хоҳиш кунад, қарор дод ӯ ва интизор шуд.

Вале тамоми ин муддат шавҳараш на танҳо дар ин хусус гап назад, балки ягон бор номи Шарафро ба даҳон нагирифт, гӯё ӯ умуман вуҷуд надошта бошад.

Амина бошад ҳар дами сӯҳбат инро умед мекард ва дар дилаш торафт хоҳиши ба ҳамин ҳавлӣ, ба наздаш тезтар овардани писарак зиёд мешуд. Аслан дар аввал вай дар ин масъала дугумона буд. Зеро дар ҳавлии худашон модараш, ки ба писарак сахт дилбастагӣ дошт, танҳо мемонд. Ва Амина нағз медонист, ки модараш чӣ мехоҳад. Дар ин бора ӯ то ба Абдусаттор расидан бисёр андешида ба қароре омада натавониста, канӣ бинем, чӣ гап мешавад, гуфта буд худ ба худ.

Ӯ ҳар дами сӯҳбат ба шавҳараш аз ин хусус андешидаву ба хаёл рафта баъзан давоми гапи вайро нафаҳмида мемонду ба вазъияти ноқулай меафтид, дасту по мехӯрд ва метарсид ба чашми Абдусаттор рост нигоҳ кунад. Метарсид, ки ӯ хоҳишашро мехонад, мехонаду вале иҷро намекунад. Дар гумони Амина Абдусаттор ин ҳамаро пай мебурду вале дам намезад.

Вай ҷои он ки ба шавҳараш рӯз то рӯз одат кунаду худро озод гирад, ба ин ҳавлӣ, ба ин рӯзгори «бекаму кост» дил бандад, торафт хомӯшу дилтанг ва сарду карахт мешуд. Меҳрубониҳои Абдусаттор ғашашро меоварданду шабҳо бедорхобӣ мекашид. Чаро дар бораи Шараф вай гап намезанад? Чаро номи ӯро ба забон намегирад? Чаро ӯро ба ёд намеорад? Наход ақлаш нарасад, ки бе Шараф бо ӯ зиндагӣ намекунам? Тавба, ба ин қадар писараки дӯстрӯ кас чӣ тавр метавонад бефарқ бошад? Боз ӯ фарзандталаб будааст!.. Шояд вай чӣ будани фарзанд ва меҳри онро надонад?...

Шарафро бояд тезтар оварам, шояд оҳиста-оҳиста меҳр пайдо кунад. «Меҳр дар чашм» мегӯянд-ку!..

Ҳозир ҳам ҷавонзан машғули ҷомашӯӣ аз хусуси писараш меандешиду ба худ қарор медод, ки Шарафро ҳатман меоварад. Миёни ҳамин хаёлҳо Абдусаттор омада рӯ ба рӯи Амина ба лаби кат нишаст ва ба ӯ маънидорона нигарист. Дар дасташ як дона себ, себи хуби хубонӣ ҷило медод.

– Дар сари кӯча бибии Ҳавас ба бачаҳо себ тақсим мекард. Ман ҳам аз дасташ бо нияти нек як дона гирифтам. Вай занаки серфарзанд. Дуо кард, ки хонамон пури бача шавад, – гуфт ӯ бо оҳанги ҳасратомез ва илова намуд. – Пури бачая! Кошки ақаллан якта, яктаякак мешуд…

Банди дили Амина ларзида рафт. Ақаллан якта, яктаякак… Шараф чӣ? Шараф наход ба ин хонадон тамоман бегона аст?

Ин вақт ногаҳон гӯё барқасд бошад, овози Шараф баромад:

– Оча, очаҷон, ман омадам, худам омадам, – гӯён вай давида дастаконашро ба гардани Амина ҳалқа кард.

Дар як лаҳза чеҳраи ҷавонзан равшан шуду аз сару рӯи писарак бӯсид.

– Охир, ту йигити кап-калон шудагӣ, ҳамин хел худат тез-тез омадан мегирӣ-да, ҷонаки оча. Ё тамоман ба назди мо кӯчида меоӣ? Мехоҳӣ, ки…

Шараф чизе нагуфту беихтиёр ба Абдусаттор нигоҳ кард. Дар дасти ӯ ҳамоно себи сурхи хубонӣ ҷило медод.

– Рав ба…дадаат, – вақти гуфтани ин калима овози ҷавонзан ларзид. – Салом деҳ. – Амина ӯро ҷониби шавҳараш равона кард.

– Ассалом, дада! – Шараф гӯё маҳтали ҳамин фармоиш буд, ки бағал кушоду давид.

Аммо Абдусаттор ба мисли он ки вай марди ҳамсинну солаш бошад, дасташро гирифту фишурд ва гуфт:

– Дарвозаро пӯшида биё. Дари ҳавлия кушода мондан нағз не.

Дили Амина сих зад.

Шараф ба себи дасти Абдусаттор гӯё дилкашол бошад, нигоҳ карду сипас тарафи дарвоза хушҳолона ҷастухезкунон давид.

Абдусаттор себро ба сабадча андохту аз паи кораш рафт.

Дасту пои Амина суст шуд. Хаёлаш, ки замин зери пояш аранг-аранг меҷунбаду нури офтоби сараш хира мегардад. Эҳ, Абдусаттор, Абдусаттор!

Вай мехост ин дам пурсад, пурсад, ки барои чӣ дасти ба

оғӯш кушодаи писараки ӯ дар ҳаво монд? Барои чӣ бори аввал «дада» гуфтани ӯ бе ҷавоб монд?... Вале ӯ инро ҳоло аз кӣ метавонист пурсад? Аз кӣ?...

– Очаҷон, дарвозаро пӯшидам.

– Аслан, писаракам, дари ин ҳавлӣ барои мо пӯшида будааст у надонистем.

Амина натавонист дигар худро боздорад. Ва писарашро ба оғӯш кашида гиря сар дод.

– Бубахш, писаракам! Туро маҷбур кардам, ки ӯро, ин каси бедилу бемеҳрро «дада» гӯӣ. Бубахш маро, Шарафҷон!

Ӯ ҳамчунин ин дам натавонист ба чашмони маъсуму ҳайрони писарак нигоҳ кунад, гӯё он ҷо чашми писараш не, чашмони Шарафҷон буданд.

Бегоҳӣ Абдусаттор аз кор омада занашро дар хона наёфт. Нигоҳаш ба варақи рӯи миз афтод: «Ман рафтам. Сабабаш…» хонд вай. Поёнтар расме кашида шуда буд. Ӯ ҳарчанд синча кард, нафаҳмид, ки он расми себ аст ё расми дил.

## БОЗГАШТИ БОДОМ

Шабҳои ороми тирамоҳ, садои дарёчаи кӯҳӣ дар атроф акс ёфта, ба назар тавре мерасид, ки тамоми кӯҳсор суруд мехонад. Авҷи ин суруд магар то ба гӯши ситорагон мерасид, ки онҳо торафт пурнур шуда, беист чашмакзаниҳо мекарданд.

Алопар-саги солхӯрдаи чӯпонӣ гирди рамаро як давр заду осуда шуд. Гӯсфандон паҳлу ба ҳам дода ором мехобиданд. Саг якто-якто қадам зада, назди харсанги сафеди таги дӯлона омаду дароз кашид ва сар болои дастон гузошт. Чашмони хокистариаш нимпӯш ба андеша рафт, ки аз афташ зимистон имсол барвақт меояд. Чӣ илоҷ? Ҷилави фаслҳои сол дар дасти вай ё соҳибаш нест. Фасли сол рама ҳам нест, ки Алопар давида раваду сари онро ба тарафи дилхоҳ гардонад. Лекин вай мехост, бисёр мехост, ки имсол тирамоҳ кашол ёбаду зимистон дертар ояд. Охир ба қарибӣ сабук мешавад. Бачаяконаш то чиллаи зимистон андаке ҷон мегирифтанд…

Домони уфуқ аз ҷониби шарқ сафед шуда омад. Сонӣ ин сафедӣ ранги зардчатоб гирифту дар пеши назари Алопар тобиши сурх пайдо кард. Ниҳоят қурси офтоб домани албонии уфуқро бардошта, чеҳраи гармашро кушод.

Саг аз ҷой хесту як-ду тана афшонд, баъд бовиқор қадам зада назди рама омад. Рамаро чун ҳамешагӣ ба по хезонд, сари онро ба боло, ба тарафи кӯҳ рост кард.

Гӯсфандон гӯё аз хоб сер нашуда бошанд, ба як нуқта чашм дӯхта сукут меварзиданд. Хаёле, ки хоби шаб дидаашонро меандешиданд. Баъзеашон қад ёзонида хамёза мекашиданд.

Рама оҳиста-оҳиста боло мерафту Алопар аз паи он вазнин-вазнин қадам мезад. Нурҳои зарҳалии офтоб аз қабати панҷаи сабзи арчаҳо, аз миёни баргҳои тиллоранги буттаҳои зирку насрин ноаён гузашта, ба мӯйҳои шабнамзадаи гӯсфандон ҷило бахшида поёнтар мелағжиданд.

Чун ҳарвақта Саидалӣ-амак риши кӯтоҳашро бо панҷаҳои шахшӯлаш шона зада ба Алопар дуру дароз, синчакорона нигоҳ кард. Саг пир шудааст, мумкин охирин бор насл диҳад. Барои чӯпонмардум саги хуб доштан давлати калон, ана аз ҳамин хусус меандешид ӯ…

Аз ғарб боди сабуке вазиду аввал баргҳоро ларзонда нармнарм ба бағали шохаҳо ҷо шуд, гӯё онҳоро навозиш мекарда бошад. Сонӣ қувват гирифта ба ғурридану шӯридан даромад. Баъдтар баргҳои тиллогуни буттаҳоро канда бо худ мебурду ҳар сӯ паҳну парешон мекард.

Алопар лаҳзае бозистода хавотиромез ба осмон нигарист. Болои сараш, миёни осмони тира, пораабри сиёҳе лапидалапида шино мекард. Селаи абрҳои ҳамранг дунболагираш буданд. Ин дам дар тани саг дарде пайдо шуд. Дард чун пораабри сиёҳи осмон дар банди миёнаш қарор гирифт. Вай бо вазнинӣ аз ҷой хесту аз рама дуртар ба паси буттаҳо рафт…

Ҳамин ки шаб чодари сиёҳашро ба сари кӯҳу адир партофт, дарди Алопар ба хуруҷ омад. Посе аз шаб гузашта буд, ки чашмаш равшан шуд.

Саҳарӣ, ҳангоме ки шафақ бӯса ба домони уфуқ мезад, Саидалӣ-амак писарашро бедор кард.

– Муродалӣ хез, Алопар зоидааст.

Писарак чашмони хоболудашро молида-молида хест. Берун баромада сагчаҳоро диду хурсанд шуд. Охир ӯ кайҳо боз ин соатро интизор буд…

Вай боэҳтиёт даст ба тарафи сагчаҳо бурд. Алопар дар аввал ғуррида гӯё гуфт: ба бачаҳом даст нарасон!.. Не, саг сонӣ аз нигоҳи беолоиши писарак дарёфт, ки кинае надорад, нарм

шуд, узрхоҳона дум ликонд. Муродалӣ мӯйҳои маҳини сагчаҳоро сила кард. Ба писарак сагчаи дуюм бештар писанд омад. Вай хурдакак бошад ҳам ҳушёртар метофт. Таги шикам, пешона ва нӯги думаш сафед буд.

– Дадо! – хурсанд шуд ӯ, – инашро бинед, чӣ хел хушрӯ!

– Мода, ки аст, ба очаш рафтааст.

– Номаша Бодом монем?...

Сагчаҳо ба писарак шодиву ташвиши нав оварданд. Муродалӣ ҳар дам ба онҳо ғамхорӣ мекарду мехост ҳарчи тезтар чашм кушоянд, қадам зананд, садо диҳанд.

Аз байн ҳафтае гузашту онҳо чашм кушоданд. Қадаммониашон ҳам устувортар шуд. Акнун бо сагчаҳо бозӣ кардан мумкин буд. Агар Муродалӣ овоз диҳад, гӯё мефаҳмида бошанд, тарафаш нигоҳ мекарданд. Ин ба писарак як ҷаҳон шодӣ меовард.

Як пагоҳӣ, баъди наҳорӣ падараш ба Муродалӣ гуфт:

– Бодома аз очааш ҷудо кардан лозим.. Вая оҳиста гиру бурда парто.

Даҳони писарак аз ғояти ҳайрат во шуд.

– Ба куҷо?

– Ба куҷо мешуд? Ба ҷар…

– Ба ҷар?! Барои чӣ? Беҳтараш ба ҳавлӣ барам?

– Не, аздусар Бодомат саги гургафкан намешавад, аз намудаш маълум. Ғайри ин Алопар пир шуд, ба ҳар ду сагча серӣ шир дода наметавонад… Мон, ки яктояш серӣ шир хӯраду ҷои очааша гирад.

Саидалӣ-амак баъди андаке мулоҳиза худ сагчаро гирифту ҷониби ҷар қадам зад.

Муродалӣ лаҳзае карахту ҳайрон шуду сонӣ аз паси падараш давид.

– Биёед, ман худам барам, – гӯён сагчаро аз дасти ӯ гирифт. Бодом паст-паст садо бароварда нолиш мекард. Шояд пистони модарашро мекофт, ки фукчаашро ин сӯ-он сӯ мезад.

Муродалӣ тез-тез қадам монда, аз падараш дур шуд. Вай ба лаби ҷар омаду поён нигарист. Чашмаш сиёҳӣ заду ҳаросон худро қафо кашид. Сонӣ ба худ қарор дод, ки сагчаро пагоҳ ҳамроҳаш ба деҳа мебарад ва ба Расул медиҳад.

Бо ҳамин хаёл вай пас гашту ба буттазор расид. Бечора, – атрофро аз назар гузаронида гуфт ӯ, – дар ин ҷо аҳволат чӣ мешавад, гушна мемонӣ, ташна мемонӣ, шаб дар танҳоӣ хунук мехӯрӣ, ту охир хурдакак, тамоман хурдакак, беқувват…

Писарак назди сафедори пир истод. Ду решаи ғафси сафедор чанд ваҷаб рӯи замин баромада боз ба қаър рафтааст. Хоки байни решаҳоро боду борон рӯфтаву шуста «хоначае» сохта буд.

– Ана, Бодом, бароят хонача ёфтам, – Муродалӣ дар як лаҳза хушҳол шуда аз хазону алафи хушк бистар андохту сагчаро он ҷо монд. Аммо вай дастони писаракро бӯидаву лесида аз ӯ ҷудо гаштан намехост. Онҳо бо ҳам хело бозӣ карданд. Баъд писарак якбора аз ҷой хесту ба оқибаш нигоҳ накарда давида рафт.

Сагча як-ду қадам пеш рафту нолид, пас гашту нолид. Аз ҳамин дам гӯё ба сараш бори танҳоӣ афтод. Куҷо равад? Чӣ кор кунад, намедонист. Аз ёди модар, аз шири гармаш дили сагча гум зад… Вай нолида-нолида ба хоб рафт.

Аз садое бедор шуда дид, ки Муродалӣ омадааст. Бо чашмони нимпӯш вингос зад, гӯё бо ҳамин ба писарак арзи ҳол намуд.

– Бодомаки бечора, –Муродалӣ сагчаро навозиш кард, – гушна мондӣ, ташна мондӣ? Вай шишаи ширро ба даҳони сагча наздик овард.

Бодоми беқарор фукашро ин сӯ-он сӯ мезад. Писарак ба даҳони вай пистонакро андохту бо сад азоб, резонидаву чаконида ширро нӯшонд. Сагча ҷон гирифт.

– Сер шудӣ, акнун табъат хуш-а? – писарак вайро навозишкунон пичиррос зад.-Имшаб хунук мехӯрда бошӣ? Метарсида бошӣ?

Вай Бодомро ба хонача гузошта ба пасу пешаш боз хасу хошок андохт. Сагча талош мекард, ки аз ӯ ҷудо нашавад. Муродалӣ ночор ғурунгос зад:

– Медонам, азоб мекашӣ… Тоқат кун, фақат як шаб тоқат кун, пагоҳ гирифта мебарам. Расул ба ту соҳиби нағз мешавад.

Ӯ як пора нони мулоимро реза карда, пеши сагча гузошт. Бодом, ки ба нон овора шуд, вай нӯг-нӯги по гурехт.

Сагча нонпораҳоро бӯй кашиду бӯй кашид, вале ба даҳон гирифта натавонист. Хеле овора шуду оқибат аз баҳраш баромад ва аз хонааш берун шуд.

Бод ба хазонҳо оромӣ намедод. Бодом ҷунбиши баргҳоро дида ҳайрон шуд. Бо ҳарос чанд қадам пеш рафт. Дар куҷо чизе ҷунбад, ҳамон сӯ менигарист, бо тарсу ларз рафта онро бӯй мекашиду бӯй мекашид ва боз ноумеду ноилоҷ мемонд.

Ниҳоят хаста шуду пеши назараш нуқтаҳо пайдо гаштанд. Нуқтаҳои ҳарранга, калону хурд пеши чашмаш беист ҳаракат мекарданд. Сонӣ онҳо ба ҳам печида, якто шуданду ба худ ранги сиёҳ гирифтанд. Дар чашми Бодом ҳама чиз: дарахтон, замину осмон, ҳатто офтоб сиёҳ шуда, гирди сараш давр заданд…

Сагча як ларзиду ба худ омад. Чӣ гап? Донаҳои сарду бешумори борон беист ба сару рӯяш мерехтанд. Вай саросема пас гашт, вале надонист куҷо равад. Аз зарби қатраҳои сард паноҳгоҳе наёфт. Ноилоҷ дар ҷояш истоду ба атроф чашм давонд, нолаи ҳазин кашид. Бодом ҳайрон шуд: аз куҷо ин донаҳои сард ба сараш фурӯ мерезанд? Аз куҷо? Вай ночор ба шикофи байни харсангҳо даромад, шабро дар ин ҷои шамолу боронпанаҳ рӯз кард.

Алопар атоларо хӯрду назди бачаҳояш омад. Вай Бодомро надида беқарор шуд, ғур-ғуркунон гирду атрофро бӯидан гирифт. Ба хайма даромад, назди бачаи дувумаш омада, ӯро бӯидаву лесида аз нав давида рафт. Ногоҳ дар ҷояш истод. Фукашро боло карду дуру дароз бӯй кашид, аккос зад. Вай чор сӯ давида овози аҷибе мебаровард, гӯё мепурсид: бачаам куҷо шуд? Вайро кӣ дуздид?...

Алопар ҷониби рама давид. Аз афташ соҳибашро аз бадбахтии ба сараш омада огоҳ карданӣ буд, ки имдодталабона аккос зад.

– Алопар, ба хайма рав, ба хайма! – пайваста фармон медод Саидалӣ-амак.

Саг ҷонсарак тарафи хайма давид. Шояд метарсид, ки аз бачаи дигараш ҳам ҷудо нашавад.

Бодомаш куҷо шуд? Куҷо рафт?! Алопар қароре надошт, нӯла мекашид, ҳаворо шамида бӯи фарзандашро меҷуст, аз замин паи онро мекофт. Мехост, ҳамин дараи бачадуздро тарк гӯяд. Охир чӣ қадар бачагонаш дар ҳамин ҷо беному нишон шуданд?..

Муродалӣ рӯзи дигар ба падараш гуфт, ки ба деҳа баргаштанист. Саидалӣ-амак нимирӯзӣ ӯро то сари роҳи мошингард овард. Дере нагузашта, мошине омаду наздашон истод.

Аммо писарак аз ин шод нашуд, балки сарҳисобашро гум кард. Охир вай Бодомро ҳамроҳ бурданӣ буд ва бо дили нохоҳам ба мошин нишаст. Мошин босуръат пеш мерафт. Аз пеши назари ӯ Бодом дур намегашт. Сагчаи бадбахт, ҳолат чӣ мешуда бошад? Не, туро ин ҷо партофта рафтан хуб не…



– Амак, истед, истед! – якбора дод зад вай.

Мошин истод.

– Чӣ гап?

– Ман, ман… – Муродалӣ саросема фаромад. – Шумо равед, ман сонитар… – Вай дар як лаҳза аз мошин дур шуд.

Писарак сӯи буттазор давид. Раҳораҳ «Бодом, Бодом» гӯён фарёд зад. Вай назди сафедор омада сагчаро надид. Байни

буттаҳо, паси харсангҳоро диду аз Бодом дараке наёфт. Тангдил гашт, гулӯяшро чизе фишурд, чашмонаш нам гирифтанд. Гаштаю баргашта буттазорро давр зад. Рӯз бегоҳ шуд, шикамаш ҳам гурусна монд. Лаҳзае, ки офтоб нурҳои маҳину арғувониашро боэҳтиёт аз сари қуллаҳо, шохаҳо меғундошту буттазорро сукунати ваҳмангезе фаро мегирифт, Муродалӣ аз он ҷо бо дилкашолӣ баромада рафт.

Вай ба деҳа омада ҳама гапро ба ҷӯрааш Расул гуфт. Ҳар ду рӯзи дигар саҳарии барвақт ба роҳ баромаданд. Онҳо хело овора шуда буттазорро чандин бор давр зада бошанд ҳам, аз Бодом нишонае наёфтанд…

Муродалӣ гӯё як пора дилашро ба ин буттазори хомӯшу хилват гузошта мерафт. Вай борҳо ба ақиб, сӯи сафедори пир менигарист ва бовар кардан намехост, ки Бодомаш мурда бошад. Ҳар қадар дур мерафт, нолиши талху таваллоомези сагча дар гӯшаш баландтар садо медод. Дили писарак ноаён месӯхту гоҳ-гоҳ ба ақиб, ба тарафи сафедори пир бо умеду илтиҷо менигарист.

Бодом хаёл кард, дар оғӯши модараш бошад, вале чашм кушод, ки яккаю танҳост. Нафаҳмид, ки нурҳои офтоб танашро гарм мекунанд. Вай замину ҳаворо бӯй кашида – бӯй кашида қадам мезаду намедонист, куҷо равад? Чаро ӯ танҳост? Чаро модараш нест? Куҷост пистони нарму гармаш?

Сагча дар ҷустуҷӯи ризқу сарпаноҳ сарсонӣ дошт. Ниҳоят вай дар кӯҳдомана сӯрохие диду даромад. Он ҷо гармакак, вале торик буд. Пас аз андаке Бодом дид, ки чанд чашми дурахшон сӯяш менигаранд. Ҷонвараконро ҳамҷинсаш пиндошт магар, ки беҳарос пештар омад. Ҳаворо шамид. Ба димоғаш бӯи ношинос зад. Гӯё салом гуфтанӣ бошад, овоз баровард. Онҳо ҳам ба садое ҷавобаш доданд. Бодом рӯҳ гирифта наздиктар рафту боз бӯ кашид. Бӯи бегона!

Ҳамин дам яке аз он ҷонваракон пеш омада фукашро ба сару рӯи сагча молид. Сонӣ дувумаш ҳам бо ҳамин тарз ӯро навозиш кард. Бодом, ки ниҳоят гурусна буд, бо умеде лонаро давр зад. Ин асно ҷонвараки сеюм, ки кабудча метофт, рӯ ба рӯяш омаду ғуррос кашида ҳамла кард. Тахтапушти сагча ба сӯзиш даромад, вай нолида худро ба кунҷак зад. Кабуд думболааш гирифта боз дандон халонд. Бодом ларзида, чашм пӯшида, ғунча шуд.

Дере нагузашта ҷонвари бузургтаре омад, рангаш хокиста-

риву пистонҳо зери шикамаш ҳамоил. Гургбачаҳо ҳамдигарро тела дода ба макидан даромаданд. Бӯи гуворои шир Бодомро бетоқат кард. Вай тарсида-тарсида пеш омаду аз паҳлӯи гургбачаҳо ҷой гирифт, пистонеро ба даҳон овард…

Модагург якбора беқарор шуд. Меҳмони нохондаро қатори бачаҳояш диду бадхашмона ғурунгос зад ва дандон гиз намуд. Бодом бошад тарсида, бо илтиҷо ба ӯ менигаристу аз ду лунҷи лабаш шири навмакидааш мешорид. Гург чанд лаҳза нигоҳи хашмборашро аз ӯ наканд. Ният кард, ки ин ҷинси худписанд – душмани ҷонашро талаву пора созад. Аммо ба вай наздик шуду бӯи шири худашро шамид ва бозистод…

Оворагардии сагча бо ҳамин анҷом ёфт. Шикамаш акнун сер буду вақташ бо гургбачаҳо хуш мегузашт. Танҳо Кабуд ӯро баъзан озор медод. Вақти бозӣ мегазид, дами макидан тела дода меғуррид. Бодомро маҷбур мекард аз лона барояд. Бо ғурришаш гӯё мегуфт: дар ин ҷо ба ту ҷой нест! Рав, куҷое хоҳӣ, бирав!

Сагча музтар мемонд, намедонист куҷо равад? То ғурриши бадхашмонаи Кабудро нашунавад, баъзан аз лона дур мешуд. Гоҳо беихтиёр сӯе медавиду медавид. Вале ба куҷо? То куҷо?...

Модагург ба бачаҳояш кам-кам роҳи зиндагӣ нишон медод. Аз ғурридану давидан то ҷаҳидану доштану газидан ҳамаашро пурсаброна меомӯхт. Гоҳо вай сайдро пеши онҳо мепартофт. Худаш канор истода амр мекард, ки ба он дарафтанд. Гургбачаҳои гурусна ба талош медаромаданд. Ва ин лаҳза хархаша оғоз меёфт. Ин дамҳо хусусан Кабуд хашмгин шуда додараконашро бераҳмона мегазид…

Боре, ҳангоми талош Кабуд Бодомро афтонду аз гулӯяш зер кард. Нафаси сагча гашт… Маҳалле ба худ омад, ки модагург захмҳояшро мелесид. Нигоҳи вай сагчаро ба талош даъват мекард: «Ҳа, қонуни зиндагии мо ҳамин: ё мехӯрӣ, ё мехӯранд…».

Модагург бачаҳояшро ба шикор ҳам мебаровард. Сайдро нишон дода гӯё ишора мекард: «Ана сайду мана майдон! Ҳунаратонро нишон диҳед». Дар ин мавридҳо Бодом аксар вақт пешдаст мешуд. Бо як ҷаҳиш сайдро ба чангол оварда пеши пои гург мепартофт. Аз ин рафтору кирдори Бодом модагург мамнун буд. Охир гургро рафтори гургона хуш меояд.

Аз байн соле гузашт. Гургбачаҳо калону боқувват шуданд.

Дар дурахши чашму ғурришашон шаҳомате пайдо гашт. Онҳо дигар танҳо ба модагург умед набаста худ барои ёфтани ризқу рӯзӣ ҳар тараф мерафтанд. Вале шикори гургон на ҳамеша барор мегирифт. Сагҳо аз омадани онҳо рамабонҳоро огоҳ мекарданд…

Зимистон яку якбора барфи навро бо худ гирифта омад. Дар як шаб кӯҳу даман сап-сафед шуд. Тундбод мисли гурги гурусна ҳар тараф бадхашмона сар зада уллос мекашид. Гургон шаби дигар ба шикор баромаданд.

Гурги пир ба куҷо ва барои чӣ рафтанашро нағз медонист. Вай бачаҳояшро лаб-лаби ҷар сӯи рамае мебурд, ки посбони он саги пир – Алопар буд.

Модагург сари баландӣ истод. Гургбачаҳо рамузфаҳмона дар бараш саф оростанд. Дар доманаи теппа рама ҷой дошт ва хира-хира ба чашм мерасид. Ба машоми гургон бӯи хуши гӯсфандон расиду беқарор шуданд. Модагург бебокона ба поён ҷаҳид. Ин рафтораш гӯё чунин маънӣ дошт, ки якбора ва баробар ҳуҷум кунанд, то сагҳо саргаранг шаванд.

Гургон ба рама расам-нарасам Алопар дарак ёфт. Вай бо ягона бачааш ба муқобили гургҳо тохта ҷонсарак аккос мезаду аккос мезад… Бузу гӯсфандон бесаранҷом шуданд. Алопар ба тарафи хайма пайваста овоз медод, то рамабон бедор шавад.

Модагург бачаҳояшро гӯё далер мекард: натарсед, саг-саги пир аст, қувват надорад. Дувумашро бошад, саришта кардан осон…

Вай аввалин шуда ба гӯсфандон ҳамла овард. Гургбачаҳо пайраваш гаштанд, ҳуҷуми гургон чандтарафа буд. Сагҳо бо тамоми овоз аккос зада пеши роҳи онҳоро гирифтан мехостанд. Бузу гӯсфандон аз беқарорӣ пой кӯфта, худро ба ҳар тараф мезаданд. Бодом ҳам дар қатори гургбачаҳо ҷониби қӯтан тохт, ки рӯ ба рӯяш Алопар баромад…

Чун Саидалӣ-амак бо писараш расида омад, гургҳо ду гӯсфандро гирифта аллакай аз хамгашт гузашта буданд.

Вай пас аз чанде бо ҳайрат аз писараш пурсид:

– Саги сеюм аз куҷо пайдо шуд?

Муродалӣ даме синча карду дод зад:

– Додо, ин ҳамон Бодом! Ҳа, худи худаш! Охир ман вая ба ҷар напартофта будам…

Дуртар аз онҳо рӯи барфи нав Алопару Бодом ҳамдигарро мелесиданд…

# ИСТГОҲИ ШИНОС

Мӯйсафед саҳарӣ ба мошини пуродам баромад.

– Дадо гузаред, ҷой ҳаст, – гӯён ронанда бори ӯро аз дасташ гирифт.

Вай зери лаб дуое гуфту оқибтар гузашта ба паҳлӯи духтараке нишаст. Дилаш андак равшан шуду аз киса дастрӯймоли сап-сафед бароварда арақи сару рӯи гирдаашро баҳавсала тоза кард. Дар ришу мӯйлаби кӯтоҳ қайчизадааш як тора мӯи сиёҳ наметофт. Шояд аз ҳамин сабаб даррав чашму абрӯи сиёҳаш ба назар мерасид. Яктаги оҳарӣ ба тан, калӯшу маҳсии нав ба по, тоқии таҳаш нашкастае дошт ба сар мӯйсафед. Саропо нурониву дилкаш метофт вай.

Ӯ қад ёзонда ба шофёр – ҷавони сабзинаи хушандом бори дигар нигоҳ партофт. Даҳон пур карда «дадо» гуфтанаш аҷаб ба худаш мезебад, аз дил гузаронд вай. Не, шукр, ҷавонҳои ҳозира беҷо не. Хоҳ дар кор, хоҳ дар одобу муомила намунаи ибрат. Пештар йигитҳо то бист-бисту панҷсолагӣ ғайри саққобозиву хурӯсҷанг дигар чиза намедонистанд. Ин замон чи писар, чи духтар як тарафи кори ҳукумата қапидагӣ. Кас дурусттар нигоҳ кунад, ҳавасаш меравад, аз нав ҷавон шавам мегӯяд. Лекин Шариф, дар ҳақи писараш андешид ва худ ба худ гуфт мӯйсафед: табъи дилам набаромад, умедам дигар буд…

Вай ба хотир овард, ки дафъаи гузашта дар истгоҳ Шариф бо як ҷӯрааш вохӯрду «мӯйсафеда гусел карданӣ омадам», – гуфт. Ин гап ба дилаш сахт расид. Нишони пирӣ бошад, ки зудранҷу нозукдил гаштааст. Ҳа, вай акнун пир шудааст, мӯйсафед аст, лекин Шариф падарам гӯяд, намешуд? Аз даҳонаш бӯи шир меояду худаша калон мегирад, калон мегираду… Гап фақат дар сари падарам ё мӯйсафед гуфтани Шариф ҳам не… Ин шуду он шуду дилаш аз писар анча монд, лекин чӣ бок? Фарзанд бошад, оҳ мекашид вай ҳар дафъа аз ин хусус андешида.

Мӯйсафед ба иморатҳои бари роҳ бо ҳавас чашм дӯхт. Шарифи вай ҳам инженер, инженери хона. Иморатҳои сохтагиша нишон диҳад кас даҳон кушода мемонад, қоил мешавад. Ҳукумат ҳама кора ин замон осон кард. Ин ҳазл не. Мана, худи вай сохтани як хонаро даҳлезаш қатӣ се сол кашол дод. Чӣ қадар азоб кашид! Чӣ қадар сарсон шуд! Чӣ қадар харҷ кард!

«Ҷони нодон дар азоб» мегӯянд, рост будааст. «Пирию хартозӣ» гуфтагӣ барин дар дами ҳафтодсолагӣ ба ҳаваси хонасозӣ даромад. Оқибат чӣ шуд? Ба қавли занаш, акнун ин хонаро алав задан даркор, то набинию насӯзӣ.

Вай кампирро ёд оварду ба дилаш боз торикӣ дамид. Оқибат мерафтаам, чиба гапа ин қадар кашол додам, худро мазаммат кард ӯ. Модар ном дорад, талош мекунад-да… Барои фарзанд талош накарда ҳам мешавад?

Мӯйсафед дина саҳарӣ барвақт бедор шуда дид, ки кампир аллакай хестааст. Шип-шипи ҷорӯбкашиаш ба гӯш мерасид. Вай берун баромаду нигоҳаш ба як қабза дони ба лаби ҳавз пошхӯрда афтод. Донист, ки боз занак хобе дидааст. Одаташ ғалатӣ, ҳамин ки хоби андак ба худаш номаъқул дид, дон мепошад.

Вақти наҳорӣ кампир муқаддима кард:

– Кайҳо ин тараф Шарифҷонатона хабар нагирифтед, дадеш.

Мӯйсафед даму дуд набароварда косаи ширчойро ба даст гирифт.

– Ҳамин шаб хоб дидам, – бо нармӣ гапашро давом дод вай, – илоҳӣ нек шаваду… Хело вақт шуд, ки хабар нагирифтем. Худам равам гӯям, нашавад. Намедонам ин дарди сар аз куҷо бало барин ба ман часпид? – кампир сонияе таваққуф намуда дид, ки мардак гӯш ба карӣ додааст, алам кашид: – О, шумо чӣ хел дадо? Ба ёдатон ҳам…

– Вай чӣ хел писар? – гапи ӯро бурид мӯйсафед ҷигот андохта. – Мани пиронсол даккаву дукка хӯрда раваму вай набиёяд? Вай кӣ худаш? Пайғамбарбача? Ё тавба, замона охир шудааст-чӣ?

– Худатон гуфтед, ки кораш нозук, ташвишаш бисёр. Досташ намерасидагист, бечора бачама…

– Кораш бисёр? Кораш бисёр бошад, як парча хат нависад, тилфон кунад, тилгиром тияд. Ё ба инҳо ҳам вақт надорад? Вақти хонданаш метавонист? Ҳа метавонист! Дар як рӯз гоҳо се бор тилфон мекард!!

Мӯйсафед бо қаҳр саросема шуда ширчои гармро дам кашиду аз нав шӯрид: намондӣ, ки як пиёла чоя бемалол хӯрам. Шарифата дую дубора ба ман гап назан!.. Ва ҳамин хел ғурғуркунон хеста рафт, гӯё Шариф писари худаш набошад.

Вай вақти говгум пайдо шуд. Хона даромад, ки кампир

фатирҳои равғанӣ пухтааст. Сару либоси овезони ӯро дида фаҳмид, ки худаш Шарифа хабаргирӣ рафтанӣ. Равад, рафтан гирад, ман вақту пои беҳуда надорам, ғайри ин иззати худама медонам, гуфт худ ба худ. Сонӣ ёд овард, ки порсол дар ҳавогармӣ, айни тасфи тобистон, кампираш ба роҳ баромаду моҳи тамом аз дарди сар халос нашуд. Дукаса духтурдавӣ карданд. Фишори хунаш баланд шудааст, гуфтанд. Ҳавои гарма бардошта наметавонад, дар пиронсолӣ ба дарди сар гирифтор шуд, беҳтараш худам равам, андешид мӯйсафед ниҳоят. Ва баъди хӯрокхӯрӣ ин қарорашро ба кампир гуфт.

– Майлатон, – озурдаю оҳиста розӣ шуд вай. – Меравам гӯед, равед.

Пагоҳӣ вақти гусел аз мӯйсафед хоҳиш намуд, ки мабодо аз писараш гилаву ҷингила накунад. Як рӯз не, як рӯз қатори дигарон ақлаш медаромадагист…

Автобус аз шаҳр берун шуда, дар роҳи васею каммошин суръаташро тезонид. Нури тезу тафсони офтоби тобистон аз шишаи автобус гузашта рост ба чашми мӯйсафед мезад. Вай худро канортар гирифтанӣ шуда ҳамин ки пояшро ҷунбонд, дарди ҷонсӯзе пайдо зад.

Чеҳраи мӯйсафед туршу ожангҳояш кашида ва чуқуртар гашт. Вай хам шуда бо лелаҳои ғафсу кӯтоҳаш пояшро аз болои маҳсӣ ба молишдиҳӣ сар кард. Ҳашт сол аст, ки ҳамин дард азоб медиҳад. Лекин дамаш дарун. Пояшро доим ҷунбонида истад, дуруст як дам бехабар монд, сонӣ ҷунбонидан гӯё дарди аҷал.. Дард гузашту мӯйсафед қоматашро рост гирифт… Хаёлаш боз ба Шариф рафту андешид, ки шояд намехонд беҳтар буд. Пеши чашмаш бачаю качаш қатӣ ҳавлия пур карда мегашт. Назди ёру дӯст, аҳли кӯю маҳалла гӯё забонам кӯтоҳ шуд. Вай худаш аслан ба кӣ кашид? Авлоди ман ҳама базардаву баор, амакҳояш қадам мônанд, кӯча меларзид. Тарафи кампир ҳам мардуми сари маърака. Модараш занаки бамаънӣ, гаправ, дурандеш. Панҷоҳ сол ҳамхона шуда як бор ба рӯям сахт нигоҳ накардааст, як бор гап нагардонидааст. Баъзеҳо ба ин бовар намекунанд. Хонаю дар, ки шуд, ғурбат ҳам мешавад, мегӯянд. Хайр бовар кунанду накунанд ихтиёрашон, ба вайҳо дурӯғ бошад, ба Худо рост. Лекин насибамон аз фарзанд як писару як духтар будааст. Фарзандамон бисёр мебуд, шояд имрӯз ин қадар азоби дурии Шарифа намекашидем. Ҳа, ба будааш шукр. Духтарам

аллакай соҳиби панҷ писар. Умраша диҳад, домодам нағз баромад, ҷои писар гӯй, меарзад, шукр… Мӯйсафед андешакунон пои дардмандашро ҷунбонида монд.

Соли сеюми хондани Шариф буд, ки ба сари мӯйсафед хаёли иморатсозӣ печид. Вай занашро шинонида ба маслиҳат андохт.

– Монед, – розӣ нашуд кампир. – Хонасозӣ кори осон не, азоб мекашед, дар пиронсолӣ лойхӯрак шуда… Худаш биёяд…

– Ҳамагӣ якто писарамон ҳаст, як бор келин мефурорем, биё орзуву ҳавасаша бинем, – дар гапаш истод мӯйсафед. – Ба хонаи кӯҳна келинфурорӣ нағз не.

Аз ин нияташ Шарифро ҳам огоҳ кард. Ҳарчанд мӯйсафедони маҳалла маслиҳат доданд, ки то омадани писараш сабр кунад, вай дар гуфташ истод. Усто даровард. Агар ёриву дастгирии аҳли маҳалла ва домодаш намебуд, гумон, ки хона то мактабро хатм кардани Шариф буд мешуд.

– Хуб шуд, ки ба гапам гӯш надодед, – шодӣ кард занаш, – гул барин хона шуд. Акнун келинакам тезтар меомад, беармон мерафтам.

Вале мӯйсафед на ба кампираш, на ба каси дигар гуфтааст, ки вақти ҳашар санге болои пои чапаш афтид ва дарде, ки азобаш медиҳад аз ҳамон аст. Духтур дида устухонаш кафидааст, гуфт. Аз дорую давои духтур сар карда то асалу мӯмиёву равғани дунба чиҳое намолид, дард гум нашуд. Пирӣ-дия, набошад кафидани як устухон каса ҳамин қадар азоб медиҳад? – хулоса мекард вай худ ба худу ба касе дам намезад.

Садои варақгардонии духтараки ҳампаҳлӯ диққати мӯйсафедро ба худ кашид. Реза, нозукандом, зардакнамо буд духтарак. Мӯйҳояш тиллотоб, абрӯвони маҳинаш зардча, фақат мижгони хамхӯрдаву чашмони калон-калонаш ду ҳавзаки пури об барин сип-сиёҳ. Шояд аз хондан реза шудагӣ, тахмин кард мӯйсафед. Инҳо аз хурдӣ мехонанду мехонанд. Мана, ба паҳлӯяш нишастанам ин тараф як бор ҳам аз китоб сар набардошт. О, ин қадар китоб нахонда ба ниҳолони сабзу кӯҳҳои баланди атроф нигар, ки бахри дилат кушода шавад, мӯйсафед ниҳонӣ ӯро мазаммат кард. Бо ана ин ҷавонзанҳои хушрӯи пасу пешат нишастагӣ чақ-чақ кун, хандаю шӯхию бозӣ кун. Шариф ҳам ҳамин хел буд. Ба таътил биёяд, болои китоб парӯ хобида мехонду мехонд. Охир ба чашмаш айнак

мемондагӣ шуд.



Мӯйсафед пояшро як ҷунбониду банди хаёл ба сарзаниши писараш гузашт: дилу нияти аз паи зан рафтан доштӣ, намегӯӣ, ки монед, дадо, беҳуда овора шуда иморат насозед, ман аздусар ин ҷо зиндагӣ намекунам. Ба мани пирсол хонаи гаҷу гулкорӣ чӣ даркорӣ дошт? Барои мурдашӯӣ?

Мӯйсафед чанд бор дил кард, ки ҳама гапу гилаашро ба худи Шариф гӯяд. Гӯяду дилашро холӣ кунад. Бо ҳамин ният

борҳо ба роҳ баромадааст. Вай ақаллан гуфтанӣ буд, ки майлат писарам, куҷое хоҳӣ, чи хеле, ки дилат бардорад, зиндагӣ кун, аммо аз мо ҳам хабар гир. Мо ҳам ғанимат. О, мо падару модарем, бо туву хаёлат зиндаем. Туя бо ин умед калон накардаем, бо ин ният нахононидаем, ки аз мо ҷудо шуда равию дар пиронсолӣ ташнаи дидорат шавем. Ғайри ин сутуни дунё ҳам нестем, мӯлаш рафту камаш монд…

Не, мӯйсафед ин гапҳоро гуфта наметавонист. Ё иззати нафсаш роҳ намедод. Ё баъди дидор меҳраш боло мегирифту қаҳру аламаш фурӯ мерехт.

Набераҳо – Гулмоҳу Ширмоҳ, дастакони гармакаку нармакакашонро ба горданаш ҳалқа карда мепурсиданд:

– Бобоҷон шумо ришатона аз куҷо харидагӣ?

Ё худ:

– Бобоҷон, шумо хеши бобои барфӣ?

Мӯйсафед аз ин гапҳо сеҳр мешуду мемонд. Вай ҳамин хел борҳо тунду тез рафта нарму гарм баргаштааст. Фақат вақти баргаштан ба писараш, акнун навбати шумо, раветон, ман пир шудам, азоби раҳа бардоштанам душвор, мегуфт. Ва ба худ қавл медод, ки то писараш ду-се бор хабар нагирад, вай ҳам намеояд. Вале наметавонист ҷудо шавад, се моҳ тоқат карда боз ба роҳ мебаромад.

Боре, он вақт аввали тирамоҳ буд. Шарифа хабаргирӣ омаду дар хона ҳеҷ киро наёфт. Дар ҷои кораш гуфтанд, ки инженер се рӯз ҷавоб пурсида модари беморашро хабаргирӣ рафтааст. Мӯйсафед ҳайратзада ва парешонҳол ба хона баргашту дараке аз ӯ наёфт.

Дилашро гургон тала карданд, охир раҳу рӯ, мошини бисёр… Назди домодаш рафт. Домод хело овора шуда бо телефон аз ҷӯраи Шариф фаҳмид, ки вай сайри кӯҳ рафтааст. Дар назди домод мешудагии мӯйсафед шуд. Баҳонаи ёфтагиша бинанд, то ҳол алам мекашид мӯйсафед, ба «модарам бемор» гуфтан забонаш чӣ хел гашт?!

Рост аст, ки баъди аз сайри кӯҳ баргаштанаш Шариф дарҳол дидорбинӣ омад. Соле ду-се бор саросема омада меравад. Вале мӯйсафед медид, ки хабаргирии писараш аз рӯи меҳр не, гӯё аз рӯи иҷрои қарз асту бас, алам мекашид.

Кампир ҳам ҳарчанд ки дар ин бора кам гап мезанад, гоҳгоҳ радапӯш ҳасрат мехонад: мурда-мурда бача калон кунию ба як парча хаташ зор бошӣ. Кори дунёба гардам… Шукр,

дарду доғашона набинем, шуд. Зеро дар таги ин гапҳо чӣ дардҳо, чӣ аламҳо мехобад, мӯйсафед нағз медонад, нағз медонаду илоҷаш чӣ?

Ҳаҳ, Шариф, Шариф!

– Баъди тӯяш як ҳафта наистода рафт-а, – шишта-шишта алам мекашид ӯ. Вақти рафтан як даҳан маслиҳат напурсид. Ҳамин хел ваъда дода будааст! Мӯйсафед ҳам нею нестон накард. Охир ҳар кас чени худаш иззат дорад, ҳурмат дорад, додому очам мегуфт, ақаллан як моҳ меистод, баъд бо баҳонаи кор баромада мерафт. Ҳеҷ кас аз дасти вай намедошт, зӯрӣ намекард. Аслан таомула медонад, ки зан аз паи мард меравад, на ин ки… Ё аз дигар мардҳо камие дошт?..

Акнун хонаи холии Шариф, ба қавли занаш, сӯзоки ҷон.

– Ман чӣ кунам ин хоная, агар ҳар саҳар аз дараш Шарифакам алав барин набарояд, – мегуфт кампираш. Вале ба ҳамсояҳо дам намезад. Аз мактабаш ба ҳамон ҷо фиристодагӣ. Панҷ-шаш сол кор кунад, баъд меомадагист, мегуфту мемонд. Ҳамсояҳо ҳам аноӣ не, ҳама гапа мефаҳманду ба рӯи кампири беозор хаткаширо раво намебинанд.

Аз мактабаш мефиристоданд, гапи дигар буд. Райони худамон ба Шариф барин инженерҳо мӯҳтоҷу вай ким куҷо рафт. Аслан гап дар куҷо рафтанаш не, мӯйсафед торафт ба домони хаёл мепечид. Дар вақташ худи вай ҳам қатори аввалинҳо ба заминкушоӣ рафт. Бист соли умраша ҳамон ҷо гузаронд. Барои ободии заминҳои нав заҳмат кашид. Кам ё беш, ба халқ нафъаш расид. Куҷое равад занаш ҳамроҳ буд. Ба вай ҳам осон не, ёди мӯйсафед ба тарафи кампир тоб хӯрд, ҳамин қадар сол орзуву ҳавас гуфта молу чиз ғундошту келинаш ҳафтае ҳамроҳ наистод. Бечора занак ба дарди сари набудагӣ гирифтор шуд.

Хусусан баъди он ки…

Шариф баъди панҷ моҳи тӯяш бо телефон хабар дод, ки расида оянд. Пиру кампир саҳарии барвақт ба роҳ баромаданд. Бо чӣ ёду хаёлҳо пешинӣ расида омаданду фаҳмиданд, ки наберадор шудаанд! Ин хушхабар ҳардуро моту мабҳут сохт. Яъне чӣ хел? Даррав? Мӯйсафед ба дасти қудозанак, ки бо хушҳолӣ муждагонӣ мепурсид, якто биступанҷсӯмиро қапонду на хурсанд шуданашро донист, на дигарашро.

– Келин чала зоидааст гӯеду монед, – бо ҳамин суханҳо кампир ӯро гуселониду пас аз ҳафтае худаш ҳам баргашт. Ин

не, он не, Шариф сарашона хам кард.

Духтарак боз варақ гардонд. Мӯйсафед бо кунҷковӣ ба ӯ назар дӯхт. Аз афташ мактаби калона мехонад. Сару либосаш ҳаминзамона мактабхонҳо барин, андешид ӯ ва пурсид:

– Духтарам, аз хондаат ягон афсона намегӯӣ? Мо, мӯйсафедҳо, китобҳои шумоя хонда наметавонем.

– Ин афсона не, бобо, – ҳазли мӯйсафедро нафаҳмид духтарак, ин китоби ҳикматҳои қадима.

– Наход?

– Ҳа, муаллимаамон мегӯяд, ки гузаштаро наомӯхта, одами хуби замон намешавӣ.

– Боракалло! – хушнуд гашт мӯйсафед, – аз ҳамон хондаҳоят ягон чӣ гуфта деҳ, канӣ?

Духтарак даме дудила шуд. Мӯйсафед бошад азм кард, ки бифаҳмад, муаллимашон барои одами нағз шудан ба инҳо хондани чиҳоро мефармудааст.

– Набошад, гӯш диҳед, – дона-дона ва бурро гап сар кард духтарак. Пирамарде келини бахилу бадхӯе дошт ва ҳар замон аз ӯ озор медид. Рӯзе вай, ки дасташ аз ғояти меҳнати вазнину машаққати зиндагӣ ларзанда шуда буд, косаеро мешиканад. Келин бо ҳамин баҳона ӯро аз хонаи бароҳат ба кулбачаи заҳу тори кунҷи ҳавлӣ мекӯчонад ва дар косаи чӯбини бесалиқае хӯрок медиҳад. Писари мӯйсафед ҳамаи инро бинад ҳам, парвое надошт. Рӯзе вай аз кор меояд, ки писарчааш ғӯлачаеро метарошад.

– Коса месозам, бобом барин дастатон ларзонак шавад, хӯрок мехӯред, – бо хушҳолӣ мегӯяд писарак..

Мардак даме ба хаёл рафта, сонӣ падарашро ба хонаи аввала мекӯчонад. Занашро танбеҳ дода то охири умр иззати падар ба ҷо меорад…

Мӯйсафед ҳайрон монд. Ҳа, ҳукумат ҷавонҳоя ҳаматарафа таълим медиҳад. Лекин мегирифтагиаш ҳамаша мегирад. Шариф ҳам аз қабили ҳамин китобҳо бешумор хондагӣ. Илмаш зӯр, лекин…

– Боракалло, духтарам, – ниҳоят ба худ омад ӯ ва бо ҳавас даме ба вай нигоҳ карду пурсид:

– Чандсола шудӣ?

– Нуздаҳ, – сурх шуда ҷавоб дод духтарак ва ҳамоно болои китоб сар хам кард.

Аз набераи калониям як сол хурд будааст, аз дил гузаронд

мӯйсафед. Тирамоҳ аз аскарӣ меояд, вая, албатта, хонадор кардан даркор. Шояд келина хонаи худамон фурорем? Ҳа, албатта! Ҳамин хел хушрӯяку доноякаш мебуд. Вай ба духтарак чашми хостгорӣ андохту дилаш равшан шуд. Ба Гулмоҳ андак монандӣ доштаст…

Аввал Гулмоҳу Ширмоҳа аз боғча мегирам. Сонӣ тилфон мекунам, Шарифҷон расида меояд. Худаш ҳам се моҳ шудааст, ки писару набераҳоя надидаам, се моҳа… Дили вай ба ёди ҷигарбандонаш гум заду назар ба берун дӯхт. Автобус ба шаҳр даромада буд, офтоб рахшон, рӯз равшан, дили мӯйсафед шод буд.

Чашмони пурмеҳраш бо беқарорӣ истгоҳи шиносро меҷустанд…

## ЧИНОР

Субҳи баҳор равшан буду рухи сабзаву себаргазор тоза. Қатраҳои борони шабрехта, ки рӯи баргҳо монда буданд, зери нурҳои аввалини офтоб рахшида, чашмакзанииситораҳоро ёд меоварданд.

Ҳалима, духтараки сабзинаи миёнақад, ки рӯйҳои кулчаи офтобхӯрда ва чашмони барқиву бодомӣ дошт, қад-қади ҷӯи пуроб, ҷониби замини Сесанга қадам мезад. Боди шӯх кокулони хушбофти дарозашро парешон карданӣ мешуд. Вай онҳоро ҷамъ карда аз нав пушт партофт. Мӯйҳои парешони пешониашро панҷа зада, зери сарбандаки секунҷаи майдагулаш гирифт.

Духтарак аз пули ларзонаку борик гузашта ба тарафи чап, ба пайраҳае, ки сӯи бошишгоҳи саҳроӣ мебурд, тоб хӯрд. Ин дам ба гӯшаш суруди шинос омад:

*Шинам ба баландиҳо, туро ёд кунам,*
*Оям ба гузаргоҳи ту, фарёд кунам.*
*Фарёд кунам, агар ҷавобам надиҳӣ,*
*Хоки ду ҷаҳон бар сари худ бод кунам…*

Овози Одил-амак? Наход? Наход вай суруд хонад? Духтарак як лаҳза истод. Истоду гӯш кард… ва бо ҳайронӣ роҳашро

давом дод.

Одил-амак болои кати лаби ҳавзи бошишгоҳ, паҳлу зада мисли ҳамеша суруд мехонд. Овози марғуладораш ба саҳрои васеъ доман кушода торафт баланд мешуд. Наздаш, рӯи миёнбанди кушода, чойнику пиёла ва кулчаи ношикастае меистод. Вай гирифтори хаёли хеш буду суруд мехонд.

Шохаҳои чинори баланди лаби ҳавз ором буданд, гӯё ба суруди Одил-амак гӯш медоданд. Як пораи гирдаи осмон ҳам аз паси тӯри сафеди абрҳо, аз байни шохаҳои анбӯҳ, поён нигариста гӯё донистан мехост, ки ин ҷо чи базмест.

Вуҷуди Ҳалимаро ҳиссиёти номафҳуме фаро гирифт. Дили мардонро дарё мегуфтанд, рост будааст, андешид ӯ. Набошад бо ҳамин қадар ғам суруд мехонад? Бечора кампираш обу адою…

Духтарак оҳиста-оҳиста аз бошишгоҳ дур шуд. Як моҳ пештар сурудхонии Одил-амак ҳеҷ касро ба ҳайрат намеовард. Ҳар саҳар вай сурудеро замзамакунон маҳалларо рӯфта об мезад, сонӣ сӯи саҳро роҳ мегирифт. Шомгоҳон низ сурудхонон аз кор бармегашт. Ба Ҳалима тавре мерасид, ки Одил-амак субҳгоҳ аҳли деҳаро бо суруд бедор карда, шабонгоҳ онҳоро алла мегӯяд.

Як моҳ пеш фалокате рӯй доду набераи чордаҳсолааш ҷавонмарг шуд. Акнун рӯзе нест, ки аз ҳавлии Одил-амак навҳаи кампираш Қамарбибӣ шунида нашавад. Ҳалима ҳам аз он дам ҳамин куртаи кабудашро мепӯшад. Мисли пештара назди Қамарбибӣ даромада аз ӯ хоҳиш намекунад, ки мӯйҳояшро майда бофад.

Аз ин рӯ сурудхонии Одил – амак ба вай сахт расид. Дар гумонаш бори ғами марги Зарифҷон танҳо ба гардани Қамарбибӣ афтода, аз лабонаш табассум, аз чашмонаш нури шавқу шодиро рабуда буд. Либоси сиёҳе, ки ӯ дар бар дошт, тани пурраашро рӯз то рӯз об мекард, дар бари рӯйҳои коҳидааш ҷӯяҳои нави ожанг мекашид, ки ҳамаи инро духтар ба хубӣ мушоҳида мекард.

Шояд аз алам хандад? Шояд ғубори дилашро бо суруд барорад? Не-е аз куҷо? Не-е, ин мардҳо,… дилашон..

Ҳалима баъди андешаҳо назди Қамарбибӣ бештар медаромадагӣ шуд. Дарду ҳасраташро гӯш мекарду сонӣ аз ҳар хусус гап мекушод, ки андаке ӯро тасалло диҳад. Вале ба Одил-амак ғайри саломи ҳолпурсӣ чизе намегуфт, аз сӯҳбати

ӯ канора меҷуст.



Духтарак ҳолати рӯҳии Одил-амаку Қамарбибиро мушоҳида карда ба андеша мерафт. Ба андеша мерафту ба хулосае омада наметавонист. Албатта, ҳеҷ кас намегӯяд, ки аз марги Зарифҷон дили вай намесӯзад, ҳаргиз ин хел нест! Охир Зарифҷонро худаш рӯи дасту дӯш бардошта калон кардааст. Одил-амак набераи ҳанӯз панҷ-шашсолаашро ҳамроҳ саҳро мебурд. Вай сар-сари вот каланд мезаду бачаяк аз па-

саш алаф мечид. Бегоҳиҳо, ҳангоме ки Одил-амак банди алафро пуштора мекард, Зарифҷон ҳам дарзаи тайёркардаашро ба пушт гирифта ба бобояш тақлидкунон калон-калон қадам мезад. Ҳарду – бобову набера, сурудхонон ба ҳавлӣ бармегаштанд.

Зарифҷон рӯзҳои дар хона буданаш бегоҳӣ албатта пешвози бобояш мебаромад, ӯро дар сари пул интизор мешуд. Аз дур баробари диданаш «Бобоҷон, бобоҷони худам!» гӯён давида худро ба оғӯшаш меандохт.

Ҳа, ба Одил-амак ҳам осон не. Лекин, ба ҳар ҳол ба Қамарбибӣ душвортар. Дили занҳо дигар…

Вақт бори ҳар гуна дарди гаронро сабук мекардааст. Боз ҳар саҳар суруди Одил-амак, фақат бо оҳанги андаке дигар ба гӯш мерасид.Ҳалима гоҳо хандаҳои ҷарангосию ҳазлу шӯхиҳои намакинашро шунида, ҳайрон мемонд. Аммо Қамарбибӣ аз пештара зиёдтар ғами шавҳарашро мехӯрд. Ба ӯ ҳамчунон меҳрубон буд, ки гӯё кӯдак бошад. Духтарак дар ғояти тааҷҷуб боре ба ӯ гуфт:

– Ба болои ғами Зарифҷон боз ғами амакамро мехӯред. Он кас суруд хонда мегарданду шумо худатона обу адо мекунед.

– Дили мардҳоя, духтарам, аз рӯяшон фаҳмида наметавонӣ, – оҳ кашид Қамарбибӣ. – Рӯзе мерасаду худат ҳамаашро мефаҳмӣ…

Духтар аз ҷавоби вай қонеъ нашуд. Чиро ӯ намефаҳмидааст? Тавба, Қамарбибӣ қадри худашро намедонаду… Лекин духтарак дигар пурсуков накард, берун баромад. Одил-амак ба гулҳои рӯи ҳавлӣ об мемонд.

– Ҳой кокулдароз, – хушҳолона гуфт вай, – чиба аз ин ӯсмаву ҳино намебарӣ? Ё холаат намедиҳад? – ба Ҳалима чашмак зада сӯи кампир назар дӯхта хандид вай. Сонӣ ба як даста ӯсмаву ҳинои офтобӣ ишора кард:

– Гирифта бар, барои ту чидам.

Қаҳри духтарак омад. Одил-амак гумон мекунад, ки вай дар зиндагӣ ғайри ӯсмаву ҳино дигар чизро намедонад? Гумон мекунад, ки Ҳалима ба фаҳми ғаму ғусса намеравад? Тавба…

Рӯзе, пас аз кор, духтарак Қамарбибиро хабаргирӣ даромад. Табъи вай нохуш буду хабар дод, ки шавҳараш нотоб шудааст.

– Мо имрӯз ҳамроҳ кор кардем. Сиҳат буданд-ку. Аз саҳар

то бегоҳ суруд хонданд…

– Ҳа, вай ҳама фиреби назар, – занак ба ҳасрат сар кард, – вақтҳои охир бедорхобӣ мекашанд, шаби дароз мижа таҳ намекунанд. Чӣ шуд ба шумо, гуфта пурсам, худро ба хоб мезананд…

Қамарбибӣ ҳасраткунон берун баромаду ба ғундоштани саҳни ҳавлӣ машғул шуд.

– Темурҷон ин қадар бедарак бошад?... Дар вақташ ман ба ин мардак гуфтам, ки ба кӯчида рафтани писараш рухсат надиҳад. Не, гап – гапи мардҳо… Ана, дар ин хел рӯзҳо одам даркор…

Ҳалима ба Темурҷон занг зад, вай зуд расида омад.

– Ман нағз. Ба ҳафтод даромадам. Чӣ, ҳаққи касал шудан надорам? – пештара барин шӯхӣ кард Одил-амак.-Аҳволам хуб, хотирҷамъ бошу аз паи корат шав.

Вале Қамарбибӣ Темурҷонро нагузошт, ки равад.

– Дадот обу адо шудагӣ, писарам. Ба хандаҳояш бовар накун. Нарав, як шаб ҳазор шаб нашудааст.

– Оча, дадом ҳоло бардам, чинор барин, – Темурҷон ташвиши модарро пай бурда ӯро дилбардорӣ кард, ҳарчанд худаш низ осуда набуд.

– Чинор барин мегӯӣ? – чашмони Қамарбибӣ ба нуқтае дӯхта шуданд. – Ҳа-а, – мад кашид вай, – бобои раҳматиат мегуфтанд, ки чинор то нафаси охир сарсабз мемонад, вале дарун-дарун сӯхта адо мешавад.

– О, очае, – ба танг омад Темурҷон, абрӯвони сиёҳаш кашида ва дар пешонаи фарохаш чинҳо пайдо шуданд.-Ғами дадома хӯрда аз худатон бехабар намонед. Вай кас мард, даруни кору миёни мардум…

Қамарбибӣ саропои писарашро аз назар гузаронда оҳ кашид, сонӣ қиссаеро ҳикоят кард:

– Марде будааст соҳиби ҳафт писар. Фалокате рӯй дода писаронашро аз ӯ рабудааст. Мардак муддатҳо азодорӣ карда, баъд аз паи кори худ шудааст. Вай аз субҳ то шом суруд хонда замин мерондааст, дона мепошидааст, ниҳол мешинонидааст. Мардум дар ҳаққаш ҳар чӣ мегуфтанд:

«Бедилу бедард будааст».

«Дилаш аз санг будааст».

«Мард будааст».

Мардак бошад ҳамоно суруд хонда, замин мерондааст, до-

на мепошидааст, ниҳол мешинонидааст. Фақат, вақте ки буд шудани умрашро ҳис кардааст, аз одамон хоҳиш намудааст, ки баъди мурдан ҷигарашро берун кашанду бинанд.

…Мебинанд, ки ҷигари мардак аз ҳафт ҷояш сӯрох…

Хомӯшии ногуворе ба миён омад. Темурҷон назди падараш даромад. Ҳалима ба ҳавлиашон гузашт…

Субҳи барвақт Ҳалима ба бошишгоҳ омад. Боди сарди тирамоҳ оромие надошт. Вай дар байни шохаҳои анбӯҳи чинор тунду тез печутоб хӯрда бо садои ноошное ба гӯши онҳо ким-чиҳо мегуфт. Баргҳо меларзиданд, шохаҳо вазнин-вазнин алвонҷ хӯрда, садои навҳамонанде мебароварданд. Онҳо нурҳои офтобро, ки ҳар саҳар ба сарашон чун тоҷи тилло менишастанд, тоб хӯрда, паҳну парешон мекарданд. Баргҳои зард чун донаҳои ашк аз шохаҳо канда шуда поён меафтоданд.

Дили Ҳалима ваҳм кашид. Нигоҳаш ба кати холии Одил-амак, ки лаби ҳавзи бошишгоҳ меистод, афтод. Ҷисмаш як ларзиду нидое баровард, ки шабеҳи нолаи чинорон буд. Аз ким-куҷои деҳа овозе монанд ба ин нола баланд шуд. Духтарак беихтиёр ба гиря даромад. Сарбандакаш сабук ғеҷида селаи кокулони майдабофташ мисоли оби дамшудае, ки пеши роҳашро кушода бошанд, якбора поён шорида, ҷисми ларзонашро печонида гирифт. Дар ҳавои ларзиши бадан кокулони Ҳалима рӯи куртаи шоҳии аноргулаш мавҷ зада баргакзании чиноракеро мемонданд, ки акнун сар боло карда офтобро, зиндагиро мешинохта бошад.

Аз дуродур ба гӯши вай як садои суруди шиносе омад. Касе суруди Одил-амакро такрор мекард. Шохаҳои чинор ва кокулони парешони духтар бо оҳанги ин суруд маҳин-маҳин алвонҷ хӯрданд…

## НУРИ УМЕД

Дарвоза ғиҷирросзанон оҳиста кушода шуд. Садои сабуки пой ба гӯш расид. Духтар яқин кард, ки кампири ҳамсоя меояд, ба пешвоз баромад.

– Баҳори олам дамидаасту ту ҳанӯз хона мешинӣ? Биё, беҳтараш, ҳамин ҷо камтар офтоб хӯрем, – гуфт кампирак ва ҷониби кат равона шуд.

Духтар саросема шолу якандоз партофт.

– Он қадар дар хонаи тангу тор шинему шинем… Ҳа, мӯлаш рафту камаш монд.. Ба мо, пиронсолон, акнун офтоб ҳам ғанимату моҳтоб ҳам.

Қурси офтоб аз паси хирмани ширранги абрҳо чеҳра намуд. Нурҳои нарму меҳрубонаш дар як лаҳза ба сари китфу шохаҳои лоғари кампирак гармӣ бахшиданд.

– Саҳарӣ хестаму боҳавсала сар шустам, духтарам, куртаи навама пӯшидам. Мабодо ки Нурмуҳаммадам биёяду ман ношуставу нотайёр бошам. Илоҳӣ гирифтанӣ бошад, маҳтал накунад, яку якбора гирад, гираду барад. Ҳа, пир шавӣ, умедат ҳам, орзуят ҳам, ғамат ҳам ҳамин мешудааст.

Кампирак ба пайкари резааш куртаи кӯкноргули васеъ пӯшида буд. Домони пурчинаш вақти қадамзанӣ дар гирдаш мавҷосо лаппиш мехӯрд. Вай нимтанаи дарози сиёҳи махмалро дар гармову сармо аз тан бадар намекард. Ва ҳамин нимтанаи ӯ ба ёди духтар ҳар дам бибиашро меовард, ки дар деҳа мезист…

Духтар гапҳои парешони ӯро ором гӯш карда, бо фаросат маънияшонро меёфт. Вай аз даҳони кампирак ин қабил суханҳоро борҳо шунидааст. Пиразан ҳамеша дар хусуси маргаш осуда ҳарф мезанад, гӯё онҳо гапҳои майда-чуйдаи рӯзгор бошанд. Духтар ҳам ба ин одат кардааст, вале…

Ду сол пеш, рӯзи ба ҳамин ҳавлӣ кӯчиданашон қариби чоштгоҳ кампирак омада буд. Ҳамон вақт ҳам вай ба лаби кат, ба ҷои ҳозирааш нишасту дасти дуо бардошт:

– Қадам расид, бало нарасад. Дар ин хонадон ҳамеша тӯю тамошоҳо шавад…

Баъди он ки кампирак киву чикора будани онҳоро пурсиду донист, худашро низ шиносонид:

– Ҳафтоду сея пур кардам. Имсол ҳисоби ҳафтоду чор. Ҳа, бисёр неку бад, гарму сарди зиндагия дидему чашидем. Ҳамаш баробари як мижа задан гузашту рафт. Бачаҳо калону ҷо ба ҷо шуданд, хотиро ҷамъ. Акнун, чашм ба раҳ. Маҳтали Нурмуҳаммадам. Фурсат ҳам расид, навбат – навбати мо шуд…

Гумони духтар, ки Нурмуҳаммад писари кампирак асту кучҷое зиндагӣ дорад ва бояд ба наздикӣ омада, ӯро бо худ барад, хато баромад. Маълум шуд, ки Нурмуҳаммад шавҳари панҷоҳ сол қабл аз ин фавтидааш будааст.

Духтари ҳайратзада ба рӯи гирду меҳрубони кампирак нигоҳ карда малул шуд. Вай ҳайрон буд, ки одамизод аз хусуси маргаш ин қадар осуда гап мезанад. Шояд аз ноилоҷист, фикр карда буд ӯ, хоҳӣ нахоҳӣ, рӯзе марг меояд, хоҳӣ нахоҳӣ онро тан мегирӣ. Ё дар ин синну сол маргу зиндагӣ дар назарат муқаррарӣ метобаду ба ҳамааш яксон менигарӣ…

Духтар гоҳо дили ӯро фаҳмиданӣ мешуд, гоҳ ба ҳолаш дилаш месӯхт. Рафта-рафта фаҳмид ё одат кард магар, ки кампирак аз хусуси маргаш гап занад, пештара барин ҳайрону малул намемонд.

– Духтарам, ту имрӯз исмини дувум?

– Ҳа.

– Хуб шуд, ки ту исмин қатӣ кор мекунӣ. Ту ҳам набошӣ, ман куҷо мерафтам? Як маҳаллаи калону як кас намеёбӣ, ки чорта сӯҳбат карда занги дил равонӣ. Ба мо баринҳо бошад, гуфтану шунидан ҳам ғанимат, духтарам. Мардум чунон ба кор ғӯтидаанд, ки асло мон! Занакаш аз мардакаш бадтар-а! Бачазоиву бачакалонкунӣ ҳам назди кор ҳеҷ шуд. Мо кампирҳо, акнун лозим ҳам не, дарди сар барин зиёдатӣ.

– Ин хел нагӯед, бибӣ.

– Гапа ҳаққаша мегӯм. Пир шавӣ, сонӣ мефаҳмӣ.

– Ношто кунем?

– Майлат.

Духтар дастархон кушод. Нону қаймоқ баровард.

– Ту ин ҳафта дувум исмин?

– Ҳа.

– Ба дастат як боракак ҳам сӯзану ришта намебинам.

– Сӯзану ришта чӣ даркор? Магазинҳо пури чизи тайёр.

– Э, мон-е, зебу зинати духтар сӯзану ришта! Ба шумоҳо китобу ҷурнол бошад, киною телевизор бошад. Хонаи шӯ чӣ мебаред? Ду дасти холӣ?

– Диплом, моҳона… ҷавоб дод духтар ва хандид. Вай дӯст медошт, ки ба қитиқи кампирак расад.

– Келинчака зебаш диплом не. Хонадорӣ моҳона намепурсад, – ранҷида гуфт кампирак. О кам-кам ягон чиз дӯз, кашида ё сӯзанӣ. Дили шумо ин қадар беалав? Кошкӣ ҷавон мебудам, чунон сӯзаниҳо медӯхтам, ки! Не, ҳозир келинчакоя файзашон кам. Хонашон на сӯзанӣ дораду на кашида. На дар сарашон қоши тиллову на дар мӯяшон заркокул. Ҳама сарлучу мӯйкӯтоҳ. Ба духтаро шӯкунӣ намефорад. Мана, худи ту чан-

дсола?



– Бисту чор.

– Бисту чор-а, бисту чор! Сари бисту чор ман бева будам, инаш албатта, хуб не. Лекин ду писар доштам, ҳа ду писар. Калониаш ҳафтсола буд. Шумо мегардетон-да… Намедонед, ки меваи одамизод фарзанд аст.

Ҳамин тавр, кампирак ба нақли саргузашташ шурӯъ кард. Духтар ҳам аз гапҳои якнавохти вай дилгир намешуд. Зеро

ҳарфаш чунон ба завқ сода ва кӯдакона буд, ки хоҳу нохоҳ ба гӯш мефорид. Вай медонист, ки кампиракро дар чордаҳсолагӣ ба шавҳар додаанд. Он замонҳо ҳамин хел будааст. Ӯ вақти танҳо мондану фориғи кори рӯзгор будан арғунчак мепарид. Шавҳараш борҳо арғунчаки ӯро аз шохи тути рӯи ҳавлӣ кушода ҳаво медод ва таъкид мекард, ки акнун духтарча нест. Ба қавли худаш, он вақт кӯдак буд, ба фаҳми гапу кори дунё намерафт…

– Вай шумоя меранҷонд ё мезад? – пурсид духтар, ҳарчанд ки ҷавобашро пешакӣ медонист.

– Не, асло намезад. Лекин мардак-да. Барои савлат ҳам гоҳо дӯғу пӯписа мекард ва ҷигот меандохт. Ман ҳам мебардоштам. Қоидааш занак маъно ғашу ғиреви марда мебардорад. Набошад чӣ? Задан хоҳад мезанад. Аммо ҳозир ин хел не, мардҳо аз бинӣ баланд гап зананд, гирифтори балои азим мешаванд. Тавба, на зан дар ҷои худашу на мард дар ҷои худаш. Нурмуҳаммад, раҳматӣ, аҷаб марде буд, – вақти таърифи шавҳараш чашмони чуқури кампирак нурполо мегаштанд, – паҳлавон буд вай. Паҳлавони ҳақиқӣ буд. Чашмони сип-сиёҳи оташбору меҳрубон дошт. Лекин худо мегуфтам, ки ғазабаша наорам. Чунон зардааш ҷӯш мезад, ки… Аслан марда андак зардааш бошад, сиёсаташ бошад, дуруст. Мардакам хушрӯй набошад ҳам, ситорагарм буд. Писари калониам ба дадояш кашид, нусхаи тап-тайёри Нурмуҳаммад, фақат резатар. Реза ё бутун, шукр, соҳиби панҷ фарзанд, соҳиби мурдаву зиндаам… Не, Нурмуҳаммадам мана бисёр нағз медид, – хаёле ки худ ба худ гап мезада бошад, ба нуқтае чашм дӯхта пичиррос зад кампирак. – Ман ҳам ҳусни расо доштам. Хусусан баъди соҳиби фарзанд шуданам шукуфтам. Дидагиҳо гираму гурезам мегуфтанд. Эҳ, қошома медидӣ!

Духтар ба рӯи пурожанги кампирак нигоҳ карду беихтиёр дар лабонаш табассум дамид. Аз он рӯю мӯю абрӯвони таърифӣ, ки пиразан мегуфт, осоре набуд. Миҷаҳояш пупак рехта, чашмони сиёҳаш чуқур рафта буданд, пилкҳояшон сурхча метофтанд. Вале ба ҳар ҳол рӯи кампирак нуре дошт. Мӯйҳои сап-сафеди аз таги дурраи сиёҳ намоёнаш ба рӯи гирду заҳиртоби ӯ ҳусне мебахшиданд…

– Хушдоманам мӯйҳома майда мебофт, пасу пешам пури кокул мешуд. Раҳматӣ занаки боэҳтиёт буд, чашм нарасад гуфта, ҳар замон ҳазориспанд дуд мекард…Нурмуҳаммад ко-

кулома дӯст медошт. Нигоҳ кунӣ, дар ҳама кор марди кап-калон буду як хислати ғалатӣ дошт. Ҳар дафъа сар шуста мӯй бофам, кокулома мешумурд.

– Кокулотон чандто мешуд? – хандакунон пурсид духтар, дар ҳолате ки чашмонаш медурахшиданд.

– Мазоҳ мекунӣ, айёр? – оташин шуд кампирак. – Ман ба ту афсона намегӯям. Ҳо, шӯям кокулома мешумурд. Ханд, хандидан гир. Лекин намедонам шӯҳои шумо чия мешумуранд?

Духтарак ба завқ хандид, вуҷудашро ким-чӣ хел ҳиссиёти аҷибе фаро гирифт.

– Аз шумоҳо шӯтон…

Қоҳ-қоҳи духтар овози пиразанро пахш кард. Аз зӯри ханда чашмонаш об гирифтанд.

Кампирак тамоман қаҳр кард.

– Боз механдад, мон-э… Ба шумоҳо гап занӣ, афсона мешавӣ..

Коҳишу ситезаҳои кампирак ба духтар хуш мерасиданд. Аз ин рӯ қасдан қаҳри ӯро меовард. Вале ҳоло дид, ки аз ростӣ вайро ҷаҳл гирифтааст, чой рехту роҳи оштӣ ҷуст:

– Ба худо, ки аҷиб, агар мардаки кап-калон кокулшуморӣ кунад…

– Шӯ кунӣ, медонӣ…

– Хайр, он кас аробакаш буданд-а? – гапро ба дигар тараф кашид духтар.

– Ҳа, ун вақт йигитои беҳтарин аробакашӣ мекарданд, – бо овози нарм, вале ифтихоромез гуфт кампирак. – Нурмуҳаммад ҳар сол айёми Наврӯз мана ба аробааш шинонида сайри лола мебурд. Раҳораҳ чунон суруд мехонд, ки дилам об шавам мегуфт. – Завқи кампирак ҷӯш зад:

*Як дони мо ду дона шуд,*
*Ошуқи мо бегона шуд.*
*Як дона марворид-е,*
*Ду дона марворид-е…*

Ва баъд даҳони бедандонашро кушода чунон хандид, ки ҷуссаи лоғаракаш ба ларза омада, оқибат сулфааш гирифт…

– Тармарг шуд, умраш кӯтоҳ будааст, – оҳ кашид кампирак. Боре шабҳангом ҷӯраҳош бардошта омаданд. Ароба ба

ҷар чаппа шудаст. Рӯи ҷогаҳ хобонидем, раҳматӣ фақат ду даҳон гап зад. «Бачаҳоя хор накун…». Ҳамин хел, ду бача қатӣ дар шаҳри бегона бе ёру дӯст мондам. Аввалҳо як ҷӯраи Нурмуҳаммад андак ёрӣ медод. Баъдтар худам ба заводи пахта рафтам. Ризқу рӯзия чени насиб ёфта, чида – чида хӯрдем. Чӣ қадар азоб кашидем, чӣ рӯзоя дидем?! Болои ин Гитлери гӯрсӯхта ҷанг сар кард. Лекин қатори мардум кор кардем, сабр кардем, ба рӯзҳои нек расидем. Мана, ҳар ду писарам соҳиби ҳавлӣ, соҳиби мошин, соҳиби чизу чора. Лекин боз сер не-дия, сер не. Худаш чашми одамизод носер будааст. Гирду гӯшаам пури набераву абера, шукр… Кошкӣ Нурмуҳаммадам зинда мебуду пиру кампир дар сояи давлаташон мешиштему роҳат мекардем.

– Баъзе кампирҳо аз пиракиҳояшон меноланду…

– Рост гуфтӣ духтарам, замона ҳамин хел. Пиру кампиро ҳам инҷиқ, ношукр. Лекин ба зан-мардум дар ҳар синну сол соҳиби сар, марҳами тан даркор. Баъзан ба фарзанди худат дардата гуфта наметавонию… Ҳа, ҳоло ту ин гапоя аз куҷо ҳам медонӣ?

– Ин хел бошад, чаро дувумбора шӯ накардед? Охир, айб набуд-ку!

– Айб набуд-куя… Ҳа, ина на ҳар кас мефаҳмад. Меҳри аввал, чашм кушода дидагим. Ғайри ин «бачаҳоя хор накун» гуфтани Нурмуҳаммад доим дар гӯшам садо медод. Лекин нашуд. Оқибат, миёнараво ба ҷону ҳолам намонда, ба марде розигима гирифтанд. Ҳа гуфтанама медонаму бас, аз даҳлез садои гиря баромад. Хеста нигоҳ кунам, писари калоним гирякунон сараша ба девор мезанад. Баъди ин ба талабгоро гапа якбур мекардагӣ шудам. Ба даври сериву пурӣ расидем – шукри неъмат, шукри ҳукумат. Замоне кас фақат ғами як бурда нон дошт. Ҳамаш афсона шуд… Даври келинчакиям дадом сандуқаке дода буд, чиз намеёфтам, ки дарунаш андозам. Насиба бин, ки сандуқи охиратам лаболаб…

Духтар медонист, ки сандуқи кампирак чиҳо дорад, тӯби суфу чит, сарупо барои мурдашӯву гӯрков, ҷомаҳои тайёр, ки ба қабаташон барои кӣ буданашонро навишта мондаанд, чанд ҷуфт калӯшу маҳсӣ, чандин куртавор, камтар пул барои харҷи гӯру ҷӯбаш.

– Ҳафтоду шашсола шудам, мурдаи ман тӯй, – мегуфт вай ҳар замон. – Барои зебаш оби дида рехта гӯронетон бас. –

Сиёҳу кабуд напӯшед. Ба духтарако шохии гули лола гирифта мондам, табаррукӣ гуфта гиреду пӯшед, ба синну соли ман расед. Писаракон ҷома пӯшида, сари қабрам раванду як кафӣ хок партоянд…

Ҳар чӣ кампирак мегуфт аз дилаш меомаду ба дил менишаст.

Ӯ фаҳмид, ки духтарак набераҳояш барин не. Аз чӣ сабаб, ки онҳо тоқати сӯҳбаташро надоранд. Пири серҷоғ шудаед, гуфта сарзаниш мекунанду аз наздаш хеста мераванд.

Лекин кампирак ҷои гилаву ҷингила, сари ҳар қадам дуои ҷони набераҳояшро мекунад. Вай хусусан аз набераи дувумаш, ки ба наздикӣ ба шавҳар баромад, миннатдор буд. Зеро ӯ шаби тӯяш чи хеле ки бибияш мехост, либос пӯшид, кокулонашро майда бофт, заркокул овехт. Ҳамроҳи бибиаш сурат гирифт. Ана, сонӣ расму русуми нав ва орзуву ҳаваси худаша кард.

Кампирак борҳо ҳамаи инро нақл кардааст. Ва духтар медид, ки ин дам чашмони вай нам гирифта, тори овозаш ларзанда мегашт.

– Акнун, духтарам, ту ҳам шӯ кун. Бас сарфи беҳудаи умр.

– Наход, ки беҳуда бошад? Охир, хондам, кор…

– Биё, мон кору хонданата! Гӯё дигаро намехонанду…Ба гапам гӯш тею шӯ кун. Ягон хуш кардагият ҳаст? – вай тарафи духтар хам шуда, бо овози паст пурсид, гӯё ба дилаш даст меандохт.

– Не…

– Кӯча пури йигиту…

– Йигитҳо мегӯянд, ки кӯча пури духтар.

– Худо ҳеҷ каса тоқ наофаридаст. Росташа гӯй, ҳаст-а?

Духтар хост ҳамаашро гӯяд, вале натавонист. Дар гумонаш рӯи олам касе набуд, ки дили ӯро фаҳмад. Аз ин рӯ хомӯширо авлотар донист. Вай ҳамеша мекӯшид, ки ба ҳама бефарқу бепарво бошад…

– Наход нест? Аз ростӣ?

Духтар аввалҳо аз ин қабил саволҳои кампирак ранҷида, риштаи гапро зуд дигар тараф мекашид. Вале ҳозир мехост…

– Худам ёбам, мерасӣ?

Духтар хомӯш тарафи кампирак чашм давонд. Чеҳраи ӯ тамоман тағйир ёфт. Ин дигаргунӣ чунон зуд ба вуқӯъ омад ва чунон равшан буд, ки духтар лаҳзае худро гум кард, гӯё

гунаҳкор бошад, сар ба зер афканд.

– Эҳ, ман ба ҷои ту мебудам, чунон зиндагӣ мекардам, ки!

Дар лабони духтар табассум дамид.

– Меёбам, – аранге овоз баровард ӯ ва хандида лаб газид. Ва нохост дар дилаш ҳавасе сар зад, ки арӯс шаваду шаби тӯй бибияшро, модарашро, ана ҳамин кампиракро дар паҳлӯяш шинонад.

– Меёбам, – боз пичиррос зад вай. Чеҳрааш аз ҳаяҷон шукуфта то гӯшҳояш гулханӣ шуд. Дар назараш ин дам пайкари наҳифи кампирак ба як даста нури ларзони офтоби сари кӯҳ бадал гашт.

Ва ин нурҳо ба дили духтар равшанию умед мебахшиданд.

## МАН, АМУР ВА ОЧААМ

– Ба хонаи мо ба меҳмонӣ биёед. Мо ҳама – ман, Амур ва очаам, баробар хурсанд мешавем. Шумо пишакчаи мо-Амура намедонед? Надидаед? Биёед, ман ба шумо Амура нишон медиҳам. Вай пишаки хушрӯю боодоб. Ин хелаш дигар дар ҳеҷ куҷо нест. Бинед, қоил мешавед. Гирди лабу даҳан, бинӣ ва гӯшҳо сип-сиёҳ. Нӯги поҳош ҳам сиёҳ, гӯё ба вай ранг молида бошанд. Дигар ҳама ҷои баданаш сап-сафед, барф барин чашматона мебарад. Чашмаш бошад, шиша барин, сабзи зардчатоб.

Ҳамин ки ба хонамон меҳмон омад, Амура, албатта, хушрӯ гуфта таъриф мекунад. Ҳа, таъриф мекунаду сонӣ якбора ҳайрон шуда мепурсад:

– Думаш ку? О, думи пишакатон ку?

Ана, ин вақт ман хурсанд шуда ба меҳмон мефаҳмонам, ки пишаки мо аз аввал бедум. Амура ба мо як амакам аз шаҳри дури дури Русия, ҷое, ки вай роҳи оҳан сохтаст, тӯҳфа овард. Барои ҳамин вай забони тоҷикия тамоман намефаҳмад. Бибим, ки худаш забони русия намедонад, наметавонад Амур қатӣ гап занад. Вай ғут-ғут мекунаду ба очам мегӯяд, ки вақти будани ӯ ба забони худамон-тоҷикӣ гап занем.

Очам Амура бисёр нағз мебинад. Барои ҳамин ҳам баъзан қаҳрам меояду бо ҳеҷ кадомашон гап намезанам, ароз мекунам. Вай Амура «донояки ман, биё, хӯроката хӯр» – гӯён ба



ошхона чеғ зада ба наздаш моҳӣ мемонад. Пишаки мо моҳӣ мехӯрад, фақат моҳӣ. Барои вай дар яхдонамон доим моҳӣ ҳаст.

Агар очам Амура аз ман бисёртар нағз бинад, майлаш. Ман худам ҳам вая сахт нағз мебинам. Ҳамин ки аз боғча омадам, вай хурсанд мешавад, чунон хурсанд мешавад, ки! Танаша ба поҳом часпонида мияв-миявкунон мегӯяд: ман туя ёд кардам,

дигар мана партофта нарав… Вай бе ман, дар хона танҳо монда зиқ мешавад. Аз боғча омада, мо ҳар ду кӯча мебароем. Шӯҳрат ҳам хоҳарчаш қатӣ мебарояд. Мо чоркаса бозӣ мекунем. Агар мултикбозӣ кунем, Амур хаткашон мешавад. Мо ба гардани вай сумкачаи хурдакак меовезем, ба дарунаш мактубҳо меандозем. Сонӣ дари хонамоя мекӯбем.

– Кӣ чеғ мезанад? – мепурсад очам.

– Хаткашон Амур, – мегӯяд Шӯҳрат, – аз Маскав хат овардам. Сонӣ вай аз сумкачаи гардани пишак хата гирифта ба очам медиҳад. Очам ба ҳамаи мо яктогӣ конфет дода мегӯяд, ки беҳтараш тӯббозӣ кунем. Мултикбозӣ ба очам маъқул не. Ҳамин ки ягон кор ба вай маъқул нашуд, касал мешавад, касал мешаваду мегиряд. Ё сараш дард мекунад, ё дандонаш.

Очам тез-тез дарди дандон мешавад. Вай аз кораш омада хӯрок мепазад: сонӣ телевизор мебинем. Баъзан худ ба худ якбора дандонаш дард мекунад. Ана, сонӣ вай ба хонаи хоб даромада мегиряд, ҳунгос зада мегиряд. Ҳамсояҳо овозама нашунаванд гуфта, даҳонаша ба болишт сахт зер мекунад. Ман ин хел вақтҳо метарсам, ки ба вай наздик шавам ва дар кунҷак шишта ҳиқ-ҳиқ ба гиря медароям.

Амур бошад ман барин не, ҳамин ки аз гиряи очам хабар ёфт, гирди сараш гашта минг-мингкунон овоз мебарорад. Ва дастони вая мелесад… Очам ором шуда мана аз кунҷак мегирад, оби чашмоша тоза карда афсона мегӯяд:

– Буд-набуд будгор буд, замин набуд, шудгор буд, дар як замон, дар як макон як калаки айёр буд, ҳам кали арзанкор буд…

– Дадои калаки айёр куҷо буд?

– Дадош?.. Гапама набуру гӯш кун, бачам, – мегӯяд очам.

– Хӯҷаини калак, бои чашмгурусна, вая бисёр кор фармуда, серӣ хӯрок…

– Калак ба дадош хабар намекашид? – мепурсам ман.

– Ба дадош?.. Ҳмм! Гапама, ки буридӣ, ба ту афсона намегӯям.

Очам қаҳр мекунад. Вай дигар афсона намегӯяд.

Хайр, нагӯяд не. Ман афсонаи калаки айёра сад бор, ҳазор бор шунидагӣ, медонам. Беҳтараш чашмама пӯшида дадома ёд мекунам. Вай дар Маскав мехонад. Очам ҳам дар Маскав хондагӣ. Ҳамин ки хонданаш тамом шуд, дадом самолёт қатӣ парида меояд. Лекин хондани вай дуру дароз будаст. Очам

гуфт, ки вай ҳафт соли дигар мехонад. То омаданаш ман сенздаҳсола мешавам. Вай биёд, мана мешинохта бошад? Албатта, мешиносад! Бибим гуфт, ки вай ба дадом бисёр монанд. Ман баъзе гапҳои бибима намефаҳмам. Худаш ҳам аҷоиб, гапҳош ҳам.

Ин дафъа омад, ки мо ҷевони нав харидагӣ, хурсанд шуд. Шишаҳои ҷевона қапид, дарҳоша кушода пӯшид. Хурсанд шуду гиря кард. Қаҳрам омад. Мо ҷевон харидему вай мегиряд. Ё маъқул набошад? Ё вай ҳам ҳамин хел ҷевон мехоҳад? Ман ба очам гуфтам, ки ба бибим ҳамин хел ҷевон тӯҳфа кунем. Вай розӣ шуд.

Бибим бошад саросема аз пешоним муччӣ карда гуфт:

– Ба бибиякат ҷевон чӣ даркор, бача набошӣ…

Гуфтам-ку, ин бибии ман аҷиб. Як бор мана бача гӯяд, як бор марди калон, марди хона мегӯяд. Ҳар дафъа вақти рафтан ба ман мефармояд:

– Очета наранҷон, ба гапаш гӯш деҳ, ту акнун марди хона ҳисоб. Росташ, мехоҳам марди калон бошам, лекин қадам паст. Дастам ба гирондани чароғи ошхона ҳам намерасад. Мӯйлаб ҳам надорам. Бе мӯйлаб чӣ хел мард мешавӣ? Ба пишакчаҳо осон, дирӯз Амур дута пишакча зоид, мӯйлабашон аллакай баромадагӣ. То омадани дадом мӯйлаби ман ҳам мебаромадагист. Он вақт ману вай, дукаса ба очам ёрӣ медиҳем. Бибим ҳам дигар хавотир намешавад, дигар намегиряд.

Ман аз писари ҳамсоямон – Шӯҳрат тезтар калон мешавам, тезтар мӯйлаб мебарорам. Чунки вай эрка, доим сари зонуи дадош мешинад. Очам гуфт, ки эркаҳо суст калон мешаванд.

Лекин баъзан ба сари зонуи амаки Фаррух мешинам. Амаки Фаррухам шофир. Қадаш баланд. Агар мана ба китфаш гирад, сарам ба шифти хона мерасад. Вай ҳамин ки ба хонамон омад, мана зӯран ба сари зонуш мегирад. Аз ӯ бӯи бензин меояд, бӯи бензини мошин ба ман маъқул. Ман ин гапа ба очам гуфтам, вай хандид.

Очаи ман кам механдад, кам гап мезанад. Дасташа ба манаҳаш монда хаёл мекунаду хаёл мекунад. Меҳмоно биёянд, гапи дигар. Мо ҳама – ман, Амур ва очам, баробар хурсандӣ мекунем. Биёед, ба хонаи мо меҳмон шавед.

Агар табъи очам хуш бошад, бо ману Амур бозӣ мекунад, суруд мехонад, афсона мегӯяд. Ҳатто куртаҳои наваша пӯшида, мана ба тамошо мебарад. Ин вақто вай чунон хушрӯ

мешавад, ки!...

Як бор бибим омада буд, очам куртаи сурхи напа – наваша пӯшид, ки вай гуфт: Умрата беҳуда мегузаронӣ, бачам. Сонӣ гиря кард. Очам ба тарафи ман нигоҳ карда лаб газиду чашмаш пури об шуд. Доим ҳамин хел, бибим, ки омад, аввал ҳарду муччӣ-муччӣ мекунанд, хурсанд мешаванду сонӣ оби дида мерезанд. Эркаҳо!

Амаки Фаррух биёяд ҳам, очам аввал шодӣ мекунаду сонӣ баъди рафтанаш мегиряд. Ман чанд бор пурсиданӣ шудам, аммо вақти гиряи очам биним ба сӯзиш даромада, даҳон кушода наметавонам. Дар бораи дадом фикр мекунам. Тезтар меомад вай.

Чӣ даркор ин қадар дуру дароз хондан? Дадом шофир мешуд, ҳар рӯз аз кор омада сигнал медод: бибб-бибб-биб-бибб. Ман давида мебаромадам. Сонӣ сари зонуяш менишастам. Мӯйлабам дер барояд ҳам, майлаш буд.

Акнун, ки калон шудам, то омадани дадом ба сенздаҳ медаром, шарм медорам, ки сари зонуяш шинам. Бигзор сари зонуи вай бачаҳои Амур шинанд.

Ман розӣ. Дадои вайҳо ҳам дар ким-куҷоҳо…

## СОҲИБИ АСПИ САФЕД

Духтар сахт ошиқ шуд.

Вале ҷавони ғофил аз дили шӯрида ва меҳрбори ӯ, аз дари умеду орзуҳояш ба сони рӯъё мегузашт. Аз ин рӯ, тамоми ҳастии духтар лабрези хоҳише буд, ки ҷавонмард бо дили ӯ ошно гардад. Зеро бовар дошт, ки танҳо дар ҳамин ҳол ӯ ҳам метавонад дӯсташ дорад.

Онҳо саҳарии рӯзҳои корӣ гоҳо бо амри тасодуф дар истгоҳи хурдакаки назди ҳавлии духтар вомехӯрданд. Бо сарҷунбонӣ ва рафту агар ба ҳам илтифоте кунанд, лабҳо андаке моили табассум, табассуми боэҳтиёту шукӯҳманде, салом мегуфтанд. Ҳамааш ҳамин.

Лекин оғози ҳамаи ин, ки оламро пур аз сирру асрор ва таронабор кардааст, аз куҷост, аз чист? Духтар наметавонист инро фаҳмад, инро донад. Ва агар бисёр кӯшад, бачагиаш, лаб-лаби дарёча, ҳамон дарёчаи масту маввоҷ шӯх-шӯх давиданҳояш, мактабаш, оне, ки дар олами хаёлоти оинасони

кӯдакиаш чун зеботарин, боҳашаматтарин бино боқист, ҳампартааш, ки писараки лӯб-лӯнда буд, аҷиб буд, ёдаш меомаданд. Боз қаҳрамонҳои ким-кадом афсонаҳои азёдрафта, ким-кадом шеърҳо. Вале ҳамааш норавшан, нопурра, дарҳамбарҳам… Ва духтар наметавонист, ҳеҷ наметавонист, фаҳмад, донад, чаро ёди онҳо дар сараш чарх мезанаду чарх.

Вай ақаллан аниқ намедонист, ки оғози ҳамин саломуалейкашон аз куҷост? Фикр мекард, фикр мекарду ёд меовард. Зимистон буд ё баҳорон… Кӣ медонад? Фақат як рӯзи равшан, як рӯзи нарми офтобӣ буд. Автобус дер кард. Мардуми истгоҳ, ҳама беқарору асабӣ шуданд. Ҷавон ҳам. Вай пайваста сигор мекашид. Чеҳраи сабзинаву чашмони андешамандаш аз паси дуди кабудчаранг ҷаззобтар метофт. Ҷавон сигор мекашиду тарафи духтар менигарист, бо қаҳру итоб менигарист, духтар ҳамчунин. Ногоҳ… ҳар ду баробар хандиданд. Муҳимаш он нест, ки ҳамаашро нуқта ба нуқта ёд оварӣ. Муҳимаш он ки нигоҳашон ба ҳам бархӯрд, ба ҳам печид.

Ҳар рӯз ҷавон аз дари савум, духтар аз миёнадарӣ ба автобус мебаромаданд. Нигоҳи онҳо байни анбӯҳи мардум беихтиёр ҳамдигарро меҷуст. Меҷусту меёфт, меёфту мегурехт ва боз меҷусту меёфту мегурехт… Қабл аз фурудоӣ духтар (агар қаҳрӣ набошад) ҷониби ҷавон нигариста боэҳтиёт ва бо меҳрубонӣ лабханд мезад, лабханди қашанге.

Духтар баъзан худ аз худ қаҳрӣ мешуд. Ҳа, қаҳрӣ мешуд, вале барои чӣ? Худи вай агар инро дурустакак андешад, намефаҳмид, намефаҳмиду қаҳрӣ мешуд. Он гоҳ дами фуромадан тарафи ҷавон нигоҳ намекард. Дилаш месӯхту вале нигоҳ намекард. Ва ин рӯзҳо дили ӯ замини бараҳнаву бетароват ва сарди фасли зимистон, замини хобро мемонд. Вале духтар медонист, ки замини хобро ҳам рӯзе офтоби пурҳарорат бо нурҳои нарму гармаш бедор месозад. Он гоҳ вай рӯҳ гирифта медамад. Медамад ба соне ки рӯи боми осиёби кӯҳнаи деҳ баҳорон лолахасакҳо медамиданд.

Он лолахасакҳоро, он лолахасакҳои гулханиро, акнун кӣ мечида бошад? Оё ҳанӯз ҳам осиёбони пиру хашмӣ бачаяконро аз болои бомаш меронад? Аз қафояшон ғур-ғуркунон санг меандозад? Ва боз баъди фурсате қаҳрашро фурӯ нишонда барояшон афсонаҳо мебофад? Тавба! Чӣ ҳазёне? Осиёби кӯҳнаи деҳ акнун ба кӣ даркор? Бомаш аздусар фурӯ рафтаву осиёбон ҳам чашм аз олам пӯшидааст. Шояд акнун

лолахасакҳо сари гӯраш медаманд ва бачаякони пойлуч ҳам дигар он ҷо намераванд.

Ёди духтар ба гузашта, ба кӯчаҳои қаҷмакаҷу беғаши бачагӣ мерафт. Дар синааш сӯзи ноошное пайдо шуда ороми-ву осоишашро мерабуд, дилаш хоҳиши мулоқоти ҷавон мекард. Миёни хаёлоту орзуҳое, ки монанд ба ҳазёну алой буданд, вай гоҳо худ ба худ пичиррос мезад: Мағрур бояд буд…

Мағрур бояд буд… Ҳамин хоҳиш, ҳамин амри осмонӣ дили духтарро лаболаб мекард, лаболаби алам. Димоғаш месӯхт, дасти номаълуме аз гулӯяш мегирифт. Вале ӯ лабонашро фишурда ҳамаашро фурӯ мебурд. Фурӯ мебурду худ ҳам гӯё кучҷое фурӯ мерафт. Шояд ба олами худ, ба олами танҳоӣ. Вай мекӯшид дигар ҳаргиз назди касе оби дида нарезад, аз зиндагӣ ҳасрат накунад, ба ҷуз назди модар. Медонист, ки рӯзе мерасаду вай аз ин шаҳри пурғавғо гурехта деҳа меравад. Ҳамон деҳаи майдаҳаки доманакӯҳ, ҳамон кӯчаҳои пурхоку хонаҳои каҳгин, ҳамон шабҳои хомӯшу осмони пурситора, ҳамон бонги хурӯсону фарёди чир-чиракҳо ӯро пешвоз хоҳанд гирифт. Ва духтар дами дарвоза худро ба оғӯши биҳиштбӯи модар андохта ашк хоҳад рехт, бесадо, бегуфтор…

Модар ҳам намепурсад, ҳаргиз намепурсад, ки гиряи ӯ аз чист. Охир вай нағз медонад, нағз медонад, ки бори дунё ба дӯши занҳо гоҳе гаронӣ мекунад. Аз ин рӯ, бо домани куртаи читаш, ки обшуставу рангпарида шудааст, ашки ӯро тоза карда ба мисли кӯҳҳои баланд, ба мисли замини пир хомӯш мемонад. Фақат бо панҷаҳои шахшӯлу ларзон, вале гармаш сари ӯро сила ва мӯйҳои қатрониашро парешон месозад.

Шояд деҳа аз ӯ пурсад:

– Ту духтар, басо тағйир ёфтаӣ…

– Ҳо, маро тағйир доданд. Худи ту чӣ? Оё дигар нашудаӣ? Оё тағйир наёфтаӣ? Магар ҳанӯз ҳам субҳгоҳон садои ҷеғи хурӯсону фарёди шубонбача бедорат мекунад? Оё ба гӯшат овози мотору ожири мошинҳо намерасанд? Магар он овозҳо садои ту наянд? Сари деворҳоят баланд шудааст, дарвозаҳоятро ранг задаанду қулфҳояшро наву оҳанӣ карданд. Ку, хори сари деворҳои пастат, ки баҳорон шукуфон мешуд? Ку, себаргаҳои лаби чашмаҳоят, ки ба навои об мерақсид? Баҳорон ҷои он ки дар бомҳои гилии ту сабзае рӯяд, аз шиферҳо об мечакад, об…

Баъзан ҷавон тарафи духтар менигарист, ҳамчунон малеҳ



менигарист, ки дили духтар дигар гӯё дар синааш намеғунҷид. Вай менигаристу лабханди ҷонситоне мезад. Дар чеҳраи сабзина ва чун нигоҳаш ҷиддии вай ин лабханд мисоли барқе дар шаби тор мерахшид. Ва аз шӯълаи он гӯё олам ҳама як лаҳза нурбор мегашт.

Ва ҳангоме ки духтар шабҳои танҳоӣ, аз паси тиреза дар

осмони тира моҳи пурра ва ягона ситораро, ки дуртар аз он равшан чашмак мезад, назоракунон он лабхандро ёд меовард, барқе ҷаҳида пардаи ғализи зулматро медарид ва замину замон ситоразор мешуд. Ситораҳо беист шӯхикунон чашмак мезаданд ва духтар бо шавқу шодии беинтиҳое аз байни онҳо ситораи бахти худро меҷуст. Ва ниҳоят варо даст гирифта, рӯи кафаш ниҳода ба мисли фариштаҳои болдор тарафи хонаи ҷавон мепарид, мепариду мепариду мепарид…

Ин лаҳзаҳо вуҷуди ӯ саршори эҳсоси бахте мешуд, ки ҳамеша дар ноумедиҳо интизораш буд. Ин бахт, ин шодӣ ва ин лаззати нобаҳангом тӯли умраш гӯё зарра – зарра аз орзуҳои нек, аз умедҳои пок, аз оҳҳои оташнок ва фарёдҳои бесадои вай дар осмони тақдираш ҷамъ омада имрӯз ба сони нури хуршедӣ ба сари ташнаи ӯ якбора фурӯ мерехт. Ва духтар наметавонист, наметавонист, ки ҳамаи инро дар худ ғунҷонад. Ӯ ин дам хушбахт мешуд. Он қадар, ки инсон метавонад хушбахт бошад.

Дарвоқеъ, магар ин лаҳзаи бехудиҳо аз бахти саршор он нест, ки инсон баҳраш бори зиндагӣ мекашад? Ва ба рӯи марг, марге ки риштаи умри ӯро ба қабзаи худ гирифта, ҳар нафас онро кӯтоҳ мекунад, сахт хандида, ӯро нотавону ҳақир ва бечора месозад?.. Вале дардеву дареғ, ки аз ҳамаи ин ҷавон бехабар буду духтар ҳам наметавонист онро худ бигӯяд.

Онҳо як бор, фақат як бор ҳамсӯҳбату ҳамнишин шуданд. Ҷавон хоҳиш кард, ки қаҳвахона бираванд. Дар гӯшае миёни хомӯшии сурудрез нишастанд. Духтар мехост чизе бишнавад, ки дилаш гарм аз зиндагӣ, пур аз умед, лабрез аз ишқ шавад. Чизе бишнавад, ки танҳоиро аз ӯ рабояд. Вале ҷавон банди андешаҳо ва хаёлҳои гарон гоҳо табассум мекарду бас. Вай равшан табассум мекарду духтар нимранг лабханд мезад. Ниҳоят ҷавон пурсид:

– Ту танҳоӣ?

Духтар лаб газид, дар ҳолате, ки дилаш фиғон мекашид, фарёд мезад, туғён мекард. Мехост чизе гӯяд, вале метарсид. Мехост хандад, вале гиря гулӯгираш буд.

– Ман танҳо…

Духтар як қад парид. Дар қаъри дилаш ҳиссе даргирифт, забона зад ва ба рӯяш сурхӣ бахшид, вале забонаш лол буд.

– …Бисёр танҳо, ту мефаҳмӣ, ту ҳеҷ мефаҳмӣ, ки танҳоӣ

чист? Оё метавонӣ маро аз ин вартаи пурдаҳшат бираҳонӣ? Хоҳиш мекунам…

Духтар дар фарёдҳо хомӯш монд. Вале нигоҳаш, нигоҳи маҳзуну пурумедаш, чеҳраи андаке паридарангу лабҳои ба ҳам фишурдааш ҷавоби ин суолро медоданд.

Онҳо пас ба тамошои нигористон рафтанд. Он ҷо чанде аз асарҳои ҷавон низ дар намоиш буд. Мусаввараe аз ӯ ба духтар писанд омад ва наздаш хело истод. Он ҷо манзараи деҳ акс ёфта буд, деҳи туманпӯшу ором. Вале аз ин оромӣ нидои зиндагӣ ба гӯш мерасид. Нидое, ки омехтаи шукру гилаҳост, нидое, ки дар дил дарди ширине, шодии хоболуде, ёди гуворое бедор месозад.

Навҷавоне борхалта ба даст хаёлолуд сари роҳи калон меистад. Дар дуриҳо нӯги манораҳои баланду боми хонаҳои бисёрошёнаи шаҳр намудор, ки нигоҳи навҷавон бар онҳост. Дуди ғализу сиёҳ аз дудбарое фаввора мезанад…

Дар пас деҳ. Деҳи меғпӯш сукут меварзад. Вай мисоли мӯйсафедест, ки роҳи фарзанди дуррафтаи худро бурдборона интизорӣ мекашад. Дар теппае, духтараки кӯзабадаст лаби чашма, чашм сӯи навҷавон медӯзад ва бехабар аз он, ки оби кӯзааш резон аст…

– Ман танҳоям, мефаҳмӣ, танҳо, – такрор кард ҷавон дами хайрухуш.

Ин суханҳо, ки ҳамсадои дилаш буданд, духтарро ба ӯ наздик оварданд.

Ва ҳамин ду сухан дар рӯзҳо, ҳафтаҳо ва моҳҳои баъдина духтарро гоҳ ба олами орзуҳои осмонӣ парвозӣ мекарду гоҳ ба дунёи навмедиву алам раҳнамун месохт. Аз ин рӯ, вай мекӯшид ҳамеша дар ҳаракат бошад, худро ба коре андармон созад, то ихтиёр аз дасташ наравад, то фурсате наёбад, ки ӯро ба хотир оварад, то алам гулӯгираш нашавад, то танҳоии худро тарк накунад. Ворастан мехост аз банде, ки дилаш ба ӯ ато карда буд, вале беҳуда, ки беҳуда. Ӯ мусофири танҳо аз раҳгуми раҳи пурпечу хами дили худ гашта, дар ин раҳ мисоли абр гаҳе ашк мерехту гаҳе мисоли хуршед механдид. Ба гули ишқе, ки дар жарфои дилаш бишкуфта буд, даст дароз мекард, вале намерасид, ки намерасид.

Духтар сахт ошиқ шуд. Вале тамоми умри дар назар тӯлониаш ба ҳамаи ин механдид. Шояд намефаҳмид, шояд намедонист, шояд ягон бор ошиқ нашуда буд. Ба ҳар ҳол вай

озодиро аз ҳама боло мегузошт ва дар пиндораш ошиқӣ мустақилияти ӯро халалдор месохт. Ва алъон миёни андешаҳои дарҳам-барҳам, дар дил дарди ширину ноошное, намехост ҳатто ба худ иқрор кунад, ки ошиқ шудааст, аз ин рӯ, пичиррос мезад: Худро бояд даст гирифт, худро бояд даст…

Вале боз баъзан шабҳои пурситора лаби айвонаш нишаста ба қаъри торикии мулоиму кабудчаранг назар медӯхту аспи сафедро медид. Ва аз он, чи хеле ки дар афсонаҳои бибияш буд, хоҳиш мекард, ки дӯстдорашро биёварад. Аспи сафед гӯш ба ӯ дода пас мерафт. Вай шиҳакашон, шиҳакашон, майдаҳамвор тарафи уфуқ медавиду медавиду медавид. Пеши назари духтар ёлу думи аспи сафед торафт дарозу зарҳалӣ шуда дар домани уфуқ ноаён ба қурси офтоб бадал мегашт…

Тобистон рафт. Тирамоҳи пурборон гузашт. Зимистон омад. Барф рехт. Барфҳо об шуданд. Дили духтар ҳам. Ҷавон ҳанӯз ҷониби вай нигоҳ мекард. Нигоҳаш ҳарчанд ҷиддӣ буд, дар худ меҳрубоние ниҳон медошт. Нигоҳ мекард, вале чизе намегуфт, чизе намегуфт, вале нигоҳ мекард…

Барои духтар замони интихоб буд. Ба ӯ гулҳо меоварданд, гулҳои садбарг, савсан, наргис… Духтар бошад, мехост танҳо ҳамон ҷавон барояш гул, чинигулҳои сурх биёварад. Вай, ки акнун соҳиби аспи сафед буд, ҳар шаб аз ӯ хоҳиш мекард, ки аз ҳар ҷое бошад, ба ҳар роҳе бошад, дӯстдорашро биёварад. Ва аспи сафед гӯш ба ӯ дода шиҳакашон, шиҳакашон, майдаҳамвор тарафи уфуқ медавиду медавиду медавид. Ва пеши назари духтар ёлу думаш торафт дарозу зарҳалӣ шуда, дар домани уфуқ ноаён ба қурси офтоб бадал мегашт…

Рӯзҳои духтар миёни навмедиву умед мегузаштанд. Гоҳо вай наметавонист ғаму шодияшро дар худ ғунҷонад ва илоҷ меҷуст. Мехост аз ин вартаи номуайянӣ якбора халос хӯрад, бигзор вай талх бошад, бигзор варо ҳатто то бистари марг барад. Вале чӣ сон? Худ раваду гӯяд? Чиро гӯяд? Оё метавон онро ба забон овард, оё метавон онро тасвир кард? Шояд ба гуфтани он тамоми умр кӯтоҳ аст? Шояд як нигоҳ кифоя бошад, ки варо бифаҳмӣ ё бифаҳмонӣ…

Духтар ниҳоят ёд овард, ки замони дар деҳ буданаш фол мекушод. Сафедори пири лаби ҳавзи деҳ, лонаи лаклакҳо, зоғчаҳои сари шохаҳои бебарги он… Саҳаргоҳон вай болои бом баромада пичиррос мезад: агар лаклакҳо дар хонаашон

бошанд… Ва бо ҳарос тарафи сафедор менигарист…

Бисёр рӯзҳо фолаш нек мебаромад.Даме, ки зимистон расида лаклакҳо парида мерафтанд, шарти духтар дигар мешуд: зоғакони сари шохаҳои сафедори пир агар ҷуфт бошанд. Ва ӯ бо ҳарос мешумурд: як-ду, се-чор, ҳафт-ҳашт, даҳ… бист…

Аз он рӯзҳо басо солҳо гузашта ва духтар ёди онҳо ба фаромӯшӣ гузошта буд. Акнун дар дилаш боз ҳамон хоҳиш бори дигар бо сафедори пири лаби ҳавзи деҳ фол кушодан хона кард. Вай мефаҳмид, нағз мефаҳмид, ки ҳамаи ин худфиребист, ҳамаи ин ноилоҷист. Вале наметавонист аз дилаш он хоҳишро дур кунад.

Духтар оқибат ба деҳа рафт. Бомдод, даме ки акнун як лаби уфуқ оташ мегирифт, вай болои бом баромаду боҳарос ва боумед тарафи ҳавз нигарист.

Сафедори пирро бурида буданд…

## КЕЛИНИ ШАҲРӢ

Азимҷон баъди хатми институт ба қишлоқ, ба модараш мактуб навишта маълум кард, ки ӯ хонадор шуданист. Ба ин муносибат модару тағоиашро барои маслиҳат ба шаҳр даъват намуд.

Марҳамат-хола баробари шунидани ин хабар як лаҳза карахт шуд. Дилаш чӯкида рафт. «Духтараки шаҳрӣ ба қишлоқ келин шуда метавонад-мӣ? – аз хаёл гузаронд вай. – Қишлоқ бе молу ҳол, кори саҳро намешавад. Духтарони шаҳрӣ ба ин корҳо одат накардаанд. Охир дар қишлоқамон ҳам духтарони ҳуснашон расо, хондагӣ, меҳнатӣ кам набуданд-ку». Чанд нафари онҳоро Марҳамат-хола таги чашм карда мондааст. Орзу дошт, ки фарзанди ягонаашро бо духтари ягон оилаи баобрӯй хонадор кунаду хуб орзую ҳавасашро бинад, охир вай ӯро бепадар калон кардааст. Эҳ, бачаҳо дили очаро аз куҷо медонанд.

…Марҳамат-хола бо бародараш дар шаҳр ҳамагӣ чор рӯз истоданд ва якбора маслиҳати тӯйро пазонда омаданд. Аслан Марҳамат-хола дар ин кор он қадар роли дурусте набозид. Гапро бародараш пазонд. Қарор доданд, ки тӯйро ҳафтаи оянда, рӯзи шанбе дар қишлоқ мегузаронанд.

Баробари аз шаҳр омадан Марҳамат-хола аз бригадир барои даҳ рӯз иҷозат гирифт, то ки ба маърака тайёрӣ бинад, нағзакак тӯйро гузаронад. Ҳаққу ҳамсояҳо, хешу табор, ёру дӯстон хабари тӯйро шунида, ба хизмат шитофтанд. Аз кор дида гап зиёд шуда рафт. Дар қишлоқ овозаи «келини шаҳрӣ» тез паҳн шуд. Ҳар кас фикри худро ҳар хел баён мекард. Ҳамсояи девордармиёни хола – Соҷидабахшӣ шабона хилват карда даромаду аввал нағзакак муборакбод кард ва баъд яку якбора ба гилаю мазаммат гузашт.

– Мурам, ҳамсоя, наход як умр ҳамсоя бошему Азимҷон писари худам барин бошаду аз ман келин карданатона руст кунед? Ҳамин хел аз шаҳр келин мекардагӣ будед, як даҳон манба намегӯед, маслиҳат намекунед? Охир, шумоба ҳамсояи ганда набудам-ку!

– Ин хел нагӯед, ҳамсоя, худашро сафед карданӣ шуд Марҳамат-хола. – Ман ҳамтуякак аз Азимҷонам хабар гирифта биёям гуфта мондам. Маслиҳати худашон пухтагӣ будааст. Якдигарашонба маъқул будиянд. Ман чӣ ҳам мегуфтам. Тағояш ҳама гапро пазонданд.

– Оббо! Афсӯс, афсӯс, Марҳаматбону! Ҳоло ҳам шумо хом будед-дия! Як кам панҷоҳба даромадеду ҳоли ҳам мазетон не. Охир, одам бачая майлашба мемонад-мӣ? Бача бача – дия, сари шохашба зада наистед, чи корҳое намекунад. Охир нағз дида бошад, маъқул карда бошад, майлаш. Лекин акнун, ки мактабаша тамом кард, вай «нағзбинакаша» партофта биёяд буд. Қишлоқба бе нағзбинак ҳам мешад. Сонӣ, охир, вай духтарҳои шаҳрӣ келини қишлоқ не. Як – ду рӯз мешинанду баъд… Келини Собирҷона-ку худатон дидед, ҳамагӣ ду ҳафта истод. Баъд «зиқ шудам» – гуфта баромада рафт. Аз гову гӯсола тарсида ба лабонаш табхол баромад. Оббо, як бор маслиҳат накардед-дия».

Соҷидабахшӣ дили холаро сип-сиёҳ карда хеста рафт.

Ҳамон шаб хоби хола то рӯз набурд. Дилашро гумонҳои бад панҷа мезад. Худро маломат мекард. Вале ҳарчанд фикр кунад, илоҷи пешгирии тӯйро намеёфт. Сараш аз андешаҳо гаранг гашт. Вале чароғаке як тарафи дилашро равшан мекард. Ин чароғ ақли Азимҷон буд. Хола аз писараш дили пур дошт. Бинобар ба тӯй тайёрӣ дидан гирифт.

Рӯзи «кӯрпакашон», ки занҳо ҷамъ шуда буданд, Соҷидабахшӣ даромада «кароматҳ» худро такрор кард. Ин

«кароматӣ» ба тамоми қишлоқ паҳн шуд. Ҳатто баъзе занҳо дар саҳро пешакӣ ба ҳоли Марҳамат-хола месӯхтанд, ки яккаю ягона писараш ба зани дурусте муносиб нашуд.

То рӯзи тӯй Марҳамат-хола чанд бор бо бародараш тез шуда, оби чашм карда гирифт.

Рӯзи тӯй ҳам расид. Як рӯз пештар Азимҷон бо ҳамкурсонаш даромада омад. Ҳавлӣ якбора ранги дигар гирифт. Овози ханда, суруд, ҳазлу шӯхӣ канда намешуд. Шаввозҳо аз клуби қишлоқ мизу курсӣ оварда, чунон ҳавлиро оро доданд, ки Марҳамат-хола манзили худашро қариб буд нашиносад.

Ба дилаш равшанӣ даромад. Хусусан духтарҳои парирӯю шӯх, ки гирд-гирди хола гирдопалак шуда, келинашро ба осмони ҳафтум мебароварданд, ба назари Марҳамат-хола гарм метофтанд. Хола андак таскин ёфт. «Хайр, келини ман ҳам қатори ҳаминҳо-дия», хаёл мекард вай.

Рӯзи тӯй пагоҳии барвақт хешовандони келин расида омаданд. Бригадир сардорӣ кард. Ба ҳурмати Марҳамат-хола шахсони баобрӯи деҳа омада, дар тӯй иштирок карданд. Як тӯи ботартибу чор кас медидагӣ шуд. Шаби тӯй Марҳамат-хола ба домоду келини ороста нигариста, аз шодӣ чанд бор оби чашм кард.

Тӯй гузашт. Хешовандони келин, ҳамкурсони Азимҷон рафтанд. Падару модари келин ҳам, рӯзи дуюми баъди тӯй боз омаданро ваъда карда рафтанд. Лекин равуои занҳои қишлоқ кам нашуда буд. Муборакбодгӯён, келинбинҳо 2-3 нафарӣ паси ҳам омада мерафтанд.

Келин бошад, ба нею нестони Марҳамат-хола нигоҳ накарда, ба меҳмонҳо хӯрок мепухт, дегу табақ мешуст, меғундошт, мерӯфт. Хушодоб, чобуку чаққон буд. Меҳмонҳои омадагӣ ҳам, Соҷидабахшӣ ҳам, ки аз рӯзи тӯй ин тараф доим дар ҳавлии Азимҷонино буд, ба келин, рафтори озодонаи вай мафтун мешуданду «чашм нарасад илоҳо, охираш ба хайр шавад» мегуфтанд. Ҳатто рӯзи гузашта баъди рафтани меҳмонҳо Соҷидабахшӣ аз хонааш як даста ҳазориспанд оварда дуд кунонд ва ба сару рӯи келин шамол дод. Сабоҳат аз ин кори кампир завқ карда хандид. Соҷидабахшӣ бошад:

– Ҳа, келинпошо, чашми одамизод санга кафондааст. Аз чашми бад ҳазар, – гуфта насиҳат карда монд. Лекин ба

Марҳамат-хола чизе намегуфт. Чашмонашро мегурезонд.

Рӯзи панҷуми баъди тӯй бригадир пагоҳии барвақт Марҳамат-холаро ҷеғ зад. Онҳо дар таги дарвоза гуфтугӯ карданд. Сабоҳат, ки ин дам ба рӯфтурӯб машғул буд, шунид, ки хушдоманаш мегӯяд:

– Ҳеҷ илоҷам нест. Келин нав. Омаду рафти меҳмонҳо канда нашудааст. Ман чи хел меҳмонҳоя ба келини нав партофта равам. Келин ҳоло ба хона озмуд нашудааст. Боз зиқ нашавад, духтари шаҳрӣ-да. Хайр, як ҳафтаи дигар истам... Мефаҳмам, ки айни долу зарби кор...

Баъди ношто Сабоҳат аз пушти хушдоманаш ба хона даромад. Хола ҳис кард, ки келинаш ба ӯ гап дорад ва худаш гапро кушод.

– Сабоҳатхон, гардам келинҷон, мабодо-ку зиқ нашудед? Ман ба Азимҷон мегӯям, имрӯз шумоя як ба маркази район барад. Давр зада биёетон.Ҷойҳои мо боз шумоя зиқ накунад.

– Чиҳо мегӯед, модарҷон! Наход ман зиқ шуда бошам. Ҳамин хел қишлоқи зебо... Як тараф дарё, як тараф кӯҳ. Шумо агар хоҳед, ба коратон баромадан гиред. Ман меҳмонҳоя худам нағзакак гусел мекунам. Азимҷон ҳастанд, ёрӣ медиҳанд. Ба назди меҳмонҳо Соҷида-холаро ҷеғ мезанем. Наход дукасаю секаса шуда меҳмон гусел карда натавонем, – хандида гуфт Сабоҳат. Ғайр аз ин мардум чӣ мегӯянд, келинаш аз ӯҳдаи кор ҳам намебарояд гуфтанашон мумкин. Ману Азимҷон як моҳи расо дар рухсатӣ, 7-8 рӯз гузарад, ман ҳам ба саҳро, ба ёрӣ баромаданам мумкин.

Марҳамат-хола каме дудила шуд, вале дид, ки келинаш аз таҳти дил мегӯяд, либоси кориашро пӯшида ба кор рафт. «Ба кори саҳро, ба ёрӣ меравам» гуфтани келинаш ба назараш аҷиб намуд.

Бегоҳӣ, вақте ки Марҳамат-хола аз кор баргашт, ҳавлӣ об зада рӯфта шуда буд. Ба назари хола чунин намуд, ки гӯё ҳавлӣ меҳмононро интизор бошад.

Дар рӯи ҳавлӣ келин наменамуд. Азимҷон дар лаби ҷӯй дасту рӯй мешуст. «Келин монда шуда дар хонааш дам гирифта истодагист» – хаёл кард хола.

Ӯ аввал хост як гову гӯсолаашро хабар гирад, баъд либосашро иваз кунаду аз келин ҳолпурсӣ карда, хӯроке пазад. Бо ин хаёл ба оғил наздик шуда дарро кушоду якбора ба ҳайрат монд. Келин мӯяшро ба сараш чамбар карда, ба пешаш сатил

гузошта, шир медӯшид. Аз байни кафи дастони сап-сафеду нозуки вай шир бо як маром ба сатил мерехт ва кафк мезад.

– Вой манак-мурам, келинҷон! Находӣ шумо гов ҷӯшед? Говҷӯшӣ кори шумо не, – Марҳамат-хола бо таҳайюр хитоб кард.

– Чӣ шудааст? Ман худам ширдӯширо дӯст медорам. Хусусан садои рехтани ширро намегӯед. Акнун нигоҳубини гову гӯсола, ширдӯширо ба ман месупоред, – хандид келин.

– Истед, ки шумо ширдӯширо дар куҷо омӯхтед? – ҳайрон шуда пурсид хола.

– Вақти дар мактаби миёна хонданамон гоҳ-гоҳ ҳамроҳи дугонаҳоям ба фермаи колхозҳои назди шаҳр рафта, ба кори говдӯшҳо ёрӣ медодем. Говдӯширо дар ҳамон ҷо омӯхта будам. Биёед, ин гапҳоро сонитар мегӯем. Ман ним соат шуд, ки ошро дам карда будам, боз ланҷ нашавад, гӯён Собоҳат сатили пури ширро бардошта аз ҷой хест.

Дар чашмони Марҳамат-хола ашк ҳалқа заду «аз келини шаҳриям гардам» – гӯён рафта Сабоҳатро ба оғӯш кашид ва аз пешониаш гарм-гарм бӯсид.

## ГУЛПАРАКИ ЗАРИНБОЛ

Духтар интизорӣ мекашид.

Офтоби тирамоҳ ҷониби қуллаҳои кӯҳ мерафт ва ҳамроҳи нурҳои арғувониаш садоҳои гӯё ва рангҳои равшани боғаки атрофи кӯлро низ бо худ мебурд. Аз он ҷо, аз дуриҳои дур, аз баландиҳои баланди пушти қуллаҳо абрҳои сиёҳ пеш меомаданд.

Ба димоғ бӯи борон мерасид.

Духтар ба канори харак нишаста, аз резамавҷҳои бешумори сатҳи кӯл чашм намеканд. Аз ҷояш ҳам намеҷунбид, гӯё ки ба шикваи баргҳои хазон гӯш медод. Вай он қадар зебо набуд. Миёнақад, сабзина, тиразулф. Фақат чашмонаш андаке зебо, аниқтараш зебо, дилрабо, сип-сиёҳ ва боз.. сеҳрангез!

Ба як дидан вай духтари ниҳоят ором метофт. Аммо кас дурусттар назар дӯзад, пай мебурд, ки зери он оромӣ қуввае ниҳон аст, ки ҳамвора шӯридан мехоҳад.

Вай ҳафтае ду-се бор баъди пешин ба ҳамин ҷо омада, дар

боғаки атрофи кӯл сайру гашт мекард. Соатҳо аз назди кӯдакони арғунчакпару чархофалаксавор дур намерафт. Ва ҳамин ки пиразани айнакӣ бо набераякаш – духтарчаи лӯндаи сиёҳчашмак пайдо мешуд, рафта аз онҳо ҳолу аҳвол мепурсид. Ба духтарча чун тӯҳфа конфет, китобча ё гулаке дода, сонӣ ҳамроҳи ӯ ҷониби хараки лаби кӯл равона мегашт. Он ҷо менишасту ба ӯ афсонаи дӯстдоштаашро дар бораи кампираки накӯкору гулпараки заринбол мегуфт.

Гулпараки заринбол…

Ин воқеа, ки оқибат афсонаи ширин шуд, як рӯзи баҳорон рӯй дода буд…

Баъди он ки офтоб ба пушти қуллаҳо рафт, духтар аз ҷояш хест. Пиразани айнакӣ бо набераякаш – духтарчаи лӯндаи сиёҳчашмак имрӯз наомад. Шояд шамол кашида бошад, худ ба худ гуфт вай, онҳо чунон нозук, ки!.. Ва ногаҳон дар лабонаш табассум гул карду тез-тез қадам монда, тарафи истгоҳ равон шуд. Ӯ ин дам аз дил мегузаронд, ки духтарча пагоҳ ва ё рӯзи дигар ҳамроҳи бибияки меҳрубонаш меояд, албатта, меояд…

Духтар дар ин шаҳри пурсавдову пурғавғо танҳо мезист, вале дар ин хусус ба ҳеҷ кас лаб намекушод, ҳасрат намекард. Баръакс мекӯшид вонамояд, ки аз ин ҳолаташ, яъне аз танҳоиаш парво надорад. Дар ҳақиқат ҳам, ба зиндагии орому хобмонандаш меҳре дошт. Вай баъзан чунон беҳавсала, безавқ ва бефарқ мешуд, ки гӯё кампири садсола буд. Дар зиндагӣ ба сари одам чӣ савдоҳое, ки меоянд! Ӯ ба тақдир гӯё тан дода, рӯзҳоро хомӯшу ноаён аз сар мегузаронд. Аз ҷавононе, ки майли ошноӣ доштанд, мегурехт…

Фақат баъди он воқеае ки як рӯзи баҳорон рӯй дода, барои рӯзҳои тираю шикваолудаш гулпараки заринболро ато кард, вай аз худ ҳамвора мепурсид: чаро, чаро?.. Ва ҳамин пурсишҳо ба оромии сарди зиндагии ӯ халал мерасонданд…

Вай дар як деҳаи хурди байни кӯҳҳо ба дунё омад. Он деҳа аз ин шаҳр дур ва хеле кӯчаку хомӯш ҳам будааст, ки духтар инро баъдтар фаҳмид. Ӯ соле як бор ба он ҷо падару модари пирашро хабаргирӣ мерафт ва зуд бармегашт. Кӯшиш мекард деҳаашро кам ба ёд орад, дар борааш кам гап занад, вале наметавонист.

Духтар айёми наврасӣ ба як ҳамдеҳааш ошиқ шуд. Меҳроҷ ҳам дӯст медошт ӯро. Онҳо мисли ошиқони филмҳову

китобҳо дар сари чашма ё сояи кокулони бед, дар лаби дарёча ва ё чакалакзорони канори деҳ мулоқот намекарданд. Бе ҳеҷ вохӯрӣ, бе ҳеҷ гуфтугузор ҳамдигарро дӯст медоштанд.

Вақти таҳсил дар мактаби олӣ (Меҳроҷ дар шаҳри дигар мехонд) духтар аз ӯ мактубҳои ошиқона мегирифт. Ин таронаҳои муҳаббат, ин тӯморҳои ишқ рӯзҳои ӯро пур аз умедҳои наҷиб мекарданд. Гоҳо Меҳроҷ меомад ва онҳо дар гулгашту хиёбонҳои шаҳр зери шуои ширранги моҳтоб соатҳо сайр карда, суханҳое мегуфтанд, ки ҳама нишони меҳр буданд. Дар он айёми босаодат духтар худро хушбахт меҳисобид. Ба оина назар дӯхта, чеҳраи ботароват ва чашмони пур аз шавқу шодиашро медиду худ аз худ табассум мекард. Қоматаш ҳам гӯё болотар гашта буд. Вале он вақтҳо ӯ хушбахт буд ва ҳеҷ гоҳ намеандешид, ки дар зиндагӣ бахту бадбахтӣ гоҳо паҳлӯи ҳамдигаранд, байни онҳо баъзан як қадам роҳ асту бас.

Вале баъдтар, дар шаҳри дигар Меҳроҷ бастаи шавқу ҳаваси нав шуд. Ӯро духтараке шефтаи худ карда, майлу рағбаташро батамом бурд. Чун ба духтар хабари зангирии маҳбубаш расид, бовар накард. Фақат хандид… баъд хомӯш монд. Вай ба маънии он чи ки рӯй дода буд, сарфаҳм мерафт, аммо ба ҳақиқат тан намедод. Шояд аз худфиребӣ, балки аз нотавонӣ…

Фақат як саҳар, даме ки дар истгоҳи хурди пурчанги деҳа ногаҳон Меҳроҷро ҳамроҳи зани малламӯи фирӯзачашме дид, фаҳмид, ки… Вале вай ниҳоят ба воқеаи рӯйдода ва ҳоли худаш сарфаҳм рафт. Дигар дар лабонаш хандаи худбоварона пайдо нагашт. Аммо аз қаъри дилаш дарди то ҳол ноаёне рӯй гирифта, як чакра ашки сард ба рӯяш лағжид…

Духтар баъди ин аз гузашти рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо бехабар мезист. Вай чизеро интизорӣ мекашид. Шояд интизор буд, ки рӯзе Меҳроҷ омада, ҳамааш асли қадим мешавад? Не, ӯ инро намехост, намехосту интизорӣ мекашид.

Духтар аз ҷумлаи онҳое буд, ки ҳар гуна ғаму дардро бурдборона аз сар мегузаронанд. Фақат фикри он ки танҳосту дар ин синну сол ҳанӯз сарҳисоби зиндагиашро наёфтааст, ӯро азоб медод. Вай фикр карда – фикр карда, оқибат ба хулосае омад, ки аз афташ, сарнавишташ ҳамин будааст. Агар не, барои кадом гуноҳаш зиндагӣ ба ӯ ҷазои муҳаббатро раво дид?

Хислати вай оҳиста-оҳиста тағйир меёфт – торафт дамдузду одамгурез мешуд. Вақти холияшро ба ёди он рӯзҳое мегузаронд, ки дар шаҳри дур хушбахт буд, бо ёди он шабҳое мегузаронд, ки зери шуои ширранги моҳтоб бо Меҳроҷ сайругашт мекард. Он ёдҳои гуворо, он хотираҳои аламолуд гоҳо чунон зинда мегаштанд, ки…Духтар алам мекашид. Аз он ки ӯро танҳо гузоштаанду акнун наметавонад ба осмони пурситора, ба моҳи мунир ва ҳатто ба гулаки аввалин, ки дар рӯи ҳавлиашон шукуфтааст, беҳасрат нигарад. Ин буд, ки аз ҳар зебоӣ, аз ҳар садои хуш мекебид, метарсид. Ӯ аз ёди гузашта, гузаштае ки барояш Меҳроҷро надод, мегурехт, бо вуҷуди ин наметавонист ба оянда умед бандад. Чи лозимояндае ки дар он ту набошӣ, чи лозим орзуе ки маро ба ту нарасонад, мегуфт вай хаёлан ба Меҳроҷ ва дилаш аз ғалаёни ҳасрат ба дард меомад. Ва дар он хомӯшиҳо аз худ мепурсид, ки аслаш одам барои чӣ зиндагӣ мекунад? Чаро ба дунё меояд? Оё меарзад, ки ин қадар бор бар дӯш аз паи орзуҳо давад?

Духтар баъди андешаҳои бисёр фаҳмид, ки худро ба дасти ғам додан аз беҳунариву заифӣ зиёда чизе нест. Бояд зист, ин ҳақиқати одист, ин амри нонавиштаи ҳаёт аст… Вай бо баҳонаи аз паи илм шудан ба шаҳре кӯчид, ки замоне дар он ҷо шоду масрур буд.

Ӯ дар шаҳр рӯз то рӯз фориғу бепарво шуда, ба як духтари аҷиб табдил ёфт. Вақти холиашро дар кӯча, магазин ва кинову театрҳо мегузаронд. Ба худ либосе мехарид ва ё медӯзонд. Бегоҳиҳо, пас аз кор дар ошхона соатҳо овора шуда, хӯрок мепухт ва соҳибхонаро, ки кампираки қадпасти камгап буд, ҷеғ зада, то нимаҳои шаб менишаст. Вале ӯ ҳама ин корро на аз рӯи шавқу завқ ба ҷо меовард – бо ин гӯё вай аз худаш мегурехт, аз эҳсоси холигии дилу дунёяш метарсид, аз ташвишҳои бофта баровардааш паноҳ меҷуст. Духтари аз ёду ғами ишқи бебарор ба тангомада мехост тезтар ҳамаашро ба фаромӯшӣ гузорад. Вале баъзан гӯё сабраш ба бод мерафту дигар наметавонист худро фиребад. Он гоҳ аз ниҳодаш фарёди бесадое берун шуда, маълум набуд аз кӣ, – илтиҷо мекард, то ишқашро набаранд, то ӯро танҳо нагузоранд. Вай ба дарди гуворо, аммо вазнин, дарди ишқи бебарор, ки ӯро ба кунҷи танҳоӣ мекашид, дилбастагӣ дошт.

Шабҳо то дер хобаш намебурд ва худро овораи орзуҳо ме-

кард. Орзуҳояш ҳама афсонамонанд буданд, афсонаҳояш ҳама беохир. Вай барои тасаллои дилаш афсона мебофту ҳеҷ наметавонист онро ба хубӣ анҷом диҳад. Вай ҳамроҳи духтараккони нокоми афсонаҳояш ашк рехта, ниҳоят хобаш мебурд…

Вале як рӯзи баҳорон воқеае рӯй дод, ки духтар онро гӯё чанд соли охир интизор буд – як ҳамкораш аз ӯ хоҳиш кард:

– Духтарчаамро оббозӣ дор… модараш дар таваллудхона, худат мефаҳмӣ…

Духтарчаи маҳмадоно ӯро бо хушҳолӣ пешвоз гирифт.

– Хола, ту мана оббозӣ медорӣ? – пурсид вай, дастаконашро ба гардани духтар ҳалқа карда. – Фақат ба чашмам собун назан, ки мегирям.

Духтар ӯро ба оби гарми ташнов даровард. Тани вай чунон нарм ва гарм буд, ки гӯё аз расиши андаке беҷо об мешуд. Духтар ӯро бо эҳтиёт дошта, аз ҳисси ноошное меларзид… Вай сонӣ худро ба даст гирифта, бо як хушнудӣ ба тани духтарча собун зад. Духтарча механдид. Хандаи ҷарангосии ӯ дар сафолакҳои девор акс ёфта, духтарро сархуш мекард: вай ҳамроҳи тифлак механдид, об мепошид, собун мезад, суруд мехонд. Ташнов пури кафки сап-сафед буд, миёни он духтарча механдид. Вай кафки собунро рӯи даст гирифта, пуф мекард, баъзе аз он ҳубобчаҳо дар зери шуои чароғ ҷило дода, муддате ба парвоз меомаданд. Он ҳубобчаҳои парвозӣ ба гулпаракҳои заринбол монанд буданд. Ба гулпаракҳое ки…

Духтар тӯли чанд соли охир худро ин қадар шоду сабукрӯҳ ҳис накарда буд.

Чаро вай он вақт шодӣ дошт? Чӣ ҳиссе дар дилаш бедор шуд? Баъдтар, даме ки ногаҳон сукути аламрези хонаашро хандаи ҷарангосиву овози гарми ба садои зангӯлача монанди духтарча мешикаст, даме ки шабҳои танҳоӣ ба сақф назар дӯхта, намедонист дар чи хусус андешад, ногаҳон хонааш аз гулпаракҳои рангинбол пур шуда дар дилаш орзуҳои ширин медамид, ба ин саволҳо ҷавоб меёфт. Вале ба иқрораш ҳатто дар назди худ шарм медошт…

Духтар акнун шабҳо боз афсона мебофт, вале барои худаш не, барои ҳамон духтарчаи лӯндаи сиёҳчашмак – наберачаи пиразани айнакӣ. Онҳо рӯзе дар назди кӯл тасодуфан вохӯрда, ба ҳам унс гирифта буданд. Ӯ барои духтарча афсонаҳои зиёд гуфтааст, ҳам дар бораи хирсаки лаванду ҳам дар бораи

маймунчаҳои чаққон. Вале афсонаи ин ҳама хубаш дар бораи кампираки накӯкор ва гулпаракҳои заринбол буд, ки такрор ба такрор нақл мекард. Духтарча низ ҳамеша мепурсид:

– Хола, гулпарака гӯй…

– Буд, набуд, – сар мекард духтар, – кампираке буд накӯкор. Кулбаякаш дар сари роҳ буду дари он ҳамеша барои мусофирон кушода. Кампирак ба ташнаҳо об медоду ба гушнаҳо нон. Дар кунҷи сандалияш барои мусофирон ҷой буду оташи дегдонаш ҳамеша фурӯзон.

Рӯзе аз рӯзҳо ҳамин кампирак бемор шуда, сар ба болишт гузошт. Мусофирон омада, об мепурсиданд, нон мепурсиданд. Вай охирин нонашро доду дигар мадораш ҳам намонд, ки ба даст кӯза гирифта барои об сари чашма равад. Ӯ тамоми шаб ғам хӯрд, ки агар мусофире ба хонааш дарояд, ақаллан наметавонад як коса об диҳад. Сари субҳ ҳамин ки хоби кампирак бурд, даричаашро тиқ-тиқ кӯфтанд. Вай берун баромада дид, ки симурғ…

– Симурғи калон буд? – мепурсид духтарча ҳар дафъа.

– Ҳа, симурғи калони калон, ҳар болаш аз ҳамин хараки ману ту нишаста дарозтар, – мегуфт духтар. – Болҳояш боқувват, чашмонаш рахшон, оташ барин…

– Худаш ҳам бачаи Офтоб буд?

– Ҳа, Офтоб бачаашро фиристода буд, ки ба кампираки накӯкор дар рӯзи сахташ ёрӣ расонад. Симурғ ба кампирак гуфт: ҳар чи хоҳӣ бигӯ, иҷро мекунам. Агар хоҳӣ, туро ба мамлакати симу зар мебарам, бою бадавлат мешавӣ. Агар хоҳӣ, ба макони чашмаҳои зиндагии абад мебарам, он гоҳ умри ситораҳоро мебинӣ…

– Не, – гуфт кампирак, – беҳтараш маро ба кишвари гулпаракҳои заринбол бар…

Симурғ ӯро ба рӯи болҳои бақувваташ шинонда, ба кишвари гулпаракҳои заринбол бурд. Кампирак аз он ҷо фақат як дона гулпарак гирифту боз ба пушти симурғ савор шуда, ба кулбааш баргашт. Симурғ ба назди очаи худ – Офтоб парида рафт.

Гулпарак дар кулбаяки кампир ба духтарчаи хушрӯяку чаққон табдил ёфт. Вай дар ҳама кор ба бибияш ёрӣ медоду рӯз то рӯз зеботару меҳрубонтар мешуд. Ниҳоят ӯ чунон духтари соҳибҷамол гардид, ки овозааш ба тамоми олам расид.

Ҷавонони зиёде хостгораш шуданд. Духтар ҷавонмардеро хуш кард, ки аз ҳама ҷасуру бебок ва меҳрубону хоксор буд. Кампирак то охири умр ҳамроҳи онҳо хушу хурсанд зиндагӣ кард…

Ана ҳамин хел афсонаҳо мегуфт духтар.

Вай ҳанӯз дар ин шаҳри пурсавдову пурғавғо танҳост. Аммо шабҳо афсона мебофад – ҳам барои худаш, ҳам барои духтарча…

## РӮЙМОЛЧАИ САРИ ДЕВОР

Айёме буд, ки духтарак ҳар шаб хобҳо медид. Ва бедор мешуду ба шигифт меомад…

Вай хобҳое медид ғарқи нур, аҷоибу ғароиб. Вале ба касе онҳоро ба он соне ки рӯъё мешуданд, зебову рӯшан гуфтан наметавонист. Ҳарчанд ба ҳама гуфтану шодии дилашро бо ҳама дидан мехост, ба он соне ки рӯъё мешуданд, зебову равшан гуфтан наметавонист онҳоро. Аз ин рӯ худ аз худ завқ мебурд. Дилаш лабрези шодиҳо буду забонаш лол.

Айёме буд, ки духтарак ҳар шаб хобҳо медид. Ва бедор мешуду ба шигифт меомад…

Вай шабе осмони бовусъат, бетаг ва каб-кабудро хоб дид. Осмони ғарқи нурро, ки ҷо-ҷо абрҳои сап-сафеду мулоим дошт. Он ҷо, миёни осмони ниливу тӯри нафиси абрҳо селасела мурғакони хушрӯяку хушнамуд ҳам буданд, ки болу пари маҳинашон ба ҳазор ранг ҷило медоду ҷилва мекард. Ӯ наметавонист онҳоро ба кулли мурғаконе монанд кунад, ки то ҳол дида буду мешинохт. Не, не! Онҳо ҳам ба парастуҳои зебову ҳам ба шаҳпаракҳои рангинбол, ҳам ба кафтаракони бозигару ҳам ба қуҳои сафед мемонданд, вале фақат нафистар ва нурполо буданд онҳо.

Оё онҳоянд мурғакони биҳиштӣ, ба худ суол мекард духтарак. Оё онҳоянд мурғакони биҳиштӣ, ки кампираки ҳамсоя – Анорбибӣ дар афсонаҳояш мегӯяду орзуманди дидорашон аст? Ва оё ӯ бибияки афсонагӯ ҳам чунин хобҳо мебинад?

Субҳ медамиду рӯболо дар ҷогаҳаш хобида ҳамин гуна андешаҳо мекард духтарак. Ӯ ин дам мехост, аз очааш, ки аллакай дар сари оташдон ҷунбуҷӯл дошт, аз кампираки ҳамсоя – Анорбибӣ, ки кайҳо ин ҷониб хоҳишу дуоҳояш ба гӯш ме-

расад ва апаи Нозӣ, ки акнун ба хонаи додояш фақат меҳмонӣ меояду дигар ба Дилбар тӯрбофию гулдӯзӣ намеомӯзад ва боз…. ӯ, ки имрӯзҳо кас ақаллан сояашро ҳам намебинад, пурсад, пурсад, ки оё вайҳо ҳам ҳамин гуна хобҳо мебинанд?

Вай ҳамин хел аз хусуси хобҳояш меандешиду ангуште номаълум дари дилашро мекӯфт, шодиҳои ғайбе вуҷудашро меларзонд, зарра ба зарраи ҷонаш нишот медамид.

– Дил, – ин дам чун ҳарвақта овози очаашро мешунавад ӯ.

– Бихез, Дилбараки оча! Айб аст, агар духтари хона…

Айб аст, агар духтари хона то баромади офтоб хоб кунаду ҳавлӣ норӯфта монад. Айб аст, агар овози духтари хоная мардуми кӯча шунаванд. Айб аст, агар духтари хона ҳушу ёдаша ба…

Духтарак ҳамаи инҳоро медонад, садҳо бор, ҳазор бор шунидааст, вале намедонад, намедонад, ки чаро хобҳои аҷоибу ғароиб мебинад. Аз ин рӯ, мехоҳад аз очааш пурсад, пурсад, ки оё ӯ ҳам ҳамин гуна хобҳо мебинад?

– Дилбар, ҷонаки оча! Айб аст, агар…

Худоё, сар шуд! Духтарак ноилоҷ мехезаду назди тиреза меояд ва пардаро як сӯ мекашад. Барф боридааст, барфи калон! Шодии вай як бар даҳ меафзояд. Донаҳои калон-калони барфро не, гӯё кафтараконии сап-сафедро, ки бозикунон рӯи замин мешинанд, мебинад ӯ.

Дар берун ҳаво сард буду барф меборид, вале дили духтарак нарм буду он ҷо баҳор медамид.

Духтарак шип-шип ҷорӯб мекашиду хаёлаш банди хоби шаб маҳин – маҳин табассум мекард. Оҳ, вай ин замон чи қадар мехост, худи ҳозир мавриде ки олам аз нури субҳонӣ мунаввар гаштааст, фазои деҳ яку якбора аз абрҳои шир барин сап-сафеду мулоим ва мурғакони болу парашон нарму нафис пур-пур шавад. Ва онро кулли мардуми деҳ бинанд. Ҳам очааш, ки аз субҳ то шом дар сари оташдон ҷунбидагиаш ҷунбидагӣ, ҳам кампираки ҳамсоя – Анорбибӣ, ки ҳамвора дуо мекунаду дуо, ҳам апаи Нозӣ, ки акнун ба хонаи додояш фақат меҳмонӣ меояду дигар ба Дилбар тӯрбофию гулдӯзӣ намеомӯзад, ҳам… ӯ, ки гӯё як тарафи сандалиро иҷора гирифта бошад, аз ҷояш намеҷунбаду имрӯзҳо кас сояашро ҳам намебинад, бинанд, бинанду… Худоё! Вай бошад болои бом барояду фарёд кашад:

– Ман ҳамаи ин мурғакони аҷоибро дида будам, хоб дида

будам. Ман… ман…

Шодиҳо дар дили духтар он қадар буданд, ки ноғунҷон!

Онҳо ӯро ба боли худ гирифта болои бом мебаранд. Ӯ чор сӯ назар дӯхта боз ба шигифт меояд. Охир, дили вай туғён дораду бедор. Он ҷо баҳор медамад, вале деҳа ҳанӯз зери барф хоб асту дар сукут. Ғайри овози кампираки ҳамсоя Анорбибӣ, ки ба сари Мошон барои қаймоқро лесиданаш дуои бад мерезад, садое шунида намешавад.

Хайр пишаки бечора як бор қаймоқ лесидааст, ҳеҷ гап не. Барои ҳамин ҳам дуои бад?! Тавба! Кампира чашмгуруснагиша бинед! Дили духтарак ба ҳоли Мошони бечора, ки дар сари девор истода лаб мелесаду тарафи ӯ гунаҳкорона менигарад, месӯзад. Дили вай ба ҳоли ҳама чизу ҳама кас месӯхтагӣ шудааст. Вале инро худаш ҳам намедонад.

– Дилбар, ҷонаки оча, укоҳота…

Духтарак медонад, медонад, ки…

Укоҳояшро бедор мекунад, дасту рӯяшонро мешӯяд, либосашонро мепӯшонад, хӯрокашонро мехӯронад. Онҳо тайёр мешаванду қатор ба мактаб, ба боғча: яку дую сею чор…

Вале духтарак намедонад, намедонад, ки чаро хобҳои аҷоибу ғароиб мебинад. Аз ин рӯ аз тифлакон мепурсад, ки оё онҳо ҳам…

Тифлакон бошанд ҳанӯз тифланд ва ин гуна гапҳоро аз куҷо донанд! Онҳо қатор мешаванд сӯи мактаб, сӯи боғча. Очааш бошад аз дами дарвоза садо медиҳад:

– Дил! Дилаки оча, аз обу алафи Ало бохабар бошу ширпазӣ ҳам аз ёдат набарояд. Алови сандалӣ ҳам…

Духтарак медонад, медонад, ки шустан даркор, пухтан зарур, рӯфтан лозим. Вале намедонад, намедонад, ки чаро хобҳои аҷоибу ғароиб мебинад. Аз ин рӯ мехоҳад очааш аз ӯ пурсад:

– Дил, Дилаки оча, ту чӣ хобҳое мебинӣ?

Вай хона мерӯбад, косаву табақ мешӯяд, шир мепазаду дилаш ҳамвора кашол, кашоли гулдӯзӣ. Рӯймолчаи шоҳии сафед он ҷо, дар таҳи кӯрпачаи нав ниҳон. Ба як кунҷакаш гулҳо дӯхтааст вай, гулҳои хушранг. Он ҷо боз акси мурғакеро медӯзад ӯ, акси мурғакеро, ки хоб дидааст. Мехоҳад тамоми шодии дилашро рӯи нақши рӯймолчаҳо резад. Акси он мурғаконро, ки дар хобаш дидааст, дар кунҷаки рӯймолчаҳо дӯзаду гирдашонро тӯр бофад. Рӯймолчаҳояш бешумор ша-

ванду гулҳояш беҳисоб, азони апаи Нозӣ барин. Оё апаи Нозӣ ҳам хобҳои ғалатӣ медид? Оё вай ҳам…?

Апаи Нозӣ аз ин ҷо рафтааст, бо рӯймолчаҳои бешумораш рафтааст ва акнун ба хонаи додояш фақат меҳмонӣ меояду ба Дилбар дигар тӯрбофию гулдӯзӣ намеомӯзад. Аз ин рӯ, духтарак наметавонад худи ҳозир ба ҳавлии онҳо гузараду пурсад. Кӯза гирифта лаби чашма меравад, ки он ҷо духтарони деҳ ҷамъ меоянд. Духтарон, ки қади расо доранду нозанин, байни худ чиҳое мегӯянду механданд ва парвои духтараки ҳайронро надоранд. Пичирросу қаҳ-қаҳаашон дар дили ӯ ҳавасҳое бедор мекунад. Вай мехоҳад ба давраи онон ҳамроҳ шавад, вале ҷуръате намеёбад, худ аз худ шарм медорад. Танҳо аз дур ба қади пурҷилваи онҳо, ба кокулони дарозу парешони онҳо, ба чашмони сиёҳу рахшони онҳо назар медӯзаду сонӣ ба худаш. Ва нохост гармие дар баданаш дамида гунаҳояш лоларанг мешаванду кӯзаашро гирифта ба ҳавлиашон мегурезад. Ҳай мегурезад духтарак!

Муддате назди оина ба худ нигоҳ карда саросема пилтаҳои нӯги кокулонашро мегирад ва онҳоро шона мезанад. Чӣ лозим ҳамин пилтаҳо! Духтарчаҳо барин! Ва боз нӯги кокулони майдабофашро шона зада парешон мекунаду бо ҳаракати зебое онҳоро пушт мепартояд. Мӯйҳои парешони пешонааш гоҳо ба бари рӯйҳои тафсон ва гӯшҳояш фаромада ӯро навозиш мекунанд ва ин ба духтарак хуш меояд.

Айёме буд, ки мӯйҳои парешон ба духтарак мезебид.

– Дил! – вале коҳиш мекард очааш ӯро, – пилтаҳои нӯги кокулота чаро гирифтӣ? Мӯйҳои пешоната ғунча кун! Айб аст, агар духтари хона…

Бечора духтари хона!

Духтарак боз хобҳои зебо медиду бо кокулони паҳну парешон мегашт. Ва дар шигифт буду намедонист аз кӣ пурсад… Магар аз кампираки ҳамсоя – Анорбибӣ?

Кампираки ҳамсоя – Анорбибӣ сӯзану риштаашро сӯе гузошта сари Мошонро, ки рӯзе бо вай сад бор қаҳриву оштӣ мешавад, силакунон мепурсад:

– Рӯймолчаҳоят чандта шуд? Рӯймолчаи дӯхтанӣ дорӣ?

Вай мепурсад, мепурсаду медонад, ки духтарак дигар рӯймолча надорад, ғур-ғуркунон сандуқаки кӯҳнаашро мекушояду бӯғчаҳояшро титу парешон мекунад. Барои духтарак

лахтакҳо ва бирешимҳои ранга мегираду аз ғур-ғур намемонад:

– Чашми очет куҷоя мебинад? Духтараш гулдӯзу вай бехабар. Худоё тавба! Очаҳои ин замона гардам…

Духтарак рӯймолчаву бирешимро мегираду мепурсад, ки оё вай ҳам хобҳои аҷоибу ғароиб мебинад?

– Эҳ, Дилбараки бибӣ! – оҳ мекашаду… механдаду мегӯяд ӯ, – кампирҳо ин хел хобҳо намебинанд. Моҳо аз хоб метарсем.

Кампираки ғалатӣ! Аз хоб метарсидааст!

– Ман бошам хобҳои аҷоибу ғароиб мебинам, – мегӯяду махандаду меболад духтарак ва мепурсад: чаро?

Кампираки ҳамсоя Анорбибӣ ба ӯ бо ҳавас менигараду сари Мошонашро силакунон хомӯш мемонад. Вай медонад, нағз медонад, ки айёми хоббиниву гулдӯзии духтарак расидааст.

Рӯзҳо мегузаранду шабҳо. Духтарак ҳанӯз хобҳои ғалатӣ медиду ба шигифт меомад. Ғарқи орзую хаёлҳои ширин мегашт, онҳоро ба гулҳои рӯймолчаҳояш мерехт. Қоматаш гӯё соат ба соат болову ҳуснаш расо, гунаҳояш алвониву абрӯвонаш сиёҳ, кокулонаш маҳину дароз гашта, пешобағалаш медамиду камарашро дар назар бориктар нишон медод. Ӯ ба оина нигоҳ мекарду ногаҳон аз ҳаёю ғурур меларзид ва аз назди оина мегурехт. Мегурехту меомад боз назди оина. Аз роҳравӣ, аз пухтану аз шустушӯ ва ҳатто аз гапзанӣ ҳаловат мебурду аз ҳама чизу ҳама кас розӣ буду мамнун. Фақат аз як кас, ки ҳатто дар танҳоӣ наметавонист номашро ба забон орад, гоҳ-гоҳе норизо мешуду дар хаёлҳояш бо вай қаҳрӣ мегашт. Атрофу акноф ҳама дар назараш зебо буду бӯи хуше медод.

Очааш бошад, магар ҳамаи инро намедид, ки ҳар субҳу шом чун пештара мефармуд:

– Дилбари оча, бихезу ҳавлӣ бирӯб.

– Ҷонаки оча, ширпазӣ аз ёдат набарояд.

– Косаву табақҳо ношуста намонанд.

– Ҳушу ёдата ба ҷояш мону…

Духтарак бошад ҳамвора хобҳои ғалатӣ медиду ғарқи хаёлҳои ширин ба оина нигоҳ мекард. Нигоҳ мекарду намешинохт худро. Ба шигифт меомаду дилаш моломоли суруд мегашт. Суруд мехонду рӯймолча медӯхт. Рӯймолчаҳояш бешумору гулҳояш беҳисоб шуданд. Яктаи онҳоро, ки шоҳии

сафед буду дар кунҷакаш атргулҳои сурх дошт, шомгоҳон сари девор мегузошт духтарак. Бирешиму лахтакро аз ҳамсояи дасти рост мегирифту рӯймолчаи тайёри гулдӯзиро сари девори ҳамсояи дасти чап мегузошт вай. Субҳгоҳон онро дар ҷояш дида табъаш хира мешуду мегирифт аз сари девор. Табъаш хира мешуд, вале ноумед намегашт. Боз рӯймолча медӯхту суруд мехонд. Ба васфи замини сабзу осмони кабуд, ба васфи офтоби рахшону моҳтоби тобон, ба васфи гулу сабзаҳои хушбӯву мурғакони хушрӯ, ба васфи одамон, одамони меҳрубон буд суруди ӯ.

Ва ин суруд аз хона, аз айвон, аз ҳавлӣ берун рафту боло ва то ба гӯши абрҳо, то ба гӯши офтоб расид. Дили абрҳои сиёҳ аз ин суруд ларзиду об шуд ва борон чун селаи зар рӯи замин фурӯ рехт. Офтоб бошад хушҳолтар шуд, пурнуртар шуд, гармтар шуд. Ва барои духтар, ба деҳи духтар Наврӯзро овард. Барфҳо нарм-нармак об шуданд, аз рӯи замин ҳаври тунуке бархост. Лаб-лаби ҷӯйҳо маҳин-маҳин сабзаҳо дамиданд. Муғҷаҳо дар сари навдаҳо хандаҳои сабз заданд. Парастуи аввалин парида омад. Аз кучое қум-қуми кафтараке ба гӯш мерасид. Ба тоқи айвон мусича хас мекашонду пайваста ку-ку мегуфт. Лаклаки сафеду зебо дар сафедори бобои Ҳофиз пайдо шуд. Дар тори кӯҳ лолаи аввалин шукуфт.

Духтарак бошад, ҳанӯз суруд мехонду суруд мехонд. Акнун кулли мардуми деҳ ҳамроҳи ӯ суруд мехонданд. Ҳатто кампираки ҳамсоя – Анорбибӣ миёни ғур-ғурҳову миёни дуои бадаш дар ҳаққи Мошони бечора суруди қадимае мехонд ва худ аз худ лаб ба майли табассум медод. Шояд ин суруд ба гӯши ҳамсоябача ҳам расид, ки…

Субҳе аз тори кӯҳ лолаи аввалин гум шуду ҷои рӯймолчаи гулдӯзии сари деворро гирифт.

## АФСОНАИ ТАНҲОЙ

…Ман гӯё мурда будам, вале роҳ мегаштам. Ва ҳам гӯё медонистам, яқин медонистам, ки ин роҳи душвору тӯлонӣ маро сӯи қабристони вайронаву валангор ва пурсукуту тасаллибахше мебарад. Пеши чашмонам тор буду нигоҳи ҷӯяндаам саргардон. Ва ин торикии сеҳрангез маро сӯи хеш мехонд. Ман наметавонистам чизеро дидан, аммо эҳсос мекардам, ки

аз гӯрхонаҳо селаи нигоҳҳое тунду гиро, сарду маҳзун сӯям равонаанд. Онҳо лабрези суол буданду даҳшатнок ва …пурилтиҷо. Маро ваҳм мегирифт. Охир ман ҷавонам, пичиррос мезадам, ба онҳо чӣ хоҳам гуфт аз зиндагӣ?! Худоё! Нолаи бодро мешунидам, ки хиш-хиши хазонҳои рӯи роҳро ҳамроҳ меовард.

Ба пас менигаристам, дилам кашоли ту буд. Баъд ногоҳ… пойҳоям аз замин канда шуда дастонам ба болҳо, болҳои сафеду нарм, нарму сабук бадал шуданд ва оҳанги парвоз карданд. Лаҳзаи охир боз пас нигаристам, он ҷо дастаи нуре дидам рахшанда ба мисли офтоб, он ҷо оташе дидам, ки аз дуриҳо маро месӯхт. Он ҷо Туро дидам. Ин дам фарёде ноошно маро бедор кард…

Чароғҳо гиронанд. Чароғҳои сурху сафед, сабзу нилобӣ, зарду бунафш. Нури хираи ин чароғони садранг синаи тори ин толори пур аз шӯри шабҳои шодмонӣ ва бехудиҳоро дарида ба он асрори дилфишоре мебахшад ва ман ҳамин ҷо нишаста хоби даҳшатбори худро ёд меоварам ва наметавонам аз садоҳо, рангҳо, бӯйҳо ва шодиҳои атроф чизеро амиқу равшан эҳсос кунам. Ин ҷо ҳама механданду меболанду мерақсанд. Гӯё аз Зиндагӣ ҳаққи хеш меситонанд, гӯё ба Зиндагӣ хешро мебахшанд. Чӣ худфиребӣ, чӣ ноилоҷӣ, зери лаб мегӯям ман ва худ ҳам намедонам, ки чаро дар пиндорам ин чунин аст. Шояд таъсири ҳамон хобам аст. Шояд аз он ки ту аз ман дурӣ… Ба ҷои оҳи синасӯз лабханд мезанам. Ҳо, ту аз ман дурӣ. Вале надонам, ки куҷоӣ. Ту дуриву лабхандҳои ман мисли ситорагони кӯчида бе ному нишон мераванд. Ту дуриву нест касе ки лабхандҳои маро мӯҳри абад бизанад, то онон дар осмони умрам ҷовидон бошанду нурпош.

Аз садои хандаҳое мастона, оҳҳое беоташ, пичирросҳое бемеҳр, таърифҳое, табрикҳое бемаъно, ҷарангоси холиву сурурбахши қадаҳҳое булӯр ва аз суруди шӯху тунди ҳофизае бегоназабон сархуш мешавам. Оҳ, ин замон чи қадар мехоҳам лаҳзае ба ин ҳофиза ҳамтарона бошам, то ҳасратҳоям рӯи хок резанд. Мехоҳам таронаҳое хонам ҳавасрез, таронаҳое моломол аз шодиҳои пок. Вале суруди ман, фарёди ман бесадост. Ва ту ҳам мисли ҳазорон, милёнҳо варо нахоҳӣ шунид. Зеро ту дуриву дур, ба мисли ситораҳо аз Замин, ба мисли Хуршед аз Замин. Ва ман медонам: мадори мо гарчи ҷудост, ману ту умре банди кашиши якдигарем.

Миёни ин ҳама шӯру мағал ба гӯшам нидои паст, вале гирои ӯ мерасад, ки маро сӯяш мехонад. Ӯ танҳо аст, ки маро ҳамвора дунболагир аст ва ман ба ҷои ту ба вай дил бастаам. Дар оғӯши сарди ӯ ишқу ҳавасҳои ман паноҳ ёфтаву ях бастаанд. Ӯ маро осудагӣ мебахшад, тасаллӣ медиҳад ва маро ба сӯи Ман мебарад. Ман наметавонам бе ӯ будан, вале ҳар лаҳза аз ӯ гурезонам. Ба мисли он ки аз тақдир гурезонам, ба мисли он ки замоне аз Ту бигрехта будам. Ман ба ҷои ту ба вай дил бастаам. Вале ҳоло варо намехоҳам, ақаллан соате, лаҳзае. Ман худро ба нодонӣ, ба гӯлӣ зада ҳамроҳи ҳама механдам, механдам, механдам (гӯё варо намедида бошам!).

– Беҳуда, ҳамааш беҳуда, – мегӯяд оҳиста, вале боқатъият ӯ.

Ман бошам ба рағмаш баландтар, боз баландтар механдам. Он қадар, ки ранг аз чеҳраам парида, вуҷудам зери мавҷҳои ларза мемонад, ларзаҳое сард. Ман ҳамоно механдам. Ӯ ба ғазаб меояд ва фарёд мекашад:

– Бе-ҳу-да-а-а-а-а!!!

Замину осмон, фаршу сақф, дару девор, шишаву қадаҳҳои булӯр ва ҳатто гӯшвораҳоям акси садо медиҳанд (гӯё онҳо ҳамдилу ҳамфикранд!).

– Беҳуда-а-а-а!!!

– ҳ у да-а-а-а!!

– а-а-а-а!!!

Ман лаҳзае санг мешаваму лаҳзае об. Дар ин лаҳзаҳо, ки ман гоҳ ошуфтаву ҳайронам, гоҳ ночораму хандонам, гоҳ аз худ мешармаму гоҳ меболам ва мефахрам, ту дар чӣ ҳоливу куҷоӣ? Оҳ, ман хаста шудам! Маро аз ин ҳол раҳоӣ мебод! Раҳоӣ мебод!

Ман афсонаи худро оғоз мекунам. Афсонаи ман беанҷом аст. Ту онро нашнидаиву намедонӣ, вале оғозаш Туву анҷомаш Ту хоҳӣ буд… Муддате чашмонам аз нигоҳи сахтгири чашмони беранги ӯ мегурезанд ва Ман ба атроф назар медӯзам. Ва бонувонеро мебинам, бо пероҳанҳои ҳарир ва овезаҳое гаронбаҳо, мӯймиён, маҳинабрӯ, чашмони сурмакашида, пешобағалҳои дамидаву лабони ғарқи табассум бари ҷавонмардони тирқаду хуморнигоҳ механдандy меболанду мерақсанд. Маро низ ҷавоне фарохкитф ба рақс мехонад ва мо қатори ҳама бехуду бохуд механдему меболему мерақсем. Мо

ҳама мерақсем. Дар дили мо дардҳое, шодиҳое, эҳсосҳоест, ки дар гуфторҳо ноғунҷон, аз ин рӯ мо ҳама мерақсем. Дар дили мо фарёдҳоест ташнаи бурун ҷастан, ташнаи фурӯ рафтан, аз ин рӯ, мо ҳама мерақсему мерақсем.

Ман нигоҳи чашмони беранги ӯро гӯё лаҳзае ба фаромӯшӣ гузошта нафаси осуда мекашам. Аммо медонам, ки аз кадом гӯшае маро назорат мекунад. Ҳа, ин яқин аст. Ту варо надидаӣ, ту варо намедонӣ, ӯ ин лаҳзаҳо ҳамеша ба ман писханд мезанад ва мегӯяд: худро мафреб, пушаймон мешавӣ. Вале даме, ки беашку бесадо мегирям, дасти сила бар сарам монда меҳрубониҳо мекунад: ғам махӯр. Зиндагӣ ҳамин аст…

Ҳо, Зиндагӣ ҳамин аст. Ту ҳам инро бояд донӣ…

Ҳамарғуштам – ҷавони фарохкитф дар таърифам мекӯшад:

– Ту хело зебой, мисли лолаи кӯҳ…

Оҳ аз ин таърифҳои бардурӯғ! Оҳ аз ин хушомадҳои якдама!

Вай боз чиҳое мегӯяд ва ман наметавонам дигар худро боздорам:

– Ваҳ, чӣ дурӯғе!

– Бовар намо! Мехоҳӣ бароят аз фалак ситорае орам?!

– Ситора?! – гӯё тааҷҷуб мекунам ман ҳарчанд ки ин сафсатаҳо дилгирам кардаанд. Ва нозкунон мегӯям: – Магар ту инро метавонӣ? Магар ситорагон аз мо ниҳоят дур нестанд? Ва ҳамоно лаб мегазам…

Ҳамарғуштам хусуси ҳусни ман ва ситорагон дурӯғҳои кӯҳна мегӯяд ва ман ба хаёлҳо фурӯравон мерақсам, вале дилгир мешавам. Ва ногоҳ ба чашмони вай назар дӯхта худ аз худ мепурсам: наход гумон мекунад, ки ба гапҳояш бовар дорам? Наход, шумо мардҳо низ афсона мегӯед ва бо ҳамин…

– Ҳо, – посух медиҳад ӯ аз куҷое, – инсонҳо ба ҳам монанданд.

Оҳ аз ӯ! Оҳ аз ту!

Ҳамарғуштам ҳанӯз кӯшиши таърифам дорад. Вале манам кару гунг ва меандешам. Чаро, чаро шабҳои тобистон, даме ки болои суфаи пасти падар зери оҳанги изтироболуди афсонаҳои бибияки содаам чашм ба ситорагон медӯхтам, онҳо ин қадар наздик буданд. Ва дар гумонам андаке қад ёзонидан кифоя буд, ки ҳамон ситораи сеҳрноки бахт рахшону мунаввар рӯи кафат нишинад. Вале ҳоло, ки қадам болосту хонаам низ ошёни ҳафтум, чаро ситорагон ин қадар дуранду

дур? Наход Ситораи Бахт аз ман гурезон аст?

Ҳамарғуштам ҳанӯз… Вале ман ҳақиқатро мехоҳам ва аз ин рӯ бо нозу итоболуд мегӯям:

– Бароям афсонае гӯй!

– Афсона?! Аҷаб хоҳише! Ман афсонае намедонам! Ту худат медонӣ?

– Ҳо, ҳар кас бояд афсонаи худро дошта бошад, вагарна… (Вагарна чӣ?) Панҷаҳоям дар сари китфони ӯ меларзанд.

– Духтари донои вазир Шаҳрзод ба малик Шаҳрбоз баҳри он афсона мегуфт, ки… Ту барои чӣ ва барои кӣ афсона мегӯӣ?

Ман ҳам барои худ ва барои дигарон…

…Ва барои Ту. Вале Ту куҷой?

Ту, худ бехабар, андаруни дили ман, миёни хоҳишҳои саркаш ҷо гаштаӣ. Вале ман куҷоям? Вале ман куҷоям? Дар ин шабҳои зулмониву рӯзҳои нуронӣ куҷоям? Магар маро аз Ту фариштаҳои рӯз ва Малоикаҳои шаб зарра-зарра намебаранд? Ту аз ин биандеш. Ту аз ин биандеш, ки чаро ман ин ҳама шабҳои сияҳдил хобҳои офтобӣ мебинам ва аз ин хобҳо дар зулмати шабонаам баркҳо ҷаҳидаву дар осмони хаёлотам ситорагон медаманд. Чаро дар дили аз ғам печидаи ман ногаҳон шодиҳои пок мерӯянд ва ҷонамро саршори ҳавасҳои бегуноҳ месозанд? Чаро рӯзҳои тираву шикваолудаи ман ногаҳон ғарқи умедҳои заринбол мешаванд? Ту аз ин биандеш, агар қудрате дорӣ, биандеш. Биандеш, ки ҷои дастонат шабҳо дарамро бод мекӯбад ва ман метарсам. Ҷои оташи меҳрафрӯзи чашмонат зулмати шабонамро барқ медарад ва ман меларзам. Ҷои садои хобангезат сукути хонаамро раъд мешиканад ва ман хомӯш мемонам. Чӣ мешавад, ки ту ҳам боре ҷои боду ҷои борон, ҷои барқу ҷои раъди ғуррон маро ёд кунӣ. Дар ин рӯзҳои тираву боронрез, дар ин шабҳои ваҳмолуду васвасаангез ногаҳон маро ёд кунӣ ва ҳавои хонаат моломоли нолаҳои шӯълarезу атри ҳасратҳо бишавад? Ва дилат фарёд кашад? Дилат фарёд кашаду сӯи ман ой. Он гоҳ ман Туро ба деҳаи хаёлии худ хоҳам бурд. Он ҷо дар шоми маҳолуду хомӯшу бесадо рухсораҳоямро бо шодӣ пероста сари худ ба сари синаи ту хоҳам гузошт ва афсонаи беанҷоми худ хоҳам гуфт…

Шаб ба ним расидаву мардум аз ин базми бехудиҳо кашолдил сӯи хонаҳояшон равона гашта. Ман ҳам сӯи хонаи

худ меравам. Маро ҷавони фарохкитф гусел мекунад. Кӯчаҳо чароғонанду равшан ба мисли орзуҳои бачагии ман. Фақат дарчаҳои хонаҳои бисёрошён маҳзун ба кӯча менигаранд, гӯё онҳо чашмони мананд.

Аз нигоҳи дилфишори ӯ паноҳ ҷуста худро миёни мардум мезанам, вале кӯшишҳоям беҳудаанду барбод! Ва ногоҳ дар замини андешаҳоям боз ёди ҳамон шабҳои маҳтобӣ, суфаи пасти падар, афсонаи бибияки содаам хусуси ситораи бахт гул мекунад. Дилам ин дам аз ҳаяҷонҳое нашъабахш лаболаб шуда ҳадде миёни олами ҳастиву рӯъё намемонад. Ва ту ҳам ин ҷой. Ва дарчаҳо ҳам механданд. Ва нигоҳи чашмони беранги ӯ ҳам нопайдост. Оҳ ман ин лаҳзаҳоро чӣ қадар дӯст медорам (Зиёдтар аз Ту). Мехоҳам онҳо бо ман бошанд, то абад, то абад… Вале инҳо ҳама ёданду орзу! Ёди нишотбахшу гуворои гузашта ва орзуҳои поку тӯлонӣ, ки онҳоро танҳо метавон дар афсонаҳои беанҷом ғунҷонд.

Ман ин дам ба ҳоли худ намехандам, намегирям. Зеро медонам (Чӣ доноӣ!) инсон дар ҳама ҳолат, дар ҳама дам хушбахтӣ мехоҳад. Барои ин ӯ ҳаргиз гунаҳкор нест.

Афсонаи ман беанҷом асту ману он ҷавони фарохкитф ба манзилам мерасем. Ёди Ту намегузорад, ки ман варо ба хонаам хонам. Вай дар бари роҳ мемонад. Нигоҳи хоксораш гӯё интизор аст. Вале чиро, киро? Ман инро намедонам. Шояд вай Баҳорро интизор аст. Шояд… Вале ҳанӯз барфҳо об нашудаанд. Ҳанӯз осмон пурабр асту бод нолон, ҳанӯз дар сари кӯҳ лолаҳо надамидаанд, ҳанӯз ба лаби ҷӯй сабзаҳо нарасидаанд. Вай бошад, ба хаёлҳо фурӯ рафта нигарон асту нигарон. Шояд вай бехабар, ки кучое дари хонаи духтар боз асту ҷояш дар дили ӯ холист? Дилам хоҳад, ки ин дам гӯям: бирав, эй ҷавон бо дасти тиҳиву дили пур роҳи хонаи духтар бигир! Он ҷо аз нафасҳоят баҳор дамаду аз лабхандҳоят гулҳо шукуфанд. Бирав, эй ҷавон, бо дасти тиҳиву дили пур қадам бар остони духтар бигузор. Худро ба оғӯши шодиҳо бизан! Он гоҳ Баҳор хоҳад расид, он гоҳ садбаргҳои орзуву ормон хоҳанд шукуфт.

Вале ҷои ҳамаи ин бо лабханди ҳасратолуде пичиррос мезанам: шод бош!

Бигзор шод бошад!

Ёди Ту чун ҳамешагӣ бо ман мемонад. Ва ин дам ногоҳ эҳсос мекунам: агар ёди Ту бо ман аст, ман Маргу Зиндагиро

яксон зебову мукаррам хоҳам дид, онҳоро яксон дӯст хоҳам дошт.

Ӯ меояд, шабосо меояд бо қадамҳое нарму бесадо ва маро ба оғӯши сарди хеш мекашад. Аз нигоҳи чашмони берангаш ба риққат омада бо овозе ларзону сӯзон, овозе монанд ба нолаи наи чӯпон изтироболуд илтиҷо мекунам:

– Лаҳзае маро бигзор ба ҳолам! Рав, хирасарӣ манмо!

Вале ӯ намеравад ва худ ҳам намехоҳам, ки равад. Чашм пӯшида даст медиҳам. Мо меравем. Ин роҳест, ки дар он ман, Ёди Ту ва ӯ ҳамсафарем. Ин роҳест, ки дар аввали он афсонаи ман оғоз ёфтааст. Ин роҳест, ки маро сӯи Ман мебарад. Ва ин роҳ беохир аст, ба мисли афсонаи ман.

## НИМАШАБ

Нимашаб буд.

Касе оҳиста, дурусттараш бо меҳрубонӣ, ду бор дасти нарм (гӯё дасти модарам ё хоҳарам бошад) ба китфам расонду гӯё гуфт: бихез… вале барои чӣ, нафаҳмидам. Бедор шудам ва дарҳол дарк кардам, ки мисли ҳамешагӣ танҳоям. Вале аҷиб ки тарсе ба вуҷудам наёмад. Ҳол он ки хело тарсу ҳастам, ба қавли кампири Анор «дилам чурук шудагӣ».

…Айёми бачагӣ шуҷоътарини бачаҳои деҳ будам. Баъд чунон ба қолаб кашиданд, чунон чорчӯбҳо сохтанд, ки ҳаргиз ҳоли раҳоӣ нест маро аз онҳо.

Нишастаму сари зонуҳоямро ба оғӯш гирифта ҳанӯз пурра бедор нашуда ба худ гуфтам: ҳа, бояд бедор шуд. Охир тамоми зиндагии ман хоб аст, як хоби дуру дарози малолангез…

Шукр, ки мисли пештара хобҳои даҳшатзову вазнин дида арақпахшкарда ва ё саропо сарду нафастанг барнамехезам. Шояд доруҳо кора карданд ва ё муросову мадоро ба дили ман роҳ ёфту тӯфонаки онро мисли кӯдаки дар батни модар мурда бикушт ва маро бо ҳама он чи ки хоҳиши дидану шунидану бардоштанаш нест, хӯ гиронд, оштӣ дод? Ва ба чеҳраам пардаи форигболиву (Фарзона[1] ба ман бигуфт, ки ман бисёр форигболам ва ин форигболӣ ба ман мезебидааст) ба лабҳоям хандаҳои дурӯғин бахшид? Ва маро бечоратарини бечораҳо

[1] Муаззама шоира Фарзонаро дар назар дорад. – Т.Н.

сохт?

Дигар хобам наёмад. Аз хобҳои пештараам якеро ёд кардам. Он вақт ман дар хобгоҳ[1] мавҷудият доштам. Солҳои вазнине буданд бароям он ду сол. Духтаре, ки як умр, як рӯз ҳам дар хобгоҳи студентӣ, ҳатто зиндагӣ накардааст ва бо тамоми қолабу расму русуму анъанаи даркору нодаркор ба воя расидааст, яку якбора (бо хоҳиши худ) аз хонаи акоям ба хобгоҳ кӯчидам. Ҳазор бор пушаймон шуда бошам ҳам, дандон ба дандон монда… Хобҳои даҳшатноке медидам он вақт, албатта на ҳамеша.

Шабе хоб дидам, ки ба саҳни хобгоҳ киҳоеро ҷамъ меовардаанд. Аз тирезаи хонаам, ки торик буд, ба берун менигаристам, бо тарсу ларз албатта ва гумонам, ки ҷанг сар шуда бошад. Вале ба зудӣ фаҳмидам, ки ҷанг не. Боз метарсидам, ки худи ҳозир дари маро мекӯбанд. Чӣ бояд кард? Чиро пинҳон намуд? Ҳеҷ чизи кироие набуд, ғайри як китоб…Онро гирифтаму таги гулдон мондам. Боз чист? Дил, фақат як дил, ки ҳоло куҷо рафтааст, худ ҳам намедонам.

Аз берун садои шарақкоси занҷираҳо ба гӯш мерасид. Саҳни ҳавлӣ оҳиста-оҳиста пур мешуд. Миёни онҳо ман чеҳраҳои ошноро медидам. Ана, яке мухлиси санъати тасвирӣ, мӯйҳояш тунуку то сари китф, агар ба гапзанӣ сар кунад, боздошта наметавонӣ, барояш ғайри санъати тасвирӣ дар дунё чизи дигар нест. Дигараш ҷавони қоматбаланди ришдор, чеҳрахандон ва ҷасур. Вай гап мезаду баъзан мо метарсидем. Ҳамин ҷо ҳам дар пой занҷир бо табассум ба касе чиҳое мегӯяд, ки ба гӯшам намерасад! Он ҷо ҳама рафиқони ман буданд!

Эй вой! Эй вои ман! Он тараф дар кунҷаке ӯ бо ҳамон чеҳраи зебову пурандеша меистод. Паи ҳам сигор мекашиду мисли ҳамеша хомӯш буд.

Ман ба ту нагуфта будам? Мо магар ҳама худ намедонистем? Худро ба дар задам. Дар баста буду калид гум. Боз давида назди тиреза омадам, то бидонам онҳо дар чӣ ҳоланд. Ҳамаро қатор монда ба гарданҳояшон бо симриштаҳо рақамҳои оҳанӣ овехтанд ва ба мошине ки панҷара дошту (дар ин хел мошинҳои панҷарааш баланд пахта мекашонданд) болояш ҳам пӯшида буд, бор карда бурданд. Баъд ман ҳам бо

[1] Муаззама муддате дар хобгоҳи Вазорати фарҳанг зиста буд. – Т.Н.

воситаи балкон оҳиста фуромадам ва рӯймол ба дасту пои луч ҷонибе ки мошин рафта буд, давидам. Медавидаму медавидам, вале ба касе вонамехӯрдам, ки бипурсам: мошин кадом тараф рафт. Ниҳоят касе рӯ ба рӯям омад. Пурсидамаш ҷавоб дод:

– Паси теппаҳо.

Давидам ва ногоҳ ҳис кардам, ки касе ки ба ман ҷавоб дод, рӯй надошт. Тавба! Мутаҳайир пеш медавидам. Ниҳоят ба теппа расидам ва пасаш гузаштам. Он ҷо на мошин буду на рафиқони ман. Фақат ҷо-ҷо сабзаҳо сӯхта хокистар монда буд. Ба хокистар даст расондам. Вай ҳамранги дастонам буд, ногоҳ миёни сабзаҳо чизе ялаққос зад. Бинам, симриштаҳо бо рақамҳояш, ки бар гардани онҳо буд.

Ман онҳоро зуд-зуд, то касе набинад, аз байни сабзаҳои хокистаролуд чидам ва ҳамаашро якҷоя ба гарданам овехтам. Ман аз вазни онҳо гӯё бехабар будам ва якбора ин вазн ба гарданам гаронӣ карду афтидам… аз кат афтидам ва бедор шудам. Дар ҳақиқат арақшор будам ва ду-се рӯз гарданам дард кард…

Шукр ки пештара барин хобҳои ҳавлангезу пурбим намебинам. Шояд доруҳо кора карданд ва ё муросову мадоро ба дили ман роҳ ёфту тӯфонаки онро мисли кӯдаки дар батни модар мурда бикушт ва маро бо он ҳама чиз, ки хоҳиши дидану шунидану бардоштанаш нест, хӯ гиронд, оштӣ дод? Ва ба чеҳраам пардаи фориғболӣ кашиду ба лабҳоям хандаҳои дурӯғин бахшид? Ва ба қавле ба таври худ «пушти по ба бунёди ин дунё задам?»

Вале кист, ки имшаб маро бедор карда?

Маро дигар хоб намебарад. Охир дар воқеъ ҳам тамоми зиндагии ман беш аз хобе набуд.

Вале дар бедорӣ зистан душвор аст. Агар зиндагиро дӯст дорӣ…

## ТАНҲОӢ

Шояд овозае набошад, ки аз овозаи марги инсон зудтар паҳн шавад. Соат қариби ёздаҳи рӯз буд, ки хабари марги нобаҳангоми ҳамкорамон Ҳайдар Остон даррасид. Мо, аксари ҳамкорон, имрӯз пагоҳӣ ӯро дидаву ҳолу аҳвол пурсида бу-

дем. Ҳарвақта барин, рангу рӯяш баҷо, табъаш ҳам гӯё нохуш набуд дар назарамон.

– Як ба вазорат равам, – гуфтааст вай ба бобои Мирраҷаби дарбон соатҳои даҳ, – агар касе пурсад, гӯед: зуд бармегардад.

Аз байн соате гузашт ё нагузашт, ки хабари маргаш дарра-сид. Одам, ки рӯи олам чашм кушод, албатта рӯзе чашм ҳам мепӯшад. Аз азал ҳамин тур аст. Вале то ҳанӯз инсон намета-вонад ба ин воқеа чун фоҷиа нанигарад. Ҳарчанд ҳар кас ме-донад, ки худаш ҳам ҳар рӯз, ҳар соат ба ҳамон сӯй – сӯи адам қадам мемонад.

Дари хонаҳои корӣ зуд-зуд кушодаву пӯшида шуд. Ҳамкорон ҳайратзадаву ошуфта ба саҳни институт фарома-данд ва ба мошинҳо савор шуда паи ҳам ба касалхона раф-танд.

Дар институт ману бобои Мирраҷаби дарбон мондем. Таф-силоти марги Ҳайдар Остонро гӯё медониста бошад, аз ӯ пур-сидам.

– Чӣ медонам, писарам, – бо андӯҳи гарон ҷавоб дод ӯ. – Вақту соаташ расида будааст аз афташ, ки аҷал бурдааст – дия. Тавба, тавба. Саҳарӣ, вазорат меравам, гуфта буд. Тез меоям, гуфта буд. Мегӯянд, ки дар он ҷо корашро ба тезӣ буд карда баромадаасту дар истгоҳ аҳволаш нохост бад шудааст. Дилаш касал будааст, мегӯянд. Лекин раҳматӣ аз ин иллаташ ягон бор шикоят намекард. Духтурро чеғ мезананд. То духтурҳо меоянд, ки аллакай ҷон додааст. Боз ҳар чӣ ҳам на-бошад, ба касалхона бурдаанд.

– Барои чӣ?

– Кӣ медонад? – мани мӯсафеда мепурсиданд, мегуфтам, ки акнун кори шуданӣ шуд, рост ба хонааш бареду аз паи гӯру чӯбаш бошед. Лекин духтурҳо ҳам қонуну қоидаи худа-шона доштагистанд, ман чӣ донам. Ҳайф шуд, сад ҳайф шуд, ҷавон буд. Мегӯянд, ки панҷоҳ сол дошт…

Ман дилгарон ба ҷои корам баргаштам. Вале дигар ҳавсалаю хуши коркунӣ намонда буд. Ба ёдам ходимаи шӯъбаи кадрҳо Лӯъбат расиду наздаш рафтам. Аз афташ ё ҳозир омадааст, ё касе хабар надодааст, ки табъаш болида, суруди хушоҳангеро замзамакунон ба гулҳои кабинеташ об мерехт.

Вақте хабари даргузашти Ҳайдар Остонро ба ӯ расонидам,

якбора ба ҷояш нишаст ва рангу рӯяш канда дастонаш ба ларза даромаданд. Аҳволаш аз ростӣ, маро аз марги Ҳайдар Остон ҳам бештар ба риққат овард. Медонистам, ки гоҳ-гоҳ фишори хунаш баланд мешавад ва ё дилаш мезанад, дарҳол сумкаашро гирифта чанд дору додам.

Вай дору ва пиёлаи обро нӯшиду андаке ба худ омад ва сипас бо алам ҳиқ-ҳиқ ба гиря сар кард. Ман чизе нафаҳмида ва чи кор карданро надониста хомӯш мондам. Бигзор гиряд, дилаш сабук мешавад, – гуфтам ба худ. Ростӣ, ба гиряи занҳо хуш надорам, онҳо баҳуда беҳуда оби дида мерезанд.

Лӯъбат ҳамагӣ панҷ моҳ пеш ба институти мо ба кор омад. Ҷавонзани тозарӯест вай. Қоматбаланд, ҳамеша хандону шукуфон. Аз шавҳараш ҷудо шуда ду фарзандашро худаш тарбия менамуд, вале аз зиндагияш шикояте надошт. Зиндадил буду ҳамеша ҳазлу шӯхӣ мекард. Ман ҳайрон шудам, ки чаро марги Ҳайдар Остон ӯро то ба ин дараҷа андӯҳгин кард. Хайр, ҳама албатта зиқ шудем, лекин чӣ чора… Ҳарчанд ростӣ ба ӯ аксари кормандони коллективи хурди институтамон таваҷҷӯҳи зиёд надоштанд. Зарараш ба ҳеҷ кас нарасад ҳам марди дарундоре менамуд.

Лӯъбат ҳиқ-ҳиқ мегирист.

– Хайр шуд, Лӯъбат, чӣ илоҷ? Мардак панҷоҳ сол умр дидааст, фарзандҳо дорад, корҳои илмиаш чоп шудаанд – ман чӣ гуфтанамро надониста мелаққидам. – Рӯзаш буд шудааст. Ту худатро, дили касалатро эҳтиёт кун, хайр бас акнун, бас.

– Вай танҳо буд, – сӯзону пуралам ашкрезон гуфт Лӯъбат. – Танҳоӣ бори вазнин аст, мардак бардошта натавонист.

– Чӣ хел танҳо? Зан дошт, фарзандҳо дошт. Ба ту кӣ гуфт, ки вай танҳо буд?

– Худаш мегуфт. Вай ошиқи ман буд. Аз рӯзе ки ба ин ҷо ба кор омадам, мардак маро дӯст дошта монд. Чанд бор дар ҳамин ҷо пеши поям ба зону афтид. Худоё! Бечора мардак! Бо овози ларзон мегуфт, ки ошиқат шудам. Ашкрезон мегуфт, ки танҳост. Бо зорӣ мегуфт, ки агар ман ӯро рад кунам, аз танҳоӣ мемирад. Мемираму бехабар мемонед, мегуфт. Гапҳояш пуралам ва самимӣ буданд. Бовар мекардам ба ӯ, чанд тӯҳфа ҳам овард. Якаш ана ин, – гӯён Лӯъбат шишачаи атри хушбӯеро берун овард. Ҳеҷ кас маро ба ин дараҷа сахту самимӣ дӯст надоштааст. Нигоҳаш гувоҳ буданд.

Мегуфт, ки фарзандонаш калон шудаву овораи худанд ва

ӯро дигар ба фаромӯшӣ гузоштаанд… Агар хоҳӣ, аз занам ҷудо мешавам. Ман туро сахт дӯст доштам мегуфту худро пеши пойҳоям мепартофт. Бечора мардак! Танҳоӣ одама мекушад, медонӣ ту ина?! Куҷоя медонӣ? – гуфт Лӯъбат тарафи тиреза нигариста.

– Ту чӣ? Ту чӣ мегуфтӣ?

– Ростӣ, дар дилам нисбати ӯ фақат раҳму дилсӯзӣ пайдо шуда буду бас. Охир, мо занҳои бадбахт мардҳои зеборо дӯст медорем, онҳо сӯзонанд ҳам, моро партофта раванд ҳам, моро хору зор кунанд ҳам, боз дар диламон меҳрашон намемирад. Вай ҳам аз афташ ҳаминро фаҳмид, ҳамеша мекӯшид, ки дигар ба ман эътибор надиҳад. Вале аз афташ наметавонист, ки сабаб ва ё баҳонае ёфта наздам медаромад ва гоҳо занг мезад.

Як ҳафта пеш ҳам вақти корбаро телефон занг зад. Гӯшакро бардоштам, садое наомад, дафъаи дувум низ ҳамчунин шуд. Дафъаи сеюм будааст, гуфт:

– Мемурам, Лӯъбатхон, аз танҳоӣ мемурам.

– Аз танҳоӣ намемиранд, – гуфтам ман хандон-хандон дар ҷавоб, – мана ман намемирам-ку? Танҳоям, вале табъам хуш, озоду ободам.

Вай чизе нагуфта гӯшакро гузошт. Баъди он ду бор дидамаш. Сархам аз пешам гузашта рафт. Гӯё ҳам диду ҳам надид. Дигар ба наздам наомад. Лекин ҳар рӯз занг зада аҳволамро мепурсид. Ман ба ишқ шак овардам, гуноҳ кардам. Варо танҳоӣ кушт. Уболаш маро мегирад. Лӯъбат сарпӯши шишачаи атрро кушода монд. Атрофро бӯи нарми хуше пур кард. Бӯи ишқ, – гуфтам ман.

Лӯъбат аз нав ба гиря сар кард.

## ЯК ШАБИ БОРОНӢ

Саҳар ин ҷониб борон меборид. Борони мӯяк бо як маром мебориду меборид ва касро ба гумоне мебурд, ки гӯё он ҳеҷ басанда намешавад.

Атрофу акноф ҳама нам кашида, аз шохаву танаи дарахтон об метаровид. Баргҳои сабз ҳам маҳзуну хамӯш ашк мерехтанд. Аз бом, дурусттараш аз шифери хонаҳо борони ҷамъшуда чак-чак мерехту андӯҳи дил мефузуд. Аз осмон то

остон ҳама ба худ ранги хокистарӣ гирифта, ба назар тавре мерасид, ки ин ранг ҳаргиз норафтанист.

Ҷавонзан назди тирезаи калон менишаст. Нигоҳаш, нигоҳи ҳасратомезаш ба берун, ба қабати торҳои симгуни борон буду лабонаш, лабони камхунаш ба ҳам фишурда. Болои зонувонаш китобе меистод кушода, гӯё онро мехонда бошад, гоҳо варақ ҳам мегардонд. Боэҳтиёт, бо ангуштони дарози андаке ларзон, нигоҳашро аз берун наканда, гиреҳи абрӯ накушода, лабонашро ба ҳам фишурда хаёлолуд варақ мегардонд. Вай кайҳо боз дар ҳамин ҷо, дар ҳамин ҳол карахту хамӯшу ғамгин менишасту менишаст.

Як даста нур, ки аз шишаҳои тиреза гузашта берун мерехт, аз саҳни ин ҳавлича гӯшаеро равшан мекарду бас. Он ҷо ба ҷуз замини холӣ чизе дигар ба чашм намерасид.

Чанд сол қабл ҳамин ҷо-ҷое ки ҳоло нури кабудчатоби чароғ аз қабати тӯри ҳарир гузашта мерезад, гулҳои хушранги баҳорӣ мешукуфтанд ва чашму дил мерабуданд. Вале имсол замин холӣ буду чун доғи сиёҳ метофт.

Осмони болои сар гирифтаву ақаллан ситораяке, хира-хира бошад ҳам, чашмак намезад, ки инро ҳоло беихтиёр ҷавонзан мехост. Дилаш аз ин хоҳиш бошиддат гум зада гиря гулӯгираш шуд. Борон бошад, бехабар аз хоҳиши вай ором ва ба як маром мебориду меборид ва ҳеҷ не ки дили тиратоби осмон кушода шаваду он ҷо ақаллан ситораяке мижгонҳои нурониашро афшонда тарафи ӯ чашмак занад.

Имсол дар саҳни ҳавлӣ гулҳо намешукуфтанд. Замин холӣ буд. Имшаб болои сар ситорагон намерахшиданд. Осмон торику зулмонӣ буд.

Вай ҷавонзани хушрӯву нозанин, вале ин замон карахту хамӯшу ғамгин, мехост, бисёр мехост рӯяшро тарафи шавҳараш гардонаду чизе гӯяд, ба нимовоз ақаллан гӯяд: ин борони реза, ки саҳар инҷониб мебораду меборад, ончунон ба дилаш задааст, ки!... Ва ин осмони гирифта ҳам, ки дар дилаш ситораяке намерахшад, дигар дилбазан шудааст. Вале ҷуръат намекард. Дар ин лаҳзаҳо барои гуфтани ҳамин як гапаки одӣ ба шавҳараш ҷуръат намекард. Метарсид, ки садояш, суханаш аксе наёфта боз чун ҳарвақта ба қаъри бетаги сукути пурваҳми ин хонадон фурӯ меравад.

Ҷавонзан ҳоло худро миёни ин замини тару сард ва осмони тираву хомӯш танҳои танҳо ҳис мекард ва дар назди тирезаи

калон хамӯш менишаст. Нигоҳаш, нигоҳи ҳасратомезаш ба берун, ба қабати торҳои симгуни борон буду лабонаш, лабони камхунаш ба ҳам фишурда. Болои зонувонаш китобе меистод кушода. Гӯё варо мехонда бошад, гоҳо варақ ҳам мегардонд. Боэҳтиёт, бо ангуштони дарози андаке фишурда, хаёлолуд варақ мегардонд. Вай кайҳо боз дар ҳамин ҷо, дар ҳамин ҳол, карахту хамӯшу ғамгин менишаст. Ва худ ба худ дар дил такрор мекард: шӯи худат бошаду гапатро рӯирост гуфта натавонӣ. Аз дилу нияташ бехабар бошӣ… Ман-ку ба вай дилкашол (ин дами иқроршавӣ алами ҷавонзан ҷӯшида ба худ нафрат мекард) ва аз ин рӯ наметавонам ӯро, хонаро, ҳамин зиндагиамонро, ки ба умеди ояндаи пурсаодат сохта будем, партояму равам. Раваму ба як бор ба ҳамин хомӯшии сарди пурваҳму оқибаташ номаълум хотима гузорам. Ӯ чӣ? Ӯ чӣ мехоҳад? Охир, ӯ метавонад бо як сухан ҳамаашро ҳал кунад. Барои чӣ ошкор намегӯяд?

Аз ин гуна андешаҳои дардомез даруни синааш фарёд медамид, вале онро ба ҷуз худаш касе дигар намешунид.

Як вақтҳо, гӯё аз он рӯзҳо солҳои бешумору беҳисоб гузашта бошанд, бо ҳасрат ёд меовард ҷавонзан, шавҳараш ҳар субҳ гулакеро ба баногӯши ӯ мемонду нарму гарм мебӯсид. Ва он лаҳза олам бӯи борон мекард, дунё пури бахту саодат мегашт. Он вақт борон дигар рангу дигар бӯй дошт. Он вақт дар дунё бахт буду саодат… Дили вай аз ин ёдҳо ҳар дафъа ларзидаву гарм шуда дар чашмонаш ситораҳо мешукуфтанд, ситораҳои обӣ. Ва ин бор ҳам ҷонаш аз аламу орзуҳои муҳол сӯхта, чашмонаш нам гирифтанд.

Дар ин хонаи сукуташ лаболаби фарёдҳои бесадо ҳоло онҳо се тан буданд. Вай, ҷавонзани нозанини дилаш гирифтаю лабонаш баста, шавҳараш – марди хушбуруту хушсурати ҷиддинамову хамӯш, ки мехонаду мехонад ва Худо медонад ки дилу нияташ чист, ҳам духтарчаи сиёҳчашму сиёҳмӯ, ки ин маҳал дар катчааш бехабар аз ҳама гапу кори олам осудаву ором хоб мерафту якмаром нафас мекашид ва ҳамин нафаси сабуки ӯ ба ин хона ҳарорату ҷон мебахшид.

Ҷавонзан аз ҳамин ҳолат, ки моҳҳои охир паёпай, ҳамарӯз рӯй медод, метарсид, ки бо шавҳараш танҳо мемонад. Зеро байнашон сухани гуфтание гӯё намонда буд. Бибии Анор ҳам ба деҳа рафта буду аз афташ дигар хаёли бозгаштан намекард ва дар шаҳр дилтанг шуданашро дар мактубҳо баҳона мео-

вард. Меҳмонҳо ҳам гоҳ-гоҳ меомадагӣ шуданд. Он рӯзҳои башумор, ки ҳар ду гӯшаи танҳоӣ меҷустанд, аз ҳар боб гуфтану шунидан, баҳудаву беҳуда гап задану хандидан мехостанд, гӯё хобу хаёли ширини бебозгаште буданд, бо вуҷуди ин рӯзҳои охир дар дили вай боз хоҳише сар зада буд, ки бо шавҳараш гуфтугӯ кунад. Дар хусуси оилаашон, зиндагиашон, имрӯзу ояндаашон рӯирост гап занад.

Вале чуқуртар андешида ба вазъияташ сарфаҳм мерафту хамӯш мемонд. Зеро медонист, ки шавҳараш чун ҳарвақта худро бепарво ва бетараф нишон дода сухани охиринро ба худи ӯ вомегузорад. Сухани охирин! Оё гуфтанаш осон аст? Хусусан ба зан, дар ҳолате ки гап аз ваҷҳи оила мераваду дар дил нисбати шавҳараш ҳанӯз меҳре дорад? Дар ин вазъият вай то метавонад барои муҳаббати мард ҷон мекоҳонад, талош мекунад. Хусусан агар дар миён зани дигаре бошад, ҳаёти вай ғайри ихтиёраш ба мубориза табдил меёбад. Дар ин мубориза гоҳо ӯ ғурури худро то ҳадди охир мешиканад ва ин дар назараш табиӣ ҳам метобад. Ҳа, гӯё ҳамин талош, ҳамин мубориза буд, ки вай рӯзе духтарчаашро гирифту рафт. Рафт, ҳарчанд медонист, ҳарчанд дилаш эътироз мекард, ки ин кораш хуб нест, гӯё дигар илоҷ надошта бошад, по ба рӯи ақлу дил монда, дар табу тоби алам, худро сафедкунон рафт…

Шояд дар дилаш заррае меҳр буду баъди ҳамон рафтораш нест шуд. Шояд ӯ маро бахшидан натавонад? Ва ё нахоҳад? Ман – чӣ? Оё ман аз гуноҳи ӯ гузаштам? Оё хатои ман аз гуноҳи ӯ сар назадааст? Оё аз ноилоҷӣ бо ӯ зиндагӣ намекунам? Наход назар ба гуноҳ кардан ба он иқрор шудану гуноҳи дигареро бахшидан душвортар бошад? Ба ин гуна саволҳои дилаш ҷавонзан ҷавоби аниқ ёфта наметавонист. Фақат барои як кирдораш, як гуноҳаш худро гаштаю баргашта коҳиш мекарду алам мекашид. Вале дар ин хусус ба касе лаб намекушод.

«Тоқат кун, духтарам, шӯи дунё ҳамин, – панд медод модараш. – Дадот ҳам дар вақташ…» Ва ашк мерехту шукр карда саргузашт мегуфт. Мегуфт: аввалҳо ҳафтае набуд, ки аз шаттаю шаллоқи дадот сару рӯям кабуд набошад. Қаҳраш биёяд аз хирс монданӣ надошт. Кам-кам ба инсоф меомадагист, гуфта тоқат мекардам. Не, куҷо? Ман оқибат ба тақдир тан додаму ба ҳамааш одат кардам… Шумоҳо бачаякам калон шудеду ҷонам оромӣ ёфт. Лекин ҳамааш гузашт: ҷавонӣ гу-

зашт, умр гузашт, мӯйҳо сафед шуданду дандонҳо рехтанд – хандидан ҳам дигар намезебад, қуввату мадор намонд… Шукр, шумоҳо – бачаяком сиҳату саломат, давлати ман, савлати ман – нӯҳтои шумо… Барои ҳамин ҳам ин қадар ба духтур давида ба уболи кӯдако гирифтор нашав, болои ҳам чорпанҷ бор таваллуд кун. Ба дигараш бошад, чашмата пӯш, тоқат кун, занака бурду бохташ аз сабру тоқат, духтарам. Сабру тоқат мекунию фарзанддор мешавӣ, фарзанд решаи оила, ҳар қадар зиёд бошад…

– Не, оча, реша бояд муҳаббат бошад.

– Беақл ту бачам, хондию хондию хондӣ лекин беақлӣ…

«Ғам нахӯру аз паи худ бош! – чашмак задаву ба чизе ишора намуда мегуфт дугонааш. – Аз паи худ бош, ҳа…!» Ва қиссаи худро мегуфту қоҳ-қоҳ механдид, ба ҳоли шавҳари гумроҳаш механдид. Он қадар механдид, ки чашмаш пури об мешуд.

Механдид, ки «хуб бобаш кардам, ки аз вай беҳтару хубтараша ёфтам. Шукр, ҳазор бор шукр, ки ба тухми мардак ҳанӯз дар рӯи олам қирон наомадааст. Агар вай – гӯлаки дунёбехабар дарак ёбаду ҷанҷол бардорад, мегӯям: чор тарафат қибла! Хонаву кӯдак бо ман мемонаду вай ду даст ба бинӣ баромада меравад, ҳозир суду прокурор – ҳама дар тарафи зан. Куҷо меравад, кори вай – бигзор ба китобхонаи дӯстдоштааш кӯчида раваду дар қабати коғазҳояш хуфту хоб кунад! Баъд барои ман мешавад «кайф – кайфи бевазанӣ, фатира пазӣ – танҳо занӣ»… Ту ҳам хап нашину ақаллан яктои дигар таваллуд кун. Агар ягон гап шавад, ҳавлӣ ба худат мемонад. Дигар ҳамааш дар дасти худамо, зиндагии зӯр ташкил мекунем».

– Гап дар сари ҳавлию ҷой не.

– Гап дар сари чӣ? Муҳаббат? Меҳр? Ҳа-ҳа-ҳа!... Дилатон чӣ мехоҳад? Аз осмон ситора! Аз ҳамин мардҳо муҳаббат мехостаанд! Беақл! Пушаймон мешавӣ, пушаймон…

– Санги вазнина об набурдааст, келин, – насиҳат мехонд хушдоманаш. – Мо ҳам ҳамин рӯзҳоя аз сар гузарондаем… – Ва аз зиндагии худ мегуфту оҳ мекашид ва шукр мекард.

– Мардака барои кӯча офаридагӣ, – мегуфт вай, – ҳушу ёди ҷамъаш як – дилхушии берун аз хона. Лекин ҳар кадом мард мегардад – мегардаду боз ба пеши зану бачаҳояш мебиёяд. Ҳа, келин, ба сабр бошед, ки ин корҳо барои вайҳо савлат, ин қадар ғам нахӯред. Ин қадар димоғсӯхта набошед,

ҷиғот наандозед, ки мардака ҷиғоту оби дидаи зан аз хонаю дар мерамонад. Хонаю дар мекунам гӯед, дилатон хун бошад ҳам, хандед. Шӯя хандида пешвоз гиреду хандида гусел кунед. Ин кори осон не, лекин илоҷамон чӣ? Мо занҳоя сарамон сахт…

– Одам пеши марг ноилоҷ аст, лекин агар дар зиндагӣ ҳам ба ноилоҷӣ гирифтор шавад…

– Шумоҳо – ҳама доно, хондагӣ… Мо, ки нодон будем, зиндагӣ кардему шумоҳоя ба воя расонидем… Ихтиёратон…

«Аз пояш шав! Сахт гир! Агар не, аз шӯй мемонӣ! Ҳозир дар кӯча кӣ бисёр? Духтар! Якаш не, якаш мезанаду мегирад, ду даст ба бинӣ мемонӣ. Ба ман бовар куну ба ҷои кораш рав! – меомӯхт яке аз ҳамкоронаш. – Рав! Танобашро чунон кашида мемонанд, ки! Аз худам ибрат гир! Аз ман! Шӯяма бин, бирешим барин нарму равон. Шин гӯям, мешинад, хез гӯям мехезад, мур гӯям… Рав, тезтар рав, шарм надор, ҳозир ҳама ҳамин хел танобкаш. Барои мард ҷон мекоҳонӣ – набошад аз даст меравад».

– Аз дилаш рафта бошам, бигзор аз даст равад.

– Духтарчаи ҳаждаҳсола нестӣ, ки ин қадар дил-дил гӯӣ. То гирифтану расидан дил – дилбозӣ, дигараш зиндагӣ – барои ин месӯзию месозӣ…

Агар ҳамон жемпери ҷигарранг намебуд, ҷавонзан шояд боз чанд муддат тоқат мекард, «санги вазнин мешуд», худро ба нодонӣ ва бепарвоӣ мезаду ба ҳамон ҷо намерафт ва имрӯз ин қадар азобу алам намекашид.

Агар ҳамон жемпери касофатбор намебуд, шояд он ҷо – паси тиреза гулҳои баҳорӣ мешукуфтанд. Ва суруди маҳину якмароми резаборон ҳам ба гӯш ин қадар ҳазин намерасид. Ва ин рӯз, ин осмон, ин замин, ин долу дарахтон, ин дару девор, ин фаршу сақф ба худ ранги хокистарӣ, ранги андӯҳу алам намегирифт.

Вале жемпери ҷигарранг, ҳамоне ки ҳанӯз дар ҷевон қатори либосҳо аст ба олам ранги хокистарӣ медод. Вай чанд сол пеш, шаби соли нав, ки барои ҷавонзан бахайр наомад, пайдо шуд, дурусттараш дар тани шавҳараш пайдо шуд. Ӯ аз шавҳараш он шаб напурсид, ки куҷо буду бо кӣ буд. Ва ҳам аз интизорию аламаш, ки дилашро гоҳ об мекарду гоҳ санг, лаб накушод. Фақат ба жемпери нави дастибофти вай дуру дароз ва пурмаъно нигаристу аз шиддати (ғояти) сӯзи дарди то ҳол

барояш норавшан сахтакак ларзид, вале чизе нагуфт.

Мегӯянд, ки замоне мардҳоро ихтиёри якчанд нафар зан гирифтан будааст. Вале он айём ҳам шавҳарҳо пайдо мешудаанд, ки аз занҳои аввали худ барои гирифтани зани навбатӣ, кӣ медонад, аз рӯи муросо ва ё меҳрубонӣ иҷозат мепурсидаанд. Боре як мард, ки зани оқилаву нозанин доштааст, ҳамин тавр рафтор кардааст. Зани мағрур ва тарбияи замондида худро хушҳол вонамудааст, яъне ки: ҳарчи шуморо писанду хуш ояд, раво бошад. Ва дар воқеъ ҳам, вай муддате ба ин гапу кор чандон эътибор надодааст, ҳар чӣ ба сари кӯп ояд, тӯй бошад, мегуфтааст ба худ. Вале ҳамон шаб, шабе ки шавҳараш бо зани ғайр якҷо мешавад, вай дигар наметавонад худро даст гирад. Тамоми вуҷудаш ғайриихтиёр ба сӯзиш ва ларзиш меояд. Занак номаълум берун омада ба сафедори дари хона такя мезанад. Ларзиши даҳшатноку дарди сӯзони ҷисми занро сафедори умре осуда ва сарсабз ҳис мекунад ва ногаҳон шарики зани кулфатзада мегардад. Касе намедонад, ки он зан дигар дар дунёи равшан чӣ сон зисту чӣ сон аз олам даргузашт, вале баргҳои сафедор, ки як лаҳза шарики дарди ӯ шуда буданд, то ҳанӯз наметавонанд даме ором бошанд ва меларзанду меларзанду меларзанд…

Вале шаби дигар ҷавонзан худро дошта натавонист. Мардак ҳам қоил шуд: тӯҳфа кард, оне ки дӯст медорад…

Ҳамон шаб, ки маҳтоб бо меҳрубонӣ ва бедареғ ба рӯи замин нур мерехту барфи наву сап-сафедро ҷилои кабудчатоб мебахшид, ҳамон шаб, ки ҳама ҷо пок, тоза, беғубор буд, ҷавонзан беашк гириставу хомӯш фарёд зада субҳро пешвоз гирифт.

Ҳамон шаб як зани ҷавон пир шуд.

Шабҳои дигар ҳам вай беовоз мегиристу мегирист, вале аз шавҳараш намепурсид, ки куҷо буд. Ба мардум ҳасрат мекарду панд мешунид, аз ҳар кӣ ҳар чӣ. Вай тоқат мекард, «санги вазнин» мешуд, худро ба бепарвоӣ ва нодонӣ мезаду лаб мегазид. Дар танҳоӣ мегиристу мегирист, то сӯзи дилашро паст кунад, ба рӯи шавҳараш механдид. Мардак бошад, мисли пештара баъзе шабҳо гум мешуду сари субҳ пайдо. Ва жемпери ҷигаррангро аз тан намекашид.

– Ту ҷавоби мана деҳ, – ниҳоят баъди андешаҳо гуфт ҷавонзан, ки гӯё қадри худро медонисту ҳаргиз гузоштанӣ набуд хору зораш кунад.

– Нахоҳӣ, ихтиёрат, – ҷавоб дод мардак.

Тири ҷавонзан хок хӯрд…

Баъди ин вай хомӯш мегирист, ҷогаҳаш сард буду ашкаш гарм. Мегиристу ба оина нигоҳ мекард. Медид, ки ҳуснаш хело коҳидааст. Чашмонаш қадре фурӯ рафтаанд ва бо ҳамин гӯё сиёҳтар шудаанд. Дар рухсораҳои паридарангаш доғҳо рӯ задаанд. Шикамаш ҳам рӯз то рӯз медамиду қадаш дар назар пасттар метофт. Ҳамаи инро гаштаю баргашта дида ӯ ба андешае меомад, ки шояд безеб шудааст, ҳуснаш коҳидааст ва дурии шавҳарашро ҳам сабаб ҳамин аст. Шояд ин ҳолат даргузар аст. Аз ин рӯ тоқат мекард. Дар он рӯзҳое ки бештар ба меҳрубониву навозиш мӯҳтоҷ буду на аз ҷиҳати худаш, балки аз хусуси кӯдак бисёртар меандешид ва дилашро гоҳо ваҳму ҳарос, гоҳо шодиҳои беҳадду канор пур мекард, ҷои онҳоро гуфтану сухани таскинбахше шунидан санги вазнини сабр ба дил мебаст.

Он айём ҷавонзан оламе дар қад доштү аламе дар дил ва ҳар дуро дар худ ғунҷонида аз яке мешукуфту аз дигаре месӯхт.

Кӯдак ҳам оқибат рӯи равшанӣ дид. Вай бо гиряи тезу хушаш аламро аз дили ҷавонзан дуру хонаро аз шодӣ пур карда омад. Духтаракаш майдаҳак буд ва бӯе дошт ба мисли сабзаи наврӯз. Рӯи дунё пуропури ҳамин бӯи нарму нафис гашт.

Вале пас аз муддате мардак боз шабҳо хона намеомадагӣ шуд. Он гоҳ ҷавонзан натавонист дигар худро ба даст гирад. Вай аввал ба суроғи ҳамон зан рафт. Ӯро дар хонааш дарёфт. Зани зебо ва ороме будааст. Рӯ ба рӯяш нишасту фаромӯш кард, он чиро ки гуфтан мехост. Аз ин рӯ хесту хомӯш рафтанӣ шуд.

– Агар наёяд, суроғаш намеравам, – гуфт он зан дар дами дар ба оромӣ – вале қатъӣ.

– Биёяд, роҳ надиҳед, – овози ҷавонзан илтиҷоомез баромад.

– Инашро наметонам, – сар хам кард аввалӣ.

– Мо, охир, кӯдак дорем.

– Ман ҳам дорам, дуто, лекин партофта рафтанд.

– Пас, тамоман гиред.

– …

– Гӯед, гӯед, ки шаби таваллуди духтарчаамон ҳам вай ин ҷо буд?

Ҳамон шабе, ки... – Ин савол ногаҳон ва нохост аз даҳони ҷавонзан баромад ва ӯ як қад парид, гӯё ҷавобашро пешакӣ медониста бошад.

Пас, шабе, ки вай – ҷавонзани бечора дур аз хешу табор ба обу арақ ғӯтида дард мекашиду аз чӣ сабаб бошад, ки ақаллан дар паси девор будани шавҳарашро мехост... Замин зери пои ҷавонзан ларзид.

Чанд муддати дигар ҳамин сон ҷонаш аз алам сӯхтаву коҳида гашту сипас гӯё илоҷ ёфт. Рӯзе духтарчаашро гирифту ба ҷои кори шавҳараш рафт. Он вақт дурустакак наандешид, аз онҳое ки ақаллан кӣ буданашро намедонад, чӣ мехоҳад. Фақат медонист, дурусттараш шунида буд, ки дигарҳо ҳамин хел рафтор мекунанд. Наандешид, ки шавҳараш шояд аз он мардҳои бо ин усул «зери дастшуда» фарқ дошта бошад. Ва ниҳоят мақсадаш ҳам ҳаргиз он набуд, ки ба шавҳараш мисли дигарон «ҷилав» занад. Мақсадаш меҳр буд шояд, ки онро асло касе ба зӯрӣ ба даст наовардааст. Вале дар ин хусус вай пештар наандешид, аз ин сабаб рӯ ба рӯи сардори идораи шавҳараш менишасту чӣ гуфтанашро намедонист. Баъд мувофиқи хоҳиш ва нишондоди сардор ҳамаашро навишт... Натиҷааш ҳамин шуд, ки шавҳарашро ба кори дигар гузарониданд, яъне аз вазифаи пештарааш озод карданд, моҳонааш ҳам кам шуд. Мардак чӣ қадар кӯшида буд, барои ба ин мансаб расидан, шаба шаб, рӯза рӯз нагуфта кор мекард ва кӯшиши болотар рафтан ҳам дошт... Умуман ҷавонзан медонист, ки шавҳараш кору вазифаашро дӯст медорад ва онро сидқан иҷро мекунад. Беҳуда рафтам, беҳуда, мегуфт ҷавонзан такрор ба такрор пушаймон шуда. Вай аз куҷо ҳам медонист, ки оқибати кораш ин хел мешавад. Хаёл карда буд, ки андак насиҳат мекунанд... Шавҳараш бошад дам намезад. Дар хона «сулҳу салоҳ» ва хомӯшии ваҳмангез ҳукмфармо гашт, ки бардоштани ҳар лаҳзааш азоби азим буд. «Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ» мегуфту лаб мегазид ҷавонзан.

Ҳамин тариқ рӯзҳо шаб мешуданду шабҳо рӯз. Ду зимистон гузашту ду баҳор. Ҳеҷ кадоми онҳо замини рӯи ҳавличаро нарм карда гул накоштанд. Аз ин рӯ дар паси тиреза, он ҷое ки нури кабудчатоби чароғи хона аз қабати тӯри ҳарир гузашта мерехт, мисли аввала гулҳои баҳорӣ намешукуфтанд. Имсол замин холӣ буду мисли доғи сиёҳ ба назар

метофт.

Он замон – он айёме ки олам пури бӯи гулу борон буд, магар вай метавонист хусуси рӯзҳое андешад, ки ҳоло ба сараш омадааст. Он лаҳзаҳо розӣ аз бахт буду хушбахтиаш ҳам дар он буд, ки бовар дошт: ҳамааш чи хеле ки ҳаст, ҳамон хел мемонад. Вале афсӯс, ки дар дунё ҳама чиз даргузар асту одамизод инро на ҳамеша ба хотир меорад ва бо он муросо мекунад. Ва ҳамин лаҳзаи фаромӯшиҳо инсон хушбахттар будан метавонад, мегуфт ҷавонзан ба худ, то тасаллӣ ёбад.

Ӯ вақтҳои охир аз андешаҳои бесару нӯг хаста гашта, бисёр мехост ҳамааш ба зудӣ ҳал шавад. Вале худаш, ки ҳанӯз ба шавҳараш дилбастагӣ дошт, наметавонист баромада равад. Баромада раваду ба ҳама ҷанҷолҳои бесадо ва хомӯшии пурваҳми хонааш хотима гузорад. Ғайри ин ба куҷо меравад вай? Ба деҳа? Ба онҳо чӣ мегӯяд? Не, намешавад. Идораашон хобгоҳ ҳам надорад. Шояд ба ҷое гузарад, ки хобгоҳ медиҳанд? Ва ё иҷора нишинад? Бо кӯдак азоб мекашидагист… Кош худаш баромада мерафт, нохост дар дили ҷавонзан ҳамин хоҳиш пайдо зад ва як қад парид, аз худ шарм дошт. Баъди лаҳзае бо хиҷолат тарафи шавҳараш нигарист. Вай ҳанӯз парӯ хобида, китоб мехонд.

Чеҳрааш ором ва ҷиддӣ буд. Ин лаҳза ҷавонзан пай бурд, ки он ҳама сохта аст. Пай бурд, ки оромӣ бадтар аз фарёдҳост, бадтар аз шӯру мағалҳост. Оромие ки метавонад касро ба худкушӣ ҳам водор намояд. Вай худ аз худ писханд зад…

Пагоҳи рӯзи дигар ҷавонзан бо духтарчааш ва як сумкаи калон аз хона баромад. Дар кушода монду аз паси онҳо як даста нури хона берун шуд.

Борон дигар намеборид.

## ИШҚИ ЗАНИ РУСТОӢ

– Парвардигор ҳеҷ каса то ҳанӯз тоқ наофаридааст. Ба Сангинҷон ҳам Худо як зани нозанин расонд, ки агар бинед, оби даҳонатон мешорад, – ба ҳар одами вохӯрдааш мегуфт бо ифтихор Холида-лӯлӣ.

Холида-лӯлӣ гӯям, ҳайрон нашавед. Аҳли деҳаи Ҳоитак ба вай ҳамин хел ном додаанду бо ҳамин ном мешиносанд. Агар ҳамту Холида ном гиред, онҳо ба маънии «мо ин хел ҳамдеҳа

надорем-ку» китф дарҳам мекашанд. Бовар намекунед? Бовар накунед, рафта ҳо… аз амаки…

Не, гап дар ин хусус набуд. Гап дар сари он ки ҳамин занак боз чун ҳамешагӣ қасамҳо мехӯрд, ки агар вай намешуд, ними духтарҳои деҳ бе шӯю ними йигитҳояш бе зан мемонданд. Ба тақдир тақдирҷунбон даркор, мегуфт вай, ки ин гапаш тамоман дуруст аст. Ин кори ман савоби савоб мегуфт, ки ин гапаш ҳам шояд ҳақ бошад.

– Ба Сангинҷон шумо, ношукрҳо, аз рӯи нозу нуз нарасидед, ана акнун як умр бе шӯ мемонед, – гуфт ӯ ба духтарҳои деҳ бо таҳдид ва тамасхуромез. – Ман вая хонадор карда, як олам савоб мегирам…

Ба дили духтарҳо, албатта, таҳдиди «як умр бе шӯ мондан» ҷаззӣ расида бошад ҳам, рӯякӣ ҳингир-ҳингир хандиданд. Хандиданду онҳо ҳам аноӣ не, яке шартӣ ҷавоб дод:

– Ғами Сангина хӯрданатон ба гумон, хола, лекин талвосаатон барои савобгирӣ зӯр, иназа мо аниқ медонем. Шумо агар дурустакак савоб нагиред, ҳолатон рӯзи қиёмат вой мешавад!

Ишораи духтарҳо ба чӣ буд, медонед? Не, албатта намедонед. Барои он намедонед, ки дар Ҳоитак асло набудед. Ягон бор ҳавсала карда биёеду дар офтобрӯяи паси хонаи бобои Ғозӣ, қатори мӯйсафедҳо дар хараки дароз чор рӯз не, ақаллан чор соатакак шинед, аз ҳама кору гапи дунё хабардор мешавед. Хабардор мешавед, ки дар сандуқи кӯҳнаи бибии Анор чиҳо ҳасту чиҳо нест, чашми келини хурдии бобои Ҳафиз кай равшан мешаваду модагови хокистарии Ҳукминисо чанд коса шир медиҳад. Акрами магазинчӣ молҳои камёфтро бо кадом роҳ меёбаду бо кадом роҳ «гум» мекунад ва барои чӣ директори мактабу боз чанде аз «одамшавандаҳо»-и деҳ нағмаҳои ӯро донанд ҳам, гӯш ба карию чашм ба кӯрӣ зада мегарданд. Ҳамчунин мефаҳмед, ки Маҳмадраҷаб духтари кенҷаашро бо чанд курта ба шавҳар доду иртиши усто Мӯъмин чанд ваҷабӣ буд. Ҳа, ҳамаашро нағзакак мефаҳмед. Мефаҳмед, ки дар ҳамин деҳаи майдаҳаки дур аз шаҳрҳои калон киҳо зиндагӣ мекунанду онҳо ба кадом корҳо машғуланд, чи ҷурму гуноҳҳо доранд, ҳафт пушташон кӣ буду чӣ хел гузаштагӣ ва ғайраву ва ҳоказо.

Не, гап дар ин хусус ҳам набуд. Гап дар сари он буд, ки

духтарҳо духтарҳои деҳ бошанд ҳам бало (бало куҷо, офат), ишорае ба гузаштаи Холида-лӯлӣ карданд. Вай чӣ гузаштае дорад, ки… мепурсед шумо. Беҳтараш напурсед. Напурседу занҳои деҳ ё маҳаллаи худатонро саросема нашуда як ба як ёд оред. Албатта, аз байнашон ба Холида-лӯлӣ монандашро меёбед. Ҳа, бешак, меёбед. Вай чикора, инаш аҳамият надорад. Лекин як замон корҳоеро кардааст, ки гӯё онҳо ба мусулмонзан ҳаргиз раво набудаанд, яъне вай гунаҳгори азим! Ҷояш дар он дунё қабати ҳафтуми дӯзах! Яъне дар он ҷо ба вай кафшҳои оташие мепӯшондаанд, ки аз гармии онҳо майнаи сараш билиқ-билиқ меҷӯшидааст! Гунаҳгори азиму лекин асло худро забонкӯтоҳ намехонад, сарашро хам намекунад. Ин хелиҳо, бовар кунед, ки дар ҳар як деҳ ҳастанд, яктанимта ёфт мешаванд. Дар аввал гунаҳгору дар охир мебинед, ки отун, отуни деҳ! «Гоҳ нағмаву усул, гоҳ Худову расул»-аш ҳамин будагист-да, мегӯяд кас гиребони тавба гирифта. Рафту агар отун шуда натавонанд, дастёри отун. Инаш ҳам нашавад дар тӯю азо, умуман маъракаҳо дастурхончӣ. Ва агар ҳамаи ин «штатҳо» банд бошанд, ана ҳамин Холида-лӯлӣ барин, чи хеле ки худаш бо забонаш мегӯяд «занёву шӯёв», яъне савобталаб.

Не, гап дар ин хусус ҳам набуд. Гап дар сари он буд, ки ана ҳамин Холида-лӯлӣ, гузаштааш, неку бадаш ба худаш, ба набераи яккаю ягонаи бибии Анор Сангини шулла, аз деҳаи ҳамсоя арӯс ёфт.

Тӯй оғоз ёфт. Чун ҳама тӯйҳо рафту омади зиёд, доду гирифти беҳисоб, шартномаҳои бемӯҳру беимзо, ғайбату сифати бардурӯғ, таънаю маломати ноҳақ, пичингу кинояи тунду тез, ваъдаю воизи хандаовар ва дигару дигарҳо шуд, ки шумораашро Худо надонад, фаҳми бандаҳояш намерасад. Ба ин тӯй ҳам мисли ҳама тӯйҳои деҳ ҷамъи мардум худро ҷавобгару саркор медонистанд, зеро дар ин ҷо тӯйи як кас тӯйи ҳама, мотами як кас, мотами ҳама ҳисоб меёбад. Тӯй шуд, занҳо ҳам, мардҳо ҳам суруд хонанду рақсиданд. Миёни рақсу бозӣ чашми мардҳо ба шишаҳои арақу дегу табақҳои кабобу палов буду ҳушу ёди занҳо ба ҳисоби бӯғчаву чизҳои арӯс. Ҳар чи буд ё набуд, тӯй шуд ва гузашт. Ҳамин хел Сангини шулла (барои аз ду кунҷи даҳонаш доимо об рафтан бечораро ҳамин хел меномиданд, хуб, ки ин айбаш ба аскарӣ рафту гум шуд) зан гирифт.

Дидани арӯсак ин дафъа ба духтарчаҳои беақлу ҳавасак, ҳамсояҳои гапбару гапбиёр, хешу табори дуру наздик, ғайбатчиву тӯҳматчиҳо, кунҷковону айбҷӯён, дӯсту душман (ҳа, бибии Анор ҳам мисли ҳама дӯсту душман дорад), хулоса ба хурду калон ва пиру ҷавони деҳ осон шуд. Онҳо ин дафъа баъди тӯй бо орзуи дидани келинчак баҳонае ёфта вақту бевақт паси дару дарвоза наомаданд, сари деворҳо қад наёзониданд, аз паси шохаҳои дарахтон нигоҳ накарданд, болои бомҳо набаромаданд. Ё магазин ба магазин гашта барои рӯйбинон моли камёфти чор кас медидагӣ накофтанд, то рӯзе бо дасти адаб супорида ташнагии худро шикананд.

Гап дар сари он ки вай, яъне ба қавли мӯйсафедони деҳ, арӯсаки якрӯза, пагоҳии шаби тӯй «лӯппӣ» рӯи ҳавлӣ баромад! Аввал овози шип-шипи ҷорӯбкашиаш баланд шуд, сонӣ садои ҳингир-ҳингир хандиданаш. Ҳамсояҳо, ки барои рамузгирӣ аз сари деворҳо нигоҳ мекарданд, гиребони тавба гирифтанд. Ба ҳам абрӯ паронданд, нигоҳу ишораҳое партофтанд, ки маънияш: ин чӣ рӯзе, ин чӣ ҳоле буд, ки мо дидем? Охир шарму ҳаё гуфтанӣ гап ҳаст дар ин олам, расму русум гуфтанӣ гап ҳаст дар ин дунё, охир мо ин хел набудем, охир мо шарму ҳаё… охир мо ҳафт рӯз аз хона набаромада, охир мо…. мо….мо…!!!

Сари ҳамсояҳои ҳам дасти росту ҳам дасти чап, аз девор якбора паст шуд, гӯё маслиҳат карда бошанд. Онҳо саросема дами дарвоза давиданд, то ҳамаи ин маъниро бо забонашон ба ҳам гӯянд. Гӯянд, то накафанд, гӯянд, то ҷонашон ором гираду ҳузур кунад.

Онҳо ҷонҳавлӣ кӯча баромаданд ва акнун лаб кушода ба «вай манакак мурам» сар карданд, ки дарвозаи бибии Анор ғиртӣ кушода шуд. Дарвоза ғиртӣ кушода шуду… Ё наузанбиллоҳ! Ҳамсояҳо диданд, ки…. Диданду ба худ бовар накарда ду-се бор чашмак ҳам заданд, ки рафту хоб медида бошанд, рафту ба назарашон метофта бошад… Не, онҳо диданд, ки…. арӯсак! Арӯсаки якрӯза ба кӯча баромадааст! Тавба! Сад ҳазор бор тавба! Дар сараш сарбандаки одии майдаҳак – каф барин рӯяш кушода, тани як куртаи шоҳӣ, бе камзӯлу бе калӯшу маҳсӣ, бо як лозимиву шиппак, буҷулаки пои сергӯшташ намоён, дастакаш то оринҷ кушода, саракаш боло, кокулҳояш паҳну парешон хандону шукуфон кӯча баромад. Гӯё сад сол инҷониб дар ҳамин деҳ, дар ҳамин маҳалла, бо

ҳамин одамон, бо ҳамин ҳамсояҳо мезиста бошад! Боз бепарвою беистиҳола гап мезанаду ҳингир-ҳингир механдад! Тавба! Сад ҳазор бор тавба!

Дар деҳа чанд рӯзе чунон ҳангомаҳо шуд, чунон қиёмате шуд! Мӯсафедҳо ҳам қиссаи занхоҳ шудани (боз чӣ хел зан, зани ҷавони кокулҳои майдабофиаш дуқатора) бобои Ҳофизи ҳаштоду ҳаштсоларо ҳам фаромӯш карда ба таҳқиқи феълу атвори арӯсаки нав пардохтанд ва бо ҳамин баҳона рӯзҳои хушу неки худро ҳам ёд оварданд.

Ҳангомаҳо гузашту дар хонаи Сангини шулла ҳамин занак монд. Хушрӯ набуд вай. Миёнақад, сергӯштакак, табақрӯ, рухсораҳояш суп-сурхи ялаққосӣ, нони навакак аз танӯр кандагӣ барин. Абрӯҳояш паҳну кӯтоҳ, фақат чашмонаш сиёҳ, сиёҳу равшан ва хандон. Онҳо аз содагию бегуноҳии соҳибашон гувоҳӣ медоданд. Вале ин занак чунон сергап, чунон сергап буд, ки…! Бобои Ҳофиз барҳақ ӯро мегуфт:

– Хуб шудааст, ки туя, келини Анор, худо радиёи «ВЭФ» накардаст, ки дар дунё нусхаю нишонаи батарий намемонд.

– Парвардигор ба Сангини шулла, ки рӯзе ду даҳан гап занад ҳам, кас ғайри шукр дигар илоҷе надорад, ҳамин хел ҷуфта муносиб донад, мешавад?! Тавба мегӯию лекин худи Худованд ҳам вақти тақдирнависӣ хато мекардааст, – мегӯянд баъзе шаккокҳо гиребон гирифта.

Боз ин занак чӣ гапҳое намегуфт. Ҳар чиро ки медонисту дида ё шунида буд, бе андешаи айб аст ё не, мегуфт. Ҳар чиро ки медиду мешунид, бе андешаи шунаванда чи фикру хаёл мекунад, мегуфт. Мавриди гап бошад-набошад, бе ҳеҷ истиҳола, бе ҳеҷ як пардозу андоз, бо як содагӣ, равону озод гап мезаду гап мезад, механдиду механдонд.

Қиссаҳои байни худашу шавҳарашро нарезондаю начаконда, инро ҳамсояҳо худашон мепурсиданд ва ҳатто зорию тавалло мекарданд, ки гӯяд, мегуфту қоҳ-қоҳзанон механдид.

Ҳар рӯз ҳамин ки Сангини шулла ба кор рафт, вай корҳои рӯзгорашро анҷом дода дами дарвоза мебаромад, оҳиста-оҳиста ҳамсояҳо ҳам ғун мешуданду рӯи ғӯлакурсиҳо менишастанд ва ана сонӣ қиссаи кӯҳна бо ранги нав оғоз меёфт.

Ин қиссаҳо аз даҳон ба даҳон гузашта, дар як зум то офтобрӯяи паси хонаи бобои Ғозӣ мерафт ва мӯйсафедон ба онҳо чунон обу ранг медоданд, ки кампирҳо шунида ба имон доштани ин «пиракиҳо» шубҳа мекарданд ва ба сари онҳо бо-

рони дуои бад мерехтанд.

Бо ана ҳамин хел гапу корҳо солҳо гузаштанду Сангину занаш ноаён (гӯё) соҳиби панҷ фарзанд гаштанд. Дар хулқу атвори зану шавҳар заррае дигаргунӣ нашуд. Мардак хапу хомӯш буду занаш аз лаққидану хандиданаш намемонд. Мардак ҳар рӯз хирс барин кор карда ёфта меоварду занаш мепухту мешусту мерӯфту мехӯрд ва ҳар сол ба рӯи дунё якта кӯдак меовард. Худаш барин кӯдакҳои сиҳату солим, фарбеҳу лаққӣ ва бепарвою шод. Ҳа, ҳар сол, ҳатто соли охир вай дуто таваллуд кард. Албатта дугоник не. Гап дар сари он ки якта кӯдак аввали солу дигараш охири сол рӯи дунё шуд. Мардум ҳисобу китоб накарда (аз рӯи ҳисоб зани Сангин ба ин пурра ҳақ дошт) ва ё ҳамаашро фаҳманд ҳам худро ба нодонӣ зада, чунон гапҳое мебофтанд, ки аз шуниданашон ҳатто мӯи сари кас суп-сурх мешуд. Занак бошад аз ин гапҳо парвое надошт. Вай онҳоро бо шавқ шунида қоҳ-қоҳ механдиду, масалан, мегуфт:

– Хайр, чӣ кунам? Охир ман ҳамин хелам, ки мардакам аз паҳлум гузарад ҳам, сарторик мешавам. Маҳтали як пуф…

Ҳамсояҳо медиданд, ҳамин занак чор – панҷ сол бо Сангини шулла зиндагӣ карда ягон бор ҷангу ҷанҷол набардоштааст, як бор дарду ҳасрат нагуфтааст, гӯё каму костӣ надошта бошанд. Будаашро мепазад, мехӯранд, будаашро медӯзад, мепӯшанд, хубу бад намегӯяд, каму зиёд намегӯяд. Ҳамеша шод, ҳамеша мамнун. Ва Холида-лӯлӣ ҳам, ки ба тамоми ғаму ғурбатҳои оилавии ҳамдеҳагонаш худро шарик медонисту ҷояш ояду ҳисобашро ёбад, миёнадаро шуда аз он манфиате ҳам мебардошт, ҳайрон ва ҳатто андак маҳзун ҳам буд, ки чаро онҳо то ҳол хапу хомӯшанд.

Лекин ба ҳамаи ин як рӯз чашм расид. Воқеае рӯй дод, ки аҳли деҳ бо вуҷуди гӯшашон чуру чашмашон чор будан бехабар монданд… Ҳикояи ман ҳам бояд аз ҳамин сар мешуд.

Гап дар сари он ки ҳамин занак, зани Сангини шулла, баъди панҷ соли ба деҳ омаданаш, баъди панҷ соли беист лаққиданҳо, баъди панҷ соли байни мардум боиси ғайбату сифат шуданаш, яку якбора ором гашт. Ба дами дарвоза гоҳ-гоҳе мебаромад, барояд ҳам аз сӯҳбати ҳамсояҳо тез дилгир шуда ба ҳавлиаш мерафт ва худро овораи кору бори рӯзгор месохт. Рӯзгораш ободу бачаҳояш тозатар шуданд. Худаш ҳам акнун озодатар мепӯшид. Чокҳои кандашудаи бари до-

мани куртаашро аз нав медӯхт, тугмаҳояшро мешинонд. Хулоса, ба қавли ҳамдеҳагонаш занаки бедаступанҷа, яъне беҳунар чунон тағйир ёфт, ки ҳама чи хеле ки рӯзи аввали диданаш ҳайрон монда буданд, ҳамон тавр ба шигифт омада аз нав гиребони тавба гирифтанд. Бовар намекунед? Бовар намекунед, ҳо ана аз Холида-лӯлӣ… Не, вай ҳам аз ин воқеа бехабар мондаасту чизе гуфта наметавонад.

Аз ин қисса фақат як духтар огоҳ аст, ки вай ҳам кайҳо аз Ҳоитак рафтааст.

Ҳамин хел воқеае рӯй дод, ки зани пургӯи Сангини шулла хапу хомӯш шуд…

Ҳамон баҳор духтари ҳамсояи Сангин ба шавҳар баромад. Ӯ аввалин духтари Ҳоитак буд, ки дар шаҳр, дар мактаби калон мехонд ва чӣ хеле ки «аҳли фаҳм»-и деҳ пешгӯӣ карда буданд, шӯйро ҳам худаш ёфт, ба ихтиёраш, дурусттар карда гӯем, бо «нағзбенак» ёфт. Ба домод, ки аз шаҳр буду либосҳои ғалатӣ дошт ва ҳам берун аз таомул аз тӯй пештар худро ба мардуми деҳ нишон дод, домоди «импортни» ном доданд. Ба ана ҳамин тӯй зани Сангин аз рӯи ҳамсоягӣ хело хизмат расонд. Вай умуман аз рӯзе ки ба деҳ омад, худро ҳаргиз аз ягон маърака канор намегирифт. Зани занон шуда ба ҳар як тӯю сур, ба ҳар як азою анда, муносибу номуносиб аз ҳама пеш мерафт. Аз ҳама пеш, самбӯсаҳои бомаза пухта, ба лаълӣ печонида, ба сараш монда, бачаҳоша пасу пеш қатор карда, дӯсту душман, хешу бегона нагуфта мерафт.

Дар самбӯсапазӣ ягон зани деҳ баробараш намеомад. Самбӯсаҳои секунҷаи зебо, хушмазаву хушбӯй мепухт, ки ба даҳон андозӣ худаш об шуда мерафт. Пиру ҷавони деҳ ба ин ҳунари ягонаи зани Сангин қоил буданд.

Ба тӯи духтари ҳамсоя аз шаҳри мехондагиаш меҳмонҳо ва машшоқу ҳофиз омаданд. Ҳофиз марди қоматбаланди зебо, ҳамон шаб суруди бисёре хонд, ки ҳама даҳон кушода монданд. Зани Сангин бори аввал ин хел ҳофизи «зӯр» ва хушрӯйро медид. Вай ҳамчунин бори аввал дар умраш сақичро аз даҳон гирифта, лаққиданро бас карда, ба сурудхонии ҳофиз аз таҳти дил гӯш дод, гӯш доду гӯш дод…

Ҳамон шаб бори аввал хобаш набурд ва сабабашро ҳам худаш надонист. Хобаш набурд, бо вуҷуди он ки хело монда шуда буд…

Пагоҳӣ Сангин вақти ношто гуфт:

– Ашӯлачӣ «кори калон» будаст, ҳамту не?

– Ҳа, ҳа, – саросема сар ҷунбонд занак ва (воаҷабо!) дигар чизе нагуфт.

– Самбӯсаҳоят ба вай маъқул шуд, таъриф карда хӯрд.

– Наход?! Дурӯғ мегӯед.

– Алафӣ, ки буд, хело маъқул кард. Шаҳриҳо самбӯсаи алафиро дӯст медоранд.

Баъди чанд лаҳзаи ин гуфтугӯ чизе ба хотири занак расиду худ ба худ табассум кард…

Аз ин гуфтугӯ чанд ҳафта гузашту зани Сангин як рӯзи офтобӣ бачаҳоша гирифту ҳулбачинӣ рафт. То пешин як халта ҳулба ҷамъ овард.

Рӯзи дигар вай баъди ба кор рафтани шавҳараш ба роҳ баромад. Дар танаш куртаи васеъ аз шоҳии аноргул дошту дар сараш рӯймоли ғиҷими сафед. Маҳсию калӯшаш ҳам наппанав буд. Дилаш дук-дук мезаду тез-тез, калон-калон қадам мемонд. Бо ҳавои роҳгардӣ пеши бараш ин тараф он тараф, лап-лап, меҷунбид. Вай гӯё акнун аз будану ҷунбидани онҳо хабар ёфта бошад, ду нӯги сарбандаки ғиҷимашро рӯи онҳо партофт ва роҳгардиашро ҳам муддате мавзунтар кард.

Вай бори аввал танҳо ба шаҳр мерафт. Умуман ин занаки деҳотӣ дар тамоми умраш ду бор бо ҳамроҳии шавҳараш ба шаҳр рафта буду бас ва аз ин рӯ андаке хавотирӣ ҳам дошт, ки оё… Пас аз чанд соат вай ба шаҳр расид. Шаҳр дар воқеъ ҳам калон буду серодам. Ончунон серодам, ки чашми занак сиёҳӣ зад.

Аввалин саволе, ки ба сараш омад, ҳамин буд: ин қадар одам аз куҷо пайдо задаасту ба куҷо меғунҷад. Худоё! Боз малимзанак мегӯяд, ки ман бисёр мезоидаам. Азони ман ҳамагӣ панҷ нафар. Инҳоро медид чӣ мегуфт?..

Вай аз автобус фаромада аз оқиби зане, ки дар роҳ паҳлӯяш менишасту чеҳраи гарм дошт, бе ҳеҷ як фикру андеша қадам зад. Баногоҳ ҳамон зан давиду ба як автобуси сурхи дароз савор шуду рафт. Зани Сангин дар кӯча ҳайрону танҳо монд.

Фақат ҳамин лаҳза ба сараш зад, ки на номи ӯро медонаду на ҷои корашро. Дар ин шаҳри пуродаму пурғавғо ёфтани вай, ҳазор «зӯр» бошад ҳам, осон нест, бо алам аз дил гузаронид занак. Лекин дар Ҳоитак ин хел не. Масалан ақаллан, агар донед, ки каси мекофтагиатон дар куҷояш хол дорад, албатта

меёбед. Ҳар кас ба шумо гуфта метавонад, ки дар деҳа кӣ дар куҷояш хол дорад. Агар гӯед, ки кампири болои биниаш холи гӯштдор, хонаи бибии Асал мебаранд, агар гӯед, ки мардак болои абрӯи чапаш холи мош барин сиёҳ дорад, хонаи муаллими ҳисоб…

Бо ҳамин хаёлҳо, гӯё худашро сафед карда, занак пеш мерафт, таваккал пеш мерафту дар дилаш ҳанӯз умедаке ҳам дошт, ки шояд ногоҳ бо ӯ вохӯрда монад.

Охир, одам дар шаҳр зиндагӣ карда, дар ҳамин рӯзҳои гарми баҳор наход ба тамошои кӯчаҳои ин қадар озодаю магазинҳои ойнабандӣ набарояд, мегуфт вай худро тасаллӣ дода ва ҳар дам даст ба самбӯсаҳояш мезад, хавотир мешуд, мабодо ки онҳо хунук шуда бошанд!

Аз пеши роҳаш иморатҳои бисёрқабат қатор-қатор мебаромаданду ҳушашро мебурданд. Боз одамони ғалатилибос, ки баъзеашонро ҳарчанд синча мекард, фаҳмида наметавонист, ки писар ё духтар. Ба онҳо нигоҳ накарда мемонд, боз ба худ омада саросема пеш мерафт. Як касро ба одами мекофтааш монанд карда аз пасаш давида ба магазин даромад, хело овора шуда ба вай расиду дид, ки ӯ дигар кас будааст.

Аз магазин бо алам берун шуду ба хараки назди гулзор нишаст, андаке дам гирифта, қарор дод, ки аз ягон кас мепурсад. Сонӣ интизор шуд, ки каси ба табъаш мувофиқ ояд. Хело гузашту ниҳоят занак ду нафар ҷавонро, ки дар дасташон сумкаи мактабхонӣ доштанд, ҷеғ зад ва мақсадашро илоҷе ёфта фаҳмонд. Ҷавонҳо аввал хандиданд, хандиданду сонӣ авзои занакро дида лаҳзае хомӯш шуданд. Фикр карданд, фикр кардандy баъд ба вай маслиҳат доданд, ки беҳуда овора нашаваду ба деҳааш баргардад. Чеҳраи занак чунон ошуфта шуд, ки ҷавонҳо бе ҳеҷ гапу калоча ӯро фаҳмиданд ва ба истгоҳ бурда билет гирифта ба автобус шинонида монданд.

Занак баъди пешин хастаю ғамгин ба хонааш расида омад. Бачаяконаш хурду калон ҳама бо чашми чор дар дами дарвоза ӯро интизор буданд. Вай онҳоро аз як сар ба оғӯш кашида ва шалап-шалап бӯсида, баъд худ аз худ бори аввал дар умраш гирист, хомӯш ва бо алам гирист.

## ГУЛҲОИ САФЕД –
## САДОИ ТУРНАҲО

*(Ҳикояи нотамом)*

Шаб ба нима расида, кӯчаҳо аз садоҳои баланд ва шӯру мағалҳои рӯз холӣ гашта буданд. Шаҳри намзада ва печидаи тумани анбӯҳ пири андешаманду ғарибро мемонд, ки кунҷаке нишаста пинак меравад. Чароғҳои бешумор, ки дишаб шӯх-шӯх чашмак зада шодии дил мефузуданд, ҳоло ба сони дидагони ғамгину пуроби бевазани гумкардаумед, маҳзун метофтанд.

«Тумани дилгири тирамоҳ» лабони хушки Равшан ғайриихтиёр саҳле ҷунбида садои паст бароварданд, ки худаш шуниду бас. Гӯё вай муддатҳо аз қабати шишаҳои балкончааш ба қаъри торикии намолуда баҳри он менигарист, ки ҳамин ибораи ба қавли худаш, бемаъниро берун кашад. «Тумани дилгири тирамоҳ» чанд бори дигар зайли аввал ғайриихтиёр пичиррос зад вай. Ва пеши чашмонаш ҳам «тумани дилгири тирамоҳ» бо ҳарфҳои калон-калони хира ба пайдо омад. Ҳарфҳо дар фазои холӣ бо ранги обгун навишта шуда буданд, ки ҳам медидиву ҳам намедидӣ. Дар гӯшҳояш низ ин ҳарфҳо мунтазам садо медоданд. Ин садоро гӯё туман аз дуриҳои дур – даштҳои холиву хомӯш ва кӯҳҳои сарду сафед села – села ба худ оварда ба шаҳр мерехт. Вай нохост як қад парид. Чӣ кор карданашро надониста пасу пеш ду-се қадам монд, бо он ният, ки «тумани дилгири тирамоҳ»-ро аз хаёлаш, аз гӯшҳояш, аз пеши назараш дур андозад. Вале гӯё барқасд ҳарфҳо калонтару хиратар, садо пасттару бовусъаттар мешуду забонаш худ аз худ онро канда-канда, аммо бо қатъияти хосе такрор мекард. Ва аз ин ҳама ӯ асабӣ мешуд, мисли дирӯз…

Дирӯз саҳари солеҳон, ҳанӯз аз ҷои хобаш нахеста, ногоҳ дар нӯги забонаш ибораи «пишаки сиёҳу хонаи торик» пайдо шуд. Чӣ хел? Аз куҷо? Равшан дар оғоз кӯшид ба ин эътибор надиҳад, вале ба зудӣ ҳамин ибора ба тамоми вуҷудаш дамидаву онро ба панҷаи ноаёну гирояш даровард ва дигар ҳама фикру андешаро пахш намуд. Дар ҷои кораш ҳам натавонист орому осуда бошад. «Пишаки сиёҳ… хонаи торик…». Яъне чӣ? Ҳеҷ. Ғайри пишаки сиёҳу хонаи торик ҳеҷ чиз. Инро аз куҷо хонда ва ё шунида буд? Ба ёд оварда натавонист. Ва агар ба ёд ҳам меовард, чӣ аҳамияте дошт? Ба сари мизи корӣ нишасту рисолаеро барои таҳрир ба даст ги-

рифт. Чанд саҳифаро гардонд, вале ба маънияш сарфаҳм нарафт. Саҳифа гардонду такрор хонд. Рисолаи мазкур, менавишт муаллиф, барои мутахассисони соҳаҳои гуногун: адабиётшиносон, муаррихон… пишаки сиёҳу хонаи торик… Дар хонаи торик пишаки сиёҳ… Чоп ва дастрас кардани ин рисола аҳамияти… пишаки сиёҳ хонаи… Ҳамин ибораи шум аз сатре ба сатре мекӯчиду намемонд, ки ба маънии чизи хондааш сарфаҳм биравад. Бо ин ҳол то пешин кореро ба субут расонида натавонист. Дилаш ғашнок, сараш гиҷ, пайваста сигарет мекашид. Оқибат корро сӯе гузошта хомӯшу хаёлӣ ба кӯча баромад. Дар миёни анбӯҳи одамони саросема, танҳо, қатори мошинҳои бешумор, пиёда қадам мезаду дар қабзаи гирои «пишаки сиёҳу хонаи торик» ба худ мепечид. Аҷаб ҳоле! Аҷаб ҳоле! Дилашро шубҳаю гумони ногуфтание ханҷол мезад.

– Оё дигарон ҳам гирифтори чунин аҳвол мешаванд? – мепурсид аз худ. Ва оё чунин ҳолро муқаррарӣ номидан равост? Ягон рақами телефон, сарлавҳаи мақола ва ҳеҷ набошад, мисрае аз куҷое ба ёдаш меояду мисоли қартаи харошхӯрда ғайриихтиёр дар хаёлаш такрор шудан мегирад. Ё тавба! Ва ё асабҳояш? Дар куҷое хонда буд, ки… Шояд асабҳояш хаста шудаанд… Охир, онҳо ҳам аз санг ё фӯлод нестанд-ку! Ба духтур равад – чӣ?... Духтур ҳам чӣ мегуфт? Албатта вай чунин во менамояд, ки ба ту бодиққат гӯш медиҳад, вале ҷавобаш чун ҳамешагӣ пешакӣ тайёр аст. Зеро табат аз ҳад баланд нест. Беҳуда беёд шуда ҳам наафтодаӣ, аз дарди зӯре печутоб намехӯрӣ ва ё бо корд зада маҷрӯҳат накардаанд. Дар ин ҳолат, ҳеҷ гап не, мегӯяд вай, худро ҷиддӣ гирифта, баъд бо табассум илова мекунад: хаста шудаед, кори шумо фикрӣ, кори вазнин, ҳа, албатта, шумо бояд дам гиред, ба ман бовар кунед…

Аз як тараф гапи вай ҳам дуруст. Хаста шудааст. Дам гирифтанаш лозим. Лекин аз чӣ хаста шудааст? Шояд аз худаш. Аз орзую ормонҳои баландаш? Аз зиндагиаш? Аз кору бораш? Агар ин хел аст, чӣ мебояд? Ана, ҷавоби инаш душвор. Ба ин духтур ҳаргиз гунаҳгор нест. Шояд худи вай ҳам мӯҳтоҷи ёрие бошад?.. Пас киву чӣ? Чуну чаро?...

Ҳоло бошад гирифтори «тумани дилгири тирамоҳ» шуда роҳи наҷот меҷӯяду илоҷе намеёбад. Дар ин нимашаби ваҳмолуду пурсукуту намзада чӣ бояд кард? Телефон нест,

ки ақаллан ба ягон дӯстат занг заниву бигӯӣ: бедорхобӣ мекашам, ҷӯраи ҷон! Дилам фишор мехӯрад аз он ки... Телефон мебуд ҳам ба кӣ занг мезад вай? Ба Толиб? Толиб, албатта, ба ҳайрат меафтад – гӯё осмон ба замин омада часпида бошад мегӯяд: магар девонаӣ? Нигар, ки соат чанд аст? Афсӯс, хоби хуш медидам, – вай, ҳеҷ ҷои аҷоибот надорад, ки ҳамеша хобҳои хуш мебинад, бедор кардиву буридӣ! Доруи хоб дошта бошӣ ду ҳабб хӯру саратро печон ва то сад шумур, такрор ба такрор шумур. Пагоҳ вақти хӯроки нимарӯзӣ, агар хоҳӣ, вомехӯрем, хайр! Ҳа, Толиб, албатта ҳамин хел ва ё ба ҳамин монанд гапҳоро мегӯяд, зеро дигар хелашро наметавонад гуфтан. Тамоми кор, амал, рафтораш ба дараҷаи ғашовар аз рӯи реҷа, аз рӯи соат аст. Агар ба таъзия рафтанӣ бошад, аз ҳама пеш меравад, бо тамоми расму русумаш онро ба ҷо меораду аз дарвоза набаромада, кию чикора будани раҳматӣ, бо чӣ сабаб фавтидани ӯ, дарду алами зану бачаҳояш, хулоса ҳамаашро фаромӯш мекунад. Ва ҳамоно аз паи кори дигар мешавад. Ва шояд кори дигараш хизмат дар тӯи арӯсии ягон шиносаш бошад. Ҳамаи ин аз як тараф нигарӣ, бадие гӯё надорад. Баробари ҳар раҳматӣ кас намемирад-ку, охир! Вале ба Равшан рафторҳои ӯ хуш намеояд, хусусан вақтҳои охир. Ҳа, зиндагии Толиб хубу хуш, рӯзгораш обод, кисааш пури пул, даҳонаш пури ханда, хона дорад, мебелашон хориҷӣ ва боз чизҳои зиёде дорад, ки зани Равшан баъзан ҳамаашро номбар мекунаду ҷони ӯро ба лабаш меоварад. Кораш низ ҳамеша пеш меравад. Мақолаҳои илмиаш тез-тез дар рӯзномаҳо чоп мешаванд, ки аз афташ, ғайри занашу хешовандони занаш каси дигар онҳоро намехонад. Ба ин ҳолу аҳвол ҳавасаку ҳасудакон ҳам дорад ӯ, ки яктояш ҳамин зани Равшан, ҳарчанд ки аввалҳо ин хел набуд. Равшанро рӯз то рӯз аз он манкуртак – Толибро дар дил ҳамин тавр меномад ӯ, чизе дур мекунад, вале боз аз чӣ сабаб бошад, ки тамоман аз ҳам ҷудо намешаванд онҳо. Муносибаташон рӯз то рӯз мисоли ришта борик ва хӯрда мешуд.

Равшан ин дамҳо ҳамчунин лексияҳои муаллим Шарофзодаро ёд меовард ва суханони ӯро ҳамеша такрор мекард: «Ҳой мардум, бедор шавед, бедортар». Дар воқеъ ҳам чашми Равшан он солҳо, он шабҳои ҷустуҷӯҳову бедорхобиҳо дар хобгоҳи умумӣ оҳиста-оҳиста кушода мешуд. Толиб ҳамеша бо ӯ буду ҳар ду орзую ормонҳои баланде мепарвариданд, аҳд

карда буданд, ки то метавонанд, худу миллати худро мешиносанд ва дигаронро ҳам ба ин роҳ ҳидоят менамоянд.

Бо ин ниятҳо дар институти илмӣ барои кор монданд. Вақти интихоби мавзӯи илмӣ бори аввал Равшан Толибро нашинохт. Ба гумони Равшан ин мавзӯъ шоистаи таҳқиқ ҳам набуду ба орзую ормонҳои онҳо «дар бораи ҳар чӣ бештар ошно кардани мардум бо таърихи қадимаю бои халқамон ва чун оина ба ҳар хонадон расондани он то кӣ будани худро ҳар кас шиносаду бидонад ва ба қадраш расад», ҳаргиз рост намеомад. Баъд солҳо гузаштанд… Ҳар ду ҳам номзади илм шуданд. Толиб дар чор сол рисолаи илмиашро ҳимоя кард. Равшан дар ҳафт сол ва ин ҳам бошад бо дастгирию дахолати як академики рус. Фарқи рисолаҳоро дар институт аксар нағз медонистанд, аҳамияту зарураташро ҳам. Вале унвони ҳар ду як шуд. Равшан ҳам дар ин хусус худ ҳеҷ наандешидааст. Дар ҳама маҷлисҳои тантанавию идонаву ҷашнӣ Толиб иштироку суханронӣ мекарду дар конференсияву музокираҳои баҳсталаби дандоншикан Равшан.

Дар ин миён Толиб ҷӯраҳои зиёд пайдо карду Равшан рақибони бешумор. Баъд ҳар ду хонадор шуданд. Равшан ба духтари ҳамсояашон Гавҳар ошиқ шуду ӯро гирифта ба шаҳр, ба хонаи иҷорааш овард. Толиб духтари директори институташонро интихоб намуд. Баъди ду сол Толиб хона гирифт, сонӣ соҳиби мошин шуд, ба яке аз секторҳои институт мудир таъйин карданд.

Равшан баъди ду кӯдакдор шудан дигар натавонист иҷора шинад ва ба хобгоҳ кӯчид. Кӯдаконашро ба боғча монда, занашро ба комбинати бофандагӣ ба кор даровард.

Ба занаш, ки ниҳолак барин қомат дошту баъди зиндагии осуда дар як деҳаи дур ба шӯру мағали шаҳр базӯр одат мекард, кор дар комбинати бофандагӣ, хусусан дар басти дувум ба осонӣ муяссар намешуд.Ҷавонзани бофаросат дарк мекард, ки ҳамин кори ӯ зарур аст, тоқат менамуд ва то метавонист дар зиндагӣ кӯмак ба шавҳараш мерасонд. Умед ва орзу дошт, ки хона мегиранд ва ӯ кӯдаконашро ҳам андак калонтар карда, баъд дар ягон мактаби олӣ шабона ё ғоибона мехонад. Вай ягон бор аз вазнинии кор ба Равшан лаб намекушод. Зеро сарфаҳм рафта буд, ки ба шавҳараш ҳам дар ҷои кор душвориҳои зиёде пеш меоянд. Солҳои аввал Равшан ба ӯ

дарди дил мегуфт:

– Хаёл мекардам, ки дар он даргоҳи мӯътабар фақат одамоне ҳастанд, ки ҳаёти худро фидои илм намудаанд, поку некдиланд, инсофу имон доранд… Не, ба фикрам одамони покдил бештар дар деҳаанд.

Баъдҳо дигар хел ақида пеш мекашид.

– Не, чаро? Албатта дар академия ва ҳам институти мо одамони зиёде ҳастанд, ки умрашон воқеан ҳам сарфи илму донишандӯзӣ гаштааст… Биё беҳтараш дар ин мавзӯи чигил гап назанем…

…Вале ҳоло Равшан чора меҷуст, ки андаке хоб раваду ором гирад. Ба кӯча барояд-чӣ? Пеш аз хоб дар ҳавои серун ва орому намолуда қадам задан шояд кӯмак расонад. Вале имрӯз навбатдори хобгоҳ кампираки айнакиву хашмист. Вай ҳамеша дарвозаро аз рӯи қоида соати дувоздаҳ қулф мекунаду тамом, вассалом! Сад зорию тавалло бикунӣ, бо сад забон бифаҳмонӣ, ки ин ҷо хобгоҳи донишҷӯён нест ва бошандагонаш ҳам ҷавонони шӯху худсар наянд, ҳама мардуми побанди кору зиндагӣ, соҳиби оилаю рӯзгор, ғайри қулфу калиди шумо сад қулфу занҷири дигар доранд ва ғайраву ва ҳоказо, пинакаш вайрон намешавад. Банди калидҳоро ба банди дасташ мегузаронаду гӯё сурати девор бошад, хомӯш меистад, ки ҷонат ба лаб меояд.

Равшан дар балкончааш, ки шишабандӣ буд, пасу пеш қадам мезаду илоҷе намеёфт, аз бедорхобиву «тумани дилгири тирамоҳ». Вай бо чашмони имдодҷӯ ҷониби «хонаи зарин» нигарист. Чароғи он ҳанӯз гирон буд. Равшан ҳам чароғи рӯимизиашро гиронда гулдонро бо гулҳои сафедаш пештар кашид, то соҳиби «хонаи зарин» онро бубинад.

Дар муқобили хобгоҳи онҳо бинои нӯҳошёнае қомат афрохта буд. Дар ошёнаи чоруми ҳамин бино, аз тарафи чап, рӯ ба рӯи балкончааш Равшан хонаеро ба худ «хонаи зарин» меномид. Зеро девор ва пардаҳои ҳарири даричаҳои он ранги заринтоби нафисе доштанду шабонгоҳон аз он нури нарме ба атроф мерехт ва ба кас осудагию роҳат мебахшид.

Равшан суроби соҳибаи хонаро паси пардаи ҳарир медид. Вай то нимашабиҳо паси миз менишаст, китоб мехонд ва ё чизе менавишт. Шину хез ва қадамзаниаш оромона буд. Равшан ӯро ягон бор надида ё чеҳраи ӯро ба худ тасаввур ҳам

намекард. Вале аз чӣ сабаб бовар дошт, ки вай зани дилкашу хушкорест, ки ҳама кирдору рафтораш мисоли фариштаҳост. Боз ба он бовар дошт, ки ҷавонзан хело камгап асту зуд-зуд табассум мекунад, табассуми нарму намакӣ. Равшан гоҳо муддатҳо ба ҳамон тиреза менигарист. Аз ягон хусус андешад ҳам, китоб хонад ва ё мақолае нависад ҳам, ба ҳамон тараф гоҳ-гоҳ менигарист ва дилаш пур шуда корашро давом медод. Ҳамин ки чароғи «хонаи зарин» хомӯш гашт, вай ҳам баъди муддате ба ҷояш даромада мехобид.

Ва агар шабҳо ба хобгоҳ дер биёяд, ҳанӯз аз автобус нафаромада менигарист, ки чароғи «хонаи зарин» гирон аст ё не. Медид, ки ӯ ҳанӯз «нахобидааст», яъне ӯро «интизор» аст. Хуштабъ мешуд. Дар хона занаш кайҳост, ки ӯро дигар интизор намешавад. Равшан шабҳои дер омаданаш дарро бо калиди худ кушода оҳиста медарояду барои он ки бачаҳо бедор нашаванд, ба балкон-кабинеташ мегузарад. Баъзан аз қаҳру алами беинтиҳо ва номуайян хӯрок ҳам намехӯрад, ба занаш низ чизе намегӯяд, гӯё ҳаққу ҳуқуқ надошта бошад.

Солҳое ки раҳматӣ модараш зинда буду «писаракам бе хӯроки гарм намонад» гуфта аз деҳа назди ӯ – ба хонаи иҷорааш омада ҳамроҳ то зан гирифтанаш – якуним сол зист, ӯро ҳамеша хоб нарафта интизор мешуд. Он солҳо Равшан ёру ошно ва кору бори зиёде дошту дар айни шӯру шавқи ҷавонӣ ба саду як баҳона аксар вақт нимашабӣ ва ё сари субҳ ба хона меомад, яъне ба қавли модараш, «кӯчагардӣ» мекард ва боз медид, ки модаракаш хоб нарафта бе ҳеҷ коҳишу сарзаниш, ташвишу изтироби худро фурӯ бурда, «шабгардаки ман» гӯён навозиш мекард ва ҳамеша бо меҳрубонӣ наздаш хӯроки гарм оварда мемонду дуои нек мегуфт. Модараш дигар несту меҳрубониву навозиш ҳам гӯё дар рӯи дунё нест шудааст.

Дар ин лаҳзаҳо ҳаргиз вай намеандешид, ки солҳои аввал занашро «меҳрубонакам» ва ё «гавҳаракам» меномид, баъдтар номашро мегирифтагӣ шуд, мана акнун аз зиндагии якҷояашон даҳ сол гузаштааст, Равшан ӯро «занак» гӯён ном мебарад.

«Меҳрубонак»-у «гавҳарак»-и ӯ акнун дар он тарафи кӯча паси миз нишаста чизе менависад ва рӯи мизи Равшан барои ӯ гулҳои сафеди тару тоза меистад.

Боре, аввали поиз, фасле ки дар дили кас андӯҳҳо дигар

намеғунҷанд ва исён мекунанд, як нимашаб Равшан ба худ қарор дод, ки меравад ва ба он «меҳрубон»-и ҳам дуру ҳам наздики «дерин» ошно мешавад. Ва рӯзи дигар баъди кор дастагуле аз гулҳои сафеди тирамоҳӣ харида рост ба «хонаи зарин» рафт. Ба садои занг дарро зуд кушоданд, гӯё ки касеро интизор бошанд. Ҷавонзани хушкамари хандонрӯ, вале табассумаш андаке боэҳтиёт ва аз ин рӯ дилгудоз баъди салому алейк Равшанро ба хона хонд ва бо ҳайрати рӯшод ба ӯву гулҳои дасташ нигарист.

– Гулҳоро бароятон овардам, – боҷуръат шуда дастагулро тарафи ҷавонзан дароз кард ӯ.

– О, ташаккури зиёд! – ниҳоят хушҳол шуд ҷавонзан ва гулҳоро гирифта ба гулдон монд. – Ташаккур, – боз такрор кард ҷавонзан ва хиҷолатзадаю саросема пурсид: – вале ба кадом муносибат бошад, нафаҳмидам.

– Ҳамсоя ба ҳамсоя гул тӯҳфа карданӣ шудааст, наход барои ҳамин ҳам муносибат ё сабабу баҳона ҷӯяд?

– Агар ношинос бошанд, албатта…

– Ана, биёед шинос мешавем…

Вақти хайрухуш Равшан ногаҳон пурсид:

– Мумкин боз ба шумо гулҳои сафед биёрам? Ман онҳоро худ дӯст медорам.

– Чӣ лозим Равшан-ака! Барои ҳамин ҳам ҳазор ташаккур. Ман ҳанӯз нагуфтаам, ки шуморо ғоибона мешиносам, мақолаҳоятонро мехонам. Силсилаи баромадҳоятонро ҳам аз телевизор дар хусуси «Маданияти замони Сосониён» шунида будам. Шуморо, бовар намоед, эҳтиром мекунам ва аз шиносоӣ ниҳоят хурсандам… Гулҳои сафедро ман ҳам дӯст медорам, ташаккур, вале намехоҳам дигар барои ман ташвиш бикашед… Не, не, лозим не…

– Бо ҳамин баҳона гоҳ-гоҳ вохӯрда дарди дил мегӯем, чӣ бадӣ дорад? Аз сӯҳбатамон маълум шуд, ки шумо гапҳои зиёди гуфтанӣ доред.

– …

– Магар танҳоӣ бароятон гарон нест? – нохост, беихтиёр пурсид Равшан.

Ҷои ҷавоб дар лабони ҷавонзан табассуми аламолуде мавҷ зад ва ба аломати инкор сар ҷунбонд.

– Пас ман ҳафтае як бор гулҳои сафед харида рӯи мизам

мемонам. Онҳо аз хонаи шумо дида мешаванд? Бидонед, ки он гулҳо барои шумоянд.

– Медонед, барои чӣ ман гулҳои сафедро дӯст медорам? Намедонед? Дар ин хусус афсонае шунидаам, мехоҳед бароятон бигӯям? Гӯш кунед, кӯтоҳакак: вақте ки турнаҳо аз сафари дур ба манзили дилхоҳ мерасанд, аз ғояти хурсандӣ мехоҳанд бо тамоми овоз суруд хонанд ва аз ин рӯ даҳонашонро чунон калон мекушоянд, ки аз ин садои онон ба замин мерезад. Аз замин – аз ҷое ки садои шодибори турнаҳо мерезад, гулҳои сафед мерӯянд. Яъне гулҳои сафед – садои турнаҳо – садои мурғоне ҳастанд, ки якумр ҷуфти худро иваз намекунанд.

– Афсонаи аҷибе гуфтед.

– Хуш бошед!

– Шод бошед!..

Равшан ҳафтае як бор аз бозор гулҳои сафед мехарид ва онро рӯи мизаш ба гулдон мегузошт. Ва дамҳое, ки андӯҳ дигар дар ӯ намеғунҷид ва олам дар назараш сарду тира ва холӣ аз умедҳо мешуд, сари мизаш менишасту ба гулҳои сафед менигарист.

...Барги ин гулҳо пеши назараш як-як канда шуда ба турнаҳо бадал мешуданд ва ин турнаҳо аввал як ҳавои хонаро бо насими атрогини болҳои нарму нафисашон пур карда, баъд аз бодгона ба сӯи «кишвари гарм» – он тарафи кӯча парвоз мекарданд. Ба он ҷониб ки турнаҳо мепариданд, баҳор мерасид. Баҳори пургул, пурофтоб, пурорзу.

Равшан баъзан ба он ҷавонзан занг ҳам мезад. Ё аз шодии зиёд, ё аз дарду аламе. Занг мезаду садои нарму меҳрубони ӯро шунида ором мешуд.

Равшан ба ҳоли хеш баъзан сарфаҳм мерафт, ба худ аҳд мекард, ки дигар...дигар гулҳои сафед ҳам намехараду занг ҳам намезанад. Вале чанде нагузашта худ бехабар мемонд, ки чи хел боз занг задаву дарди дил холӣ кардааст. Ё ба театр даъват менамуд ва ё ҳамроҳ хӯроки нимирӯзӣ мехӯрданд. Баъзан худи ҷавонзан ӯро сороғ мекард. Дилаш гоҳо оташ мегирифт ва мехост бол барорад, мисли ҳамон турнаҳои хаёлияш аз бодгона барояду сӯи «кишвари гарм» биравад. Ва ҳис мекард, яқин ҳис мекард, ки он ҷо ҳам диле месӯзад...

Гулҳои сафеди бешумор мешукуфтанд. Дар теппаяки

офтобрӯя духтараке бо куртаи чити гули нор, кокулакош дар пушташ қатор, чун баррачаҳо шӯху беқарор аз паи шаҳпаракҳо медавиду медавид…

Имрӯз Равшан аз кор дертар баромад ва боғча рафт, ки кӯдаконашро аллакай занаш гирифтааст. Ин аломати сахт қаҳрӣ шудани ӯст. Ва дар воқеъ ҳам ҳанӯз бо зинаҳо боло мерафт, ки занаш бачаҳоро, дар навбати аввал падарашонро коҳиш мекард:

– Ақаллан шумо ҷигарама хун накунед. Дадетон-ку парвои олам надорад, кошки дигарҳо барин…

Дигарҳо барин… Ҳамин гапи занаш ба ҷону ҷигари Равшан сих барин мехалид. Вай аввалҳо кӯшид, ки Гавҳар ин гапро дигар такрор накунад, вале нашуд. Занак нафаҳмид. Агар худи зан нафаҳмад, ба вай фаҳмонидани чизе баробари аҷал аст, гуфта хулоса кард Равшан ва хомӯш монд. Дигарҳо хона доштаанд, дигарҳо шароити дурусти зиндагӣ доштаанд, дигарҳо мошин доштаанд, дигарҳо ба ҳам меҳрубон будаанд, яъне одам барин зиндагӣ мекардаанд. Ин ҷо бошад фақат фикру хаёли китобу таърихи гузашта. Дигар тоқатам намонд, мегуфт занак ва оқибат ҳиқ-ҳиқ ба гиря медаромад. Дар ин ҳолатҳо сабри Равшан ҳам гӯё ба нестӣ мерафту худро дигар боздоштан наметавонист. Аз чи сабаб бошад, ки вақтҳои охир оби дидаи занаш дар дили Равшан нафрат ва кароҳатро бедор мекард, нисбат ба худаш, нисбат ба зиндагиаш. Пештар ин хел набуд. Ақаллан дар чашми Гавҳар ҳалқаи ашкро бинад, дилу ҷонаш об мешуду худро гунаҳгори азим меҳисобид. Вале акнун баробари ӯ дод мезанад. Охир, занак ҳам гапҳое мегӯяд, ки… Гӯё худаш намедониста бошад, гӯё динаякак аз сайёраи дуре парида омада заминӣ шуда, ҳанӯз аз корҳои дунё бехабар бошад. Медонад, ҳамаашро нағз медонаду масалан, мегӯяд: Шумо марди хона, илоҷашро ёбед, дигарҳо метавонанд-ку! Дувоздаҳ сол инҷониб хобгоҳу иҷоранишинӣ ба дилам зад. Боз шон номзади илм будаанду дар идораи баобрӯе кор мекардаанд. Номи калону деҳи вайрон!

Аз ин гапҳо ҷони Равшан ба лабаш меомад, вале хомӯш мемонд. Зеро борҳо ба сад обу ранг гуфта буд: ҳой занак, кӯр нестӣ-ку, дурусттар нигар, ба атрофат нигар, ки ғайри «ҳамон дигарҳо»-и ту мегуфтагӣ боз дигарҳое ҳастанд мисли мо ва ё аз мо ҳам бадтар. Ана ҳамонҳо мо барин даҳ-дувоздаҳ сол

инҷониб дар хобгоҳ зиндагӣ доранд ва ё иҷора мешинанд. Мана ҳамсояамон Амон-акаро бин, шаш фарзанд доранд, зани ҳамон мардак ҳам зан, аз ту камӣ надорад… Тоқат кун, камтари дигар монд, навбатамон расидагӣ… Ҳоло низ коҳишҳои занашро шуниду дар поғундаҳо лаҳзае истод, гӯё шах шуда бошад ва он ҳисси шодие дошт, ба зудӣ рафт. Хост пас гардад, пас гардад «мисли турнаҳо ба сӯи кишвари гарм». Вале аҳдашро ёд оварду боло баромад ва ба хона даромада бачаҳоро сарам-дилам навозиш намуду ба балкон-кабинеташ гузашт. Бачаҳо чанд бор ӯро ҷеғ заданд:

– Дадаҷон, биёед мултик тамошо мекунем.

– Монед, халал нарасонед, илҳоми дадатон омадагӣ.

«Заҳр мезанад, заҳр, – гуфт ба худ Равшан. Аламашро мегирад. Ҳар чӣ хоҳӣ гӯй, агар бо гуфтан аламат мебаромада бошад, агар илоҷро дар ҳамин ҷӯй ва ёбӣ…»

Алами занак бошад аз он буд, ки… Шаб вай аз Равшан хоҳиш кард, ки пагоҳӣ бачаҳоро ба боғча барад. Зеро кораш бисёр асту вай бояд барвақттар биравад. Равшан бо дили нохоҳам ғур-ғуркунон ҳа гуфту монд, беҳтараш ки розӣ намешуд. Аслан вай бачаҳоро ба боғча бурданӣ ҳам буд, вале шаб бо хоҳиши рӯзномае таъҷилан мақолае навишту дер ба ҷойгаҳ даромад ва бар замми ин хобаш набурд. Чанд моҳ аст, ки ӯ ҳамин хел бедорхобӣ мекашад. Ин як дарде будааст, ки касро тамоман хаста ва беҳавсала мекардааст. Аввали шаб андаке хобаш барад ҳам, баъдтар ногаҳон бедор мешаваду дигар то дами субҳ чашм пӯшидан наметавонад.

Одатан он вақт бедор мешавад, ки равуои мошинҳо қатъ гардида, кӯчаҳо аз овозҳо холӣ мегарданд ва шаҳр ором нафас мегирад. Ин дамҳо Равшанро як ҳисси барояш то ҳанӯз ноошно ва ваҳмолуда пахш мекунад. Вай ин лаҳзаҳо танҳои танҳо мемонад. Ва аз ҳама бадаш ба гумоне меравад, ки аз ин ҳол ҳаргиз роҳи раҳоӣ нест. Гӯё ӯ ҳама шаб субҳи дурӯғинро бо бедорхобӣ пешвоз мегирад ва сипас фақат баъди он ки мошинҳо аз нав ба равуо даромада, шаҳр ба қавле бедор мешавад, ӯро ноаён хоб мебарад. Шаби гузашта ҳам ба ӯ ҳамин ҳол рӯй дод. Ягон соат хобида буд ё не, ки занаш аз сари китфаш оҳиста дошта гуфт:

– Дадаҷонакаш. Хезед, хезед, ки вақти боғчаравии бачаҳо шуд. Равшан саращро дурустакак печонду даруntари ҷогаҳ даромад, яъне «пушти ману табари қассоб!»

Занак худаш бачаҳоро ба боғча бурд ва ана акнун аламашро мегирад, заҳр мезанад.

Вай ин лаҳзаҳо ҳаргиз аз худ намепурсид, ки оё пештар ҳам занаш ҳамин хел феълу атвор дошт? Ба ёд ҳам намеовард, ки ӯ то кадом дараҷа духтараки оромаку шармин буд. Дами вохӯриҳои тасодуфиашон дар кӯчаҳои деҳ рӯйҳояш оташ гирифта, болои биниаш донаҳои арақ пайдо мешуданд. Духтарак ягон бор сар бардошта ба Равшан нигоҳ намекард. Вақти бори аввал муҳаббат изҳор карданаш чашми Гавҳар об гирифта, дасту по хӯрда сонӣ ногаҳон чунон гурехта буд, ки дили Равшанро ёди он то ҳанӯз аз ҳисси гарму нарме пур мекунад. Ҳо, дар ҳақиқат солҳои нахусти оиладориашон гап гардонидан он тараф истад, ҳатто аз навозиши ошкорои шавҳараш шарм медошт. Ҳама инро гӯё Равшан ҳоло фаромӯш карда буду чанд соли охир дар ҷавоби дуруштиву дағалии занаш мегуфт: забонат заҳр! Аз куҷо ин хелиҳо мерӯида бошанд? Ва мекӯшид, ки аз хусуси чизи дигар биандешад. Вале баъзан дар ин гуна ҳолатҳо овози бибии Анор ба гӯшаш мерасид, ки гуфта буд:

– Мо занҳо, бачам, муштипару дастнигарем. Нағзимон ҳам аз мардҳомон, бадимон ҳам аз мардҳомон. Як қиссая гӯям, ба гӯшат гир. Ту одами муллою лекин гапи мани кампир ҳам рӯзе кор меояд. Ҳа, ба ту гӯям, ки як замонҳо марде зани ҷоҳилу шаттоҳ доштааст ва ҳар рӯз аз Худо мепурсидаст, ки барои кадом гуноҳаш ба вай ин гуна ҷазо дод. Ҳамсояи ҳамон мард баногоҳ ба фалокате дучор мегардад ва зани баақлу ҳуш ва баинсофаш бева мемонад. Мардак баъди гузаштани соле аз зани худ ҷудо ва ба бевазани ҳамсоя хонадор мешавад.

Баъди чанд сол ин зан ҳам сирати зани авваларо мегирад. Мардак аз ин ҳол малулу ҳайрон, меандешад, меандешаду сабабашро ёфтан наметавонад ва аз занаш мепурсад. Занак мегӯяд:

– Вақти бори аввал ношто карданамон ба хона Мошон даромад. Ва ба шумо рамузгирона нигаристу оҳиста-оҳиста пеш омад, ба лаби дастархон расид ва ҳатто ба косаи қаймоқ забон ҳам заданӣ шуд. Ман ҳамаи инро дида ҳамон вақт ба ёд оварда будам627 ноштои нахусти ману раҳматӣ ҳамсояатонро. Он вақт ҳам Мошон ба хона даромад, ба он кас нигарист. Нигоҳ кард – нигоҳ карду баъд бе ҳеҷ садо

оҳиста паснокӣ аз хона баромад ва дигар ҳаргиз дар ҳузури раҳматӣ аз остона нагузашт…

Ана ҳамин хел, бачам, вақте ки зан гирифтӣ, ғайри ақл ду дастатро ҳам кор фармо. Ба якаш тозиёна гиру гоҳ-гоҳ ба соқи мӯзаат зада ист, ки садояш ба гӯши занат расад, бо дигараш ӯро навозиш куну меҳрубонӣ. Ана он вақт навозишҳоят ҳам гармтар метобаду қадраш ҳам баландтар мешавад…

Ин гапҳои бибии Анорро Равшан фаромӯш накардааст. Вале ӯ дар аввал бо ду даст Гавҳарро навозиш кард, баъдҳо ба ду даст тозиёна гирифт, ки таъсираш ба худаш сахттар буд. Ниҳоят ҳар ду дасташро афшонду монд.

Як бор байнашон аз ин хусус гуфтугӯе ҳам шуда буд, ки то ҳанӯз Равшанро вомедорад, ки умуман дар ин боб андеша намояд.

– Наход ту ҳамон Гавҳаракӣ? Гавҳараки меҳрубон? Куҷо шуд он ҳама???

– Куҷо мешуд? Солҳои аввал Гавҳараку меҳрубонак будам, ҳоло номам «ҳой занак». Аввал коргару баъд сумкабардорак шудам. Ёдатон оварда метавонед, ки кай ба бозор ё магазин харидкунӣ рафтед? Гоҳ-гоҳ бачаҳоро аз боғча мегиред, он ҳам бошад, бо зориву зӯрӣ. Корам вазнин, боз ғавғои ин хобгоҳ. На шаб ором меёбӣ, на рӯз. Ман охир, ин хел умед надоштам. Худатон ҳам торафт дамдузду камгап мешавед, баъзан тамоман бегона барин. Чи андешаҳое аз дили кас мегузаранд. Гумонатон, ки шуморо намефаҳмам ва ё дилам намесӯзад? Чӣ кунам, аз дастам намеояд, ки гоҳо босабру тоқат бошам, алами кас ҷӯшида меравад. Меҳру муҳаббат ҳам дар ниҳояти кор, шояд эътибору диққат хоҳад? Шояд онро қадр кардан, ҳифз кардан зарур бошад? Мана, ҳоло аз растаниву ҳайвонот сар карда то ёдгориҳои таърихиву табииро ҳазорон ҳазор одам ҳифз мекунанд, ки якаш шумо. Дар ин хусус кӣ меандешад? Вале ҳисси инсониро – чӣ? Аз ҷумла меҳру муҳаббатро? Боварӣ ба ҳамдигарро? Оё дар ҳамон идораи мӯътабари шумо – ақаллан ҷамъиятаке ҳаст, ки ҳисси инсониро муҳофизат кунад? Ба фикрам дар ҳама олам инро фаромӯш кардаанд. Ҳама беҳис, мисоли санг шуда истодаем. Ва боз аз якдигар гилаҳо мекунем. Тавба! Дуруст, ки ман ба шумо гоҳо номеҳрубонам. Ва на ҳама вазифаҳои худро чун зан иҷро мекунам. Чаро? Магар намехоҳам? Магар дили ман аз шумо сард шудааст? Шояд аз зиндагӣ сард шуда бошад,

ман ба ин иқрорам. Ва ҳам иқрорам, ки тағйир ёфтаам. Хаста шудаам, хаста. Хона гирем, кор намекунам, барои ман чизи зиёд лозим нест, оромиву осоиш мехоҳам… Баъзан чунон хаста мешавам, ки ба бачаҳо наметавонам афсонае бигӯям, онҳо ҳар шаб инро мехоҳанд.

Ана акнун намедонад аз кӣ дурустакак хафа шаваду аз кӣ гила кунад? Танҳоӣ мекашад. Бедорхоб аст, вале касе нест, ки ба ӯ дарди дилашро бигӯяд. Зани маҳмадонояш ҳам ба дараҷае ҳақ аст…

Агар хона гирем, аз дил гузаронд Равшан, шояд хонаро ба ӯ гузораму худам баромада равам? Ва ба он тарафи кӯча нигарист. Чароги «хонаи зарин» хомӯш буд.

Шаб аз нима гузашт. Равшан, ки пасу пеш бесадо қадам мезад, хунук хӯрд ва андаке ларзид. Ба хона даромад. Ба ҷои хобаш гузашт. Нури хираи чароғи кӯча ба рӯи занаш меафтид. Равшан ба ӯ бодиққат нигарист. Гирди чашмонаш тӯри маҳини ожангро дид. Чеҳрааш хаста ва тира метофт. Мӯйҳояш равғанӣ, шабпӯшакаш ғиҷим. Дилаш номуайян фишор хӯрд.

Ин дам лабони Гавҳар оҳиста ҷунбиданд.

– Хобатон намебарад?

– …

– Худро то кай азоб медиҳед, беҳтараш дору хӯред, дигар илоҷе нест.

Вай аз таги болинаш қуттичае баровард.

– Якбора дуто хӯред, нағз таъсир мекунад ва боз аз чӣ сабаб илова кард: – Пагоҳ дам мегирем.

Равшан қуттиро гирифт. Он ҷо фақат ду ҳабб буду бас. Онҳоро хӯрду хобид.

Шаб деҳаро хоб дид. Теппаи офтобрӯяро бо гулҳои сафедаш. Он ҷо духтараке бо куртаи чити гули нор, кокулакаш дар пушташ қатор, чун баррачаҳо шӯху беқарор аз паси шаҳпаракҳо медавиду медавид…

## ТАЪБИРИ ХОБ

– Хайр, ман рафтам. Имрӯз дертар меоям.

Восит суханашро ба охир нарасонида, садои занг баромад. Дарро кушода хаткашонро дид.

– Ба шумоён телеграмма.

«Тез биёетон, бибиям касал», – хабар медоданд аз деҳа.

Дили Восит сип-сиёҳ шуд. Кош ҳамин рӯз шӯрои илмӣ намебуд. Кош имрӯз маърӯзаашро муҳокима намекарданд! Доим ана ҳамин хел, ба марра мерасам, ки гӯӣ, пешпо медиҳанд.

Чӣ бояд кард? Фардо раванд ҳам мешудагист. Аҳволи кампир нағз буд-ку! … Ё телеграммаро ба занаш бегоҳӣ нишон диҳад? Охир, ду ҳафта пеш аз қишлоқ баргаштанд. Одам, ки пир шуд, ҳамин-дия, як рӯз касал, як рӯз сиҳат. Хусусан, хушдоманаш, ки аз рӯзи азал касалист, дар пирӣ чӣ мешуд? Раваду кампира рӯзаш буд шуда бошад?..

Восит дар хусуси он ки телеграммаро ба Ҳабиба ҳозир нишон диҳад ё бегоҳӣ, ба андеша афтод. Ҳозир нишон диҳад, ҳамин рӯз рафтанашон рост меояд. Беҳтараш бегоҳӣ…

Ҳамин дам Ҳабиба баромаду шавҳарашро, ки дар остона ҳайрон меистод, дида пурсид:

– Чӣ гап шуд? Кӣ омад?

– Телеграмма, – иқрор шуд Восит.

Ҳабиба телеграммаро хонда ранги рӯяш канда, ба курсичаи лаби дар нишаст.

– Худоё! Имшаб беҳуда хоб надида будаам. Акнун чӣ кор мекунам? – чашмони сиёҳи вай пури об шуданд. Дастонаш ларзида телеграмма ба замин афтод.

– Худро дор! Одами пир ҳамин-дия. Гоҳ касал, гоҳ сиҳат, – Восит ӯро тасалло доданӣ шуд.

Вале Ҳабиба аллакай бо овози баланд мегирист.

– Чӣ нияти бад мекунӣ? – ба танг омад Восит.

– Андак касал мебуданд, хабар намедоданд, – аламолуд гуфт Ҳабиба ва гӯё якбора ба худ омада бошад, пурсид:

– Ба рейси якум расида метавонем?

– Нақшаҳои имрӯза барбод мерафтагӣ барин, – аз дил гузаронд Восит. Не, ҳар чӣ ҳам бошад, набояд имрӯз маърӯзааш аз муҳокима монад. Вай аз китфи занаш дошта, ӯро меҳрубонона ба хона даровард. Оби хунук нӯшонда, ором карданӣ шуд.

– Модарат касал шуда бошанд, рафта мебинем, ҷонакам. Аслан худамон гунаҳкор. Касал шуда ба мо хабар надодед, гуфта гила кардем. Ин хел хабарҳо одатан ба кас дигархелтар мерасанд.

Ҳабиба андак ором шуд. Рост, вай аз модараш сахт гила

карда буд, ки аз ҷарроҳӣ шуданаш ӯро хабардор накарданд. Укаҳояшро сарзаниш намуда, фармуд, ки аз саломатии модараш ӯро хабардор карда истанд, лозим ояд, телеграмма фиристанд. Шояд укаҳояш хоҳиши ӯро ба таври худ фаҳмида бошанд…

– Ба ҳар ҳол ҳамин рӯз рафтан даркор, – овози Ҳабиба меларзид.

– Албатта, меравем. Лекин ба рейси якум дер мондем. Ба дуюмаш якбора ду билет ёфт шуданаш душвор.

Восит ба қиёфаи занаш бодиққат нигоҳ кард.

– Телеграммаро нишон медиҳем, ҷой ёфта медиҳанд.

– Якто ёфта доданашон мумкин, лекин дутояшро намедонам.

Ҳозир мавсими парвоз. Туро танҳо фиристодан намехоҳам. Ҳазор кунед, домод ҷои писарро намегирифтааст, гуфта меранҷанд. Биё, беҳтараш фардо равем.

– Рост, – каме ором шуда гуфт Ҳабиба. Онҳо ҳам аз санг не, набудани билета мефаҳманд. Ғайр аз ин имрӯз шӯрои илмиятон ҳаст…

– Э мон ин гапҳоро! – даст афшонд Восит. Гап дар сари кори ман нест. Одамҳои қишлоқа худат медонӣ. Якеашон «коркуни академия шуда якта билет ёфта натавонистааст» гӯянд, дигарашон «пулсарфкунӣ кори осон не» гуфта механданд. Сад фаҳмонӣ ҳам «домод домодиша кард» мегӯянд, ба рӯят нагӯянд ҳам дар дил мегӯянд. Гап ҳамин, фардо бо рейси якум меравем, ман имрӯз аз номи корхона ду билет мефармоям.

Восит тез баромада рафт, то занаш гапро бисёр накунад.

Ҳабиба аз паси шавҳараш нигоҳ карда монд. Гапаш дуруст, аз дил гузаронд вай. Ҳамроҳ равем, беҳтар.

Як моҳ аз ин пештар ба қишлоқ рафта буданд. Ҳабиба мехост рухсатиашро ҳамон ҷо гузаронад, шавҳараш розӣ нашуд.

– Ёру дӯст, хешу таборҳоя дидем, шуд. Биё аз паи кори худ шавем, – гӯён онҳоро ҳамроҳ гирифта омад.

Умуман Воситҷон ӯро танҳо намегузорад, танҳо ҷое рафтан намемонад. Дилаш об намехӯрда бошад? Кӣ медонад дили ин мардака. Даҳлезро рӯфта истода, чашми Ҳабиба ба телеграмма афтод. Дилаш боз ба ғулғула даромад. Хоби шаб дидаашро ба ёд овард. Хоб бинад дандонаш сахт дард мекардааст. Ҳабиба охир ба зӯри дард тоб оварда натавониста,

анбӯрро ба даст гирифтааст, то дандони дардмандашро канад. Ҳамин ки даҳонашро кушояд, ба рӯи кафаш як дандони сап – сафеду тоза афтодааст. Ҳабиба дар оина нигоҳ кардааст, ки ҳама дандонҳояш дар ҷояш. Вай дандонро ба Воситҷон нишон дода пурсидааст:

– Ин дандони шумо?

– Не, – қоҳ-қоҳзанон хандидааст шавҳараш. – Аз даҳони ту меафтаду чаро дандони ман мешудааст?

Восит чунон механдидааст, ки Ҳабиба хиҷолат кашида, чи кор карданашро намедонистааст.

Ҳабиба ҳарчанд фикр кард, таъбири хобашро баровარда натавонист. Фақат ба ёд овард, ки дар хоб афтидани дандон фоли нек нест. Дилаш ғаш хӯрда, назди кампири ҳамсоя даромад.

Очаи Анорбибӣ арзашро шунида, Ҳабибаро тасаллӣ дод:

– Хоби зан чап мешавад, духтарам. Дилатона танг накарда, хобатона ба оби равон гӯед. Як каф дон бароварда пошед, ҷонваракон чида хӯранд. Агар тавонед очаатона хабар гирифта биёед. Очаҳо ғанимат, духтарам. Умри мо акнун офтоби сари кӯҳ. Липпӣ рафта мемонад, бепарво нашавед…

Ҳабиба ба хона гузашта, ба роҳ тайёрӣ дид. Либоси Азизро пӯшониду боз ба хонаи ҳамсоя даромад, то ба Воситҷон занг занад. Гӯшакро худи шавҳараш бардошт.

– Ҷамъомадатон сар нашудааст? – пурсид Ҳабиба.

– Не, ба ҳафтаи дигар мононданд, – аз оҳанги гапаш Ҳабиба донист, ки шавҳараш ниҳоят асабист. Чӣ гуфта гап сар карданашро надониста монд.

– Тинҷӣ-мӣ? – пурсид худи Воситҷон.

– Мо район рафтанӣ шудем, дадеш…

– Равед, рафтан гиред. Модоме ки рафтанӣ шудед, ҳоҷати ба ман хабардиҳӣ набуд! – дод зада гӯшакро гузошт Восит.

Ин муомила ба Ҳабиба сахт расид. Чӣ дод мезанад ӯ? Гӯё Ҳабиба ба тамошо мерафта бошад! Вай, ки дар умраш ягон бор сахтакак касал нашудааст, ба қавли модари Ҳабиба кай ба қадри одамӣ расад? Боре андак зуком шуда, дар як соат ду бор духтур ҷеғ занонда буд.

Воситҷон одамонеро, ки тез-тез касал мешаванд, бо заҳрханда серкасалӣ ё сернозунуз меномид. Ин ба Ҳабиба алам мекард, зеро модараш тез-тез касал мешуд. Вале то ин

дам хабар фиристода онҳоро ба ташвиш наандохта буданд. Модоме ки ин дафъа телеграмма додаанд, ҳоҷати фикру хаёл карда нишастан нест, меравам, – қатъӣ қарор дод Ҳабиба.

Ва ба аэропорт омаду телеграммаро нишон дода, билет гирифт. Андешаҳои бесару нӯг, гумонҳои бад дилашро ханҷол мезаданд, сарашро гиҷ мекарданд. Пас аз ним соат самолёт парвоз кард.

Азиз бо саволҳои кӯдаконааш як муддат модарашро банд кард.

– Ба пеши бибиҷонам меравем?

– Ҳа, пеши бибиҷонаш меравем.

– Шумо бибиҷонама нағз намебинед?

– Барои чӣ нағз намедидаам? Ту ин гапро аз куҷо ёфтӣ? – ҳайрон шуд Ҳабиба.

– Набошад чаро гиря кардед? – боз пурсид Азиз.

– Бибиҷонаш касал шудаанд, барои ҳамин, – иқрор шуд Ҳабиба.

– Кадом бибиҷонам – бибиҷони худам ё афсонагӯ? – ба ташвиш омад Азиз. Вай модари Ҳабибаро бибиҷони афсонагӯ, модари Воситҷонро бибиҷони худам меномид.

– Бибиҷони афсонагӯят касал, – оҳ кашид Ҳабиба.

– Барои чӣ доим бибиҷони афсонагӯям касал мешаванд?

Ин саволи Азиз магар ба торҳои нозуки дилаш рафта расид, ки дар чашмонаш боз ашк ҳалқа зад.

– Намедонам, бачаҷон, як дам хоб кун, чашмакота пӯш,- Ҳабиба писарашро ба оғӯш гирифта, сару китфи ӯро навозиш намуд. Дере нагузашта хоби Азиз бурд. Ҳабибаро бошад, хотираҳо ба гирдоби худ кашиданд.

Ҳабиба чор сол дар донишгоҳи омӯзгорӣ хонд, ба ягон кас дил надода буд. Дар бораи оиладорӣ фикр ҳам намекард. Баъди хатми институт модараш розигиашро барои бо Воситҷон хонадор шудан пурсид. Ҳабиба аввал хуб нею нестон кард. Модараш оби дида рехт, ӯро насиҳат дод, аз боби қоидаю қонуни дунё, қарзу вазифаи падару модар гап зад. Ба қад расида қатор шудани хоҳаронашро, касалияшро, орзую умедашро пеш гузошт. Кам не, ба бисту ду даромадани Ҳабибаро. Ҷавони нағз, хондагӣ будани Воситҷон, баобрӯ будани оилаи онҳоро хотиррасон кард.

Воситҷону Ҳабиба пасу пеш як мактабро хатм карда бо-

шанд ҳам, чор соли охир ҳамдигарро надида буданд. Воситҷон баъди хатми яке аз институтҳои марказии физика дар академия ба кор монда буд.

Дили Ҳабиба вақти дидани Воситҷони хушқомати сабзина, ки чашмони сиёҳи гирою мӯйсари ғуллаи ҷингила дошт, «ҷиғғӣ» карду ба модараш «медонистагиатонро кардан гиред» гуфт.

Панҷ сол аст, ки бо ҳам зиндагӣ мекунанд, бад не. Фақат як қадам дурии модараш, ғайри ин баъзе хислатҳои Воситҷон ӯро ба танг меорад.

Шавҳараш худнамоию манманиро дӯст медорад. Дар ягон кор бо вай маслиҳат карданро ба худ раво намебинад.

Солҳои аввали хонадорӣ Воситҷон ба сари худ баҳудаю беҳуда пул сарф мекард ва ҳар моҳ қарздор мешуд. Дукаса кор мекарданду барака надоштанд.

Ниҳоят як рӯз ҳамсояи дасти росташон, ки доим аз ӯ қарз мепурсид, ба хонаашон омад.

– Наход ман ҳашт каса хӯрондаю пӯшонда тавонаму дукаса кор карда пулатон ба рӯзгори худатон нарасад? – таъна зад вай.

Воситҷону Ҳабибаро шинонида, тору пуди рӯзгор, ҳисобу китобро фаҳмонида дод, маслиҳат кард.

Баъди ҳамин гапҳо қарзҳо нест шуду рӯзгорашон ободь. Вале ҳамин ки Ҳабиба дар ин бора сухан ронда, аз ҳамсоя миннатдор мешуд, шавҳараш рӯй турш карда, ким-чиҳо мегуфт, ки худаш ҳам намефаҳмид.

– Ба қарздиҳӣ дилаш нашуда чи гапҳое ёфта набаровард, – мегуфт дар ҳаққи ҳамсоя.

Офтоби гарми тобистон саҳни аэропортро чунон тасфонида буд, ки бӯи асфалти зери по баромада дили касро беҳузур мекард. Гармселе, ки дар ин ҷо худнамоӣ дошт, сару рӯйҳоро месӯзонд.

Ҳабиба раҳораҳ хоби дидаашро боз ёд овард. Азоби раҳдурӣ ҳамин-дия. Агар вай дар деҳа мебуд, ҳар рӯз чанд бор модарашро хабар мегирифт. Барои як бор дидорбинӣ ҳамин қадар ташвишу гапу кор. Илоҷе карда аҳволи модараш бад набошад шуд…

Овози сигнали мошин ва кушода шудани дарвозаро шунида, хоҳари хурдии Ҳабиба – Раъно давида баромада худро ба оғӯши апааш андохт.

– Аҳволи модарам чӣ хел, Раъно? – саросема пурсид Ҳабиба.

– Нағз, хонаи қудохолаам рафтагӣ.

Ҳабиба ҳайрон шуд. Кадом қилиқхунук ҳазл карда бошад? Дар хусуси телеграмма фикр кард вай.

– Модарам барои чӣ он ҷо рафтанд, вайҳо ҳама дурустанд?

– Қудохолаам касал-ку. Телеграмма нагирифтед? – ҳайрон шуд Раъно.

Танҳо ҳамин вақт ба хотири Ҳабиба расид, ки ҳар ду оила фамилияи якхела доранд. Ба ҳар ҳол пурсид:

– Телеграммаро кӣ фиристода буд?

– Укои почом, – гуфт Раъно. – Саҳарӣ ин ҷониб роҳатона мепоянд.

Ҳабиба Азизро гирифта, ба Маҳаллаи Боло ба хонаи хушдоманаш равон шуд. Чӣ гап шуда бошад ба хушдоманаш? Охир, он кас бардаму бақувват буданд-ку? Ягон фалокат рӯй дода бошад? Қадамҳои Ҳабиба худ аз худ тезтар мешуд.

Хушдоманаш дар хона рӯи бистар мехобид. Сурхии рӯяш парида, лабонаш варамида, кабудча шуда буданд. Аз ду тарафи модар хоҳарону додарони Воситҷон менишастанд. Модари Ҳабиба ва чанде дигарон дар даҳлез рост меистоданд. Аз ваҷоҳати онҳо нохушие дарак медод.

Ӯро назди хушдоманаш оварданд.

– Оча, очаҷон чашматона кушоед, келинатон Ҳабибахон омаданд, – духтари калонӣ модарашро ба худ оварданӣ шуд.

– Оча, Ҳабибахону Азизатон омаданд. Азизҷонатон омад, – овози духтар ларзид.

Модар чашм кушода Ҳабибаро диду табассум кард. Чун ба Азиз нигоҳаш афтид, чашмони камнуру беҳолаш барқ заданд.

– Пештар биё, ҷонаки бибӣ, – вай даст дароз карда аз пешонаи Азиз бӯсиду сарашро сила кард. Сонӣ нигоҳашро сӯи дар дӯхт. Ҳалқаш хушк шуд магар, ки лабонашро лесид. – Додот канӣ, Азизҷон? – пурсид вай. Ҳабиба дасту по хӯрд.

– Воситҷонакам, писаракам канӣ? – овози модар оҳанги илтиҷо гирифт.

– Маскав рафтагӣ. Командировка. Бегоҳӣ меоянд, – Ҳабиба худаш ҳам ҳайрон буд, ки ин дурӯғ аз куҷо ба забонаш омад.

– Илоҳӣ саломат бошад Воситакам, олимакам, шумоя, Азизакама дидам, худаша дидагӣ барин… Нафаси вай танг

шуду баъди андаке илова кард:

– Розӣ шавед, келин…

Дигар чӣ шуд. Ҳабиба намедонад. Касе аз китфаш қафо кашида оҳиста гуфт:

– Бачая берун бароред, натарсад.

Ҳабиба ҷӯраи Воситҷонро ёфта, рақами телефони шавҳарашро таъйин кард.

«Барои чӣ сахт истодагарӣ накардам, ки Воситҷон ҳамроҳам ояд? Бо модар дар дами марг гапи дурӯғ гуфта ӯро осуда кардам, акнун ба одамон, ба шавҳарам чӣ мегӯям? – Ҳабиба худро мазаммат мекард. – Охир шаб хоб дида будам… Дандони сап-сафеди тозаам афтид…»

Дарди синасӯзе забони Ҳабибаро ба фарёд овард. Фарёди вай ба навҳаи умум омехта шуд.

Дар гӯшаш суханони охирини модар такрор-такрор садо медоданд. Дар гумони вай ин садо торафт қувват ёфта, бо мавҷаш ҳамаи дигар овозҳоро фурӯ нишонда, аз дару тиреза, бому айвон, ҳавливу кӯча, деҳу шаҳрҳо гузашта, тамоми оламро фаро гирифт.

– Воситакам, олимакам, илоҳо саломат бошад, саломат бошад…

## **М Ӯ Й С А Ф Е Д**

*(Ҳикояи нотамом)*

Чароғи хонаи мӯйсафед нимаи шаб даргирифт.

Ҳанӯз субҳ нарасида аввал чароғи айвонҳо, баъд рӯи ҳавлӣ ва дигар хонаҳоро паи ҳам гирон311данд.

Занҳо сандуқҳоро кушода ҷомаву миёнбанд ва тоқиву мӯзаҳои нави мардонаро берун кашиданд. Хомӯш, боэҳтиёт, вале саросема ба ғундоштани хонаву ҳавлӣ машғул шуданд.

Мардҳо ҷомаҳои кабуду сияҳ пӯшидаву миён баста дарвозаро калон кушоданд, кӯчаро саросар рӯфтанд, андаке об пошиданд, аз куҷое харакҳо ёфта оварда рӯ ба рӯи дарвозахона монданд, рӯяш кӯрпачаҳо андохтанд.

Сипас чароғҳои ҳавлиҳои ҳамсояҳо ҳам даргирифтанд.

Субҳ дамид. Давуғеҷ сар шуд.

– Акои Ҷамолиддин, дилатон ганда нашавад.

– Бандагӣ, илоҷамон чӣ…

– Амакам ба чанд даромада буданд?
– Ду кам ҳаштод.
– Ду кам ҳаштод? Хайр, ако дар ин синну сол тӯй ҳисоб. Ҳар кас ба ин синну сол намерасад. Бадавлат буданд мӯйсафед. Бемор буданд?
– Не, фақат дина бегоҳӣ «тобам гурехтагӣ барин» гуфта барвақт даромада хобиданд. Сонитар хабаргирӣ дароям «ҳамин ҷо бихоб» гуфтанд. Мани гӯл ҳеҷ чиза нафаҳмидам.
– Донистан катӣ чӣ мекардед? Аз дасти мо чӣ ҳам меомад?
– Ақаллан ба Ҷалол мошин мефиристодам, расида меомад.
– Ҳа-а… Худи амакам чизе нагуфтанд.
– Нимашабӣ бедор шуданд, об хостанд, баъд гуфтанд, ки «аҳволам бад, аз афташ пеши очат меравам». Чашм пӯшиданду кушоданд ва баъди фурсате гуфтанд: «Акнун ба ҷои ман ту. Бо Ҷалол аҳлу тифоқ бош. Вая хафа накун». Ҳамааш ҳамин.. То ҳанӯз бовар намекунам, ки одам ин қадар ба осонӣ…
– Одами нағз буданд, раҳматӣ. Ҷояшон ҷаннат шавад. Ба Ҷалол мошин фиристодед?
– Ҳа…
– То пешин расида меомадагист?
– Ҳа…
– Баъди пешин мебарорем?
– Мӯйсафедҳо биёянд, маслиҳат мекунем.
– Мошин даркор. Назди Карим рав, ҷавоб пурсида биёяд.
Раиси ҷамоаву котибаш, директори совхозу ду нафар мӯйсафед дар меҳмонхона менишастанд. Ҷамолиддин сархам даромад.
– Гап ҳаст муаллим. Шинед. Маслиҳат кардан даркор.
– …
– Мӯйсафеда куҷо хок мекунем?
– Куҷо мешуд? Ба Зархок мебарем.
– Дар маҷлис дирӯз дигар гап гуфтем.
– Ман нагуфтам.
– Шумо нагуфтед, лекин шумо тарафдор будед.
– …
– Як рӯз не, як рӯз сар кардан даркор.
– Барои чӣ ман сар мекардаам?
– Шумо накунед, кӣ мекунад. Шумо одами як чиза мефаҳмидагӣ, шумо директори мактаб, шумо аъзои партия.

– Агар худи ман мурам…

– Гап ин хел нашудааст, муаллим. Тезу тунд нашавед. Гапа гӯш кунед…

– Хайр… раҳматӣ дар ин бора чизе гуфтанд, васият карданд?

– Чизе нагуфтанд, лекин шумо медонед, ки розӣ набуданд.

Раҳматӣ розӣ набуд. Аз ин қабристон, аниқтараш аз ҷое ки онҳо барои қабристон ҷудо карданд, мӯйсафед розӣ набуд. Деҳа дар поини кӯҳ ҷой дошту қабристони ҳоло холӣ дар нишебӣ. Аз ҳар ҳавлӣ деворҳо ва дарвозаи оҳанинаш ба чашм мерасанд. Субҳ аз хоб бихезӣ, чашмат аввал ба қабристон меафтад. Қабристон андӯҳи дилро мерабояд, мегӯянд, вале агар гоҳ-гоҳ бинӣ. Ҳар рӯз, субҳу шом пеши чашмат бошад, муқаддасиаш ҳам намемонад. Баръакс бар сари деҳ чун сояи марг аст ин гуна қабристон.

На танҳо мӯйсафед, балки бисёр касони сафеду сиёҳро фарқ мекардагӣ бо мӯйсафед ҳамфикр буданд. Онҳо маслиҳат доданд, ки даро – дарои деҳа, майдони тарафи дасти чап, ки аз роҳ хело баланд аст, барои қабристон ҷои мувофиқтар аст. Не, гуфт директори совхоз, ба он майдон об мебарорем, ниҳол мешинонем. Ба ин ҷо бошад, об бароварда намешавад, замин холиву беҳуда истодааст.

– Барои мурда чӣ лозим? Як порча замин. Лекин ҳамонро ҳам дареғ доштанд. Аслан ҳамон ҳам ба хотири зиндаҳо. Мурда ҳам қадр надораду зинда ҳам, – мегуфт мӯйсафед.

– Мардуми ин деҳро бо мақсади заминкушоӣ ба ҳамин ҷо кӯчонида буданд. Аз деҳаи Зархок ва Сафедорак. Тақрибан сӣ хоҷагӣ кӯчида омад аз ду деҳа. Сӣ хоҷагӣ замин кушод, ин ҷоро обод кард.

Сӣ хоҷагӣ ба сад умед хонаву дар кард. Деҳа бунёд шуд. Вале деҳа ҳанӯз бе ном. Совхоз мегӯянд. Гӯё номаш ҳамин хел бошад. Мардум қариб чил сол инҷониб дар совхоз зиндагӣ мекунанд. Деҳа об дорад. Оби зеризаминӣ, мактаб дорад, мактаби ҳаштсола, дӯкони хӯроку пӯшок дорад, боғчаю клуб дорад… Ҳамааш кам-кам бунёд шуд. Лекин совхоз қабристон надошт ва … надорад. Мардум тӯли чил сол мурдаи худро ба деҳаашон мебаранд, сафедоракиҳо ба Сафедорак, зархокиҳо ба Зархок. Аз рӯи қонуни нонавиштае.

Ба раиси нави совхоз ҳамин одат, ҳамин қонуни нонавишта хуш наёмад. Вай бо чанд нафар маслиҳат кард, гӯё маслиҳат кард ва фикрашро дар хусуси қабристон маъқул кунонд. Дар нишебии кӯҳ, майдонеро таъйин намуд ва гирдашро девор занонд, дарвоза шинонд.

Аз нишебии кӯҳ, аз боло қабристони ҳанӯз холӣ ба сари деҳа гӯё таҳдид мекард: Марг… Марг…Марг. Баъзеҳо девори ҳавлиашонро аз тарафи қабристон чанд похса баланд бардоштанд. Вале аз кӯчаву аз саҳро, аз бому аз… қабристони холӣ чун даҳони деви аҷал метофт…

## АМАКИ ШОФЁР

Аз мактаб омада саросема хӯрок мехӯраму досу линга гирифта аз паи алафбиёрӣ мешавам. Модарам аз он ки бе зориву зӯрӣ ихтиёрӣ роҳи саҳро мегирам, ҳайрон мемонад. Вай, албатта, аз пасам мегӯяд: шукр, ки ба инсоф омад…

Ман бошам, ин дам аз кӯчаҳои каҷмокаҷи деҳаамон гузашта сӯи роҳи калон мешитобам. Он ҷо зери сояи ғафси шаҳтути пири сершоху барге менишинам. Беихтиёр дар рӯи хоки нарм бо нӯги тези досам нақшҳо мекашам, то даме ки садои мағруру боқуввати «МАЗ»-ҳоро нашунавам.

Мошинҳо пас аз андаке интизорӣ пайдо мешаванд. Паси ҳамдигар сето. Ҳар се боркаш, ҳар се ранги осмони кушодро доранд. Ин мошинҳо шах мекашонанд. Шахи сафедро онҳо аз карйери кушоди кӯҳҳои деҳаи мо бор карда ба заводи гаҷ мебаранд. Заводи гаҷ дар даромадгоҳи шаҳр воқест. Дудкашҳои ин завод, ки доимо ба фазо дуди сафед мебароранд, аз деҳаи мо баръало намоёнанд.

Аз мошинҳо аввал ҳамоне мегузарад, ки шофёраш марди фарбеҳу бадқавоқ аст. Чеҳрааш ба чеҳраи одами чандин шаб аз хоб мондагӣ монанд. Ба назарам, вай ғайри роҳ дигар ҳеҷ чизро намебинад.

Шофёри мошини дувум рус, чашмонаш каб-кабуду мӯйҳояш зард. Дар як кунҷи лабаш ҳамеша сигарет дуд мекунад. Гӯё ба андешае сахт банд бошад, вай ҳам маро наме-

бинад, мегузарад.

Мошини сеюм намудор мешавад, ба дуи аввала монанд, фақат рақамаш дигар. Ман аз ҷоям мехезаму ба пешвозаш даст меафшонам. Шофёраш шиноси худам…

Истед, ки аввал бо вай чӣ хел шинос шуданамро гӯям.

Як моҳ пештар аз ин, ҳар рӯз бо модарам аз барои алафбиёрӣ баҳсу талош мекардем. Вай аз ман талаб мекард, ки ҳар рӯз ақаллан як раҳ алаф биёрам. Ман бошам намехостам аз паи ҳамин кори дилбазан равам. Ҳарчанд медонистам бисёр ҷӯраҳоям рӯзе ду-се борӣ алаф мекашонанд.

Гоҳ рӯйрост, намехоҳам, мегуфтаму мемондам, гоҳ дар мактаб маҳфил ё мусобиқа дорем гуфта баҳона меовардам. Алафбиёрӣ, ки нарафтам, то бевақтӣ дар кӯчаҳо мегаштам. Бар замми ин қошу қавоқ карда, на бо касе гап мезадам, на хӯрок мехӯрдам. Аз ҳама пеш ба ҷогаҳ даромада сарамро печонида худро ба хоб мезадам.

Модарам медид, ки қаҳр кардаам ва гуруснаву ташна хобидаам, ба падарам шикоят намекард. Дилаш ба ҳоли мани танбал месӯхт аз афташ. Бо вуҷуди ин, кор ба ҷое расид, ки падарам аз кору рафторам огоҳ шуду нағзакак гӯшмолам дод.

Рӯзи дигар аз мактаб омадаму мувофиқи ваъда як бурда нон гирифта ба роҳ даромадам. Димоғам сӯхтагӣ, лабу лунҷам овезон. Раҳораҳ фикр мекардам, ки чӣ хел аз алафбиёрӣ озод шавам? Кошкӣ ба падарам пул даркор мешуду барраҳоро мефурӯхт. Ё ақаллан зимистон тезтар медаромад…

Ҳатто як фикри аҷоиб ба сарам омад: ҷарроҳӣ шудан даркор, ҷарроҳии кӯррӯда осон мегӯянд, аз синфамон чанд кас шудагӣ. Як-ду ҳафта азоб мекашию бо ҳамин ҷонат халос. Бор бардоштан мумкин не. Нахоҳӣ, ҳатто аз машқҳои бароят номаъқули тарбияи ҷисмонӣ озод. Хулоса, кайф…

Ҳамин хел хаёлкунон то роҳи калон расидам. Ақаллан аз ҷӯраҳоям ягонтааш меомад, ҳамроҳ мерафтем, гуфтаму зери ҳамин шаҳтут чорзону задам. Боз ҳамон орзуҳои пучу бемаънӣ ва дар айни замон ширинро давом дода менишастам, ки мошинҳо қатор омада монданд.

Ҳарчанд аз ҳамин роҳ гузаштани мошинҳо бори аввал нест, намедонам чӣ сабаб шуд, ки якбора аз ҷоям ҷаста хес-

таму дастамро бардошта дод задам:

– Амаки шофёр, истон, исто о-о-он!

Дод мезадаму медонистам, ки ҳеҷ кадоме аз онҳо намеистанд, зеро одати мо, бачаҳоро, шофёрҳо нағз медонанд.

«Стонн, сто-о-оннн!!» – кӯҳҳо садоямро акс карданд. Ман хушҳол шуда такрор-такрор дод мезадам. Шофёри мошини якум пинакашро вайрон накарда гузашта рафт.

Русмардак бошад, ба тарафам бо ҳайронӣ нигоҳ карду фақат китф дарҳам кашид.

Ман ҳанӯз фарёд мезадаму даст меафшондам.

– Амаки шофёр, истон, истоннн!

Рости гап, аз кори ҳамонрӯзаам ҳоло ҳам шарм медорам. Хайрият, ки ғайри шофёрҳо ҳолатамро дигар ҳеҷ кас надида буд.

Мошини сеюм суст шуду аз ман 10-20 қадам гузашта истод. Ман дасту по хӯрдам, дарҳол фаҳмидам, ки беҳудаву бемаънӣ фарёд задам. Аз тарси он ки мабодо аз шофёр тарсакие хӯрам, досу лингаамро ба бағал гирифта рӯ ба гурез ниҳодам.

– Ҷӯра, куҷо мегурезӣ? – боздошт овози шофёр маро. Қафо нигаристам. Вай дар даст халтаи резинӣ дошт. Аз афташ ҳолати маро ба хубӣ дарк карда буд, ки ханда мезад.

– Хуб кардӣ, ки囲 доштӣ. Оби радиатор хушк шуда тасфида рафтааст, – гӯён аз ҷӯй об гирифт.

– Чӣ гурехтӣ, шербача? – обро ба радиатор рехта истода пурсид вай.

– Хаёл кардам дошта мезанед…

– Қанд зане, – қоҳ-қоҳ зада хандид вай, – чӣ, мо ҳеҷ вақт бача набудему шӯхӣ намекардем? Олама ба дод меовардем дар вақташ.

Шофёр ба лаби ҷӯй барои дастшӯӣ нишаст. Ман бо ҳавас ба дастони равғанолудаш менигаристам. Мо, писарбачаҳо, шофёрҳоро дӯст медорем, ин ба ҳама маълум. Ҳатто аз бӯи бензин хушамон меояд.

– Аҷаб ҷои сояву салқин ёфтӣ, – гӯён вай ба ман наздик шуду даст дароз кард.

Мардиро аз даст надода даст додаму дар дил гуфтам, тамом, аз дастат медораду ду лагад ба ҷои гуфтанамешудагиат мезанад, ки чӣ будани ҳазла дониста мемонӣ. Баданам

вачаррос заду карахт шудам.

Як маҳал бинам шофёр лингаамро гирифта паҳн кардаасту рӯяш паҳлӯ задааст.

– Ҷӯра, аз кабина якта харбуза гирифта биё. Кордча дар кисаи пиҷакам, – фармуд вай.

Тарсам бартараф шуд. Харбузаю кордчая оварда додам. Худам ҳанӯз рост меистодам.

– Чӣ, ту намешинӣ? – пурсид вай, – аз афташ ҷудо сернозу нузӣ ё тарсончак. Агар ин хел бошӣ, тамоман нағз не. Даррав шин, як улфатӣ кунем.

Дар як лаҳза сӯҳбатамон қӯр гирифт, мардаки хушчақчақ будааст вай. Бисёриҳо мегӯянд, ки ман бачаи камгапу дамдузд, ҳаргиз ин хел нест. Одамаша ёбам, ман ҳам гапи мегуфтагӣ дорам.

Амаки шофёр тез-тез гап мезаду тез-тез харбуза мехӯрд. Ба рафтораш ҳавасам меомад. Чунон гап мезад, ки гӯё ману ӯ аз рӯзи аввал шинос бошем.

Вақти рафтан вай ба ман гӯё, ки ука ё писараш бошам, таъкид кард:

– Сояи ғафса гирифта то бегоҳӣ нашин, тезтар аз паи корат шав. Имрӯзҳо даҳбори алаф овардан мумкин.Ту фақат як бор меовардаӣ, кирои гап не.

Амаки шофёр чобук ба сари рул нишасту газ дода якбора пеш рафт. Рости гап, оби даҳонам рехт, чунон хостам, ки ба ҷояш бошам…

Карҷи охирини харбузая гирифта он тарафи роҳ гузаштаму ҷониби шолизор раҳ гирифтам. Ким-чӣ хел шод будаму суруд мехондам.

Аз палҳои шолӣ алаф даравида ҳар замон ба роҳи калон чашм медӯхтам. Ниҳоят мошинҳои ба соғуяшон шахи сафед бор кардашуда тарафи шахр гузаштанд. Дасту поям торафт тезтар ҳаракат мекард. Дар қабзаам бандчаҳои алаф худ аз худ пайдо мешуданд. Ширт, ширт, ширт, – дами тези дос пайваста мебурид.

Ман ҳамин хел то бори дуюм ба тарафи карйер гузаштани мошинҳо кор кардам. Сонӣ алафҳои даравидаамро ғундошта ба линга андохтаму ба таги шаҳтут давидам. Болои линга нишаста мошинҳоро интизорӣ кашидам.

Аввал шофёри бадқавоқ, баъд русмардаки чашмкабуд, ниҳоят шиносам омад. Вай ба ман наздик шудан ҳамоно дасташро аз кабина бароварда сарангушташро бардошт:

– Зӯр, ҷӯра, зӯр! – фарёд зад вай.

– Урр-рр! – садо доданд кӯҳҳо…

– Аз ҳамон вақт инҷониб ҳар рӯз сари роҳи калон баромада мошини 46-84-ро интизор мешавам. Ҳамонеро, ки шофёраш амаки қоқинаву хандонрӯст.

Вай дандонҳои сафедашро дурахшонида сӯям чашмакӣ мезанад, гӯё маро ба мусобиқа даъват мекунад. Ман сабук аз ҷой мехезаму сӯи палҳои шолӣ раҳ мегирам.

Ман нағз медонам, ки акнун ҳар рӯз ба алафдаравӣ меоям. Зери сояи шаҳтути пир мешинаму амаки шофёрро интизорӣ мекашам…

Рӯзе мерасад ва ман ҳам аз ҳамин роҳи калон бо мошини «МАЗ»-ам мегузарам. Ба писарбачаҳо, ки бо ҳавас «амаки шофёр, истон, истон!» мегӯянд, хушҳолона чашмак мезанам…

# Ш Е Ъ Р Ҳ О

***Муаззама шеър мегуфт. Шеъраш аз нуқсон холӣ набошад ҳам, самимӣ буд. Бале, ӯ шеър чоп намекард, «барои худ» менавишт. Инак, чанд намунае аз шеъри ӯ.***

## О Р З У [1]

Нақши пои рӯзҳои кӯтаҳам,
Мисраъҳои хомаку носуфта аст.
Чун шабонам ҳарфҳоям пурхаёл,
Гаҳ бубинӣ ҷамъ, гаҳ ошуфта аст.

Мисраъҳоро дона-дона бо умед,
Дар замини шеъри обӣ киштаам.
То шавад як донае сабзу баланд,
Бас шабони моҳтобӣ шиштаам.

Ҷӯяҳои сатри шеърам то саҳар,
Бо хуни дил обронӣ кардаам.
Донае сабзид агар дар мазрае,
Дида онро шодмонӣ кардаам.

Бар сари ҳар донае афтодааст,
Нури меҳру офтоби ишқи ман.
Решаи ҳар сабзае ҷо гаштааст,
Дар миёни хоки дарду ашки ман.

Ҳамраҳи ҳар дона ман сабзидаам,
Сабзиши ҳар дона фарёдам бибурд.
Дар қатори донае гул кардаам,
Дар қатори донае бодам бибурд.

---

[1] Ин шеърро, ки яке аз шеърҳои Муаззама будааст, муаллим Абдуmуталлим Шерматов аз мактаби миёнаи № 19 ба номи Абдусалом Атобоев, деҳаи Қалъачаи Мазор, деҳшӯрои Шаҳрак 11 феврали с.1989 ба мураттиб фиристодааст.

Донае, ки сабзиду боло бишуд,
Дона ё худ мисраъ не, дилпора буд.
Донае ҳам ки варо бодаш бибурд,
Порае аз ин дили бечора буд.

Мисраъҳоям – донаҳои шеъри ман,
Хӯша бандад сар ба сар, хирман шавад.
Дар ҳисоби хирмани шеъри дарӣ.
Э хушо, як донае аз ман шавад.

## ДУ ҒАЗАЛ

* * *

Аз ишқат шуд кӣ девона, дилатро пурс,
Кӣ ёрат шуд, кӣ бегона, дилатро пурс.
Кӣ як вақте дилаш доду дилатро бурд,
Ба ту ҳоло кӣ ҳамхона, дилатро пурс.
Зи чашмони пури фандат зи як дидор
Кӣ афсун шуд, кӣ афсона, дилатро пурс.
Ба бедардӣ, ба дилсардӣ ҳама умрам
Кӣ тоб овард мардона, дилатро пурс.
Дилат бишкаст агарчанде зи дасти ёр,
Кӣ нашкастаст паймона, дилатро пурс.

* * *

Агар хоҳӣ даме танҳо, ба ёдам бош!
Агар бошӣ шабе танҳо, ба ёдам бош!
Сари танҳою бесавдо чи савдоест,
Агар хоҳӣ сари савдо, ба ёдам бош!
Умеди ман чи имрӯзу чи фардо ту,
Умед дорӣ гар аз фардо, ба ёдам бош!
Зи ёди ту дили тангам чу дарё шуд,
Агар хоҳӣ дили дарё, ба ёдам бош!
Ҷаҳон якто, вале хоҳӣ, ки ҳар рӯзе
Ҷаҳони нав шавад пайдо, ба ёдам бош!
Бақои мо дар ин дунё ҳамин як ишқ,
Бақо хоҳӣ аз ин дунё, ба ёдам бош!

## НОМАИ ТӮЁНА

Ҳукми марги ишқи мо он номаи тӯёнаат,
Ҳамчу барги бед меларзад ба дасти сарди ман.
Ғунчаи уммеди умр аз шохаи дил рехта,
Ҷои онҳо шуд ҳамоил ғунчаҳои дарди ман.

Гиряи беашк кардам, нола кардам бесадо,
Оламам оташ гирифту ханда кардам аз алам
Ман, ки сӯзам то ҳанӯз аз ишқи поку ёди ту,
Ҳоли дилро кай тавонам кард тасвир бо қалам?

Номаи тӯёнаат, он номаи ҷабру ҷафо,
Боз медорам ба дастам, боз мехонам варо.
Ин чӣ рӯзу ин чӣ ҳоле?! Боз меҳоҳам варо
Аз туе, ки сӯхтӣ бо оташи сардӣ маро.

Гарчи шуд сард ин дили ман аз туву он номаат,
Ёду ишқат бар вуҷудам дастаи оташ ниҳод,
Ман чӣ гӯям дар ҳақи ту, зиндагӣ гар чун насиб
Дода бар ман ишқи сӯзон, бар ту ҳатто дил надод?!

## ЧУН ГАРАВ МОНАД

Нигаҳҳои ду чашмони алавдорат,
Ба хирмони ғурури ман алав сар дод.
Бибурд аввал қарорамро чу аспи ром,
Сипас онро чу боде беҷилав сар дод.

Умеди ман, ғурури ман, қарори ман,
Дар ин олам ҳамон чашмон, ҳамон оташ,
Маро сӯзад нигоҳи ту, вале бе он
Ку мизоне, ғами дилро кунад баркаш?!

Нигаҳҳои ду чашмони алавдорат,
Агарчанде дигар сӯям намедӯзӣ,
Ба ёди ман ҳамон чашмон, ҳамон оташ
Ба он рӯзе маро садбора месӯзӣ.

Ба ҳар ҳоле, ба ҳар роҳе нигоҳат кош,
Ба ҷони ман, ҷаҳони ман алав монад,
Бисӯзам ман, бисӯзад дил, бисӯзад умр,
Фақат ишқам дар олам чун гарав монад!

## ИМШАБИ ДЕҲ…

Имшаби деҳ,
Аз суруди форами келинбиёрон,
Аз сурӯру хандаҳои дӯстдорон,
Аз муборакбодии ёрон,
Аз назокат, аз латофат пур шуд.

Имшаби деҳ,
Аз чароғи бахти келин,
Аз шарори накди ширин,
Аз вафои аҳди дерин,
Равшану пурнур шуд.

Имшаби деҳ,
Дарди дил дар синаҳои ошиқони номурод,
Дарди ишқи рафта аз ёд,
Дарди ёду дарди фарёд,
Даргирифту зӯр шуд…

Имшаби тӯй,
Нозу нузи келини нав,
Бо садои қалби домод,
Ҷуфт шуд,
Ҷӯр шуд.

* * *

Хонаи бахти сафедам шӯълаи чашми сиёҳат буд,
Лонаи мурғи умедам шохаи сабзи нигоҳат буд.

## НИЛУФАР

Замоне об бо ҳасрат,
Ба модараш табиат
Рӯ оварда бо исрор,
Рози дилаш кард изҳор.

Ба хок карда саховат
Аҷаб бисёр гул додӣ.
Лола, наргис, бунафша,
Райҳону сунбул додӣ.

Кошкӣ маро ҳам мебуд,
Як гулаке нозанин,
Хушрӯяку хушнамуд,
Дилбараку дилнишин

Ки аз ҳуснаш чашми ман
Сер нагашта об мехӯрд,
Пеши ҳуснаш ҳусни моҳ
Мешикасту тоб мехӯрд.

Ба рӯи каф медоштам,
Ба сарам мебардоштам.
Зебофарзандам мешуд,
Аҷаб дилбандам мешуд.

Табиат шунида ин
Во дасти пурсахо кард,
Ба рӯи об баъд аз ин
Нилуфарро ато кард!

Дилбандашро об ҳанӯз
Рӯи кафаш медорад
Нилуфари масрур ҳам
Ба об саҷда меорад.

Фарзанди об – нилуфар!
Дилбанди об – нилуфар!
Нилоб, гулоб сап-сафед,
Ба нур, батоб, нилуфар!

## ШОД БОШ!

Модари ҷон ман, ки дурам аз барат,
Кай шабе бе ёди ман хобат барад?
Нағз медонам, хавотир мешавӣ,
Ҳар гаҳе, ки чашми некат мепарад.

Ман надонам, ҳукми тақдир ё насиб,
Дасти толеъ, орзуи бахти наҷиб.
Чӣ маро дур аз канорат кардааст,
Омадам ё аз паи ишқи ҳабиб?

Аз ҷавонӣ, аз ҷунунӣ, аз ғурур,
Гашта шояд беқарору носабур.
Худ бирафтам аз биҳишти даргаҳат,
Пас бароям ин қадар ҳам ғам махӯр.

Ман ба пандат дар ҷаҳони беҳудуд,
Ҳар куҷое мегузорам пои худ.
Ман, ки модар – бар худи ту рафтагӣ,
Дар сарам фикри бадӣ пайдо нашуд.

Модари пурдидаю пурэҳтиром,
Бар сарам дасти дуо дорӣ мудом.
Борат андар зиндагӣ кам буд магар,
Бори дуриям кашӣ ҳар субҳу шом?

Шукри дунё бо ту дорам, шод бош!
Фахри дунё аз ту дорам, шод бош!
Дурии раҳ дурии дил кай шавад,
Аз ғами дурии ман озод бош!

## БОЗЁФТ

Рӯзҳои бебаҳои баччагӣ,
Аз сари мо кай гузашт, эй хоҳарам?
Аз сари мо вай чаро даррав гузашт,
Ту магар донистаӣ, ҷон додарам?

Гар надонист ақли хоми баччагӣ,
Қадри даври кӯдакӣ, даврони он,
То ҳанӯзам ҳар яки мо дилкашол,
Ҳасрати он дар дили мо ҷовидон.

Гӯиё ки кӯдакӣ ҳамроҳи мо,
Рустшавакбозӣ карду руст шуд.
Риштаҳои беқарорӣ он замон
Дар тани мо гӯиё ки суст шуд.

Ман варо бас ҷустаам аз баҳру бар,
Дар суроғаш гаштаам бас дар ба дар.
Аз баҳорон ҷои он пурсон шудам,
Сад дареғи он ки н-омад вай дигар.

Турнаҳоро дидаму додам савол:
Кӯдакиям бо шумо оё набуд?
Чун мусофир дар диёри ношинос,
Карда ёдам, вай магар дилхун нашуд?

Лолаҳои аввалинро пурсидам,
Кӣ мабодо кӯдакиям дидаед?
Даштҳои махмалинро пурсидам,
Шарфаи пояш магар бишнидаед?

Чашмаҳоро зорӣ кардам бешумор,
Кӯдакиям гар биёяд бахри об,
Ҳам салому ҳам суроғамро диҳед,
То биёяд бар канорам бошитоб.

Моҳтоби кулчарӯро дида ман,
Дарди дил кардам, гиристам беадад.
Ҳой, – гуфтам, – Каҳкашону ахтарон,
Офтоби пурҳарорат, ё мадад!

Ҳар қадар кардам суроғаш, кӯдакӣ
Аз бари ман он қадар дуртар гурехт.
Шаддаи уммеди дил дар дасти вақт,
Канда гашту донаҳо ҳар ҷо гусехт…

Ноумеду ноумеду ноумед…
Кӯдакиро аз дигар кай кофтам?
Кори дунё чап магар, ки ман варо,
Чун умед дар ноумедӣ ёфтам!

Хоҳарону додаронам бингаред,
Кӯдакимон бо киҳо боз омадаст!
Дар симои баччаҳотон ҷо шуда
Аз дигар гӯё ба дунё омадаст.

Дар нигоҳи чашми барқосояшон,
Кӯдакимон тозатар хандидааст,
Донаи уммеди ман сад шукр, ки
Дар рухи сабзинашон сабзидааст!

# ШЕЪРҲО БАРОИ БАЧАҲО

## АСКАР-АКОМ ОМАДАСТ

Ҳой, холаи писардор,
Муждагония барор.
Аскар-аком омадаст,
Аз мошин фаромадаст.
Орденҳо қатор-қатор,
Рангу баранг ҷилодор.

Хоҳараки дилсӯзаш,
Оқилаю хушрӯзаш,
Канӣ-канӣ, пойандоз!
Ба пеши пояш андоз.
Рӯмоли шоҳӣ барор,
Ҷомаю тоқӣ барор!

Дадои аскар, биё,
Дасту остин барзада,
Сар кун тӯю тамошо,
Якта гӯсфанд сар зада!

Ошпаз амак, ҳой даррав,
Ба оташдон мон алав.
Кафгира ба дег зада,
Тайёр бикун зуд палав.

Бачаякон ғун шаванд,
Шодиҳо афзун шаванд.
Аскар боби тамошо,
Қадаш баланду боло…

## ДЕҲИ МО

Гар ба деҳи мо оед,
Фасли баҳор биёед,
Барои лолачинӣ,
Ба кӯҳҳояш бароед,

Кӯҳҳои мо сарбаланд,
Бар шумо ояд писанд.

Гар ба деҳи мо оед,
Дар тобистон биёед.
Барои мевачинӣ,
Ба боғоташ дароед.
Меваҳояш мисли қанд,
Шавед аз он баҳраманд.

Гар ба деҳи мо оед,
Дар тирамоҳ биёед,
Барои пахтачинӣ,
Ба саҳрояш бароед.
Бичида доман-доман
Аз пахта созед хирман.

Гар ба деҳи мо оед,
Дар зимистон биёед.
Барои рақсу бозӣ,
Ба тӯйхона дароед.
Тӯйхонаҳо бешумор
Соҳиби тӯй интизор.

Гар ба деҳи мо оед,
Ҳар гоҳ хоҳед, биёед!

## СИР

– Дадоҷон, ҳой дадоҷон,
Ду-се тори мӯятон
Чаро шуда сап-сафед? –
Пурсид аз дадош Умед.
– Писар бошад ҳар қадар
Гапнодарову қайсар.
Мӯи дадош он қадар
Мешавад сафед тезтар!
– Ана акнун фаҳмидам!
Чаро тамоман сафед

Мӯю риши бобоям –
Гуфт бо андеша Умед.

## НАСИҲАТ

Ба Раънои думоҳа
Насиҳат кард Гулнора:
Укаҷон, ғайрат карда
Дандон барор якбора.
Ту, ки ҳоло хурд ҳастӣ,
Қадри дандон надонӣ.,
Бепарво шуда, як умр
Боз бедандон намонӣ.
Бибиам ба ту мисол-
Гарчи дорад навад сол,
Ғайрат накард, надорад
Ягон дандон то ба ҳол.

## ШАРТИ ЧИСТОН

Очаҷонаки ширин,
Очаҷонаки қандин,
Як дам пухтанатро мон,
Як дам дӯхтанатро мон.
Ба ман якто чистон гӯй,
Чистонаки осон гӯй.
Пеш аз гуфтани чистон
Ба байн аввал шарта мон.
Ёбам ҷавобаш агар,
Ба ман дуто яхмос хар.
Наёбам гар ҷавобаш,
Бигӯ чистони дигар.
Ҷавобашро меёбам,
Фақат андак имо кун.
Шарти мондаатро баъд
Ту албатта иҷро кун.

## МАН БАЧАИ КАЛОНАМ

Ман бачаи калонам,
Ба шаш қадам мемонам.
Очам ҳарчӣ фармояд,
Аз дасти ман меояд.
Ҳам ҳезум мекафонам,
Ҳам об мекашонам.
Укомро мехобонам,
Гаҳвора меҷунбонам.
Хобаш баронда, сонӣ
Меравам ба бузбонӣ.
Бузакама сер кунам,
Фарбеҳу сершир кунам.
Очаҷонам буз ҷӯшад,
Укаҷонам шир нӯшад.

## ҲАМА ГАПРО ФАҲМИДАМ

Очам як ҳафта гум шуд,
Куҷо шуд, номаълум шуд.
Бобома пурсам нагуфт,
Додома пурсам нагуфт.
Ҳамин ки очам омад,
Аз дар шодон даромад,
Чун бо чашми худ дидам,
Ҳама гапро фаҳмидам.
Гуфтам, ки рафтӣ оча,
Ба ман орӣ укоча?
Ту ӯро чӣ хел ёфтӣ?
Ту ӯро хеле кофтӣ?
Очаам чизе нагуфт,
Очаам чун гул шукуфт…
Очаам боз гум шавад,
Ҷояш номаълум шавад,
Додома намепурсам,
Бобома намепурсам.
Рафта боз ба укочам,
Укоча орад очам.

# ТАРҶУМАҲО

***Тодор КОСТАДИНОВ***
*(адиби булғор)*

## СИЛВИЯ

– Ин ҷо бисёр зебост, – гуфт оҳи сабук кашида зани мӯйҳояш ҳамвор шоназада. – Соатҳо ҳамин хел истодан мумкин.

– Ҳо, бале, – гапи ӯро тасдиқ кард дугонааш. – Маро ҳама ин оромӣ мебахшад.

Шояд ин ҷо зебо ҳам бошад, зеро сатҳи оби кӯл мисли оина софу ҳамвор аст, дар он фавракҳои рангобаранги фаввора аксандоз шудааст. Духтари ҳампаҳлӯям беларво ба атроф менигарист ва хушбахтона ба рӯи миз сахт дӯхта шудани нигоҳи маро пай намебурд. Бо Силвия ҳамагӣ чанд ҳафта пеш шинос шудам. Ӯ барои ба ин ҷо овардани ман хело заҳмат кашид. Ман на аз тарс ин ҷо омадан намехостам, охир аз он воқеа вақти зиёд гузаштааст, фақат бе Вик ин ҷо будан бароям вазнину тоқатфарсост. Дар ин ҳол ва бо ин табъи гирифта агар бо чанде аз ин зоғчаҳои хушрӯй, ки шавҳарашон доимо дар сафаранду худ ҳамеша кучое мешитобанд ва мавзӯи сӯҳбаташон фақат қаланфури бирёну чангакҳои импортӣ ва ё хислатҳои ҳамкоронашон аст, сари як миз нишинам, чӣ воқеа рӯй доданаш мумкин аст, хуб медонам. Маро аз ин хелиҳо ҷои гурез нест. Ҳатто панҷ ҳазор мизи ду курсиаш холӣ бошад ҳам, онҳо ҳатман ба назди мизи ман меоянду яке бо оҳанги раднопазир мепурсад: «Ин курсиҳо холӣ?» ва ҳанӯз ҷавобе нагирифта дувумаш мешинад. Ман ҳамеша бар онам, ки бигӯям: «Ин ҷойҳо банд». Вале фурсат даст намедиҳад, ҳамчунин метарсам, ки онҳо паси мизи шафат чанд муддат мешинанду баъд ба калнер-хизматгори ресторан шикоят мекунанд: «Вай ҳеҷ касро интизор нест, вале ҷойро банд мегӯяд» ва ҷанҷол сар мешавад. Ман аз ҷанҷоли духтарҳо метарсам. Бо ҷавонҳо гапи дигар. Мо боре дар ресторан бо як гурӯҳ бодиҳо, ки майкаҳошон аз байрақҳои амрикоӣ буд, занозанӣ кардем, яке аз онҳо кордашро кашид, вале ман нагурехтам. Аз ҳама хандаовараш он буд, ки бодиҳо моро хуб кӯфтанду баъд мо

оҳистакак ғайб задем, сонитар онҳоро дошта ҷавобашонро додем. Ва умуман ман тарсу нестам. Вале он вақтҳо дигар буд. Мо хуш зиндагие доштем, баъди ҳар шабнишинӣ ба ҳавзи омӯзишгоҳи варзиш барои оббозӣ мерафтем, то бевақтии шаб шино карда ва агар посбон хабар ёфта биёяд, бараҳна, дар даст либосҳоямон мегурехтем. Мо ҳама хуб шиновар будем, вале дар ин кор аз ҳамаамон Вик пеш мегузашт. Фақат ӯ метавонист зери об аз сар то охири ҳавз – панҷоҳ метрро шино кунад ва боз бо сабукӣ, ҳо ӯ шиновари моҳир буд. Вай худро аз пояи баланд мепартофту зери об гум мешуд ва дар гӯшаи дигар пайдо мегашт, торик, ки буд мо наметавонистем дар куҷо пайдо шудани ӯро муайян кунем, вай ногаҳон пайдо мешуду боз ғайб мезад. Не, ӯ ҳаргиз худнамоӣ намекард, ин кор барояш муқаррарӣ буд. Вик зери об шино карданро дӯст медошт. Мегуфт, ки дар зери об худро чун дар баҳр ҳис мекунад, дар боло биноҳо, равшании хираи майдончаи варзишӣ ғаши ӯро меоварданд. Ман бо Вик фахр мекардам, хусусан ҳангоме ки вай дар баҳр шино мекард, гоҳо ӯ хело дур мерафт, аз назар ниҳон мешуд, ба соҳил ҳамеша пуштнокӣ бармегашт, то вусъати баҳрро ба хубӣ бинад.

Ҳанӯз ҳамаашро нукта ба нукта дар хотир дорам, ҳарчанд аз он рӯзи мудҳиш вақти зиёде гузаштааст, Викро тез-тез ба ёд меорам. Дигарон ҳам чунин мегӯянд. Чун мо ҳама ҷамъ омадем, албатта касе ӯро ёд меорад ва мепурсад, ки ҳамон воқеаро нақл кунам, зеро он вақт фақат ман ҳамроҳаш будам, вале ман хомӯш мемонам, шояд ҳар кас ҳар хел андешад, аммо аз он хусус гуфтан бароям вазнин аст, бинобар намехоҳам ҳамаашро аз нав ба хотир оварам. Як-ду бор ба онҳо нақл кардам, вале оё ҳамаашро метавонистам бигӯям. Боре, бегоҳӣ ману Вик ва як нафар рафиқаш аз мактаби кӯҳна, дар соҳили кӯл қадам мезадем, нафари дигаре ва ду-се духтар ҳам ҳузур доштанд. Ҳамон як нафар, ки бисёр содалавҳу қабеҳ метофт, ба Вик бисёр чаққа шуд, зеро ҳис мекард, ки духтари ҳамроҳаш буда ба ӯ маъқул омадааст. Оё дар воқеъ ҳамин хел буд, то ҳол намедонам, аммо Вик дар назди духтарони резапайкар дасту по мехӯрд ва баъзан онҳоро бо ҷавонони пурракитфу беақл дида ба ғазаб меомад. Дар хотир надорам чӣ хел сухан ба боби шиноварию баҳр гузашт, ҳамин вақт ногоҳ Вик, ки ҳаргиз манманиашро надида будам, шиновари моҳир буданашро таъкид кард. Он ҷавони содалавҳ бошад ӯро лофзан

номид. Вик сахт ба ғазаб омад, аз афташ духтар ба ӯ бисёр маъқул шуда буд ва гуфт, ки тайёр аст ҳунарашро нишон диҳад. Яъне зери об то назди девори ҳавзи хурди фавворахояш оҳандор шино карда он ҷо дар мобайни ҳавз якбора ба рӯи об мебарояд ва мардуми атрофро метарсонад. Мо ҳанӯз ба чизе сарфаҳм нарафта вай либосҳояшро кашид. Ҳама шод гаштем ва бесаброна оқибати ин корро интизор шудем. Вик дар лаҳзаи охир гуфт:

– Агар ҳамааш ба хубӣ анҷомад, ӯро гусел мекунам, – Вик бо ангушт сӯи духтар ишора кард ва илова намуд: – Албатта, бо розигии худаш.

– Ман розӣ, – пишакча худро ҷасур ва худраъй вонамуд. Вик аз шодӣ қариб буд, ки ҷастухез кунад, аз афташ духтар ба вай бисёр маъқул шуда буд. Бовар доштам, ки ӯ зери об то девор бемалол шино мекунад, зеро масофа на зиёда аз сӣ метр буд, ҳатто аз сӣ метр зиёдтар бошад ҳам, ба ҳавзи омӯзишгоҳи шиноварӣ баробар намеомад. Фақат лозим буд, ки ӯ дар чуқурӣ, наздики қаъри кӯл шино кунад. Вақте ман дар ин бора меандешидам, Вик аллакай ғайб зада буд. Ман ба сатҳи кӯл бодиққат чашм дӯхтам. Интизор будам, ки худи ҳозир ҳубобчаҳо пайдо мешаванд, вале онҳоро надидам, шояд ҳубобчаҳо буданд, вале об тираву дар рӯ ба рӯям фавракҳои фавворахои оҳангдор мерахшиданд ва мусиқӣ ҳар гуна садоро пахш менамуд. Вақти кофӣ гузашт, аммо Вик наменамуд, ҳарчанд ки ҳар лаҳза бояд дар назди девор ба рӯи об меҷаҳид. Суруд ба охир расид ва фосила то суруди дигар ғайри муқаррарӣ тӯл кашид. Шояд қарта ва ё кассетаро иваз мекарданд. Бешубҳа худи ҳозир дар лаҳзаи хомӯшӣ, ӯ бояд ногаҳон бо нидои хушу баланде рӯи об мебаромад ва кампиракону занҳоро мурданивор метарсонд. Вале аз ӯ дарак набуд. Ман ба ташвиш афтодам. Фаҳмида наметавонистам, ки чи воқеае рӯй доданаш мумкин аст. Итминон доштам, ки кӯл рӯяк аст, зеро онро ҳангоми беобӣ, пеш аз он ки фавворахоро сохтанд, дида будам. Ба назарам вақти зиёде гузашт. Мусиқӣ аз нав садо дод. Маро ваҳм зер кард, сарам ғуввос заду танамро ларза фаро гирифт. Аррос задам: «Вик, баро, ҷин занад, бас акнун!». Шояд ин суханонро пастакак гуфтам, шояд тамоман нагуфтам фақат ёд дорам, ки пойафзоламро куҷое ҳаво додам, пиҷакамро ба кашидан кӯшидам, вале аллакай саропо меларзидам, остини куртаамро дарон-

дам, сонӣ аз баҳри ҳамааш гузашта худро бо либосҳо ба об партофтам ва девонавор ҷониби фаввораҳо шино кардам, он ҷо расидам, вале чӣ кор карданамро намедонистам. Поямро сӯи деворе дароз намудам, ки фаввораро аз кӯл ҷудо мекард ва то он ҷо бояд Вик шино менамуд. Пой дароз кардаму чун моргазида ба боло ҷаҳидам. Поям ғайри об чизеро ҳис намекард. Девор набуд! Таги кӯлро бо дастонам палмосидам, ин дам мавҷи сӯзони чизе ба ман бархӯрд, ки ниҳоят даҳшатнок буд. Плита ба даруни об аз як ваҷаб беш намедаромад. Ман девонавор фарёд кашидам, чи гуфта фарёд кашиданамро намедонам, вале он вақт итминон доштам, ки ҳатман ҳамин корро бояд кунам. Аз канори фавворaҳо ба ақиб босуръат шино кардам. Маро тарс фаро гирифт, саропо меларзидаму ба такрор дод мезадам: «Вик! Вик! Вик!». Вақти зиёд гузашта ва дигар умеде намонда буд, хеле вақт гузашта буд! Ман фарёд кашида гирди фавворaҳои хушоҳанг давр мезадам, аз андешаи он ки дар як вақт дар боло мусиқӣ баланд садо медоду дар поён зери об Вик азоб мекашид ва сар ба бетон мезад, даруну берунам месӯхт, шояд ӯ ҳанӯз зинда буд, ман бошам гирди фаввораро давр мезадам, мардум ба ман нигариста девона мепиндоштанд, барои онҳо ҳамаи ин тамошои иловагие буд. Аз тарс ва аз сардии об саропо меларзидам, ба назарам тавре менамуд, ки ҳамин ҳоло дар соҳил Вик пайдо мешавад ва қаҳқос зада механдад. Вале ба соҳил назар карда гурӯҳи пурташвиши одамон ва боз милитсионерро дидам. Аз афташ мардум воқеаро шарҳ медоданд. Ман ҳанӯз давр мезаду фарёд мекашидам, гӯё Вик маро мешунида бошад ва дар ҳайрат будам, ки чаро то ҳол касе барои ёрӣ худро ба об наандохтааст. Мусиқӣ садо медод, рангҳо иваз мешуданд, фавракҳо боло баромада сипас мерехтанд. Дар соҳил касе дод зад, баъд боз касе ба ӯ ҳамроҳ шуд, боз ва боз дигар овозҳо баланд шудан гирифтанд, одамон ҳамдигарро бурида чиҳое мегуфтанд, мусиқӣ баланд садо медод, ман ҳам фарёд мезадам, гӯё қиёмат қоим шуда буд, шояд аз як канор ҳама ин хандаовар метофт, зеро на ҳама медонистанд, ки чи воқеа рух додааст.

Аз соҳил чанд нафар шино карда омаданд ва маро сӯе кашиданд, ман ба сари онҳо дод мезадам ва мекӯшидам худро аз дасташон вораҳонам, вале онон маро бо зӯрӣ бурданд. Чун мо ба соҳил расидем ва онҳо маро аз об кашиданӣ шу-

данд, мардум фарёд зада сӯи фаввора ишора карданд, ман дидам, ки он ҷо касе шино мекунад, шодона аррос задам, ки ин Вик аст, ҳо бале, ӯ Вик аст, албатта ӯст, ман медонистам, ки вай беҳуда намемирад, ҳо албатта. Ӯ аз таги он плитаи лаънатӣ шино карда баромадааст. Мардҳо маро ба ҳолам гузошта аз нав сӯи фаввора шино карданд, ман ҳам хостам аз пасашон равам, вале аз дастам доштанд. Ман кӯшидам, вораҳам, вале кӯшишам барабас буд. Он ҷо дар назди фаввора воқеае рӯй дод. Мардум ба изтироб омада, дод мезаданд, аммо ман миёни онҳо Викро дида натавонистам, пеши чашмонам ҳанӯз фавракҳои рангбаранг ҷило медоданд. Киҳое маро ба соҳил кашиданӣ мешуданд, вале ман муқобилият нишон дода назди фаввора рафтанӣ ва Викро диданиву ӯро ба соҳил бурданӣ будам. Ман ҳамеша тасаввур мекардам, ки чи сон дӯсти ба баҳр ғарқшудаамро наҷот медиҳам, чи сон ӯро рӯи дастонам гирифта ба соҳил мебарорам, чи сон об торафт кам мешавад ва ман мурданивор хастаю шалпар ба рӯи реги соҳил қадам мемонам, пойҳоям мекалаванд, дӯстамро ба рӯи рег мемонам, ба сараш хам мешавам, вай чашмонашро оҳиста мекушояд, медонам, ки ӯ зинда аст, зеро ман наҷоташ додаам… Вале ҳоло ин тур нест. Зеро ин ҷо баҳр нест, зеро кӯли боғи шаҳр бо плита рӯйкаш шудааст. Одамони дар оббуда ба соҳили муқобил шино карданд, мардум ҳам ҳамон тараф рафтанд, маро аз нав кашиданӣ шуданд, аммо ба сарашон дод задам, ки ба ман нарасанд ва ҷин занад, ман метавонам худ ба соҳил бароям, онҳо шояд маро аз ақл бегона пиндоштанд ва ба ҳолам гузоштанд. Танҳо монда худро ба об партофтам ва сӯи соҳили муқобил шино кардам. Шино мекардаму аз худ мепурсидам, ки чаро то ҳол намегирям, модоме ки чунин аст, пас ман ҷавонмардам, ҳа, тӯли чанд муддат фақат ҳамин як фикри дуруст ба сарам омаду бас. То охир бояд ҳамин тавр истод. Ҳама дар соҳил буданд, тахтапушти одамонро медидаму бас. Вик дар байни онҳо набуд, дар оби сард меистодаму меларзидам ва ҳамин вақт садои симфонияи панҷумро, ки дар болои кӯл паҳн шуд, шунидам ва фаҳмидам: Вик дар воқеъ ҳам мурдааст, ӯ нест ва дигар ҳеҷ гоҳ зинда намешавад.

Ман ба гиря даромадам ва дар рӯи сардам қатраҳои ашки сӯзонро эҳсос кардам. Даруни оби сард рост истода барои Вик мегиристам, вале на аз он ки ӯ барои духтаре ғарқ шуд, на аз

даҳшати ин марги сагона ё на аз раҳму шафқат нисбати ҳоли падару модараш, ё каси дигар. Фақат аз он ки чи сон шиновари моҳире буд вай ва мо чи сон дар баҳр шино мекардем, чи сон барои рапан ба қаъри баҳр мефаромадем, чи сон ӯ ба ман ба даст овардани гӯшти сафедро омӯхта буд, боз аз он ки маҳз Вик дар ин ҷо ин қадар бемаъно ғарқ шуд, чун калламуш дар ин кӯли обаш аз оби боронҳо чиркин ва рӯяк, ки ҳамагӣ базӯр то сари сина мерасид… Билохир, касе маро ба соҳил кашид, танамро совиш дод ва ман фикр кардам, ки бояд он содалавҳро ёфта яксони замин кунам, вале маро медоштанд, хестан намемонданд чашмонам пурашк буданд, сонӣ маро бо мошине бурданд ва бо ҳамин ҳамааш анҷом ёфт.

Ман чанд рӯз дар хона хобидам, шушам шамол кашида шабҳо арақшор аз хоб бедор мешудам, дар рӯи кат ҷаҳида ваҳшатзада фарёд мекашидам, падару модарам метарсиданд: мабодо ақл гум карда бошам! Рӯзона ҳазорҳо бор хоби шаб дидаамро ба ёд меовардам ва ҳазор бор аз худ мепурсидам: одам чӣ гуна бояд бошад, ки барои духтари бори аввал дидааш худро ба об андозад ва барои чӣ маҳз Вик ҳамин гуна касе буд, боз ҳазор бор аз худ мепурсидам: чаро ман ба ҷои фарёд задан ба таги бетон нарафтам ва наҷоташ надодам, вале ҳамаи ин акнун тамоман бемаъно метофт, падарам маро таскин доданӣ шуда нақл кард, ки чӣ тавр ҷӯраи наздикаш дар Драва замони ҷанг ғарқ шуд, вале ӯро касе наҷот дода натавонист, зеро фашистон тир мепарронидаанд, аммо ҳама ин оё ба кас оромӣ бахшида метавонад? Баъд фикр кардам, ки дигар асло ба назди он фавворaҳо қадам намемонам, вале ман боз ин ҷоям, бо духтаре, ки се ҳафта инҷониб мешиносам, нишаста коктейл менӯшам, ҳамагӣ дар чанд қадам масофа аз ҷое ки Вик ғарқ шуда буд…

Ман аз ҷой бархестаму панҷ левро ба рӯи миз ҳаво додам ва ҷин занад, онҳо ба хокистардон афтоданд, он ду дамдуздак ба ин муносибат ба ман нигаристанд, ба духтар гуфтам: рафтан лозим, вай бо дили нохоҳам хест ва сонӣ дар роҳ гуфт, ки ман ҷавони ғалатиям, ту бисёр ғалатӣ ҳастӣ, Филипп, ана ҳамин хел гуфт вай, ман бошам дар рафторам аҷоиботеро намебинам, фақат бо се нафар зан сари як миз нишастам, коктейли худро нӯшидам ва як дӯсти нобуди худро ёд кардам…

## ГУЛАКИ БЕНОМ

Дар як гӯшаи замин гулаке меруст. Аз мавҷудияти он дар ин олам касе дарак надошт. Вай дар харобазоре танҳои танҳо месабзид: гов ва ё бузу бузғолаҳо ба он ҷо намерафтанд, бачаҳои лагери пионерӣ дар он ҷо бозӣ намекарданд. Дар харобазор сабза намерӯид, фақат санглохи тираву холӣ ва ҷо-ҷо гили хушку мурда ба чашм мерасид. Дар ин харобазор гоҳо шамол озод мевазид ва он чун Бобои Деҳқон бо худ дона оварда онҳоро ба ҳама ҷо – ҳам ба замини ҳосилхезу пурнами атроф ва ҳам ба санглохи хушку холӣ мекишт. Дар замини сиёҳхоки пурнеъмат аз ин донаҳо сабзаву гулҳо мерӯиданд, дар санглоху гил бошад, онҳо мемурданд.

Боре шамол донаякеро бо худ овард ва он ба чуқурчаи байни сангу гил афтод. Дар ин ҷои хушку гарм донаяк дуру-дароз азият кашид ва дар ниҳоят аз шабнам об гирифта кафид ва аз худ решаҳои борик баровард. Бо решаҳояш ба сангу гил часпида ба нашъунамо даромад.

Зиндагии гулак дар рӯи олам ҳамин тариқ оғоз ёфт. Миёни сангу гил барои ӯ ғизое набуд. Донаҳои борон то ба решаҳои вай нарасида дар рӯи замин хушк мешуданд, вале гулак пурсаброна зиндагӣ мекард ва кам-кам ба боло сар мекашид. Вай оғӯши сабзи баргчаҳояшро сӯи шамол боз мекард ва шамол ҳам он ҷо даме қарор мегирифт. Ин дам чангу гарде ки шамол аз замини ҳосилхез ҳамроҳаш меовард, ба рӯи гилу санг менишаст.

Дар ин гарду чанг барои гулак ғизое буд, вале боз ба ӯ об намерасид. Барои он ки онҳо нам кашанд, гулак тамоми шаб шабнамро интизор мешуд ва онҳоро рӯи баргҳояш зарра-зарра ҷамъ меовард. Чун баргҳо аз вазни қатраҳо вазнин мешуданд, гулак онҳоро хам мекард ва шабнам поён мерехт. Дар як ҳол чангу гарди замини ҳосилхез нам кашида барои вай ғизо мебахшиданд.

Гулак ҳамеша рӯзона шамол ва шабона шабнамро мунтазир мешуд. Барои зиндагӣ шабу рӯз заҳмат мекашид, бо марг шабу рӯз мубориза мебурд. Баргҳои вай торафт калон мешуданд, то шамолро дар оғӯши худ боз доранд ва шабнамро бар рӯи худ ҷамъ оранд. Фақат бо гарду чанг ва шабнам зистан барои гулак ниҳоят пурмашаққат буд. Вале вай зистан мехост ва бо сабру тоқаташ бар гуруснагиву хастагӣ ғолиб меомад.

Гулак дар як шабонарӯз фақат боре хушҳол мешуд: вақте ки нурҳои нахустини хуршед баргҳои хастаи ӯро сила мекарданд.

Агар шамол ба ин харобазор чанд муддат наояд, ҳоли гулак хароб мегашт, барои сабзишу зиндагӣ мадораш намемонд.

Вале ба ҳар ҳол гулак пурандӯҳ зистанро хуш надошт, чун аҳволаш бисёр ҳам бад мешуд, хоб мерафт. Ва ҳамеша мекӯшид андак ҳам бошад сабзад, ҳатто дар ҳоле ки решаҳояшро сангу гили хушк меозурд. Ин дамҳо баргҳои вай наметавонистанд серу пур ва тару тозаву сабз бошанд, баргҳояш яке сурху дигаре кабуд, савум осмонӣ ва ё тиллоӣ мешуданд. Ин ҳама аз нарасидани ғизо дарак медод ва азобу машаққати гулак дар ранги рагҳояш зуҳур меёфт. Худи гулак аз ин аҳволаш хабар надошт, зеро худро чи хеле ки буд, дидан наметавонист.

Дар айни тобистон гулак тоҷгуле баровард. То ин дам вай бо сабзае шабеҳ буд, акнун ба гули ҳақиқӣ табдил ёфт. Тоҷгули вай баргҳои равшану рахшон дошт ва ситораро мемонд. Ва он чун ситорагон нури мунавваре дошт ва шабони тор ҳам онро дидан мешуд. Чун шамол боз ба ин харобазор меомад, гулакро ба оғӯш гирифта бӯи муаттари онро бо худ ба дуриҳо мебурд.

Боре пагоҳӣ духтараке бо номи Даша аз паҳлӯи ҳамон харобазор мегузашт. Вай дар лагери пионерӣ мезист ва он субҳ барвақт бедор шуда модарашро пазмон гашт. Духтарак ба модараш нома навишт ва онро ба стансия мебурд, то тезтар ба унвонаш бирасад. Дар роҳ Даша номаро бӯсид ва ҳатто ҳасад бурд, ки ин мактуб модарашро пештар аз ӯ мебинад.

Дар канори харобазор духтарак накҳати гулро шамид. Вай ба атроф назар дӯхт. Дар наздикӣ гуле ба чашм барнамехӯрд, дар пайроҳа сабзаяке мерусту бас, атроф дигар ҳама хушку холӣ буд, аммо шамол аз харобазор вазида, бӯи хушу нармеро, чун садои зиндагӣ ноаён меовард. Даша афсонаеро ёд овард, ки модараш кайҳо ба ӯ гуфта буд. Афсона дар хусуси гуле буд, ки модараш – садбаргро сахт пазмон гашта, вале гириста наметавонист ва андӯҳи худро фақат бо бӯи хушаш ифода мекард.

«Шояд ин гул ҳам мисли ман модарашро пазмон шуда бошад», андешид Даша.

Вай ба харобазор даромад ва дар паҳлӯи санг ҳамон гулаки

рахшонро дид. Духтарак ин хел гулро на дар саҳрову ҷангал, на дар китобу сурат ва на дар боғи ботаникӣ дида буд. Вай ба назди гулак нишаст ва пурсид:

– Аз куҷо ту ин ҷо пайдо шудӣ?

– Намедонам, – ҷавоб дод гулак.

– Барои чӣ ту ба дигар гулҳо монанд нестӣ?

Гулак боз намедонист чӣ ҷавоб диҳад. Вале вай бори аввал овози одамиро ин қадар аз наздик мешунид, бори аввал касе ба ӯ нигоҳ мекард, бинобар нахост хомӯш монаду духтаракро озорад.

– Барои он ки ман бисёр азоб мекашам, – гуфт вай.

– Номи ту чист?

– Ба ман ҳеҷ кас ном нагузоштааст, – ҷавоб дод гулак. – Ман танҳоям.

Духтарак ба атроф нигарист.

– Як тараф санг, як тараф гили хушк! – гуфт ӯ. – Ту ин ҷо чӣ хел танҳо зиндагӣ мекунӣ, – миёни сангу гил, боз ин қадар майдаҳак?

– Намедонам, – боз ҷавоб дод гулак.

Даша хам шуд ва сараки рахшони ӯро бо меҳр бибӯсид.

Рӯзи дигар ба назди гулак бачаҳои лагер омаданд. Даша онҳоро овард, вале ҳанӯз ба харобазор нарасида вай ҳамаро даъват кард, ки лаҳзае бозистанд ва нафас кашанд.

– Ана, вай чи хел бӯи хуш дорад. Ин ҳама аз нафаси ӯст. Пионерон дар гирди гулак хеле истоданд ва ба он чун ба қаҳрамон назар карданд. Баъд бачаҳо харобазорро қадам зада чен карданд ва ба ҳисоб гирифтанд, ки чӣ қадар хокистару пору овардан зарур аст, то замини ин ҷо ҳосилхез шавад. Онҳо мехостанд замини ин ҷо ҳам пурнеъмат бошад. Он вақт гулаки беном ҳам меосояд ва аз донаҳои он гулҳои зебою зиёд, ки дар дигар ҷойҳо вонамехӯранд, мерӯянд.

Бачаҳо чор рӯз ба харобазор пору кашониданд. Ва дигар ба ин ҷо match бознагаштанд, ба сайри саҳрову ҷангал бирафтанд. Фақат Даша барои хайрухуш назди гулак омад. Тобистон ба охир расид, пионерон ба хонаҳояшон рафтанд.

Тобистони дигар Даша боз ба ҳамон лагери пионерӣ омад. Вай тамоми сол, зимистони дуру дароз гулаки рахшону беномро ёд меовард. Ва аз ин рӯ дарҳол ба дидорбинӣ рафт.

Духтарак дид, ки дигар он ҷо харобазор нест, сабзаву гулҳо саросар рӯида болои онҳо шаҳпараку парандаҳо парвоз

мекунанд. Аз гулҳо бӯе меомад, ки шабеҳи накҳати гулаки беном буд.

Аммо он гуле ки байни сангу гил меруст, дигар вуҷуд надошт. Шояд, ки тирамоҳи гузашта умраш ба хазон расида бошад. Гулҳои имсола низ дилрабо буданд, вале ҳаргиз дар зебоӣ ба гулаки беном баробар шуда наметавонистанд. Барои ҳамин ҳам Даша зиқ шуд. Вай пас гашт ва ногаҳ бозистод. Байни ду санги ҷафс гулаке меруст – ҳамранги ҳамон гулаки беном, ҳатто андаке хубтар ва зеботар буд вай. Ин гул дар тарқиши байни сангҳо меруст, вай мисли падараш зиндадилу пурсабр ва ҳатто аз падараш ҳам пурбардоштар буд, зеро дар байни сангҳо зиндагӣ мекард.

Ба назари духтарак чунин намуд, ки гул ба сӯи ӯ майл дорад ва ӯро бо фарёди бесадои пурнакҳаташ ба сӯи худ мехонад.

***Арво ВАЛТОН***
*(адиби эстон)*

# ЭҲЁ

Шаби кӯтаҳи инқилоби тобистонаи офтоб ман баҳри дидорбинӣ назди маҳбубаи хеш меравам.

Замин ин дам ончунон давр мегардад, ки хуршед наметавонад то дер фурӯ нишинад ва ман меравам, ки бори дигар худро бисанҷам.

Поизмоҳ чун давраи сайругаштҳои мо фаро мерасад, ман дар зодгоҳам пуралам ва сарсарӣ гаштугузор мекунам: ин ҷойҳоро олуда ва тағйир додаанд. Касони бегона харакҳои аз бобокалонҳомон мондаро таҳқиромез пушти по мезананд. Ман аз хирманҷойҳо ғуррида мегузарам, аз тарқиши дарҳо менигарам: маро хоҳиши вайронии ин хонадонҳо нест. Ин дунё бароям дигар бефарқ аст ва ҳамчунин он дар хусуси ман ҳеҷ намедонад. Ба шаҳкосаҳои чӯбии пурнақш ҷои хӯрданиҳои хушоянд ҳар гуна лашу луши беҳуда ва меххои каҷу зангзада андохтаанд. Касе дигар моро гирди хонҳо интизор нест, дарҳо пӯшида ва зарфҳо холиянд.

Поизмоҳ аз паҳлӯи кулбаи дилдодаам ноаён мегузарам, зеро намехоҳам андӯҳи худ бар ӯ бинмоям, ман онам, ки барояш аз ҳама авлотар будам.

Шаби кӯтаҳи инқилоби тобистонаи офтоб ба хонаи ӯ меҳмонӣ меравам. Зеро ин шаб шаби шодмониҳост, дуди сабук рӯи шӯълаи гулхан мерақсад ва дилбари ман назди панҷараи хонааш нишаста сукут меварзад.

Ғайриихтиёр аз ҷойгаҳам мехезам, то хатти туман боло меравам ва лаҳзае бо он дармеомезам. Сипас боз ранг ва шакл мегирам. Ман бибояд равам, зеро фарёдашро шунидам. Ӯ маро ҷеғ зад. Дили хастаи ҷононаи ман аз андӯҳи як шаби тобистон лаболаб аст, хун ва мушакҳои ӯ саршори нафосату дарди беҳолкунандаанд. Аз ин рӯ бароям дар туманҳо шино карда, аз болои чакалакзорҳо парида сӯи кулбаи як тараф хамидааш рафтан осон аст.

Аз буттазори роздор, аз паҳлӯи чоҳ гузашта ба ҳавлияш наздик мешавам ва ӯро мебинам, ки назди панҷара нишастааст. Нигоҳаш, ки аз ашёҳо мегузарад – гӯё онҳо набошанд – ба мани беҷисм, ки сӯяш парвоз дорам, дӯхта шудааст. Ҳол он ки чашмонаш хираанд ва ӯ дигар китоби муқаддас хондан на-

метавонад. Кулли ашёи атрофи ҳавлиро оғуштаи туман мебинад. Манҷаниқи чоҳ дар назараш чун ҳайвоне бо пойҳои ларзон метобад. Ба он чашмаш, ки ҳама умр равшан медид, сафедӣ афтодааст. Бо дигараш, ки маризу тира буд, то ҳанӯз мебинад ва маро мешиносад.

Ҳавлияшро давр мегардам ва дарашро мекӯбам. Ҳарчанд медонам, ки кайҳо дил надорам, он ҷо чизе мезанад. Он чунон мезанад, ки замоне мезад: замоне ки вай куртаи чити сафед мепӯшиду кокулони заринтобаш рӯи шонаҳояш ҷилва мекарданд; замоне ки саршори меҳри ману муҳаббати хеш шоду масрур аз зебоии шабҳои тобистон маро бо дастони пурқувваташ ба оғӯш мекашид.

Солҳои тӯлонӣ дари ин хона шарики ғаму шодиҳои мо буд. Аз расиши дастонам ҳоло вай боз мегардад ва ҳамин ки аз остона гузаштам, пӯшида мешавад. Ман дар даҳлези танг лаҳзае меистам, дар гӯшае тӯдаи ҳезуми сияҳбед мехобад, вале бӯи онро ҳис кардан наметавонам. Ба рӯям дари навбатӣ во мешавад ва ман ба ошхона мегузарам. Назди хокистардон – рӯи курсии шалақ деги чӯянӣ ва болои мизи хӯрокхӯрӣ буридае нону донае картошкаи пухтаю пажмурда мебинам.

Маҳбубаам пай мебарад, ки наздик омадаам, саропо гӯш гашта интизор мешавад. Ман остонаи охиринро мегузарам ва аз пас омада мисли вақти зинда буданам – чашмонашро бо дастҳоям мепӯшонам. Вале дастони ман ҳоло шаффофанд, дилбарам расиши махмалини онҳоро танҳо аз он сабаб ҳис мекунад, ки онро беҳад мехоҳад. Сонӣ хам шуда лабҳои пурожанги ӯро мебӯсам. Бӯсаи ман вазиши сабуки ҳавост, ба маъшуқаам фақат онро тасаввур кардан кифоя аст, то шаҳдашро чашад.

Дар хаёли ӯ ман ҳанӯз ҷавонам, қоматам росту зебост, мӯи сарам ҷингила ва чашмонам нурполост. Дар умқи чашмҳоям нисбати ӯ меҳру муҳаббат шӯъла мезанад. Бо лабҳоям ӯро ламс мекунаму лабрези ишқ мешавам. Ман он чунон ҷавонам ва ба ӯ он қадар дода шудаам, ки хуни ҷавонмардӣ дар рагҳоям ба ҷӯш омадааст, ман ин лаҳзаҳо маҳбубаамро аз худ муҳофизат мекунам.

Аз ҷӯшу хурӯш ва ҷавонии ман ӯ ҳам ашки шодии дидор рехтаву шаҳди бӯсаҳоро чашида ҷавон мешавад.

Ӯ ин ҷо дар курсии дусадсола чангак шуда менишинад, чашмонаш намебинанд, гӯшҳояш намешунаванд, бофтаҳои

танаш пайваста мемиранд, пӯсташ зарду пажмурда шудааст, танҳо дар устухон ва мушакҳои фартуташ ҳаёт ҷой дорад.

Шаби кӯтаҳи инқилоби тобистонаи офтоб, ки дил пур аз қудрату пур аз хоҳишҳост, ӯ аз умқи хотираҳо, аз зери латтаву лут ва чизҳои беҳуда ёди ҳиссиёти ҷавонӣ ва зебоиҳои зиндагиро берун мекашад. Баъди ман дар бараш дигарҳо – шавҳар, хушдор ва кӯдакаш буданд. Вале онҳо ҳар яке аз ӯ дур шуда барояш ғаму дард монданд. Фақат ман бо марги хеш ба он муяссар гаштам, ки абадӣ азизаш бимонам.

Маҳбубаам зиндагии хушу хурраме мехост, аз ин рӯ дигаронро ба дилаш роҳ дод. Ман фано мешудаму ҳаққу ҳуқуқе надоштам ғайри умед ба гӯшаяке аз дили ӯ, ки метавонист паноҳгоҳам бошад. Аз ин рӯ, бо онҳое ки меомаданд, муросо мекардаму вақти рафтанашон ҳамроҳи дилбарам дард мекашидам. Фақат ман мондам, зеро ҷои рафтанӣ надоштам. Аз ӯ миннатдорам, ки дар дилаш маро нигоҳ дошт ва ҳеҷ тӯфоне натавонист аз он ҷо берунам кунад. Дар орзуҳои ҳамешагии ман дили ҷононаам ҳаргиз бароям тангу дастнорас набуд. Ва ҳоло дар дили ӯ фақат ман ҷой дорам ё гӯшаҳояш он қадар васеъ шудаанд, ки вуҷуди дигаронро ҳис намекунам.

Чун ман ба ҳамаи ин бовар кардам, пиндоштам, ки маро дигар рӯзгоре набуд, гӯё дами ба арвоҳи гузаштагон фотеҳа хондани мардум миёни ашёи фарсуда дар ҷустуҷӯи манзилеву қути лоямуте сарсарӣ намегаштам. Ҳамчунон гӯё ҳама умр намедонистам, ки тамоми орзуҳо пучанд, фақат як сарпаноҳ – дили содиқи каси маҳбуб аст, ки метавон то зинда буданаш ба он умед баст.

Баъд чӣ мешавад, инро ман намедонам. Шояд ба ҷисми дигар, ба ашёи дигар гузарам. Шояд паноҳгоҳи ман омочи кӯҳна ё санги подеворе гардад ва он гоҳ дар ман тағйироте ба зудӣ рух надиҳад. Ҳоло ки бо дастони пурқувватам аз китфи маҳбубаи пиршудаам доштаам, ҳамаи инро донистан чӣ зарурат дорад?

Ман ончунон ҷавон мондаам, ки метавонам ба ӯ писанд оям? Ман тару тоза ва шоду масрурам, аз шодиҳои ноҷоя ва аблаҳии рӯшоде саршорам, зеро дар ин дунё дарди танҳоӣ накашидаам, аз ҳаёт безор нашудаам, талхии орзуҳои муҳолро начашидаам. Ман он ғӯраи тару тоза будам, ки ҳанӯз шира набаста аз шохсор канданд. Барои зане, ки аз нав кӯдак шуда-

аст, ман чӣ қимате дорам? Аз хусуси ин дунёву одамонаш чӣ донистам?

Бо дастони боқуввату хаёлӣ гардани пурожанги ӯро ба оғӯш мегирам, паси шишаҳои панҷара ғубори тунуки шаби инқилоби тобистонаи офтоб доман кашидаст, дар дуриҳо оташи гулханҳо шӯъла мезанад ва назди он ҳар лаҳза шодии дерин тавлид мешавад. Аз ҳамаи ин чизе тағйир намеёбад.

Мо ба ҳам ҷафс мешавем ва ҳар ду меомезем – яке кампири сабуку заиф, дигаре ҷавони беҷисм, мо бо ҳам меомезем ва аз нав эҳё мешавем. Ин шаб барои мо ҳамин хел мегузарад ва мо оқибат аз он хаста мегардем. Баробари дамидани сапеда ман бибояд равам. Ними ман аз ашё гузашта ба регзор парида меравад, то он ҷо ба сояи хокистарранге табдил ёбад, ними дигарам лӯнда шуда дар кунҷи дили маҳбубаам ҷой мегирад.

Шаби кӯтаҳи инқилоби тобистонаи офтоб ба охир мерасад.

Вай маро дигар боздоштан наметавонад. Ман аз байни таровати субҳгоҳӣ, аз қабати тӯри шабнамзадаи тортанакҳои ҷангалистон, аз болои марғзорҳои туманпӯш, зери танини суруди чаковакҳо ва осмони каб-кабуд сӯи манзили худ парвоз мекунам, ман ба он ҷое, ки намии замин маро нигоҳбон аст, мешитобам.

Ягон рӯзе боз дар оташи пасти андешаҳои маҳбубаам ёду сурати ман бедор мешавад ва ӯ боз маро наздаш мехонад ва ман бори дигар худро эҳсос мекунам.

Мо ҷавон гашта, боз баҳори гулфишонро дидем, ба ҳам ҳиссу ҳаяҷони деринро бахшидем, шаҳди бӯсаҳои деринро чашидем ва аз ҷӯшу хурӯши хуни кайҳо сардшудаамон боз сурх шудем. Дар шаби кӯтаҳи инқилоби тобистонаи офтоб боз суханҳое садо доданд, ки замоне моро болҳои тавонову қудрати парвоз бахшида буданд. Аз шӯълаи оташи дерин мо имрӯз ҳам ҳарорат мегирем.

Аҷаб не ишқи ман барои ӯ замоне дарднок буд, вале ҳоло ин чӣ аҳамият дорад? Аз ҳиссиёти ман нафаси гӯр меояд, ки аз ин дар тани ӯ сардӣ медамад. Дард-ягона нишонаи зиндагист, ки онро ман дигар дарк намекунам. Бо ташрифи худ ман ба маҳбубаам он сардӣ ва ояндаи яхбастаеро, ки варо нигарон аст, пешкаш намудам, ин шояд тасаллояш диҳад.

Безори хотираҳо ӯ чашмонашро пӯшид, акнун ман метавонам дар хобҳояш биёям. Ман баъзан худро боздоштан наметавонам: гоҳо ӯро ба назди худ мехонам, аз дастонаш мегира-

му мекашам, пагоҳиҳо вай ба даҳшат афтода наметавонад ба чизе сарфаҳм равад, гоҳо ӯ ба ман шоли гарм ҳадя мекунаду ман ба ӯ бӯрони барфӣ ва тағйироти обу ҳаворо мебахшам, ҳамин тариқ зиндагии пуршӯр дорем мо, шуғламон ғариб ва нонамоён аст – шояд ин тамоман ман набошам, намедонам.

Ба манзили худ баргашта мисли пештар умедвор мешавам, ки нигаҳбони нодираи ман боз як зимистонро аз сар мегузаронад ва шаби навбатии инқилоби тобистонаи офтоб маро ҷон мебахшад.

## АФСОНАИ ФОНУСҲО

Онҳо ду фонуси кӯча буданд. Яке андаке болову дигаре поёнтар, дар ду тарафи роҳ. Фақат рӯ ба рӯ неву нисбати ҳам саҳле уреб меистоданд. Онеро ки поёнтар буд, Тийна меномиданд, дигарашро Алберт.

Рӯзона ин фонусҳо ғарқи сукут орзу мепарвариданд ва ё аз боло давуғеҷҳои кӯчаро ба мушоҳида гирифта онҳоро дар ёд медоштанд. Шомгоҳон ва шабона бошад, ба атроф нурҳои пурғурур мерехтанд.

Тирезаи хонаҳои панелии дудранг сӯи ин фонусҳо нигариста онҳоро яккаву танҳо дармеёфтанд, ҳарчанд аз симчӯб ба симчӯбе кабели пур аз қудрат чароғҳоро ба ҳам мепайваст. Ҳатто тирезаҳои огоҳтарин ба фонусҳо амиқ нигариста найчаҳову вакууми умқи онҳоро пай бурда наметавонистанд. Тийна ва Алберт ба ҳам ошиқ буданд.

Дӯстдории онҳо аз танҳоиву зиқӣ набуд, ҳам на аз он буд, ки тасодуфан ба ҳам наздик афтодаанд, балки аз ғамхории пайвандгароне, ки дилаки фонусҳоро бо ҷараёни шӯълабор якҷо карда буданд, сар мезад. Бо вуҷуди ин асли воқеаро на Худо медонисту на бандагонаш. Чун ҳама қиссаи ишқ муҳаббати Тийна ва Алберт низ сеҳрангез, нотакрор ва ҳиссачае аз абадият буд.

Рӯз ҳама рӯз Тийна аз нигаристан ба боло – ба ҷаноби ҳампешааш монда намешуд ва чеҳраи Албертро нури табассуми нарме фаро мегирифт, чун ӯ нигоҳи саршори садоқат ва шайдои дилбарашро медид. Шабҳо онҳо вазифаи якхеларо иҷро мекарданд, рӯшноиашон ҳам баробар буд. Фақат гоҳо Алберт нури махсусе меафканд – шарорабору ғариб, қуввaю

ҷасорати номаълуме ӯро маҷбур мекард аз ҳадди хеш гузараду ба гирду атрофаш бештар шарар пошад. Он гоҳ Тийнаи ором мефаҳмид: Албертҳо ба ин ҷаҳон гапи гуфтание доранд. Ҳарчанд умрашон дар ин олам мисоли хасест, онҳо ба ҳар ҳол лаҳзае табиаташонро ба фаромӯшӣ гузошта нури дигаре тавлид мекунанд, агар, албатта, дар ботинашон чизе бошад.

Ин мушоҳидаҳо Тийнаро нурафшон мекард. Дар ин лаҳзаҳо фурсати Алберт намерасид, ки чизеро пай барад. Бузургии Тийнаи кӯчак бошад, дар он буд, ки вай қудрат дошт аз худ чароғакони бешумор ҷудо кунад, онҳоро дар батнаш офарад.

Бояд ҳодисае рӯй медод. Барои ин ҳаракати зиёде мебоист. Вақт дар воқеъ ҳам ҳаракат мекард ва ё ҷаҳон дар дохили вақти беҳаракат ба самти муқобил мерафт, вале дар нисбати автомобилҳои тезсуръат, ки якҷоя бо кураи замин гирд мегаштанд, фонусҳои кӯча дар ҷояшон меистоданд.

Бод сари онҳоро меҷунбонд, аз ҳаяҷон ва дар айни хоҳишҳои саркашу бемаъно симчӯбҳоро хам мекард, вале ҳардуяшонро ба як тараф, ки ин Тийнаву Албертро ба ҳам наздик намеовард.

Як калимаи умедбахш, вале пеш аз ҳама кулли тирезаҳо бояд донанд, ки дар ҷаҳон чи мушкилтарини мушкилот хоҳад шуд, агар ду фонуси кӯча ҳамдигарро дӯст доранд. Албатта ин проблемаи ҳамдигарфаҳмист. Фонусҳо нур пошида вазифаи худро адо мекарданд, вақте электронҳоро аз онҳо мегузарониданду ҷараён ба ҳадаш мерасид, вале ҳама ҷаҳд ва нигоҳҳои рамузнокашон рӯзона ба як мақсад буд: оё ошиқон яке дигареро мефаҳманд? Алберт бештар ба атроф назар медӯхт, гоҳо ҳушаш аз паи ягон автомобили зебо мерафт ва баъд ба худ омада фикрашро ҷамъ мекард, гоҳо тирезаҳоро мешумурд ва шаҳрро тамошо менамуд, сонӣ бо кабелҳо аз роҳҳои зеризаминӣ гузашта ба ҷойҳои дури туманпӯшу ҳавасангез мерафт, хулоса ӯ ба олами пурасрори хаёлиаш сару кор дошт: вай мехост қуттиҳои чоркунҷаи калон созад, то баъдтар онҳоро табъи дил боз ба қисмҳо ҷудо кардан мумкин бошад. Ва банди ин ёду хаёлҳо ӯ зуд-зуд Тийнаро ба фаромӯшӣ мегузошт. Дар ҳаёт олами гуворо ва ба дараҷае номафҳуми орзуҳояш мушкили ӯро фаҳмидан ё нафаҳмидани маҳбубааш мушкилоти ягона нашуда, балки ҳамааш ба ҳам меомехт ва Тийна ҳам ба як қисмати он асрор табдил меёфт.

Аҳволи Тийна бошад дигар буд, ҷараёнҳои ӯ фақат ба як савол пайванд доштанд: оё Алберт ӯро мефаҳмад, оё тамоми гӯшаҳои дили ӯро дидан метавонад… Кӣ медонад барои чӣ ба Тийна ҳамаи ин лозим буд, лекин расмаш ҳамин: ҳар қадар фонуси кӯча ҷавон бошад, вай ҳамон қадар бештар ба ҳаяҷон меояду ғам мехӯрад гӯё варо касе фаҳмидан наметавониста бошад. Вале агар синну соли фонус ба ҷое расида бошад, бо кӯчаҳои чиркину ранги тираи хонаҳо, бо хазони хиёбон муросо мекунад. Чароғи наву ҳанӯз аз равғани завод ялаққосӣ ҳатман чизи зиёде мехоҳад ва боз мехоҳад ба чашми ин олам тамоми нурашро бипошад, агар не барои чӣ вай ин ҷо меистад.

Инак, як рӯзи хуше…

Ҳа, дар воқеъ Тийна ҷониби Алберт гоҳо бо фахр, гоҳо бо ҳасрат, вале ҳамеша нозомез менигаристу донистанӣ мешуд, ки оё вай ӯро мефаҳмад? Тийна намепурсид, ки вай чиро мефаҳмад; майлу рағбати ба чароғакҳо доштаи ӯро, заҳматашро дар равшанкунии ҷаҳон, ки якҷоя мекашанд, ё ҳаракати алоҳидаву хоҳишҳояшро ва ё ниҳоят он чизҳоеро, ки ба худаш ҳам он қадар равшан несту ба Алберти рӯ ба рӯяш мағрур истода ҳам.

Доимо пурасрор мондан! Ғайри ин чӣ чизе барои дили Тийна фиреботар буд? Ғайри ин чӣ чизе метавонист ӯро бо ин қадар хушӣ ғам бидиҳаду ҳам аз Алберти баландтар истода боло гузорад? Ҳамин хел ё не, хуб аст агар ҳар кас соҳиби диле бошад, инро албатта ҳамин хел бофтан лозим буд, зеро кабелҳо дарвоқеъ ҳам ҷараёни гарму хушк ва шарорабор доштанд.

Вале як рӯзи хуше…

Чи воқеае метавонист он ҷо рӯй диҳад. Алберт аз замин пояи худро канду симҳояш кашол аз кӯча гузашт ва худро ба Тийна расонд, чароғи онҳо ба ҳам омад, симчӯбҳо ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд ва хушу хурсанд… Не, не, ин хел нест, ин афсона чӣ зарурат дорад? Фонусҳо дар ҷои худ истодаанд…

Ва ё ин хел. Як рӯзи хуше лампаи Алберти пуртакаллуф сӯхт ва тамоми шаб Тийна як худаш кӯшид роҳи мардумро равшан кунад, то онҳо хона, анҷоми гарм, бӯи ошноро дарёбанд. Ин ҷо худфидоие набуд. Тийна дар назари Алберт чун қаҳрамон натофт, фақат тасодуфи аламноке рӯй доду бас, мӯҳлати муқаррарии хизмат ба охир расид: шояд гирондану

хомӯш карданҳои паиҳам таъсир гузоштанд, кадоме аз симакҳо дошт дода натавонисту канда шуд – тасодуфи табиӣ. Рӯзи дигар ва ё пас аз ҳафтае мошине омад, электрикро баробари Алберт боло бардошт ва ӯ лампочкаи наппа-нав монд, ки он дар аввал вазифаашро бо хушнудии хосе ба иҷро мерасонд, то даме ки як шаб тумани тирамоҳ ба ӯ хирашавиро дар асл нафаҳмонд.

Ва ё… дар шаҳр душмани ғаддоре пайдо шуд, ӯ аз замин санг бардошта дар кӯшиши савум сарпӯши Тийнаро шикаст. Шоми хуши шаҳрро фарёде вайрон кард ва дар лаҳзаи нахуст садои шиша ба гӯш чун шикасти олам расид. Тийна шикаставу маслуқ монд. Алберт ба Тийна равшанӣ медод ва симчӯб аз муҳаббати ӯ милт-милт мерахшид…

Алберт метавонист дар бораи марг, таҷзия, зангзанӣ, мурдани эҳсос, вохӯриҳо дар ғарами лашу хуши рангзада, ҷудошавию омезиши қисмҳояш андешад, вале вай ба дилбари сокити худ менигарист, ки бемор буду дар ин лаҳзаҳо аз ӯ ҳамдиливу ҳамдардӣ талаб надошт. Алберт хайрхоҳ буд, вале бисёр чизро намефаҳмид, ба дарду ғами дигарон сарфаҳм намерафт, танҳо дарди худро ёд меоварду бас, фаъолияти ӯ дар хобҳои рӯзонааш фақат ҳамин буд.

Баъд боз устоҳо омаданд. Ҳарчанд Тийна сарпӯши нав гирифт, Тийна монд, агарчанде аз беморӣ, аз боду борон, аз андешаҳои доимӣ дар бораи танҳоӣ хеле тағйир ёфта буд…

Як рӯзи хуше ҳеҷ воқеа рӯй надод. Фонусҳо бо чашмони шайдо ба ҳам менигаристанд ва худи ҳамин нигоҳҳо тамоми холигиҳои дунёи гирдгардонро пурӣ мебахшид. Тийна ташнаи он буд, ки Алберт ӯро бифаҳмад, ин ташнагӣ чунон ширин ва чунон ғамолуд буд, ки дили вай гум зада мерафт. Аз ин беҳтар ташнагӣ ёфтан, ташнагие, ки фонуси аз вай баландтар ӯро ва он чизро дар ӯ, ки ҳатто худаш намефаҳмад, бифаҳмад, амре буд муҳол. Ва Алберт ба Тийна нигоҳи гарми пурҳайрат медӯхт, гӯё дар миёни туман чароғакони хурдро, ки дар ҳеҷ куҷое, ғайри заводи пурмағал, пайдо намешаванд, дида бошад. Вай ба рафиқи кӯчаки худ, ки баробараш асфалти кӯчаро равшан мекард, менигарист.

Як рӯзи хуше ҳеҷ воқеа рӯй надод. Фонусҳо ба ҳамдигар мисли пештара менигаристанд, ба назар чунин мерасид, ки садоқати онҳо абадист.

# ОЧЕРКҲО

## ОДАМИ КАЛОН

Зан ҳамроҳи мӯйсафед то дами дар баромаду хайрухуш кард ва гаштаю баргашта таъйин намуд, ки ҷои хафашавию рӯҳафтодагӣ нест, соле сабур бошанд, ҳамааш ба хубӣ меанҷомад. Ва тобистон албатта ба наздаш дароянд, ёриашро дареғ нахоҳад дошт.

Мӯйсафед бо эҳтиром даст рӯи сина гузошта, андаке хиҷолатманд изҳори миннатдорӣ карду тарафи духтараш ҳам гоҳ-гоҳе бо лоуболӣ чашм дӯхт ва гӯё гуфт: дигар аз дасти ман чӣ ҳам меомад, духтарам, биё рафтем. Вале аз ифодаи тарҳи рӯяш, чашмонаш маълум буд, ки дар дил гап дорад, гапи зиёд. Ва он қадар мехост, ки гапҳояшро гӯяду дил холӣ кунад, вале оқибат худро даст гирифта, бори дигар хушбошӣ карду рафт, калон-калон қадам монда рафт.

Зан бо нигоҳаш онҳоро то даме ки байни шохаҳои маҷнунбед ва анбӯҳи одамон пинҳон шуданд, гуселонду сипас оҳ кашид, оҳи вазнин.

Баъд хона даромад. Паси мизи кор нишаст ва қаламу коғаз гирифт. Аммо натавонист ёд оварад, ки чи кори таъҷилие дошт. Ба тақвими рӯи миз назар дӯхт. Ду-се ишора буд он ҷо, чизе нафаҳмид. Дурусттараш чизе фаҳмидан нахост. Газетаҳои навро даст гирифту боз ба ҷояшон гузошт. Ҳама чиз дар сараш дарҳам – барҳам шуд. Дилаш гӯё бухс кард. Хесту даричаҳоро кушод. Даме ба хаёл ғӯтида дар дилаш хоҳише сар зад, ки давида раваду мӯйсафеду духтарашро гардонда оварад…

Берун баромад, бо суръат қадам зада, то истгоҳи аввал омад он ҷо мӯйсафеду духтарашро надид. Троллейбус хело дур рафта буд…

Дар лабонаш табассуми талхе дамиду пас гашт. Боз ба хонаи кориаш омада назди даричаи кушода рост истод ва оҳ кашид, оҳи бадард.

Барои чӣ ин мӯйсафед ва хоҳиши ӯ вайро ин қадар ба изтироб овард? Охир, тӯли солҳои зиёди кор дар ҳамин вазифа

ба наздаш мардум бо ин гуна хоҳишҳо на як бору ду бор даромадаанд. Онҳое буданд, ки ашк рехта зорию тавалло мекарданд, онҳое буданд, сад бурҳон оварда, ҳазору як роҳ меҷустанд, то ба мақсад расанд ва дар ин роҳ ягон гап фаҳмидан намехостанд ва ҳатто онҳое ҳам буданд, ки… таҳдид менамуданд! Дар ин гуна ҳолатҳо вай ҷавобе медод, ки мувофиқи қоидаву қонун буд. Ҳоло чӣ? Ҳоло низ ҷавобаш қонунист. Пас чаро? Чаро? Охир, мӯйсафед гапро ба як бор фаҳмид. Вай гаштаю баргашта симои мӯйсафед, духтар ва гуфтугӯи байнашонро ёд оварда, чизеро ҷустуҷӯ мекард, ки боиси парешонии хаёлҳояш гашта буд. Ва ниҳоят, онро дарёфт! Аз китоби ёду хотироташ, аз миёни саҳифаҳои бешумори он! Мӯйсафед бо қомати баланду андаке хамида ва чеҳраи ниҳоят офтобхӯрдааш мӯйсафеди чоркӯҳиро мемонд. Ана, гап дар куҷо будааст!...

Мӯйсафеди чоркӯҳӣ… Хаёли вай чанд даҳсола пас рафт. Он вақтҳо ӯ – духтари ҷавон, дастпарвари Институти давлатии педагогии ба номи С.М. Киров, корманди комитети вилоятии комсомол бо мақсади корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ба ҳамаи шаҳру район ва деҳоти вилояти Ленинобод мерафт. Ба Исфараю Конибодом, Хуҷанду Пролетар, Ашту Нов, Панҷакенту Мастчоҳ рафта бештар ба ҷалб намудани занону духтарон ба корҳои ҷамъиятию хондан дар мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳо машғул мешуд. Боре дар яке аз ҳамин гуна сафарҳояш вай бо мӯйсафеде вохӯрд, ки сурати ӯ дар хотироташ нақши сангин баст.

Вай бо нафари дигаре аз фаъолони корҳои комсомол барои ба хондан ҷалб кардани духтарон ба Чоркӯҳ – деҳаи калонтарини Исфара омад, ки он вақтҳо тақрибан 12 ҳазор нуфус дошт. Аввал дар мактаби даҳсолаи деҳ бо духтарон сӯҳбат оростанд. Ҳоҷат ба тарғибу ташвиқи зиёде набуд. Духтарон ба зудӣ изҳор карданд, ки хоҳиши хондан доранд. Вале аксар иқрор ҳам карданд, ки аз падару модари худ… метарсанд.

«Ба мурданамон розӣ мешаванду ба хонданамон не».

«Кошкӣ шумо ба дадом фаҳмонда метавонистед».

«Медонед, апа, моро маҷбуран, зӯран баред! Онҳо баъд чӣ ҳам гуфта метавонанд».

«Ман «ҳа» гӯянд ҳам, «не» гӯянд ҳам меравам».

«Агар инҳо раванд ман ҳам…»

Оне, ки «ҳа» гӯянд ҳам, «не» гӯянд ҳам, рафтан мехост,

Санавбар ном дошт ва духтараки реза, сабзинаву сиёҳчашмак буд. Чашмонаш барқаке доштанд, ки аз ҷасораташ дарак медоданд.

Сипас дар правленияи колхоз бо иштироки фаъолони деҳ ҷамъомад гузарониданд. Вай то метавонист зарурати таҳсили духтаронро ба ҳозирон фаҳмонд. Вале аз падару модарон, гӯё ях карда бошанд, садое набаромад. Раиси правленияи колхоз ва раиси шӯрави қишлоқ ҳам дар ин бобат сухан гуфта, ӯро тарафдор шуданд. Яке аз фаъолони деҳ изҳор кард, ки духтари ӯ таҳсилро давом хоҳад дод. Бо ҳамин гӯё яхи хомӯшӣ шикаст. Нафари дигаре, ки муаллим буд, ба хоҳараш ва колхозчие ба духтараш иҷозати таҳсил дод.

Вале аксар ҳанӯз хомӯш буданд. Раис рӯйхати хатмкунандагонро гирифта як ба як хонд ва падару модарони онҳоро аз ҷо хезонда, алоҳида-алоҳида пурсид. Баъзеҳо баҳона оварданд, ки ба рӯзгорашон дастёр даркор. Баъзеҳо рӯирост рад карданд: Духтар – духтари ман, соҳибаш ҳам ман, намехоҳам, вассалом! Падари Санавбар ҳам дар ин қатор буд.

Ҷамъомад тӯл кашид. Оқибат дувоздаҳ нафар қарор карданд, ки таҳсилро давом медиҳанд.

Субҳи дигар мошин духтаронро дар назди мактаб интизор шуд. Онҳо омаданд, вале ба ҷои дувоздаҳ нафар ҳашт нафар. Мошин қад-қади дарёи шӯхобу домани кӯҳҳои хушранг ҷониби Исфара метохт. Ногоҳ дар он ҷое, ки роҳ танг буд, ронанда фарёд кашид:

– Нигоҳ кунед!

Мошин таққӣ истод.

Миёни роҳ марде парӯ мехобид. Вай намеҷунбид, аз ин рӯ кас дар аввал наметавонист фаҳмад, ки зиндааст ё мурда. Ҳама бо ҳайрат ва тарс нигоҳ карданд. Нафасе пас Санавбар паст ва бо алам гуфт:

– Дадом!

Чанд нафар фаромаданд.

Мӯйсафед нимхез шуду ҷои салом гуфт:

– Духтарама фуроред ё мошина ба болоям ҳай кунед!

Вай дигар чизеро фаҳмидан намехосту якзайл гуфтаи аввалаашро такрор менамуд. Тақрибан ду соат талош карданд, суде набахшид. Оқибат Санавбар худ фаромаду ҳамроҳи падараш баргашт.

Он вақт аз қафои Санавбару падараш аз алам сӯхтаю оҳ

кашида ва ашк рехта буд вай. Лаҳзае, ҳарчанд дар наздаш ҳафт нафари дигар буд, дилашро ваҳми навмедӣ гирифт. Онҳо як шаб дар Исфара монданд. Ва ҳамон шаб панҷ нафари дигарро низ падару модаронашон бурданд. Вай бо ду нафар духтар ба Ленинобод баргашт. Танҳо яке аз онҳо институтро хатм кард. Дигареро ба шавҳар дода, бо ҳамин пеши роҳашро бастанд…

Ин гуна воқеаҳоро дар солҳои аввали фаъолияташ вай кам надидааст. Вале ҳамон Санавбари оташқалбу падари мӯйсафедаш, ки «дар пиронсолӣ шарманда шудан» намехост, дар сафҳаи хотираш сахт нақш бастаанд.

Аз он дам то имрӯз даҳсолаҳо сипарӣ шуданд. Одаму олам дигар шуд. Тамоман дигар. Ва ҳамин дигаргуниҳо пеши назари вай ба вуқӯъ пайвастанд. Мана, ҳамин мӯйсафед, ки ӯро ба ин қадар андеша водор кард, мисоли равшани он тағйирот аст.

– Ай Данғараюм, – худро шиносонд вай баъди ҳолпурсӣ, – ҳами кенҷаякум ҳаваси хондан дора. Тобистон балуш нарасидай…

Хулоса мӯйсафед мехост духтараш ақаллан дар курси тайёрӣ хонад. Вале ҳуҷҷатҳояшро аз сабаби он ки стажи кор надорад, қабул накарданд. Бинобар ин ӯ аз «одами калон» ёрӣ мепурсид.

Аз «одами калон» гуфтани мӯйсафед хандааш гирифт ва табассумкунон таъкид кард, ҳаргиз ин хел нест, ҳама баробаранд.

Вале мӯйсафед дуруст мегуфт. «Одами калон»-е, ки вай мегуфт, ректори Институти давлатии педагогии ба номи Шевченко, доктори илмҳои фалсафа, профессор Ғаффорова Мунзифа Қаҳҳоровна аст.

Мунзифа Ғаффорова бо вуҷуди вазифаҳои зиёде, ки бар ӯҳда дорад, бар замми саду як ташвише, ки ҳар рӯз пеш меояд, ба болои он ки ҳамвора ба корҳои илмӣ машғул асту тадқиқот мебарад, мақолаву рисолаҳо менависад, баъди ҳар як воқеаи хурде ғарқи андешаҳо мегардаду гузаштаро пеши назар меоварад. То онро бо имрӯз қиёс кунад ва бо ин роҳ кулли тағйирот ва пешравиҳои ҳаётамонро бо тамоми шукӯҳу шаҳоматаш, ҷилваю ҷалолаш, маънию мазмунаш бори дигар бинад, фаҳмад, дарк кунад, хулоса барорад. Ва ҳамин тавр ҳам мешавад. Ӯ дар паси ҳама ин дигаргунӣ ва пешравиҳо, фактҳо ва рақамҳо пеш аз ҳама инсонро, шуури ИНСОН-ро,

ки тағйир ёфта, сабабгори ҳама гуна ободиҳо гаштааст, мебинад. Дурусттараш, вай умре ба инсоншиносӣ машғул аст, яъне бо тағйирёбии инсон, ҷаҳонбинии вай, шуури вай сару кор дорад.

Мунзифа Ғаффорова дар шаҳри Ленинобод, шаҳре, ки халқаш баъди як рӯзи Инқилоби Октябр ҳокимиятро ба даст гирифт, чашм ба олам кушод. Ин шаҳри инқилобӣ ва офтобӣ ӯро тарбия карда, ба рафтор ва хислаташ таъсир расонд, ба ӯ мубориз буданро омӯхт ва ӯ ҳам чун як фарзанди содиқ ҳамеша барои мақсадҳои наҷибаш мубориза бурд ва фотеҳ шуд.

Оташи инқилобро ӯ дар сурати гулхане дид, ки дар он модараш – ҷавонзани нозанину ҷасур фаранҷӣ сӯхта буд. Он замон вай ҳанӯз духтарчаи хурдакак калимаи инқилобро шунида бошад ҳам, ба фаҳмаш намерафт. Вале ҳамон гулхан, ҳамон шӯъла, ки рамзи инқилоб дар зиндагии шахсии ӯст, дар ҳамин лаҳзаҳо ба дилаш гармӣ мебахшид, роҳашро нуронӣ мекард.

Падараш Абдуқаҳҳор ва модараш Тоҷинисо, ки ҳоло дар ҳаёт асту ҳамроҳи духтари олиму донояш зиндагӣ дорад ва давлати пирӣ меронад, ҳеҷ гоҳ аз ӯ ғаму шодӣ ва ташвишҳои худро пинҳон намекарданд. Мунзифа аз паси модар рӯзона ба мактаб мерафту шабона ба занҳои маҳалла, ки дар ҳавлиашон аз Тоҷинисо савод меомӯхтанд, якҷоя буд. Ана аз ҳамон давраҳо ба воқеаҳои атроф, ба дигаргунӣ ва тағйироте, ки рӯзорӯз падид меомаданд, дақиқ назар карда, кӯшиши ба маънию моҳияти онон сарфаҳм рафтан дар ниҳодаш нишаста монд. Ақли расо, чашми ҳамабин ва кӯшишу ғайрат ӯро даст медод, ки ҳамеша пешраву пешқадам бошад. Ҳамин хислатҳо буд, ки ҳанӯз солҳои донишҷӯӣ котиби комитети комсомолии вилояти Ленинобод интихобаш карданд. Баъдтар вай котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон интихоб шуд. Солҳое, ки вай ин вазифаҳоро ба ӯҳда дошт ва ҳам солҳое, ки дар КМ ПК Тоҷикистон кор мекард, бештар ба кори тарғиботию ташвиқотии байни занҳо машғул мешуд, зеро инро кори ҷониаш медонист. Вай бо чашмони худ медид, ки шуур ва ҷаҳонбинии зани тоҷик чӣ гуна инкишоф ва такомул меёбад. Вай чӣ гуна мубориза бурда, заҳмат ва меҳнат кашида дар ҷамъият ҷой ва мавқеъ пайдо мекунад. Вай ҳар чиро ки дар ин бобат медид, дар оташи тафаккур обутоб дода, рӯи коғаз мео-

вард. Ана ҳамин тавр мақолаву рисолаҳои аввалини ӯ навишта ва нашр шуданд. Соли 1949 ба шарафи 20-солагии ташкилёбии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон китобе бо унвони «РСС Тоҷикистон дар 20 сол» чоп шуд, ки дар он боби «Занони Тоҷикистони Шӯравӣ» ба қалами Мунзифа Ғаффорова тааллуқ дошт. Ин аввалин мақолаи калон ва ҷиддии ӯ буд.

Қисмати зани тоҷик, зани Шарқ мавзӯи асосии тамоми корҳои илмию тадқиқотии ӯст, ки бо онҳо тӯли беш аз ним аср машғул шудааст, «Роли роҳбарикунандаи Партияи Коммунистӣ дар озод намудани занҳои шарқи шӯравӣ» – ин буд мавзӯи рисолаи номзадии вай, ки соли 1955 баъди хатми аспирантура ҳимоя кард. Баъдтар Мунзифа Ғаффорова ба омӯзиш ва тадқиқи роли зан дар ҷамъияти шӯравӣ пардохт. Меҳнату заҳмати пайваста ӯро ба кӯи мурод расонд. Ӯ дар мавзӯи «Ташаккулёбии симои маънавии занони шарқи шӯравӣ» соли 1968 диссертатсияи докторӣ ҳимоя кард. Агар роҳбари илмиаш – профессори Университети давлатии Москва Вера Александровна Фомина дар СССР аввалин доктори илмҳои фалсафа аз байни занҳо бошад, пас ӯ – Мунзифа Қаҳҳоровна Ғаффорова дар Осиёи Миёна нахустин занест, ки унвони доктори илмҳои фалсафаро гирифтааст.

Бале, душвориҳои зиёде буданд, ки паси сар шуданд, нақши онҳо дар саҳифаҳои дури хотир мондаасту бас. Якеи онҳо нақши ҳамон воқеаи мӯйсафеди чоркӯҳист, ки миёни роҳ нишаста мегуфт: духтарама фуроред ё мошина ба болоям ҳай кунед… Мана ин мӯйсафеди 76-солаи данғарагӣ, ки ӯро ба хотири олим овард, орзу дошт, ки «кенҷаякуш бихонаву маълим бишава». Барои ҳамин аз Данғара омадааст…

Олим назди дарича ҳамин хел хаёлҳо карду сипас оҳе кашид. Ин дафъа оҳи сабук…

Он тарафтар рӯи миз газетаҳои имрӯза мехобиданд, ки дар саҳифаи аввалашон чунин хабар медоданд: «Указы Президиуми Шӯрави Олии СССР дар бораи бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонидани рафиқ Ғаффорова М.Қ.

Ректори Институти давлатии педагогии ба номи Т.Г. Шевченкои Душанбе, профессор Ғаффорова Мунзифа Қаҳҳоровна барои фаъолияти пурсамару бисёрсолаи илмию педагогӣ бо ордени Дӯстии Халқҳо мукофотонида шавад…»

Вай ҳанӯз онҳоро нахонда буд…

## ЯК РӮЗ ВА ТАМОМИ УМР

Соат занги ҳафтро зад. Ин дам ӯ аз рӯи одат, ба сари мизи кориаш нишаст. Имрӯз бояд чанд кори зарурро ба сомон расонад, аз ҷумла мундариҷаи ҷилди IV «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ»-ро тартиб диҳад. Бо ин ният варақҳои тозаву қалам гирифт…

Дар назди ЮНЕСКО ташкилоте ҳаст бо унвони «Ассотсиатсияи байналхалқӣ оид ба омӯзиши маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ», ки бо ташаббуси олимони шарқшиноси шӯравӣ таъсис ёфтаву то ҳол амал дорад. Нахустпрезиденти он академик Бобоҷон Ғафуров буд ва ҳоло ин вазифа бар ӯҳдаи Президенти АФ РСС Тоҷикистон М.С. Осимӣ аст. Ҳайати байналхалқии таҳририяи ҳамин ташкилот ба вай супорида буд, ки мундариҷаи ҷилди IV «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ»-ро тартиб диҳад. Олим аз рӯзҳои нахуст бо ин ташкилот ҳамкорӣ карда, барои се ҷилди аввал мақолаҳо навиштааст.

Дарвоқеъ, аз хусуси яке аз ин мақолаҳо. Ҳангоми муҳокимаи мундариҷаи ҷилди II мавзӯе «бесоҳиб» монд. Яъне ҳеҷ кадоми аъзои таҳририя ҷуръат намекард, ки онро бар зимма гирад.

– Дандоншикан, – касе овоз ҳам баровард.

– Ба ман диҳед, – ин дам М.С.Осимӣ талабгори мавзӯъ шуду илова намуд. – Мо сарамарде дорем, ки ба хубӣ аз ӯҳдааш мебарояд.

Соле гузашту бо унвони «Масъалаҳои таъриху археологияи Ориёни Шимолӣ, Осиёи Миёна ва Давлати Кангюи қадим (Канха)» дар ҷилди III «Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ» мақолае чоп шуд, ки чунин имзо дошт: «Н.Н. Неъматов…»

Қариби соати дувоздаҳ ӯ корашро ба итмом расонду сӯи коргоҳаш, Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон роҳ гирифт…

Дар охири роҳрави ошёни аввали ҳамин бинои боҷалол, дар тарафи дасти рост хоначае ҳаст, ба дарозӣ тақрибан севу ба бар ду метр. Миз, чор курсии одӣ ва як оҳансандуқе дорад ин хонача. Дар девор акси пурраи мардест, ки дар оғӯши манзараи тирамоҳон гирифта шудааст. Чеҳрааш орому дилкаш ва нигоҳаш хирадрез. Ӯ рӯи ғӯлакурсие нишаставу наздаш гулхан фурӯзон. Ва ҳамин аксу ҳамин манзара ба хонача вусъат мебахшад. Ном, чеҳра ва корҳои илмии ин марди

покизаназар ба миллионҳо ошнову азиз аст: Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, академик А.П.Окладников.

Ин ҷо хонаи кории мудири сектори таърихи маданияти Институти ба номи Аҳмади Дониши АФ РСС Тоҷикистон Нӯъмон Неъматович Неъматов аст.

Чанд сол пеш ба сектори мазкур кабинетҳои озодаву барҳаво доданд. Вале мудир ба онҳо нагузашт. Бигзор бачаҳо (ӯ кормандони секторро ҳамин хел ном мебарад) бемалолтар кор кунанд, гуфт ӯ.

Олим вориди кабинеташ шуда, нома ва телеграммаеро дид, ки мӯҳри байналхалқӣ доштанд.

Номаро корманди илмии Институти шарқшиносии Университети Чикаго, профессори машҳур Роберт Брейдвуд ва ҳамсараш шарқшинос Линда Брейдвуд навиштаанд. Онҳо рисолаи нави худро фиристонидаанд, ки фикру мулоҳизаи дӯсташонро донанд.

Бо Брейдвудҳо Н.Н.Неъматов дар Симпозиуми археологии америкоиву шӯравӣ шинос шуда, ҳамроҳашон ба шаҳрҳои Чикагову Бостон, Вашингтону Филаделфия ва Нью-Йорк сафар карда буд. Ва ҳам дониставу эҳсос карда буд, ки онҳо дӯстони мамлакати мо ва кулли халқҳои шарқанд. Шуғли Роберт Брейдвуд омӯзиши маданияти қадимтарини Шарқи Наздик аст. Ӯ солҳои дароз дар мамлакатҳои араб, Ҳиндустон, Покистон оид ба таърихи маданият корҳои тадқиқотӣ бурда, асарҳои зиёди илмӣ навиштааст. Охирин бор вай бо Н.Н. Неъматов дар Конгресси Юнеско, ки бахшида ба оғози заминдорӣ ва чорводорӣ (неолит, асри нави санг) дар Душанбе соли 1982 гузаштааст, бо ҳам вохӯрда буданд.

Телеграммаро бошад, сардори гурӯҳи бохтаршиносони Маркази миллии илми Фаронса ва ҳамчунин сардори барномаи муштараки шӯравию фаронсавӣ оиди омӯзиши Бохтари қадим, профессор Жан Клод Гарден фиристодааст. Ӯ менавишт: мақолаву маърӯзаҳои илмии олимони шӯравӣ, аз ҷумла мақолаи Н.Н.Неъматов, ки ба симпозиуми фаронсавию шӯравӣ пешниҳод шудаанд, ба дасташ расидаанд. Ва онҳо то оғози симпозиум (соли 1983) дар шакли маҷмӯае чоп хоҳанд шуд.

Олим номаву телеграммаро сӯе гузошту папкаеро кушод. Баъди пешин бо иштироки мудирони секторҳо маҷлиси дирексия эълон шудааст. Он ҷо нақшаи нашри соли 1986-ро

муҳокима мекунанд. Аз ин рӯ, вай нақшаро бори дигар аз назар гузаронда, ба он эътибор медод, ки нашри корҳои ҷавонон аз назар дур намонад.

Ногоҳ телефон боисрор занг зад. Набиҷон – сардори гурӯҳи кофтуковҳои саҳроии археологӣ аз Ӯротеппа хабар дод: корҳо ҳама хуб, нағз омада расиданд, дар боғаки назди Муғтеппа ҷойгир шуданд ва ҳамроҳи 15 нафар донишҷӯёни ИДПЛ ба кор сар кардаанд.

Н.Н.Неъматов аз ин хабар шод шуду чизеро ёд оварда котибаро фармуд:

– Ба автобаза занг зада шофёрро пайдо кунед.

– Вай ҳамин ҷо. Лекин барои даромадан…

– Ҷуръат намекунад? Аз афташ, гуноҳашро фаҳмидааст. Гӯед, дарояд.

Шофёр, ҷавони 22-24 сола даромаду гунаҳкорона сар хам карда назди дар истод.

Сардори гурӯҳи дигари археологӣ Валерий Жуков пагоҳӣ ба сектор занг зада шикоят кардааст, ки шофёр корро ба анҷом нарасонида аз Шаҳристон ба Душанбе баргаштааст. Аз ин рӯ, сардори отряд Абдуллоҷон Мирбобоев байни Хавосу Курушкадаву Ленинобод сарсонӣ дорад. Хуллас, набудани мошин ба пешрафти кор халал додааст.

Н.Неъматов шофёрро наздаш шиномду бо нармӣ фаҳмонд, ки беэътиноии ӯ ба кори отряди археологӣ чӣ гуна таъсир расонидааст. Сипас, аз боби ҷавонмардию одамият ду-се сухан гуфт. Чун ӯ гапашро ба охир расонд, шофёр хоҳиш кард:

– Агар фармоед, ҳозир бармегардам.

– Не, рав, дам гир. Ман худам пагоҳӣ парида меравам, – гуфту ёд овард, ки тобистони соли 1953, соле ки бори аввал корҳои тадқиқотиро оид ба археология дар Хуҷанд оғоз карданд, гурӯҳаш аз се нафар иборат буду бас. Худаш ва донишҷӯён зану шавҳар – Зеймалхо. Соле пас, ЭКАТШ (Экспедитсияи комплексии археологии Тоҷикистони Шимолӣ) таъсис ёфт ва ҳоло дар арафаи ҷашни 30-солагиаш ҳайати он қариб ба 150 нафар расидааст. Онҳо ба гурӯҳҳо тақсим шуда якбора дар чанд мавзеъ, ҳам дар Муғтеппа, ҳам дар Шаҳристон ва ҳам дар Бунҷикати қадим корҳои ҳафриётӣ мебаранд. ЭКАТШ барои ӯ ва садҳои дигар мактаби бузурги омӯзиш шуд. Худаш то ба дараҷаи аъзо-корреспондентии АФ РСС Тоҷикистон расид. Зеймалҳо низ

соҳиби унвонҳои илмӣ шуданд ва ҳоло кормандони Эрмитажи давлатии Ленинград мебошанд. Барои Е.Д. Салтовская, С.Ш. Марофиев, Ӯ. Пӯлодов, А. Мирбобоев, В.М. Соколовский, С. Мамадҷонова, А. Раҳимов, У. Эшонқулов, И. Самойлик ва даҳҳо дигарон ин даргоҳ дар илм камолоте дод.

Бозёфтҳои ЭКАТШ фаровон буда, баъзеи онон ба баҳсу мунозираҳои дуру дарози олимон хусуси ин ё он масъала хотима бахшиданд. Ҳувайдо шудани Искандарияи Ақсо дар Ленинобод, Курушкада ва Нуртеппаи куҳан дар Ӯротеппа, бозёфтҳои пойтахти Истаравшан, Бунҷикат бо қалъаҳои Қаҳкаҳааш, бо кӯшку қасрҳояш, маъбаду масҷидҳояш, манораву мадрасаҳояш ва ҳамчунин кашфи харобаҳои Ӯртақӯрғону Чилҳуҷра, натиҷаи тадқиқот дар Исфараву Конибодом ҳамагӣ саҳифаҳои наванд дар шинохтану фаҳмидани ҳаёти гузаштагонамон. Бозёфт ва кашфиёти ба дастомада вусъат ва амиқияти корҳои тадқиқотиро талаб карда, хулосаҳои илмӣ мехостанд. Ин вазифаро дар бисёр ҳолатҳо олими равшанзамир Н.Н. Неъматов ба зимма гирифтааст. Ӯ дар асоси бурҳону далелҳо, маъхазҳои археологиву этнографӣ, забоншиносиву сиккашиносӣ ва тадқиқоти илмии олимони ҳозираву пешин, ватаниву хориҷӣ аз боби ривоҷу равнақ ва нашъунамои ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна мақолаву рисолаҳои хонданӣ менависад. Вай воқеаҳои ҳаёти маданӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ниёгонамонро таҳлилу танзим намуда, ба онҳо аз нуқтаи назари таълимоти марксистӣ – ленинӣ баҳо медиҳад. Иртибот ва синтези маданияти халқҳои гуногунро тасдиқ намуда, баробари ин сарчашмаи онҳоро муайян мекунад, хусусияти хоси маданияти ҳар халқро бо далелҳои раднопазир нишон медиҳад.

Танҳо барои шарҳи расми модагурге, ки ду кӯдакро шир медиҳад, (ин бозёфт – лавҳи чӯбии кандакорӣ аз қасри афшинҳои Истаравшан ёфт шудааст) Н.Н. Неъматов ғайри бозёфтҳои археологӣ, ба тамоми маъхазҳо оид ба ривояту афсонаҳои халқҳои Шарқу Ғарб рӯ меоварад ва ҳатто ба қитъаи Америка мегузарад. Дар мақолаи калонҳаҷме, ки ӯ дар Солномаи шӯрави илмӣ оид ба таърихи маданияти ҷаҳонии АФ СССР «Кашфиёти нав, ёдгориҳои маданият» (соли 1974, нашриёти «Наука») бо унвони «Модагурги капитолӣ» дар Тоҷикистон ва ривоятҳои Авруосиё» чоп кардааст, хонанда бо хубӣ дарк менамояд, ки олими пухтакор чӣ гуна тадқиқоти дурудароз ва мураккаб бурдааст.

Мувофиқи ривояти қадима писари олиҳаи зебӣ Афродита Эней дугоникҳое дошт бо номи Ромул ва Рем. Онҳоро амакашон Амулий duздида ба Тибр меандозад. Дугоникҳо бо амри тасодуф наҷот ёфта, бо шири модагург ба воя мерасанду аз Амулий қасд мегиранд ва дар наҷотгоҳашон – Капитолий шаҳр бунёд мекунанд. Баъдтар миёни додарон баҳсу талоше падид омада, Ромул Ремро мекушад ва шоҳи Рим мешавад. Ин ривоят дар асри III то милод дар Рим васеъ паҳн шуда, ҳатто мавзӯи бисёр асарҳои шоирону муаррихони давраи атиқа, аз ҷумла «Энейд»-и Вергилей гаштааст. Ҳамин тавр акси модагурги капитолие, ки ду кӯдакро шир медод, рамзи шаҳри Рим интихоб мешавад.

Он замон римиҳо ба сикказании тангаҳое сар карданд, ки нусхаи рамзи шаҳрашонро дошт. Ва ҳамчунин он дар асарҳои гуногуни санъат истифода шуд. Ин гуна танга ва асарҳои санъат дар ҳудуди мамлакати мо, аз ҷумла дар Истаравшану Панҷакент ёфт шудааст, ки дар ин хусус олим мисолҳои зиёде меоварад. Ва пеши худ саволе мегузорад: оё ёфт шудани рамзи Рим дар санъати тасвирии Осиёи Миёна тасодуфист? Оё анъанаи мифологӣ бо чунин сужет дар Осиёи Миёна вуҷуд дошт?

Н.Н. Неъматов ба ин саволҳо ҷавоб ҷуста нишон медиҳад, ки ривояти шоҳзодагонро ба воя расонидани модагург аз замонҳои қадим дар Шарқ вуҷуд дошт. Вай ин ҷо аз Куруши Кабир ёдовар мешавад, ки гӯё модагург шираш дода бошад. Вай барои исботи фикраш аз муаллифони атиқа Юстинро меоварад. Инчунин ӯ қайд мекунад, ки бисёр қаҳрамонҳои «Шоҳнома» ҳам аз ҳайвонҳо парасторӣ дидаанд. Масалан, ба Золи Зар аввал модашер, сонӣ Симурғ шир додааст. Рустам бошад, аз шири палангмодар баҳра бурдааст. Олим ба ҳамин монанд ривоятҳоро аз халқҳои туркзабон, қабилаҳои муғул ҳам меоварад. Туркҳои қадим худро авлоди модагург ва писарбачаи даҳсола мепиндоштанд. Мувофиқи ривоят модагург даҳ писар таваллуд мекунад, ки яке аз онон Ашина, баъдтар шаҳре таъсис намуда, ба тахти шоҳӣ менишинад ва дар байрақаш акси сари гургро ҷой медиҳад. Муғулҳои қадим низ худро авлоди гург меҳисобиданд. Бурятҳо, олтоиҳо, тувагиҳо, қазоқҳо, татарҳои қазон, русҳо, украинҳо, белорусҳо, арманҳо, грузинҳо, абхазу аварҳо, курдҳо, немисҳо, ҳамчунин ҳиндуҳои Америкаи шимолӣ оид ба дӯстию рафоқати гургу

одамизод ривоятҳои гуногун доранд. Назар ба нишондоди В.Н. Татищев калимаи бошқирд маънои «сардори гургҳо»-ро доштааст… Н.Н. Неъматов факту далелҳои овардаашро таҳлилу ҷамъбаст намуда ба чунин хулоса меояд: ҳамин тариқ дар давраи қадим дар Авруосиё бо сужети мифологӣ дар хусуси муносибати нек миёни одамизоду ҳайвонот доираи таърихӣ – мадание вуҷуд дошт. Ин доира, чи хеле ки дидем, аз Эрон ва Тӯрон сар шуда, сипас ба Осиёи Миёна, Сибир, Шарқи Дур, Европаи Шимолӣ ва Шарқӣ паҳн гашта, тавассути Шарқи Наздик ва мамлакатҳои соҳили баҳри миёназамин ба Рим гузаштааст. Сипас, бо мурури замон дар шакли коркардашуда аз нав ба воситаи Рим ба Эрон ва Осиёи Миёна баргаштааст. Ин давра ҳазораи якуми пеш аз милод ва ҳазораи якуми милодиро дар бар мегирад.

Хулоса, композитсияи тасвирии Истаравшан (акси модагурге, ки ду кӯдакро шир медиҳад) лаҳзаест аз иртиботи таърихии маданияти маънавии Шарқу Ғарб…

Соати панҷ Н.Н. Неъматов аз маҷлиси дирексия баромад. Баромаду рӯ ба рӯяш Б.И.Маршакро дид. Ӯ изҳор кард, ки аз Ленинград омада ба сӯи Шаҳристон равона аст. Ҳамчун намояндаи комитети ташкилӣ оид ба гузаронидани намоиши «Атиқаи тоҷикон» ва конференсияи илмию назариявӣ «Маданият ва санъати Тоҷикистон аз рӯи бозёфтҳои археологӣ» дар Эрмитажи давлатӣ бахшида ба 60-солагии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон омадааст, ки баъзе масъалаҳои кори ташкилиро бо ҳам дида бароянд.

Ин намоишгоҳ тирамоҳ кушода мешавад ва дар таърихи ҷумҳуриамон нахустин аст. Зиёда аз 120 экспонат тӯли се моҳ дар Эрмитажи давлатӣ намоиш дода мешавад. Ба зиммаи Н.Н. Неъматов вазифаи ҷонишини раиси комитети ташкилии ҳамин чорабинӣ гузошта шудааст.

Бо Б.И. Маршак қатори дигар масъалаҳо интихоби эмблемаро барои виставка ва конференсия низ ҳал карданд. Сужете интихоб шуд, ки он ҷо муборизаи қувваҳои некиву бадӣ акс ёфта ва он аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ гирифта шудааст.

Дар фуроварди сӯҳбат Н.Н. Неъматов аз аҳволи дӯстони ленинградиаш, аз ҷумла Кирилл пурсон шуд.

Кирилл писари аъзо-корреспонденти АФ СССР, яке аз таъсискунандагони Академияи Фанҳо дар ҷумҳуриамон, Лау-

реати Мукофоти давлатӣ, шодравон А.Ю. Якубовский аст. Александр Юлевич устоди аввалини Н.Н.Неъматов буд. Вай ҳар гоҳ, ки аз устодаш ёдовар мешавад, бо мамнуният ва сипосгузорӣ қайд мекунад, ки чӣ тавр ҳамаи шогирдонаш зери таъсири ӯ ноаён ва оҳиста ба фаҳмидану шинохтани санъат кӯшида, оқибат мухлиси «ашаддӣ»-и олами зебоӣ шуда мемонданд. Воқеае ҳеҷ гоҳ аз ёдаш намеравад. Аввали солҳои панҷоҳум буд. Онҳо ҳамроҳи А.Ю. Якубовский дар Панҷакент ҷустуҷӯи археологӣ мебурданд. Ҳамон солҳо ҳунари Галина Сергеевна Уланова нав шӯҳрат ёфта, гапгапаш то харобаҳои Панҷакенти қадим ҳам расида омад. Боре Нӯъмони ҷавон изҳор кард, ки орзуи дидани ҳунари балеринаи шӯҳратёрро дорад, вале…

– Ин кори тамоман осон, – гуфт Александр Юлевич, ки ба гапҳои шогирдаш бодиққат гӯш медод.

Баъди чанд рӯз ӯ ба дасти Н.Н. Неъматов, ки ҳамроҳи А.Ҷалилов (ҳоло профессор) аз паи иҷрои супориш ба Ленинград равона буданд, номаяке навишта дод.

Пас аз шаш рӯз бо поезд онҳо бегоҳӣ ба Москва расиданд ва аз вокзал рост сӯи Театри Калон давиданд. Ба даромадгоҳи ақиб рафта, гуфтанд, ки мактубе доранд аз як шахси мӯътабар ба худи Галина Сергеевна ва таъкид ҳам карданд: супориш шудааст, ки мактубро шахсан ба худаш диҳанд.

Соате нагузашта ҳунарвари машҳур пайдо шуд ва баробари дидани ҷавонони сиёҳҷурдаву офтобхӯрда ва аз таъсири сафари шашрӯза андаке хаста ва риш ҳам нотарошида ба ҳайрат омад.

– Мо рост аз вокзал. Шабона ба Ленинград меравем, – кӯтоҳ шарҳ дода мактубро супориданд.

– Худоё! – нидо баровард Галина Сергеевна баробари хондани нома. – Аҳволи Саша чӣ тавр?

Ва онҳоро ба машшотахона бурда, бо қаҳва зиёфат кард. Пеш аз саршавии намоиш таъкид намуд:

– Маро интизор шавед. Ҳамроҳ меравем. То вокзали Ленинград мебарам.

Баъди намоиш чун аз баромадгоҳи ақиб ҳамроҳи Уланова берун шуданд, манзараеро диданд, ки ҳаргиз интизораш набуданд. Мардуми ду тарафи роҳрав пеши пои балерина гул мерехтанд. Гулҳо ба сару рӯи ҷавонон ҳам мебориданду онҳо аз хиҷолат, шарм ва ҳаяҷони ногуфтание замин намекафид, ки дароянд.

Баъдҳо, айёми таҳсил дар Ленинград, ӯ ба санъати мусиқӣ, хусусан мусиқии классикии Ғарб, санъати опера ва балет ошно шуд ва ба онҳо дил баст.

– Санъат инсонро ҳассос, дилашро нарму гарм ва одамияташро баланд мекунад. Тавассути фаҳмишу дарки он, кас маънии ҳақиқии зиндагиро мефаҳмад, – мегӯяд Н.Н. Неъматов.

Вақти корӣ ба охир расиду ӯ ходими секторро ҷеғ зада хоҳиш кард, ки маҷмӯи мақолаҳои илмии ҷавононро оварад, то шаб онҳоро хонаду пагоҳ назди директор биёрад.

– Яъне, хонданро давом медиҳед? – пурсид ходим.

Ин савол ёди олимро ба тобистони соли 1947 бурд. Вай ҳамон сол факултети таърихи ИДПЛ-ро хатм карда, бо унвони «Хонданро давом медиҳам» мақолае навишта буд, ки онро газетаи «Ҳақиқати Ленинобод» чоп кард. Ҳамон мақола гӯё барояш савганд шуд, ки тамоми умр ба илм содиқ монд. Тамоми умр пайваста хонд, омӯхт, ҷустуҷӯ кард, меҳнат ва заҳмат кашид, мақолаҳо, рисолаҳо, китобҳои илмӣ навишт, ки ҳоло шумораашон ба 300 мерасад. Миёни онҳо китобҳое ҳастанд барояш ва барои бисёр одамон бештар азизу гиромиянд, ки яке аз онҳо «Давлати Сомониён» аст. Миёни ҳамин мақолаву китобҳо ҳамон мақолаи аввалин «Хонданро давом медиҳам» барояш лаҳзае ва заррае қиматашро гум накардааст. Он чун роҳнамое ӯро тавассути меҳнату заҳмати паёпай ба шоҳроҳи илм баровард. Солномаи байналхалқии «Илм ва Инсон» соли 1975 мақолаеро бо номи «Кашфиёти Истаравшан» чоп карда, муаллифи онро ба хонандагонаш чунин шиносонд: «Нӯъмон Неъматович Неъматов муаррих, археолог, доктори илмҳои таърих… мудири сектори таърихи маданияти Институти Аҳмади Дониши АФ РСС Тоҷикистон, роҳбари экспедитсияҳои археологӣ дар Хуҷанд, Қайроққум, Истаравшан, ЭКАТШ… аъзои Шӯрави илмӣ оид ба проблемаҳои археологии Осиёи Миёна ва Қазоқистон дар назди Институти археологии АФ СССР…».

Олим ба рӯи мусоҳибаш бодиққат нигоҳ карда, донистанӣ мешуд, ки оё вай аз ҳамон мақола бохабар аст? Ва ё саволаш тасодуфист? Ба ҳар ҳол ҷониби ӯ хушҳолона чашмак заду гуфт:

– Хонданро давом медиҳам.

## РАВЗАНАИ ДИЛ[1]

Як ҳафтаи ҳимояи дипломҳоро дар омӯзишгоҳ «бешубҳа як навъ намоиши эҷоди рассомон, кулолҳо, наққошон, кандакорон, хулоса ҳафтаи ҳунарварони ҷавон номидан ҷоиз аст. Миёни 110 асаре, ки хатмкунандагон пешниҳод ва ҳимоя карданд, нигоришоти марғубе буданд, ки метавон ба қатори асари санъат гузошт. Корҳои дипломӣ шаҳодат доданд, ки донишҷӯёни омӯзишгоҳ дунёи рангин, дидаи бедор ва басо орзую ҳавасҳо доранд ва ҳама кӯшишоти онҳо бар он аст, ки ба мардум бо забони рангҳову шаклҳо ҳикоятҳои дилнишин гӯянд. Онҳо ба зиндагии пурҷӯшу хурӯши мо, ба фардои халқи худ дақиқ назар карда, аз дидаҳо ва шунидаҳои худ образҳои мӯъҷаз офаридаанд.

Доираи мавзӯе, ки диққати нигоргарони ҷавонро ба худ кашидааст, тарзу услубе, ки ба онҳо рӯй овардаанд, гуногун аст, ки боиси хурсандист. Агар гурӯҳе ба мавзӯъҳои таърихӣ майл карда ба муваффақият соҳиб шуда бошанд, бархе дар колонигориву тасвири манзараҳо комёб гаштаанд. Аммо бештари асарҳо ба тараннуми ҳаёт, ба васфи меҳнати қаҳрамонони синфи коргар, заҳмати деҳқонони саховатманду заминкушоёни ҷонфидо, тасвири сохтмонҳои азим: каналу роҳҳои калон, фабрикаву заводҳо, стансияҳои обии барқӣ бахшида шудаанд. Ва ин табиист. Зеро ин ҳама ба ҳунарварони ҷавон бештар наздик буда, худи онон шоҳид ва ҳатто гуфтан мумкин, иштирокчии ин воқеаҳои бузург, тағйироти азиманд.

14 нафар дастпарвари омӯзишгоҳ, ки дипломҳои худро бо баҳои аъло ҳимоя карданд, барои таҳсил дар мактабҳои олии рассомии шаҳрҳои Москваю Ленинград ва Тошкент роҳхат гирифтанд. Бештари онҳо аз шӯъбаи педагогӣ, шогирдони рассом ва омӯзгорони ботаҷриба Хушмурод Бердиев ва Юсуф Аҳмадов мебошанд. Ин омӯзгорон тавонистанд, ки тӯли чор сол дар дили шогирдони худ нисбат ба санъати тасвирӣ эҳтироми бепоёне ба вуҷуд оваранд. Ва бо ин васила онҳоро дар ҷодаи пурифтихор ба меҳнату заҳматкашӣ раҳнамун созанд. Албатта мусаввараҳои шогирдони ин ду омӯзгорро ба

[1] Очерк дар бораи хатмкунандагони коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов аст.

маънои ҳақиқӣ наметавон асари комили санъат номид. Вале чунон равон, сода, табиӣ ва ҳаяҷонбахшанд, ки кас беихтиёр мафтун мешавад.

«Чаппотӣ» ном мусаввараи Ситора Мусулмонқулова баҳои аъло гирифт. Ситора бо рангҳои ҷолибу муносиб манзараи аҷиберо моҳирона ба тасвир овардааст, ки бинанда худ аз худ бӯи хуш ва лаззати чаппотии тоҷикиро эҳсос мекунад. Ҳам ҳаракати ҷавонзани пурғайрату хушқомат, ҳам рухсораҳои албонии ӯ, ҳам нигоҳи ботаҳаммули зани ботамкине, ки гармиву сардии зиндагиро дидаасту бо эҳтиром ва шукри беҳад чаппотӣ ба даст гирифтааст, табиӣ ва диданбоб аст.

Нигоришоти дигар «Ҷиҳоз» ном дошт.

– Ман, – гуфт Зайнура Мамадова ҳангоми ҳимоя, – хостам яке аз анъанаҳои хуби халқамонро дар ин асар тасвир кунам. Мувофиқи русум духтари тоҷик бояд то остонаи зиндагии мустақил ҳунарманд бошад. Ва ҷиҳозе, ки ӯ офаридааст, як навъ намоиши ҳунари зебои ӯст…

Зайнура кӯшида ва тавонистааст, ки то ба дараҷае чеҳраи малеҳу пуризтироби духтари ҳунармандро, ки дилаш моломоли ҳавасу ҳаяҷонҳои ниҳонист, тасвир кунад. Маҳсули ҳунар ва хаёлоти зебои духтар болиштҳои қуроқ, сӯзаниҳои хушгул, шерозаву тоқии зардӯзӣ, сарбандаку рӯймолчаҳои тӯр, ки ҳамагӣ пеши ӯ гузошта шудаанд, аз самимият ва меҳру муҳаббати рассомдухтари ҷавон нисбат ба анъанаҳои неки ниёгон ва касбу кори пешакардааш гувоҳӣ медиҳанд. Нигоргари ҷавон хостааст, ки анъанаи қадима ҳаргиз аз байн наравад ва ӯ бо ин ният назди духтарони гулдӯз духтарчаеро шинонидааст, ки бо меҳру таҳайюр ба атроф менигарад.

Яқин, ӯ низ давомдиҳандаи ҳамин анъана хоҳад шуд.

Лоиқи шодмонист, ки мусаввирон мушоҳидаҳои алоҳидаи худро айнан рӯи коғаз наоварда, балки онҳоро ҷамъбаст намуда кӯшише ба офаридани образ ва ҳалли бадеии воқеа кардаанд ва ба ин муяссар ҳам гардиданд. Онҳо ҳар яке дар зиндагӣ, воқеаҳо, манзараҳо, характерҳо симоҳоеро мушоҳида кардаанд, ки бо мурури вақт дар натиҷаи андешаву хаёлҳо ба образҳои мухталиф мубаддал гаштаанд. Ҳар яки ин образҳо ҳикояти ҷолибест, ки нигоргар тавассути мӯқалам ва рангҳо гуфтааст. Бо ин маънӣ мусаввараҳои С. Имомаддинова «Якуми сентябр», М. Мамадёрова «Пешвозгирӣ», П. Рӯзиматов «Қалъаи Ҳисор», М. Баротов «Бозор», С. Латифов «Декрет

дар бораи замин», С. Назаров «Шахтёрҳо» равзанаест ба дунёи зебою хаёлоти рангаи нигоргарони ҷавон.

Хатмкунандагони шӯъбаи кулолӣ низ асарҳои диданбоб офаридаанд. Кас ба онҳо зеҳн монда бори дигар бовар мекунад, ки кулолӣ барои мардуми тоҷик касби аҷдодист ва аз ин рӯ мӯътабар ва азизу наздик аст. Ҳунарварони ҷавон бар он кӯшида ва муваффақ гардидаанд, ки анъанаҳои миллиро дар кулолӣ пардохта, ҳар яке асари наву зебо офаранд. Бо ин маънӣ кӯшишоти хатмкунандагон Илёс Ҷӯраев (шоҳмот), Парвиз Қурбонов (шамъдон), Содир Ҳарасов (қандил), Фарҳод Саидов (гулдон), Аслам Назаров (лаълӣ), Саид Абдуллоев (сервиз) ва Шаҳло Ҳасанова («Бачагии хушбахтона» – маҷмӯи армуғонҳо) қобили қайд аст.

Кори Шаҳло Ҳасанова «Бачагии хушбахтона» саршори ҳаҷви нозуке буда, қаҳрамонҳои шӯху қайсар ва покдили афсонаҳои бачагӣ, айёру масхарабозони шуҷоъро ба ёд меорад. Чеҳраи беғаш, нигоҳи соф ва шодию шӯхие, ки дар симои бачагон ҳувайдост, аз диди хосаи муаллиф, лаёқату дониши ӯ дарак медиҳанд. Шаҳло асарашро ба ҷашни пуршукӯҳ – 60 солагии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон бахшидааст.

Афсонаҳои халқӣ ба хатмкунандаи дигари омӯзишгоҳ Фарҳод Саидов низ илҳом бахшидааст. Гулдонҳои ӯ дар шакли аҷубаҳо – шайтончаҳои дусараву сесара шаклҳои гуногун ва рангубори муносибе дошта, ҷолиби диққатанд. Қандилҳои бо нигоришоти миллӣ ороёфтаи Содир Ҳарасов, ки шакли лола ва гулғунчаҳоро доранд, низ метавонанд асбоби хуби ороишот ва рӯзгори мо бошанд. Шамъдонҳои сеҳрангези Парвиз Қурбонов ҳам аз ҷиҳати шакл ва ҳам рангу нигориш аз ҷустуҷӯ ва хоҳиши навоварӣ намудани ӯ шаҳодат медиҳанд.

Гурӯҳи дигари ҳунармандони ҷавон дар сохтани асбобу анҷом аз чинӣ кӯшиш ба кор бурдаанд. Ва ин ҷо метавон изҳор кард, ки кӯшиши онҳо барҳадар нарафтааст. Гулдонҳои ороишии Тоҳир Мамадов, ки шаклу ранг ва нақшу нигори хосае доранд, сервиз барои ошхона, ки Саид Абдуллоев сохтааст, ҳамчунин лаъливу лаъличаҳое, ки Аслам Назаров пешниҳод намудааст, нишон медиҳанд, ки донишҷӯёни шӯъбаи кулолӣ дар ин ҷода низ ба дараҷае малака пайдо кар-

даанд. Ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки бархе аз ин асарҳо мусоиби онанд, ки дар рӯзгори мо васеъ истифода шаванд.

Натиҷаҳои кори хатмкунандагони шӯъбаҳои ороишию амалӣ, кандакорӣ дар чӯб, наққошӣ низ хурсандибахшанд. Онҳо макетҳои гуногуншаклу гуногунмазмун тартиб дода, амалан дар ороиши кабинети таъриху кишваршиносии омӯзишгоҳи тиббии пойтахт, даромадгоҳи Институти санъати ба номи Мирзо Турсунзода, китобхонаву саҳни ҳавлии омӯзишгоҳи рассомӣ истифода кардаанд. Гӯшаи истироҳат, ки онро хатмкунандагон Рустам Аҳмадов, Иван Воробёв, Юнус Мирзоев дар саҳни ҳавлии донишгоҳашон бунёд кардаанд, гувоҳест аз лаёқат ва ҷустуҷӯҳои муаллифон. Ҳам фаввора, ҳам гулпаракҳо ва деворчаи гулкории атрофи ҳавз, ҳам мусаввараҳо, ки дар гулпанҷараҳо гузошта шудаанд, якдигарро ҳамаҷиҳата пурра карда ансамбли ягонаро ба вуҷуд меоранд.

Ҳамчунин корҳои донишҷӯён Саиданвар Саидисломов (ороиши зали қироат), Наҷмиддин Йӯлдошев (ороиши даромадгоҳ), Расул Баротов (ороиши кабинети таъриху кишваршиносии омӯзишгоҳи тиббӣ) баҳои аъло гирифтанд.

Хатмкунандагони шӯъбаи кандакорӣ дар чӯб бештар асарҳое пешниҳод кардаанд, ки ба 60-солагии ташкилёбии ҷумҳурӣ ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Онҳо таҳти роҳбарии рассомони бомаҳорат З.Довудов ва Д.Расулов лавҳу панно ва кундалҳое пешниҳод кардаанд, ки дар эҷоди онҳо усулҳои анъанавии тасвир васеъ истифода шудааст. Ин ҷо мебояд гуфт, ки ҳунарварони ҷавон танҳо бо такрори сабку услуби анъанавӣ қонеъ нашуда, ба ҷустуҷӯ ва навпардозиҳо кӯшидаанд. Асарҳои Исматулло Мирзоев, Шӯҳрат Ёқубов, Ҷӯрақул Валиев, ки «Идона», «60-солагӣ» ном гирифтаанд, дилрабоянд.

Дастпарварони шӯъбаи ороиши матои пахтагин ва трикотаже, ки 13 нафар духтаронанд, нусхаҳое офаридаанд, ки аз рӯи аксари онҳо дар Иттиҳодияи истеҳсолии матоъҳои пахтагини шаҳри Душанбе соли оянда миллионҳо метр матоъ истеҳсол карда мешавад.

Духтарон дар ороиши матоъҳо асосан рангҳои паст ва нарм, гулҳои нафису майда ба кор бурдаанд, ки мувофиқи талаботи мӯди имрӯз аст. Аз ин матоъҳо ҳам барои кор, ҳам барои хона куртаву хилъатҳои шинаму озода дӯхта мешавад.

Ороиши нусхае, ки С. Шарифова пешниҳод кардааст, аз гулҳои калон-калону равшан иборат буда, барои дӯхтани куртаву бистарҳо талабгорони зиёд дорад. Дарпарда, дастархон ва салфеткаҳое, ки Вихиянцева, Макеева, Индавихина оро додаанд, аллакай истеҳсол шуда, дар поезди «Душанбе – Москва» истифода гаштанд.

– Имсол барои мо соли фавқулодаи барору кӯшишҳо шуд, – гуфт дар сӯҳбат ҷонишини директор оид ба корҳои таълим Б. Неъматуллоев. Дастпарварони мо дар соли ҷашни 60-солагии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон ғайратмандона меҳнат карда, ҳар яке ба таври худ тӯҳфаи муносибу арзанда оварданд. Хусусан дастовардҳои шӯъбаи педагогӣ моро шод гардонд. Дастпарварони омӯзишгоҳи мо на танҳо дар мактабҳои миёна, балки дар мактабҳои рассомии бачагона, ки шумораи онҳо ҳоло дар ҷумҳурӣ ба 25 расидааст, кор хоҳанд кард.

Корҳои дипломии хатмкунандагони омӯзишгоҳ нишон дод, ки аксари онҳо хеле бомаҳоратанд. Умед аст, ки онҳо дар рушди санъати тасвирии ҷумҳурӣ саҳмгузорӣ мекунанд. Ва ин пеш аз ҳама ба кӯшишу заҳмат ва ҷустуҷӯҳои пайвастаи нигоргарон вобаста аст.

## УМРИ ДАРАХТ

Сари усто болои пештахта хам хӯрд. Вай бори дигар ба лавҳ бодиққат чашм дӯхт ва лаҳзае ба хаёл рафт. Сонӣ исканаву болға ба даст гирифту ба кор шурӯъ кард. Дами тези искана пайваста рӯи нақш рост шуда ба зарби болға фурӯ меравад. Парахаҳо майда-майда парида, рӯи лавҳ нақше кандакорӣ мешавад. Усто аз кори худ ба завқ меояд ва бо рӯҳи болида зери лаб сурудеро замзама мекунад. Суруди вай гӯё бо садои якмароми болға ҷӯр мегардад…

Тамоми умри бобаракати усто ҳамин оҳанг ва мазмунро дорад. Оре, умри ӯ саршори оҳанги эҷод ва дорои меҳнати пурмазмун аст. Усто Сироҷиддин, ки соҳиби касби пурмӯъҷиза, дили поку нияти некест шахси соҳибиқбол ҳам ҳаст. Вай дар тӯли умри худ чанд асар офарид? Оё муҳим аст, ки онҳоро ном барӣ, шумораашонро муайян созӣ?

Усто фақат метавонад ҳаминро гӯяд, ки ҳамеша дар фикри эҷод буд, ҳамеша меҳнат мекард. Дилаш доимо моломоли ҳиссиётест, ки онро наметавон бо чизе баробар кард. Ин ҳис умед аст ва он ҳамарӯза ӯро илҳом мебахшад, сӯи қуллаҳои камолот раҳнамун месозад, имрӯзи ӯро ба фардо мепайвандад.

Асарҳои Сироҷиддин бешуморанд. Ҳар яке таърихи офариниши худро доранд ва усто метавонад аз онҳо бо меҳру муҳаббат соатҳо нақл намояд. Мана, яке аз онҳо – «Духтари кӯҳ». Лавҳи кандакорие, ки намоишгоҳҳои зиёдеро давр гашта баҳои баланди тамошобинонро гирифтааст. Гирди лавҳ нақши мураккаби шакли шохаҳои боҳампечидаву гулу баргҳои нафисдошта кандакорӣ шудааст. Ин нақшҳо классикиянд ва маҳсули хаёлу дастони кадоме аз ҳунарварони қадим буда аз авлод ба авлод гузашта то имрӯз расидаанд. Онҳо нақше аз рӯзгори мардуми тоҷик, нақше аз умеду орзуҳои вай дар давру замонҳои гуногунанд, ки солиёни дароз сайқал ёфта ҷилову тобиши тозае пайдо кардаанд. Нақшҳои пур аз сирру асрори классикӣ, «ислимӣ», «ислимии якрафтор», «печак», «ҳаштислимӣ», ки асрҳо ин ҷониб истифода мешаванд, чун беҳтарин намунаи санъат нотакроранд, ки усто Сироҷиддин онҳоро бо диди наву маҳорати хосае дар асарҳояш ҷой медиҳад. Вай дар лавҳҳо, миёни шохаҳову баргҳо расми кабӯтарон – рамзи бахту саодат ва озодиро канд. Дар марказ нақши духтареро офарид, ки бо тамоми ҳастӣ – ҷусса, чеҳра, либос, нигоҳ, олами андешаҳо зебову латиф аст, бо тамоми маънӣ ошиқ аст. Вай гӯё худи Муҳаббат, худи Зиндагист. Усто ин нақшро моҳҳо дар хаёлаш офарид, ҳамаашро нукта ба нукта дар тасаввураш ҷой дод, борҳо онро дар хоб ҳам дид. Усто Сироҷиддин мисли кандакорони дигар эскизҳо намекашад. Эскизҳои ӯ хаёлиянд ва онҳо аз олами хаёл, тасаввур рост рӯи лавҳ мефароянд.

Барои офаридани «Духтари кӯҳ» усто дар хонаи эҷодии рассомон ду моҳ кор кард…

Зиёда аз 30 соли умри усто сарфи ҳамин касбу кор шудааст. Вай солҳои муаллим буданаш ҳам вақти холии худро бо сураткашиву наққошӣ мегузаронд ва орзу дошт, ки ба ин кор ҷиддӣ машғул гардад.

Вале Ҷанги Бузурги Ватанӣ сар шуду барои усто Сироҷиддин ҳам муқаддастар аз муҳофизати Ватан вазифае

намонд. Орзуҳо як муддат ранги дигар, маънии дигар гирифтанд. Усто дар ҳайати фронти якуми Украина ҷангида дар озод кардани шаҳрҳои Минск, Киев, Мозаветс ва кишвари Полша иштирок намуд. То худи Германия рафт ва рӯзи Ғалабаро дар ҳамон ҷо, дар шаҳри Лантсберг пешвоз гирифт. Рӯзҳои сахт, солҳои душвори ҷанг ба ӯ дарсе шуданд, то ба маънии ошиқи зиндагии осоишта, қадри меҳнати пурмаҳсули ҳамарӯза бирасад.

Баъди итмоми ҷанг вай ба Душанбе кӯчида омад. Вале меҳри зодгоҳаш Самарқанд, ки бо афсонаҳои нақшинаш, бо гумбазу манораҳои нотакрори худ дар дилу хаёли ӯ абадӣ ҷой гаштааст, то имрӯз илҳомаш медиҳад. Усто дар Душанбе ҳам муаллимӣ мекард, ҳам мустақилона кандакорӣ менамуд. Ҳар гуна қуттӣ – армуғонҳо, ҷевону курсичаҳо месохт, дару дарвозаҳоро кандакорӣ мекард.

Баъдтар ӯ бо намунаи корҳои кандакор, Ходими Хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон, дорандаи ордени Ленин Йӯлдошбек Баротбеков, наққоши исфарагӣ Муқаддасов шинос шуд. Асарҳои ин наққошон, ки солҳои зиёде дар виставкаҳо сазовори баҳои баланду мукофотҳо мегаштанд, барои Сироҷиддин манбаи омӯзишу илҳом шуданд.

Намунаи корҳои нахустини устои ҳаваскорро дар Хонаи республикавии эҷодиёти халқ писандиданд ва ҳатто баъзеашонро дар виставкаи республикавӣ ба намоиш гузоштанд. Эҷодиёти ӯ бо нозукӣ ва дилчаспиаш диққати умумро ҷалб кард. Намунаҳои онҳо лавҳаҳои «Тоҷикистон», «300-солагии ба Россия ҳамроҳ шудани Украина», «Санъат» буданд. Вай аз рӯзҳои аввали эҷодаш кӯшиш мекард кандакориро вобастаи мазмун гардонад, ки ҳамин хусусияти осори ӯ дарҳол ба чашм мерасад.

Усто Сироҷиддин аввалин бор бо супориши Хонаи эҷодиёти халқ расми доҳӣ В.И. Ленинро дар чӯб кандакорӣ кард. Вай тавонист, ки симои хирадмандонаи доҳиро ҳақиқатнигорона, одӣ, самимӣ, он чуноне ки ба дилҳо наздик буд, офарад. Ва ин асари аввалину ҷиддии вай диққати мутахассисонро ҷалб кард.

– «Ё чанги мактабхона хӯр, ё чанги меҳмонхона» мегуфтанд, дуруст будааст, – таъкид мекунад усто. – Дар шаҳрҳои гуногуни Ватанамон будам. Бо осори ҷовидонаи ҳунармандони гузаштаву имрӯзаи Қӯқанду Бухоро,

Самарқанду Хева, Москваю Ленинград ошно шудам. Онҳо ба ман илҳом доданд…

Боре Сироҷиддин, он вақт худаш ҳам устои ҷавон буду дар кандакорӣ ҳам таҷрибаи казоӣ надошт, ба Ленинград сафар кард. Мақсадаш тамошои ҷойҳои таърихӣ, осорхонаву намоишгоҳҳо буд. Вай бо маҳсули дастони наққошон, рассомон, ҳайкалтарошон, кандакорон ва ҳунармандони дигар шиносо шуд. Рӯзе дар толори нигористоне дилаш якбора тез-тез ба задан даромад. Вай нигоҳ мекарду боовараш намеомад, ки эҷоди ӯро ҳам ин ҷо ҷой дода бошанд. Сироҷиддин аз хурсандӣ намедонист чи кор кунад, чи гӯяд, дар назди лавҳ хело истода монд. Ин дам касе даст ба китфаш гузошт:

– Меҳмон, шумо аз Тоҷикистон?

– Ҳо, чӣ хел фаҳмидед?

– Аз ҷомаву тоқиатон…

Ҳамин тавр, Сироҷиддин бо директори яке аз музейҳои Ленинград шиносоӣ пайдо кард. Бо хоҳиши ӯ усто розӣ шуд, ки барои музей лавҳе кандакорӣ намояд. Аммо вақте ки шартнома навиштанӣ шуданду аз Сироҷиддин эскиз талаб карданд, вай гуфт:

– Ман то ҳол ягон бор эскиз накашидаам…

Директор лаҳзае ба андеша рафту ба шартнома мӯҳр гузошт, дар чеҳрааш аломати нобоварӣ пайдо шуд…

Баъди се моҳ Сироҷиддин лавҳе кандакорӣ карду ба Ленинград фиристод ва дере нагузашта мактуби ҷавобӣ гирифт. Маъмурияти музей баробари изҳори миннатдорӣ ҳатто узр мепурсид, ки дар шартнома (азбаски усто эскиз пешниҳод накард) музди меҳнаташ хеле кам муқаррар шуда буд. Инчунин чор баробари аввала ҳаққи иловагӣ фиристода таъкид карда буданд: ҳар як асари ҳақиқии санъат бебаҳост…

Мушоҳидаҳои эҷодии усто рӯз аз рӯз бой гашта, аксашонро дар нақшҳо мегузоштанд. Усто ба нақшҳои классикӣ рӯҳи замон дода муваффақ мегашт, ки дар онҳо характер, образ офарад. Беҳуда нест, ки симоҳои бузургон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Беҳзод, Ҷомӣ, Айнӣ, Турсунзода ва даҳҳои дигар, ки Сироҷиддин офаридааст, намоишгоҳҳои бисёр мамлакатҳои ҷаҳонро давр задаанд.

Чойхонаи миллии кандакории усто дар Ярмаркаи байналхалқии Лейпсиг намоиш дода шуд. Тамошобинони виставкаҳои Қоҳираву Измир ба ҳунари усто Сироҷиддин, ки

намунааш «Айвони тоҷикӣ» буд, қоил шуданд. Ҳамин тариқ, асарҳои усто на танҳо дар Ватанамон, балки дар шаҳрҳои гуногуни мамлакатҳои хориҷа, аз ҷумла Чехословакияву Булғория, Республикаи Демократии Германия, Республикаи Демократии Афғонистон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Англия, Италия ба намоиш гузошта шуданд ва ҳатто дар баъзе музейҳо чун экспонати доимӣ монданд.

Осори дастони меҳнатқарини Сироҷиддин Нуриддинов дар гӯшаҳои гуногуни республикаамон боқист. Вай дар ороиши чойхонаи «Фароғат», меҳмонхонаи «Тоҷикистон», Сирки давлатӣ, Қасри Иттифоқҳои касаба ширкат кардааст. Асарҳояш толорҳои Музеи республикавии таърихию кишваршиносии ба номи Беҳзод, Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи республикаро оро медиҳанд. Лавҳаҳои дар ҷӯб кандакорӣ кардаи усторо достонҳои шеърӣ номидан ҷоиз аст. Онҳо ҳар яке мазмун, оҳанг ва ҷилои худро доранд. Усто Сироҷиддин ҳаргиз якрангӣ, корҳои қолабиро намеписандад. Ба ҳар нақши классикӣ усто навие мебахшад... Вай дами сафарҳояш ба шаҳрҳои гуногун ва шиносоӣ бо асарҳои кандакорон ана ҳамин тарафи масъала, яъне навовариро ба мушоҳида мегирифт. Лавҳ ва симоҳое, ки усто Сироҷиддин меофарад, бо мутаносибию пайвастагӣ, тозагиву ягонагиашон чун мӯъҷизае ба чашм мерасанд. Ҳаққо ки асарҳои усто мӯъҷизаанд. Мӯъҷизае, ки инсон метавонад бо дили зебову диди нозуку дастони пурҳунараш офарад.

...Садои пайваста ба искана бархӯрдани болға шунида мешавад. Усто эҷод мекунад. Вай ба мутаносибии нақшҳо бештар аҳамият медиҳад. Мабодо ки искана сари мӯе лағжаду таносуб вайрон шавад, ҳусни тамоми лавҳ коҳад. Лавҳи тайёрро усто ба даст мегирад, ба он дуру дароз, андешамандона назар меафканад, агар қонеъ нагардад, корро аз нав сар мекунад. Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо суботкорона меҳнат ва эҷод мекунад. Ва агар қонеъ бошад, суруде зери лаб замзама карда, ба ҳар нақш аз сари нав ба меҳр чашм медӯзад, онҳоро мепардозад, то даме ки дар назараш онҳо зинда шуда сурудеро, ки мехост, хонанд...

Вақте ки кор ба охир расид, усто равғани зағирро доғ карда, дарунаш лавҳро меандозад. Равғани тасфон намии чӯбро берун мекунад ва ба он умри «ҷовидона» мебахшад...

Моҳи апрели соли ҷорӣ дар намоишгоҳи Иттифоқи рассо-

мони Тоҷикистон виставкаи асарҳои Ходими Хизматнишондодаи санъати республика Сироҷиддин Нуриддинов барпо шуд. Тамошобинон бештар бо 40 асари дар чӯб кандакоришудаи рассом шиносо гаштанд. Бори дигар маълум шуд, ки усто Сироҷиддин дар офариниши симоҳои бузургон – Рӯдакӣ, Сино, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Беҳзод мумтоз гаштааст. «Ба ту, Ватани маҳбуб», «Чеварони гулдаст», «Товусҳои хушхиром», «Чӯпон ва чӯпондухтар», «Моҳичаҳои тилло» аз асарҳои солҳои охир офаридаи усто мебошанд. Синну соли усто Сироҷиддин аз 60 гузаштааст. Вале вай ҳар саҳар сӯи устохонааш мешитобад.

– Бахт чист? Ин саволро аз ҷавонони имрӯза бисёр мешунавам ва худ ба андеша меравам, – мегӯяд усто. Дар ҳақиқат бахт чист? Бахт, ба фикри ман, худи зиндагист, зиндагие, ки маънияш дар меҳнати босамар ба нафъи халқ аст. Ҳар саҳар ман мебинам, ки ҷавонон сӯи донишкада ва корҳои худ мешитобанд. Худи ҳамин бахт аст. Ҷавонони мо дар ҳама ҷабҳаҳо пешсафанд. Онҳо бо шавқу завқи зиёд мехонанд, меҳнат мекунанд, эҷод менамоянд. Ин ҳам бахти ҷавонон ва ҳам бахти мо, насли калонсол аст.

Ман аз ҷавонони имрӯза дилпурам. Ба қудрате, ки онҳо доранд, фардои мо дурахшонтар, фаровонтар хоҳад буд. Вале барои ин меҳнат мебояд, меҳнати босубот ва пайваста. Рост аст, ки дар ҳаёти ҳаррӯза мо гоҳо ба ҳанноте, муфтхӯре, қаллобе дучор мешавем. Вале мавҷудияти онҳо муваққатист, онҳо мисоли ҳубоби рӯи об лаҳзагиянд. Аз онҳо на ранге хоҳад монд, на бӯе. Вале одамони хуб, одамони меҳнатқарин мисоли оби равонанд, ки бунёди зиндагӣ аз онҳост. Ман ба ҷавонон фақат ҳаминро гуфтаниам:

Оби равон бояд буд…

## АЗ СУХАНРОНИИ МУАЗЗАМА ДАР ЯК НАМОИШИ АДАБИИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

Ба фикри ман, таносуби ишқу ахлоқ ин як амри қонунист ва онро наметавонад замону вақту фазо ба нестӣ расонад. Яъне ки одитар карда гӯем, дар ҳеҷ вақту замон ва новобаста ба ягон сохти ҷамъиятӣ одами бадахлоқ ошиқи ҳақиқӣ будан наметавонад ва ё ошиқи ҳақиқӣ наметавонад одами бадахлоқ бошад.

Лекин дуруст аст, ки замони мо замони дигаргуниҳои бузурги илмиву техникӣ, замоне ки шаҳрҳои калон ба вуҷуд омаду аҳолии шаҳр зиёд шуд, проблемаҳои зиёде ба вуҷуд омад ва он ба рафтору кирдори мардум таъсир расонид ва онро тағйир ҳам дод. Гурӯҳе агар аз ҷиҳати маънавӣ камол ёфта бошанд, мутаассифона гурӯҳи ниҳоят калон аз ин бенасиб монданд. Ба ҷои ин зоҳирпарастӣ, чизпарастӣ, мансабпарастӣ расм шуд, мешанчигӣ ба зуҳур омад. Мардум ба маишат дода шуданд ва дар ин роҳ буданд, дурусттараш дар ин бероҳа буданд касоне, ки бе ҳеҷ ибову истиҳола агар ба манфиати шахсиашон бошад сиёҳро сиёҳ дида, мегуфтанд сафед аст ва сафедро ҳам сафед дида мегуфтанд, ки сиёҳ аст. Яъне ки дар зиндагии мо дурӯғ роҳ ёфт ва дурӯғ бошад бадтарину бузургтарин гуноҳ аст. Бисёр дидаем, ки рафтору кирдори одамон ба ҳам намеояд. Масалан, магар ба одаме вонахӯрдаем, ки соҳибунвон аст, аз Авесто сар карда то асарҳои Марксро хондааст, аз адибони Шарқу Ғарб садҳо байтро медонад ва ҷояш ояд ба ҳар як суханаш аз онҳо иқтибос меорад. Ва дар назари аввал даҳони кас воз мемонад аз гуфтори ин гуна касон. Вале агар ба кирдори ин гуна одамон дурусттар зеҳн монӣ, мебинӣ, ки рафтор дигар асту гуфтор, ҳама чиз ҳаст, фақат дил нест. Вай як роботаке асту бас, ки илми имрӯза садҳо навъи онро офаридааст.

Дар ин ҳолатҳо боз ҳамон кампираки деҳотиеро ёд меорӣ, ки бесавод асту як сатре нахондааст ва ҳатто аз машҳуртарин байти Фирдавсӣ «Маёзор мӯре ки донакаш аст. Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст» хабар надорад, вале дар воқеъ ҳам наметавонад мӯреро озор диҳад ва ё дурӯғе гӯяд ва ё ба андешаи баде равад, яъне ки пиндору гуфтору рафтори ӯ нек аст.

Зардушт фармудааст: Роҳи ҷаҳон якест ва он роҳи ростист, дигар ҳама роҳҳо бероҳаанд.

# ДАР БОРАИ ЭҶОДИЁТИ МУАЗЗАМА

***Муҳаммадҷон ШАКУРӢ***
***академики АИ ҶТ***

## САРИ РОҲИ ДИЛШИНОСӢ

*(Пешгуфто ба китоби аввали Муаззама «Соҳиби аспи сафед»)*

Дар насри тоҷик рӯйдодҳои аҷибе мебинем. Дигаргун шудани назари санъаткорон ба воқеият давом дорад ва натиҷаҳои муҳим медиҳад. Нигоҳи нависандагон ҳарчи бештар аз зоҳири воқеа ба ботини инсон мегузарад. Ҳолати инсон, асрори дили ӯ, тобишҳои нозуки ҳиссиёти вай ба тарзҳои гуногун мавриди таҳқиқи диққаткорона қарор ёфта, моҳияти инсоншиносии адабиёти моро амиқтар бурда истодааст.

Баъзе насрнависони ҷавон ҳам аз нахустин қадамҳо дар ҳамин роҳ ҷидду ҷаҳд зоҳир менамоянд. Аз ҷумлаи навқаламон Муаззама низ дар ин роҳ ба аввалин комёбиҳо ноил гардидааст.

Баъзе ҳикояҳои ӯ аз ин ҳақиқат гувоҳӣ медиҳанд. Чунончӣ, ҳикояи «Рӯймолчаи сари девор» аз шавқу завқ, аз ҳиссу ҳаяҷон саршор аст. Ин ҷо пайдоиши якумин нишонаҳои ишқу муҳаббати ҷонпарвар дар дили софу беғубори духтаре тасвир ёфтааст, бедор шудани чунин ҳиссиёти рӯҳафзо, ки ҳама оламро дар назари инсон ба сарчашмаи зиндагӣ, ба оғозгоҳи шодиву фараҳ ва туғёни меҳру дилбастагӣ табдил медиҳад, ба тасвир омадааст. Ин туғёни ҳаяҷон ҳусни ҳаёт, зебоии дилошӯби баҳори зиндагиро намудор мекунад ва аз сухани нависанда як оҳанги гӯшнавоз шунида мешавад: «Барфҳо нарм-нармак об шуданд, аз рӯи замин ҳаври тунуке бархост. Лаб-лаби ҷӯйҳо маҳин-маҳин сабзаҳо дамиданд. Муғҷаҳо дар сари навдаҳо хандаҳои сабз заданд. Парастуи аввалин парида омад. Аз куҷое қум-қуми кафтараке ба гӯш мерасид. Ба тоқи айвон мусича хас мекашонду пайваста ку-ку мегуфт. Лайлаки сафеди зебо дар сафедори бобои Ҳофиз пайдо шуд. Дар тори кӯҳ лолаи аввалин

шукуфт. Духтарак бошад, ҳанӯз суруд мехонду суруд мехонд. Акнун кулли мардуми деҳ ҳамроҳи ӯ суруд мехонданд».

Аз ин тасвири лирикии ҳиссиётомез садои дили меҳрпарвару навозишкоре ба ҷони мо ҳаловат мебахшад. Қалами тасвири Муаззама бо вуҷуди навкорӣ ва бетаҷрибагии ӯ дорои қобилияте мебошад, ки тапиши нарми дили шавқпарварро ба гӯшҳо мерасонад, хаёлҳои рангин, орзуҳои ширин ва он умеди қавиро, ки ҷавонони наврас аз зиндагӣ доранд, намоён месозад. Ин ҳама дар ҳикояҳои «Соҳиби аспи сафед», «Гулпараки заринбол» ва ғайра ба лиризми дилнавози ӯ рангомезиҳои романтикӣ илова намудааст.

Наҷобати фикру ҳисси касе, ки соҳиби дили некхоҳ ва навозишпарварест, дар ҳикояҳои Муаззама мавзӯи асосист..

Аз табъи баланди Муаззама бисёр тасвирҳои нозук ва барҷаста чашм дорем. Шубҳае нест, ки нахустин ҳикояҳо ва якумин маҷмӯаи ӯ дар дили хонанда низ ин умедро қувват медиҳад. Дар роҳи душвори дилшиносӣ ва борикбинӣ ба ин нависандаи ҷавон муваффақиятҳои калон хоҳонем.

## ДАР САРИ РОҲҲОИ НАВ

… Диққати дигар нависандаи ҷавон – насрнависи навқалам Муаззама дар ҳикояи «Истгоҳи шинос» ба қувваи меҳри падарӣ равона шудааст. Муаззама як мӯйсафедро дар ҳолате тасвир кардааст, ки ба дидани писараш мерафт ва ҳазору як фикру андеша аз дилаш мегузашт. Дар назари аввал чунин менамояд, ки қаҳрамони ин ҳикоя як пири фартут аст ва дар танаш мадоре намондааст. Вале муаллиф фикру андешаҳо ва ҳиссу ҳаяҷони қаҳрамонашро бо тасвирҳои нозуки психологӣ нишон дода, қадам ба қадам моро ба хулосае меорад, ки қувваи дили ин пирамард поён надорад, дили ӯ бо меҳри фарзанд ва наберахо дорои қувваи бузурги ҳаётӣ буда, қобили некӣ ва бунёдкорист.

Барои дидани чунин протсессҳои иҷтимоии психологӣ ва чунин ҳолату вазъияти инсон дидаи борикбин даркор аст… Аз баъзе асарҳои дигар ҳам нишонаҳои нозукнигоҳӣ дида мешавад. Як намунаи он, ба назарам, ҳикояи Муаззама «Соҳиби аспи сафед» мебошад.

«Соҳиби аспи сафед» ҳикоятест, ки аз оғоз то анҷом бо тасвирҳои нозуки психологӣ бунёд ёфтааст. Қаҳрамони он як духтараки деҳотист, ки ба шаҳр барои хондан омадааст ва ошиқ шудааст. Ишқи ногаҳонӣ дили ҳассоси ӯро сахт ба туғён овардааст ва қалами нозукрави нависандаи ҷавон қадам ба қадам андешаҳои пурпечутоби қаҳрамон, тобишҳои ноаёни ҳиссу ҳаяҷони ӯ, бетоқатӣ ва тапиданҳо, шакку шубҳаҳо, орзуҳои ширин ва ноумедиҳо – ҳама ҳастии он духтараки баландҳиссиётро ба мо як-як нишон медиҳад. Муаллиф бисёр мушоҳидакор буда, падидаҳои аҷиби ҳолати қаҳрамон, дар панҷаи ишқ ба ночориву ноилоҷӣ афтодани ӯро дидааст. Нозукии ҳолати психологии қаҳрамон дар ин аст, ки агарчи дар шаҳр зиндагӣ мекунад, дар шаҳр ошиқ шуд ва маъшуқаш ҳам аз шаҳр аст, тамоми ҳастии ин духтар, хусусан орзуву умедҳои ӯ, ҳар чи ба дили ӯ тасаллие мебахшад, ба деҳа вобастагӣ дорад. Деҳа ҳамеша дар андешаҳои ӯ ҳозир аст. Вай медонист, ки рӯзе «аз ин шаҳри пурғавғо гурехта деҳа меравад» ва дар оғӯши «ҳамон деҳаи майдаҳаки доманакӯҳ» ором меёбад. Лекин деҳа ҳам дигар шуда истодааст, бисёре аз он чизҳое ки аз кӯдакӣ ба дили духтарак азиз буданд, кам-кам нест мешаванд. Бояд гуфт, ки дар ин масъала ҳам нигоҳи нависанда диалектикаи зиндагиро ҷустааст. Аз деҳа баъзе чизҳое, ки аз ҷумлаи асосҳои моддии ҳаёт мебошанд, нест шудаанд, чунончи сафедори пире, ки онро духтар бисёр дӯст медошт ва солҳои кӯдакӣ аз он «фол мекушод», акнун нест. Духтар дигар наметавонад, ки дар «вартаи номуайянӣ» аз он дарахт ва аз лаклакҳои он фол кушояд. Ҳикоя дар ҳамин ҳолати ноумедии духтар ба охир расидааст.

Вале гумон кардан лозим нест, ки ҳикоя ҳам бо рӯҳияи ноумедӣ поён ёфтааст. Диалектикаи зиндагӣ дар ин зоҳир мешавад, ки баъзе нишонаҳои бунёди моддии ҳаёти деҳот (масалан, сафедори пир) нест шуда истода бошад ҳам, асосҳои маънавии он ҳанӯз ҳамчунон боқист ва ба дилҳо парвоз мебахшад. Аспи сафеди афсонаи бибикалон, ки ёронро ба ёрон мерасонад, маънои рамзӣ дорад. Қаҳрамони ҳикоя акнун соҳиби ин аспи сафед аст ва мо ӯро монанди қаҳрамони афсонаҳо шаҳсавори аспи орзуву умедҳои ҷавонӣ мебинем. Аз ин ҷо ин ҳикояи Муаззама гоҳ оҳанги лирикиву романтикӣ мегирад, аммо бунёди он комилан реалист.

Чунон ки дар ин ҳикояи Муаззама мебинем, дар ҳолати

бӯҳронӣ, дар айни ҳайрониву парешонҳолӣ ба дили қаҳрамон чашм дӯхтани нависандагон ҳоло дар ҳикояҳо зуд-зуд ба назар мерасад. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки нависандагон инсонро дар ҳолатҳои гуногун санҷидан мехоҳанд. Хусусан, дар ин мавридҳо фаъолиятмандии мавқеи ҷамъиятии адабиёт аҳамияти калон пайдо мекунад.

*Соҳиб ТАБАРОВ,*
*узви вобастаи АИ ҶТ*

## НУРҲОИ УМЕД

...Ҳикояи Муаззама Аҳмадова «Нури умед» бо конкретию равшании мавзӯъ, аниқии идея, аз зиндагӣ, ҳаёти имрӯза дуруст интихоб карда тавонистани мавзӯъҳо ва амсоли онҳо шабеҳи бисёр ҳикояҳои дигар насрнависони ҷавон мебошад. Адиба бо як эҳсосоту эҳтиросоти меҳрубонона, бо як меҳри самимӣ, бо як ҳалимии ҳақиқии занона нақли кампиракеро дар бораи Нурмуҳаммад – шавҳари «панҷоҳ сол қабл аз ин фавтидааш» чунон моҳиронаю устокорона баён мекунад, ки хонандагон ба ҳамаи суханони баобуранги ин қаҳрамон, ба ишқи пок ва ба муҳаббати бузурги ӯ на танҳо бовар мекунанд, балки сари таъзим хам менамоянд.

Муаззама Аҳмадова бо ҳамин бори дигар ба хонандагон абадияту ҷовидонӣ будани ишқи инсониро, ки адабиёти бадеӣ ҳама вақт вассофи он буд, таъкид кардааст. Ӯ фарқ ва мувозинати байни таҷрибаи зиндагӣ ва таҷрибаи адабӣ – бадеиро дуруст ҳис ва дарк карда, аз имкониятҳои образофарӣ ва психологизми таҳлилии адабиёти бадеӣ дуруст истифода бурда, ҳикояи ҷозибаноку муассире офаридааст. Муаззама Аҳмадова намехоҳад дар бораи ҳама чиз, тамоми роҳи тайкардаи кампирак ва ишқи ҷовидонию ноолудаи ӯ ҳарф занад. Аз қаламрониҳои аввалини адиба маълум гардида истодааст, ки ӯ аз воқеаҳои тӯлонӣ, бисёрсоҳа ва бои зиндагӣ лаҳзаҳои типӣ, фардӣ ва умумигардондашударо интихоб менамояд ва характерҳои типиро дар вазъияти типӣ ба вуҷуд меорад.

*«Тоҷикистони советӣ»,*
*13 июни соли 1982*

# ЁДНОМА

*Абдувалӣ ДАВРОНОВ,*
*адабиётшинос*

## АФСОНАИ ЗИНДАГӢ

***Ба ғайри сабза напӯшад касе мазори маро…***
*(Зебунисо)*

Аз тамоми афсонаҳое, ки дар зиндагӣ шунидам, хондам ва дидам, ба назарам зеботаринаш афсонаи зиндагии Муаззама буд. Муаззама дар як рӯзгори ба мисли нафаси кӯдак ва насими тозаи саҳарӣ кӯтоҳ, вале зебояш тавонист афсонае ба вуҷуд орад рангин ва нотакрор, гуворо ва дилоро, хотирнишину муассир ва сӯзону нолон!

Воқеан, афсонаҳо ҳар ранг мешаванд, вале бунёди ҳамаи онҳо як сарахбор дорад: «…Буд, набуд…». Сарахбори афсонаи рӯзгори Муаззама имтиёзе дигар дорад, ки афсонаҳои боқӣ онро қобилу шомил нестанд. Ва он аз зиндагии тоза, таассуроти беғаш, орзуҳои пок, олами пурасрор, дардҳои бекарона, дили ҳассос, нигоҳи пурумед ва… варақҳои сафеди парешону хумори якумр ношикастаи танҳоӣ ибтидо мегирад.

Инҳо ҳама ҷилваҳои назаррабову нағмаҳои ҷонгудози зиндагианд; инҳо ҳама аз орзуҳои сарзиндаи Муаззама маншаъ гирифтаанд, ба ғайр аз нолаи пурбиму сояи пурдаҳшати танҳоӣ. Инҳо ҳама дар қатори маъниҳои дилкаши осмони хаёл ва замини пурсарвати андешаҳои Муаззама офаридаҳои худи Муаззамаанд, ба ғайр аз таассуроти мағшуш, ки зиндагӣ атояш карда буд… Ва инҳо ҳама мафҳумоте нисбӣ дар андеша ва афсонаҳои «буд, набуд…»-дори маъсуми ӯянд. Аз ҳамаи он афсонаҳо падидаи дигаре сар мезанад, ки номаш адабиёт асту мақсудаш тасвири сарнавишти инсон ва рӯҳи бешикасти он!

Муаззама ҳамчунин як афсонаи зебое ба мо монд, ки чун тамоми афсонаҳои зиндагии ӯ саргаҳе ба ин зебоӣ ва остонае ба ин муқаддасот доштанд, – олами саховатманди

тифлӣ: он афсонаро фазояш Исфараву номаш «Афсонаи адабиёти Исфара» буд. Ва афсонаи адабиёти Исфара низ бояд аз эҷодиёти Муаззама фасли наве кушояд… «Буд набуд дар қаламрави Исфара як адабиёте буд. Соҳибони ин адабиёт пеш ҳам буданд, ҳазорсолаҳо пеш ҳам буданд, имрӯз ҳам, хушбахтона ҳастанд. Ҳар яке аз онҳо нақши носутурданӣ дар саҳифаҳои таърихи ин адабиёт доранд. Адабиёти Исфара номҳое дорад, саҳифаҳояшро шахсиятҳои бузурги он қаламкашӣ кардаанд, адабиёти Исфара ҳамчунин сарнавиште дорад, ки онро ҳатто фарзандони олимаш намедонанд, вале муҳим ин нест; муҳим ин нест, ки адабиёти Исфара аз чӣ ва аз куҷо ибтидо мегирад, муҳим ин нест, ки адабиёти Исфарaро кӣ менависад? Балки, муҳим он аст, ки чӣ хел менависад ва ин адабиётро чӣ рақам муаррифӣ мекунад?

Агар не, ҳастанд аз ҷумлаи олимону шоирону нависандагонаш, ки ба қисмати адабиёти Исфара дилсӯзӣ мекунанд. Ин хуб аст ва боиси дилпуриву пуштибонист, вале ягон нависандаи дигар пайдо мешуда бошад, ки «Афсонаи адабиёти Исфара»-и Муаззамаро муаррифӣ ва пуштибонӣ намояд? Ё дар ҳамон сатҳе қарор бидиҳад, ки Муаззама оғоз карда буд. Намедонам, вале дар зиндагӣ ба ҳар оин падидаҳое масарратбахш рӯ мезананд, ки пайдоиш ва ташаккулу зеҳнияти онҳо чун «Шашмақом»-и Исфара, санъати наққошии Исфара ба шахсиятҳои таърихӣ мансуб аст: «Шашмақом»-и Мирзоқурбон, «амали наққошии фалонӣ» ва монанди инҳо. Ҳамчунин, гумон мекунам, ки адабиёти Исфара ба ҳар маънияш – дарди Сайфи Исфарангӣ ва фоҷиаи Мушрифи Исфарангиву рӯҳи поки Лутфулло Бузургзодаву Абдусалом Атабоев маро бубахшанд, – аз рӯзгор ва эҷодиёти нависандае чун Муаззама ибтидо мегирад: «Адабиёти Муаззама…»

…Дар адабиёти аҳди нав номҳое, ки ба ҳукми таърихи ҳазорсолаҳои тоҷикон ворид мешаванд, кам нестанд, вале падидаҳои насри солҳои ҳаштодуми тоҷик аз ҳар ҷиҳат ба тозакориҳои Муаззама ва адибони ҳамнасли ӯ марбут аст.

Адабиёти ин давраи тоҷик симоҳоеро муаррифӣ кард, ки намунаи насрашон ба ягон қолиби маъмули асарсозӣ (сужетбофӣ) намеғунҷад, балки махсусияте дорад, ки бунёдаш бар таассуроти тозаи ҳиссиёт ва тасвиргарии хеле нозук

асос ёфтааст. Яъне, насри ин давра насри шоирона ном гирифт, ки эҷодиёти Муаззама бо хусусиятҳои ғайриихтиёрӣ ва ногаҳониаш ба ин адабиёт ворид шуда, балки адабиёти ин даҳсоларо дар радифи ҳикояҳои Баҳманёру Муҳаммадзамони Солеҳ ва Сайф Раҳиму чанд тани дигар пур кард. Муаззама, чунонки аз рӯзгораш бармеояд, дар зиндагонӣ имтиёзе дигар надошт, магар ки ба адабиёт хизмат кардан.

Ӯ ҳамчунин узви ягон ҳизб ва ташкилоти расмии эҷодие (масалан, Иттифоқи нависандагон) набуд. Ҳарчанд қарори Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аз таърихи 24 марти соли 1988 (баъди маргаш) барои қабул ба узвияти расмии нависандагӣ дар рӯи коғаз монд. Ин ниёз дар ӯву дар вуҷуди ӯ ҷой надошт. Ӯ ба хотири ниятҳои наҷиб ва олами зебои таманноҳояш зиндагӣ дошту ҳамон зиндагии бениёзро тасвир мекард ва танҳо як ҷузъи тасвироташ симо ва услуби эҷодии ӯро мушаххас карда буд. Ҷаҳони зебои андеша ва афсонаҳои ӯ дар саросари ҳикояҳояш тасвир шудаанд. Нақлро, адабиёти нақлро ба тасвир имтизоҷ дода, фазои сайри андешаҳоро маҳз аз тасвир ранг бахшидан, ки ба фикру ифодаи фикр вусъате фарохтар диҳад, аз Муаззама сар шуд:

«...Духтарак беихтиёр ба гиря даромад. Сарбандаки сабук ғеҷида селаи кокулони майдабофташ, мисли оби дамшудае, ки пеши роҳашро кушода буданд, якбора поён шорида, ҷисми ларзонашро печонда гирифт. Дар ҳавои ларзиши бадан кокулони Ҳалима рӯи куртаи шоҳии аноргулаш мавҷ зада, баргакзании чиноракеро мемонд, ки акнун сар боло карда, офтобро, зиндагиро мешинохта бошад.

Аз дуродур ба гӯши вай садои суруди шиносе омад. Касе суруди Одил-амакро такрор мекард. Шоxҳои чинор ва кокулони парешони духтар бо оҳанги суруд маҳин – маҳин алвонҷ хӯрданд...». («Чинор»).

Бофти ҳикояҳои Муаззама ба ҳадде сода ва бетакаллуфанд, вале чизи дигар, ки махсусияти жанрӣ ва вусъати тасвири қалами ӯро имтиёз диҳад, ин тамомияти ифода ва фалсафаи ниҳону рамзӣ мебошад. Услуби ифодаи мазмун ва унсуре, ки мабдаи муносибати зеҳнии ӯро асос медода бошад, ин баробарии ифода ва воҳиди синтаксисӣ дар ҳикояҳои ӯст.

Падидаи дигар дар ҳикояҳои Муаззама ин ба таҳқиқ ги-

рифтани ҳама гуна лаҳзаҳои зиндагист. Бо ибораи дигар, бунёди ҳикояҳои Муаззама ба мушоҳидаҳои нозуки паҳлуҳои рӯзгор асос ёфтаанд. Пасту баланди зиндагӣ дар қиёми тасвироти шоиронаи Муаззама бо тамоми аздод (парадоксҳо) ба ҳам омада, дар онҳо лаҳзаҳои хеле одии рӯзгори муқаррарӣ қисмати дигар касб мекунанд.

Масалан, дар ҳикояи «Себи сурх» истеъмоли таъбироти сода бо мушоҳидаҳои амиқу изтироболудаи муаллиф ба ҳам омада ҳикояро ба пайкараи хуштарҳи садоқати инсонӣ ва ёдгоре ба ин зебоии табиӣ табдил додаанд. Мақсади муаллиф низ дар мисоли образи Амина ва тасвири ҳиссиёти мағшуши вомондагӣ аз рӯзгори носомони ӯ, ифодаи чунин садоқат мебошад.

Муаззама нависандаи ҷӯё ва мушоҳидакор буд. Ҷустуҷӯҳои ӯ насри тоҷикро қудрате дигар бахшиданд. Таъбироти соф халқии тоҷикӣ дар тафаккури рангини ӯ тобиши дигар мегирифтанд. Аз ҳама асосӣ – тору пуди осори Муаззама аз меҳри ҳамешагӣ ба афкори нерӯманди халқ танидашуда, ба ин таъбир, худи Муаззама дар таассуроти тозаи мо ба як шахсияти зебову нотакрори ба таъриху тафаккури халқ тааллуқгирифта табдил ёфтааст.

***ФАРЗОНА***

## ЧУН АШК РЕХТӢ...

*Само бухсе ба дил дорад, ҳаво абрист, меборад,*
*Дилам ғамгин, сарам вазнин, намедонам, чӣ мефорад...*
*Фазои шаҳр хоколуд, рӯзи хокборон аст,*
*Ту гӯӣ дар ғами фарзонагон хоке ба сар дорад...*

Ин байтҳоро апаи Муаззама чун ояти дили худ ва чун дардномаи халқаш ба такрор мехонд. Шаби абролуди Душанбе, чанорони урёни фасли сармо, боди ғариб ва ман ӯро мешунидам. Эй сафедорони симинпайкар, магар шумо ҳам ӯро мешунидед? Эй рӯдаки ношикебои Исфара, магар ту ҳам ашку хандаҳои духтаратро мешунидӣ? Ҳамонеро, ки турову ҷумлаи оламро дӯст медошт ва дар ҳикояҳои дилнавозаш ситоишатон мекард?!

Ӯ шояд сарнавишти талхи худро эҳсос менамуд. Шояд медонист, ки як рӯзи ҳузнангези барфӣ бо ҷаҳони мову шумо падруд мегӯяд. Ва васияташ ногуфта, дарду шодияш нонавишта, субҳи бахташ нодамида мемонад…

«Фарзонабону, бароят ашъори Нодирпурро мефиристам. Хону ҳифз кун» – навишта буд апаи Муаззама дар мактубе. Ӯ маро ба олами Нодирпур раҳнамоӣ кард. Ҳамеша асарҳои аҷибтаринро аз ҳама пеш мехонд ӯ ва маро низ ҳидоят мекард. Аз он китобҳо ва аз худи зиндагӣ ӯ ҳама дам ҷӯёи покӣ буд. Воқеан, худаш низ ба фаришта мемонд.

Дар муддати ду соле, ки Муаззама Аҳмадоваро мешинохтам, қарину ҳамдилаш будам ва аз розу ниёзаш огоҳӣ доштам, дарёфтам, ки инсон ва нависандаест нотакрор. Худи ӯ ва офаридаҳояш низ беолоишу покиза буданд чун муҳити деҳа. Ман ҷамъоварии мероси адабии ӯ ва посдошти хотирашро зарур мешуморам. Гиромӣ доштани рӯҳи чунин шахси шариф воҷиб аст!

Дар дафтари расмҳои ӯ гули зарди хушкидае буд. Пурсидам: «Чӣ гулест?». Гуфт: «Гули муқаддас аст, ки инсони азизе бар ман бахшида. Вале афсӯс, ки рамзи ҷудоист…».

Апаи Муаззама! Имрӯз ту ҳам шабеҳи он гули зардӣ.

Магар хазони туро он азиз намедонад?

Ману ӯ ҳар ҳафта ба ҳам занг мезадем. Ин бор ҳам занги пайвастаи телефони байнишаҳрӣ дили хомӯширо шикаст. Вале ба ҷои овози ширини апаи Муаззама садои гиряолуде хабари марги ӯро расонд…

Он шаби сиёҳ тори мӯи ман сафед шуд. Дар олами хобҳои ман он шаб Соҳиби аспи сафеде то ҷовидон, то ҷовидонҳо мерафт…

*Дар даштҳои хотири ман имшаб,*
*Аспе сафед шиҳакашон мерафт.*
*То гӯри шаҳсувори маҳандомаш*
*Бо моҳи тоқа ашкфишон мерафт…*

*…Аз даҳри хокиёни гунаҳолуд*
*Танҳотарин фаришта, куҷо рафтӣ?!*
*Эй вопасин фурӯғи мубарроӣ,*
*Дилхун зи тирааҳлии мо рафтӣ.*

*Шояд, ки дар хамӯшии як ҳуҷра*
*Танҳоӣ мефишурдату бори ғам.*
*Баъд аз ҳазор сол, ки Сомон мурд,*
*Медоштӣ ҳанӯз дар ӯ мотам.*
*Шояд надидӣ дар бари худ ёре,*
*То ашкро зи чашми ту созад пок,*
*Чун ашк рехтӣ туву ҷисматро*
*Бар коми худ фурӯ кашад ин дам хок.*
*Имшаб замини сарду нафасгардон*
*Андар матои барф кафанпеч аст.*
*Гӯри наве фиғон кашаду гунг аст,*
*Ашк арзи мотамам кунаду ҳеҷ аст.*
*Оҳ, он шабони қудсӣ, ки мекардам*
*Мавҷи садои рехтаатро гӯш.*
*Дар кӯча барф мезаду мо будем*
*Масти хаёли сабзу баҳорогӯш.*
*Аммо дигар куҷост садои ту,*
*То хонадам дубора ба сӯи худ*
*Дунё чу холигоҳи хамӯше монд,*
*Ман пур шудам зи ҳасрати ту,*
*Падруд...*

***Бозор СОБИР***

## БА ЁДИ МУАЗЗАМА

Рафтӣ ҷавону сӯхт барои ту сад ҷавон,
Ошиқ чудову ҳамқадаму ҳамқалам ҷудо.
«Аспи сафед»-и ишқи ту, эй духтари адаб,
Дар синаҳои аҳли қалам мекунад чаро.

Аз ҷумлаҳои рост тарошидаӣ сутун
Бо тешаи хаёл чу устои Исфара.
Рангобаранг буда матои баёни ту
Монанди он матои заминҳои Исфара.

Рӯзе, ки бебаҳонаву бо сад баҳонае,
Дасти аҷал даричаи қалби туро бибаст,
Гуфтам ба худ, ки риштаи нуре бурида шуд,
Сандуқчаи тилоии ҳарфу ҳиҷо шикаст.

*Ӯрун КӮҲЗОД*

# НАСЛИ НОМУРОД

Муайян кардани қимати бадеии осори Муаззама вазифаи ин навиштаҳо нест. Ҳамчунин тафсилу таҳлили мавзӯоти ҳикояҳои ӯ ба доираи он намедароянд. Зеро ҳар чизе, ки ӯ нақши сафҳа карда тавонист, дар ин китоб фароҳам омадааст ва хонанда имкон дорад, ки мувофиқ ба фаҳму ҳимматаш баҳрае бардорад, ё набардорад, хулосае барорад ё набарорад ва панде гирад, ё нагирад.

Мурод аз ин чанд сатри мухтасар андаке рӯшанӣ андохтан ба ҳолу аъмол ва орзуву омоли Муаззама аст, ки ба як насли аҳли эҷод баробар тааллуқ дорад. Муаззама ва ҳамсолони ӯ зодаи даврони дурӯянд ва дар муҳити дурӯя зистанд. Ва ин даврони дурӯя тартиботе дошт, ки дар минбарҳо аз адолат гап мезаданду дар зиндагӣ беадолатиҳо мекарданд. Аз ин рӯ, ба ибораи Аҳмади Дониш, нафси касиф ба нафси шариф ҳамеша ғолиб меомад, зеро ки роҳи рост яке буду роҳи кач ҳазор. Ва азбаски дар табиати эҷодкорони асил доим паҳлуи тарозуи нафси шариф вазнин будааст, онҳо зери бори ноадолатиҳо азоби алим мекашиданд ва пайваста дар қабзаи шиканҷаи саволҳои беҷавоб будаанд, ки боиси сад ранҷиш ва саду як дарду алам мешудааст.

Дарди хафақоне, ки Муаззама гирифтораш буд, аз рӯзгори дурӯя бармеояд, ки ӯро номуроду ҷавонмарг кард.

Ва ин рӯзгори дурӯя фиребу найрангҳои зиёде дошт. Яке аз он найрангҳо ин буд, ки аз одамони ҳар касбу ҳунар як нафарро ливо месохтанд, масалан, аз занҳо як зани пешқадам, аз ҷавонҳо як ҷавони фидокор, аз деҳқонон як деҳқони девкор, аз шоирон як шоири номдор ва амсоли ҳамин дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт. Ва онҳоро мунтазам сари минбару сари кор мегузоштанд ва ҳама гуна имтиёз муҳайё медоштанд, то нишон бидиҳанд, ки касбу ҳунар назди тартибот қадр дорад ва ҳатто азиз аст. Ва ин сохтакории авомфиребона назди мардум таъсирҳо дошт – онҳо ба он пешқадаму он фидокору он девкору он номдор тақлид мекарданд, таъзим мекарданд, ҳасад мебурданд. Он пешқадаму фидокору девкору номдорҳо, ки мавриди таваҷҷӯҳи тӯда шуданд, эътимодашон ба худашон меафзуд ва бо гумони он

ки онҳо маҳз барои роҳбарӣ ба дунё омадаанд, курсии мансабашонро чун кӯрон медоштанду сар намедоданд ва дар атроф каси дигареро намедиданд ва дидан ҳам намехостанд.

Ва ба ҳама роҳҳои рушду камоли олам сангҳоро аз мансаб сохтанд онҳо.

Муаззама ва ҳамсолону ҳаммаслакони ӯ вақте ки аз ҳаёти хаёлии орзу ва зиндагии ширини китобҳо ба арсаи ҳаёти воқеӣ омаданд, дар рӯбарӯи девори сохтакориҳо оҷиз монданд. Сафи ливоҳоро шикаста натавонистанд. Коре ба муроди дил наёфтанд – ҷои кор дар тасарруфи ливоҳо буд ва онҳо хоҳанд кор медоданд, нахоҳанд кор намедоданд. Ва ба ин насли эҷодкорон саргардонӣ насиб шуд, номуродӣ насиб шуд ва ҳасрат дар дилашон хона монд.

Муаззама яке аз он пурҳасратони номурод буд, ки ин кор ба ҷисми латиф ва нафси шарифаш вазнинӣ кард.

Ва ӯ тоб оварда натавонист. Ҷавон рафт. Майдон танг омад ба ӯ.

Ва ин китоб ёдгори дарду аламҳои ӯст, ифшогари орзуҳои ба хок бурдаи ӯст. Дар айни замон ёдгорест аз номи неки ӯ ва номи нек давоми умри ӯст.

*26.07.1990*

***Салими АЮБЗОД***

## НОМА БА ШАҲИД

Танҳоӣ…

Шаби ширгарми тобистон, моҳи нимурёни абролуд, хонаҳои баланду сангин, тирезаҳо хомӯш мисли чашмони маҳзуни ту.

Ту дарди сахту кушандаӣ, танҳоӣ!

Аз осмони дури нимранг, аз миёни абрҳои тираву сокит нолаи чуғз меояд. Нолаи пурдард. Ё фарёди дили танҳо.

На ҳар зане бо чунин дили ҳассос ва эҳсосоти латифу сӯзон метавонад дар танҳоии дардноки хеш чун ту порсо бошад. На ҳар марде бо ҳама мардонагӣ қодир аст, чанд рӯзи танҳоиро мисли ту таҳаммул кунад.

Бубахшой, хоҳар…

Оё сарнавишт аст, ки моро ба вартаи танҳоии ғамангез меафканад? Ё худи моем, ки дар чеҳраи танҳоӣ озодии фиребову фароғати дурӯғинеро ҷустуҷӯ мекунем, дармони дардҳои бешумори худро дар ин инзиво мебинем, ба хотири ворастан аз талошҳои рӯзгор мехоҳем дӯшбори қонунии худро аз китф поён андозем. Чӣ чизест мӯҷиби танҳоии мо? Чӣ чизе буд мӯҷиби танҳоии ту?

Аз чӣ танҳоии ту бори дили мо нашуд?

Аз чӣ танҳоии туро қисмат накардем?

Бубахшой, насими поке, ки аз осмони тираи мо оҳиста гузаштиву рафтӣ.

Бубахшой, эй эҳсоси рӯшан, ки ба яхи синаҳои мо бархӯрдию ғубор гаштӣ.

Дар ин диёре, ки мардҳояш ин қадар бовиқор қадам мениҳанд, мушту камон мекашанд, аз мардонагии худ лоф мезананд, ба сиҳатии занону духтарони тоҷик қадаҳ мебардоранд, як нафар, ҳамагӣ як нафар марде пайдо нашуд, ки зебоии дили поки туро бубинаду биситояд.

Бубахшой моро…

Зан бояд модар мебуд.

Зан наметавонад модар набошад.

Ба баҳорон сари хоки ту гуле хоҳад руст. Гули наргис. Ин орзуи ҳанӯз ҳам сарзиндаи туст. Орзуи тифлаки сиёҳчашмаку хандонрӯе ба номи Наргис. Ё Садбарг? Лола? Бобуна? Ё Сиёвуш?...

Кучоянд тифлакони ту, нишонаҳои ту, гулҳову гулпаракҳои ту?

Модарат гуфтанд, ки гӯё гуфтаӣ: ҳикояҳои ту тифлакони туанд, касе онҳоро дӯст дорад, туро дӯст медоштааст, касе сари онҳоро сила кунад, дили туро шод мекардааст…

Ҳикояҳоят ятим монданд.

Шояд хато гуфтам. Шояд ҳанӯз ҳам аз турбати ту дуди ҳазине ба осмон мехезад?

Медонӣ, аҷаб даврае расида. Он суханонеро, ки бо дарду андӯҳ ба ҳамдигар мегуфтем, ҳоло метавон ба ҳама гуфт. Бовар кун, рост мегӯям. Ҳоло мегӯем, менависем, мешунавем, мехонем. Он замон дарди мо аз ин сахттар мешуд, ки медонистему наметавонистем бигӯем, дил холӣ кунем. Ҳоло дигар ин тавр нест. Ҳин вақт расида. Медонам, бовар намекунӣ.

Бубахшой моро…

Дарди ман сахт аст. Ман марги туро надидам ва ҳарчанд мекӯшам, наметавонам фаҳмам, бовар кунам, тан диҳам, ки дигар то мурданам туро намебинам. На. Ту куҷое ҳамин ҷо ҳастӣ! Исфара, назди модар рафтаӣ. Рухсатӣ шудаӣ. Дар кабинети дигар нишастаӣ. Ҳоло оҳиста дарро мекушоӣ, ханда мекунӣ, медароӣ. Ҳар лаҳза касе бо овози ту номамро мегирад. Қафо менигарам, намеёбамат. Ҳар рӯз аз назди хонаат мегузарам ва ба тирезаи ту нигоҳ мекунам: дар хона бошӣ ё не?

Шаҳр бароям холӣ метобаду бегона шудааст. Аслан бегона буд. Барои ту низ. Мисли мусофиронем дар ин шаҳр. Мисли он ки ту солҳо саргардон будӣ ва касе ғаматро нахӯрд, касе кӯмакат накард. Не, бовар кун, рӯҳафтода нестам. Ин тавр фикр накун. Намехоҳам дилтангат кунам. Вале бояд росташро гӯям: шаҳр ки бегона буд, бар изофа бераҳм шудааст бароям. Баъди бозгашт аз Афғонистон моҳҳост, ки рӯҳам дар азоб аст. Наметавонам фоҷиаи мардуми ҳамхуну ҳамзабонамонро фаромӯш кунам. Ваҳшат маро аз чанголи хунолудаш раҳо намесозад. Ту нестӣ, дилбардориям кунӣ, ту нестӣ маро бифаҳмӣ. Асабҳоям гӯё торҳои гусастаанд..

Ҳайрон мешавам, ин қадар қавӣ буд рӯҳи ту. Ин қадар матонат доштӣ. Боку биме надоштӣ. Ҷонибдори ҳақиқии ҳақиқат будӣ. Ошӯбу густохӣ дар ту буд. Дасти афтодаҳоро мегирифтӣ ва онҳо дӯстат медоштанд. Ба сари ҳар кадоме аз ҳамкорон, рафиқон, шиносон мушкилоте меафтод, ту ҳамеша мехостӣ мададе ба ӯ расонӣ. Лоақал бо як даҳон сухани хуш дилбардорияш кунӣ. Кам иттифоқ меафтид, ки барои худат шуда, дари роҳбареро кӯбӣ. Барои кӯмак ба дигарон истиҳола намекардӣ.

Ту дар гуфтори худ самимӣ будӣ. Дар рафтори худ низ. Дар ҳикоётат, дар рӯзгорат, дар азобу андӯҳат низ. Некро ҳама ҷо нек мегуфтӣ, бадро ҳама ҷо бад.

Чӣ қадар самимона ту мезавқидӣ. Якҷоя ба тамошои осори рассомон мерафтем. Аз як ҷузъи одӣ, вале зебо ва маънидор, аз як зебоии сода, аз маънии зарифу аҷиб мисли кӯдаке мезавқидӣ ва моро низ ба он мекашидӣ. Аз роҳгардию гапзании Муҳаббатшоев ҳини хашмаш ё хурсандияш мезавқидӣ. Аз содалавҳии суханони Маъмура мезавқидӣ. Аз шӯхиҳои Муҳаммадзамону Баҳманёр, аз ҷиддияти устод Адаш, аз мактуби хонандагони ҳафтавор, аз филми хуб, аз китоби нағз…

Духтари деҳ, ҳанӯз хосияти дидан, завқидан ва ба ҳайрат омаданро гум накарда будӣ.

Ва андӯҳи ту ин қадар самимию ҳақиқӣ буд. Барои пеши дигарон ҳасрат кардан не, барои раҳми дигаронро бедор кардан не. Ғам ғами дилат буд, ҳасрат ҳасрати дилат. Кӯчак буд ё бузург ба мағзи дилат кора мекард – сухани ноҷои касе, сарнавишти талхи зане, нобарориҳои қаламкаши ҷавоне, маҳалпарастии мансабдоре, бегонахоҳии худие, беэътиборӣ ба забону адабиёти миллатамон, беадолатиҳо, пастигариҳо, дуруштиҳо…

Туро дардҳо куштанд. Дардҳои сеҳазорсола.

Дардҳои инсоне, ки аз дунё бохабар буд, дирӯзи миллат дар хуну вуҷудаш ва имрӯзи он дар дили садпорааш ҷо буданд.

Касе медонад, месӯзад.

Бубахшой, натавонистем, дардҳои туро қисмат кунем. Натавонистем дардҳоро аз дӯши ту бардорем.

Имкон доштанд, туро аз марги нобаҳангом наҷот диҳанд. Вале танҳоият нагузошт. Танҳоёнро наҷот сангин аст. Эй мардум! То даме ки танҳо ба танҳоед, шуморо наҷот мушкил аст. Ваҳдатро бихоҳед, ба ваҳдат бирасед. Ваҳдати мо моро наҷот хоҳад дод ва рӯҳи ӯро шоду хоки сардро барояш нарм хоҳад сохт.

Эй мардум! Дардҳои ҷомеаи моро ваҳдату якпорчагии мо даво хоҳад кард. Ба ҳам пайвандед, эй ки ҳамдилу ҳаммаромед. Душманони дилҳои пок, ақлҳои рӯшан ва ниятҳои зеборо аз гулистони зиндагии мардум бояд ронд, ниқобдоронро ниқоб аз чеҳра бояд барканд. Онҳоро, ки рӯҳи инсонро занҷирбанд карданд, хурӯши ӯро хомӯш сохтанд, чашми ӯро тарсонданд, ҷазо бояд дод!... Муборизони танҳоро бозу бояд гирифт.

То ба кай дар пайкори зиндагисоз сарбозони танҳо бехабар аз ҳам мағлуб хоҳанд шуд?

Мисли ту.

Бубахшой моро…

Эй охирин ошиқи дунё! Эй мусофири роҳи дард, эй сокини холитарин шаҳри Худо – шаҳри ишқ! Оё касе мисли ту ошиқ буд? Оё касе ҳаст, ки мисли ту то вопасин дами умраш лабрез аз ишқ бошад? Оё касе ҳаст, ки зиндагияш ишқ ва ишқаш зиндагии ӯ бошад?

«Духтар сахт ошиқ шуд.

Вале ҷавон ғофил аз дили шӯрида ва меҳрбори ӯ, аз дари умеду орзуҳояш ба сони рӯъё мегузашт…»

«Рӯзҳои духтар миёни навмедию умед гузаштанд».

«Сафедори пирро бурида буданд».

Аз қазо ҷавоне, ки дӯсташ медоштӣ, рӯзи маргат ба Душанбе омадааст. Худ намедонад ба хотири чӣ, вале омадааст. Оё ӯ медонад, ки бадбахттарин инсон аст. Зеро натавонист хушбахтии хешро бишносад.

Аспи сафеду заринёли ту саворашро дар куҷо аз зин афканда буд? Шояд медонист, ки саворае нест, арзандаи ту бошад? Шояд намехост, дунёи поку зебо, осмони баланду беғубор, чашмасори зулоли туро ба каси нопоке бубахшояд?

Таронаҳо дар лаб моро вогузоштиву рафтӣ.

Модарат гуфтанд, ҳини дидани барномае дар бораи Фурӯғи Фаррухзод гуфтаӣ: чи хуб мисли ӯ дар ҷавонӣ даргузарӣ… Оё ин хости дили ту буд?

Дар «Афсона» навиштаӣ: «Ман гӯё мурда будам, вале роҳ мегаштам».

Дар номаат гуфтаӣ: «Дар ин дунёи бераҳм ба одам ҷуз аз як даҳон сухани хуш чизе даркор набудааст». «Мурдани оҳиста дорам. Дилам миёни чор девор носӯхта зарра-зарра об мешавад.

Афсӯс, афсӯс, афсӯс…».

Ва порчае аз Фаррухзод: «Марги ман рӯзе фаро хоҳад расид…

Ман тиҳӣ хоҳам шуд аз фарёди дард…».

Ин охирин номаи ту буд, ки дар Кобул, дар зимистони ғуборолуду дилгудоз ба дасти ман расид.

Ту худ намурдаӣ! Туро куштаанд!

Ту шаҳиди моӣ!

Ту шаҳиди пайкори рӯзҳои осоиштаи моӣ!

Сухан ҳам мекушад! Киро мекушад сухан? Баномусро, покро, инсонро.

Ғам низ мекушад! Ҳассосро!

Номеҳрубон меҳрубонро, ноҳақ ҳақпарастро, бедод додхоҳро, бедард дардошноро, нокас касро…

Ту шаҳиди моӣ, бубахшой моро…

Бубахшой, ки ба рӯзгори пурсару садои беҳосил ба айёме,

ки рӯзҳо соатвор мегузашт, ба айёме, ки даме надоштем, моҳтобро дар боми осмон бубинем, ба нимарӯзе, ки ташнатар аз хуршед сӯи саробҳое медавидем, ба рӯзгоре, ки садои набзи мо таи гӯшамон табл мезад…

Бубахшой, ки дар ғаму дардҳои ҳарза,
Дар давиданҳои ночиз,
Дар гирдоби талошҳои беҳуда,
Дар шитобҳову шитобҳо
Натавонистем бигӯем, ки дӯстат медорем…

Дигар дер шуда, дер, дер, хеле дер. Моем насли деромада.

Мо ҳамеша дер мерасем. Мо ҳамеша дер хоҳем расид. Мо барои ҳамдигар аз ин зиндагӣ дунёи ғурбату танҳоӣ месозем. Мо ҳар кадом деворем…

Зиндагии мо назди марги ту гуноҳ аст, эй ҷавонмарги бегуноҳ. Оё метавон бегуноҳ зист. Оё виҷдонҳо метавонанд то дами марг пок бошанд? Оё метавон то дами марг дӯст дошт?

Гоҳе дард аз гулӯмон гирифт, туро ёд хоҳем кард, ки чи каси бурдбору сабур будӣ. Ва таҳаммул хоҳем кард дардро.

Гоҳе хабисеро бинем, туро ёд хоҳем кард, ки қотилатро (шояд қотилонатро) натавонистем сазое бидиҳем.

Онҳо буданд, ҳастанд ва хоҳанд монд. Ҳамеша бари гул хоре, бари ҳабиб рақибе.

Гоҳе ки ошиқ шудем, туро ёд хоҳем кард, ки мисли ту то охирин нафас ошиқ бояд буд.

Дар оғӯши махмури зеботарин лаҳзаҳои хушбахтии худ туро ёд хоҳем кард…

На!

Зиндаӣ ҳанӯз. Зиндаӣ дар ёдҳо, дар рӯъёҳои мағзи тираи мо ҳанӯз меравӣ аз хиёбонҳо. Ва шодбошат мегӯянд дарахтону гулҳову тифлакон. Ва таъзим мекунанд ба ту пайкараҳо. Ва гулпаракҳои заринбол дар фазо мечарханду меҷӯянд туро. Ту онҳоро рӯи дастонат мегирӣ. Ту онҳоро навозиш мекунӣ. Гулпаракҳои зарҳалӣ менишинанд ба мӯҳоят, ба чашмонат, ба дастонат.

Ва мерӯянд сабзаҳо дар оғози фасли баҳор…

Аз дур, аз байни абрҳову меғҳо мерасад шиҳакашон аспи сафед. Гурди заринкулоҳе савори он. Вале осмон ба сари он паҳлавон шукуфаҳо намепошад. Ӯ дер омада, дер расида, хеле дер…

***Равшани ЁРМУҲАММАД***

# ХОҲАРХОНД

Ҳар гоҳе ба ёди Муаззама қалам ба даст мегирам, дастам меларзад, дилам гум мезанад, ба фикр фурӯ меравам... Чеҳраи кушод, қалби пок дошт ӯ. Ба дӯстон меҳрубон буд.

Аз истироҳат ба сари кор баргаштанашро интизор будам. Вақте дари утоқашро кушодам, бо ҳамон табассуми ширин маро истиқбол гирифт. Дар шафаташ, дар мизи дигар нависанда Муҳиб Қурбон менишаст. Пас аз салому алейк ва пурсупоси муқаррарӣ ман гуфтам:

– Муаззама, бе шумо ба назарамон идора холӣ менамуд. Акнун ки омадед, ҳама ҷо нур гирифт.

– Таъриф накунед, – гуфт.

– Таъриф не, ҳақиқатро мегӯям. Чӣ тавр истироҳат кардед?

– Нағз.

– Ягон чизи наве навиштед?

Муаззама ба ин саволам ҷавоби духӯра дод. Аз ҷавобаш маълум буд, навиштааст, аммо ошкор намекунад.

Пас аз истироҳат рангу рӯяш каме тозатар буд. Табъаш ҳам хуш. Мо нишаста сӯҳбат кардем, аз ҳар боб, аз ҳар хусус.

Ман аз ҷоям хеста, аз дар баромаданӣ шудам:

– Ба куҷо? Шинед, – гуфт Муаззама.

– Равам, боз ба шумо халал нарасонам.

– Не, шумо халал намерасонед.

– Ба ҳар ҳол, аз кор мемонед.

– Ҳикояи нав надоред?

– Дорам, сонитар меорам.

– Ҳикояи хуб кам аст. Бисёр менависанд, вале табъи дил не.

Ман аз кабинет баромадам. Надонистам, ки ин охирин сӯҳбатам бо Муаззама аст. Пас аз ду рӯз аҳли «Адабиёт ва санъат» азо дошт, табиат ҳам мотам гирифта буд. Борону барф меборид. Забони касе намегашт, ки гӯяд, ба Муаззама чи ҳолате рух додааст:

*Хамӯш эй бародар, ки зи нури рӯяш,*
*Ду ҷаҳон фано шуд, ту чаро бигӯӣ?*

Пеш аз соли нави 1988 Муаззама барои шумораи идона ҳикояҳои лирикӣ меҷуст. Ман ҳамроҳи А. Партав дар шӯъбаи иҷтимоию сиёсии идора сӯҳбат доштам. Ӯ вориди утоқ гашт.

– Акаи Равшан, ҳикояҳои хурди чор-панҷ саҳифагӣ надоред? – пурсид.

– Дорам, – гуфтам.

– Биёред, албатта биёред.

– Рӯзи душанбе меорам.

– Барвақттар чӣ?

– О, фардо шанбе аст.

– Ҳа, – гуфт. – Хайр майлаш.

Рӯзи душанбе не, рӯзи сешанбе ба редаксия омадам. Муаззама набуд. Ба хонааш телефон кардам. Гӯшаки телефонро гирифт. Овозаш хаста буд. Аҳволу саломатияшро пурсидам, «бад нест» гуфт. Умуман шикоятро дӯст намедошт. Пеш аз арзи ман пурсид, ки ҳикояро овардаам ё не?

– Овардаам, – гуфтам, – чӣ кор кунам?

– Ба қуттии мизам гузоред.

Гузоштам.

Рӯзи ҷумъа омадам. Чеҳраи Муаззама хандон буд. Аз дидагонаш нур меборид. Ҳамроҳи котибаи идора Маъмура сӯҳбат дошт.

– Хондам, бисёр хуб. Забонашро боз ҳам лирикӣ мекардед.

– Ҳикоя ҳоло куҷост? – пурсидам.

– Барои чоп ба машинистка супурдам.

– Мо ҳамроҳи нависанда Саттор Турсун забонашро боз таҳрир кардем, агар чоп накарда бошанд, ин нусхаро чоп кунанд, беҳтар аст, – гуфтам.

Муаззама аз ҷояш хеста ба назди машинисткаҳо рафт. Аз он ҷо нусхаи чопшудаи ҳикояро бардошта овард. Мо таҳрирҳоро муқоиса кардем. Чандтои он мувофиқат кард. Муаззама аз таҳрирҳои худаш хурсанд шуд.

Муаззама қалби нозук ва ҳассос дошт. Бисёр мушоҳидакор ва закӣ буд. Бештар мутолиа мекард, камтар менавишт. Боре аз ӯ пурсидам:

– Чаро кам менависед, ё ягон чизи калонро сар кардаед?

Каме хамӯш истод, сонӣ ҷавоб дод.

– Чизи нағз навиштан мушкил…

Ҳикояи «Равшан»[1], ки пас аз марги Муаззама дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» 3 марти соли 1988 чоп шуд, нотамом аст. Вале аз сатрҳои нахустини ин ҳикоя ҳис карда мешавад, ки Муаззама чӣ тавр дар сари ҳар ҷумла ва ташбеҳу ибора печутоб мехӯрд: «Шаб ба нима расида, кӯчаҳо аз садоҳои баланд ва шӯру мағалҳои рӯз холӣ гашта буданд. Шаҳри намзада ва печидаи тумани анбӯҳ пири андешаманду ғарибро мемонд, ки кунҷаке нишаста пинак меравад. Чароғҳои бешумор, ки дишаб шӯх-шӯх чашмак зада шодии дил мефузуданд, ҳоло ба сони дидагони ғамгину пуроби бевазани гумкардаумед маҳзун метофтанд».

Ман дар ин ҷо ҳикояро таҳлил карданӣ нестам, фақат ҳамин нуктаро мехоҳам арз кунам, ки хаёли бадеии Муаззама дар ин ҳикоя хеле вусъат ёфтааст, доираи тасвири воқеаҳо аз чорчӯби муқаррарӣ берун баромадаанд, ҷанбаҳои фардӣ ва намунаи образҳо хусусияти рӯҳӣ гирифтаанд.

Эҳсосоти баланди Муаззама ӯро аксар вақт рӯҳан азоб медод. Фармонфармоӣ, амрҳои беасос, бемаслиҳат таҳрир кардани ин ё он сухани нависанда дар идора дар қалби нозуки ӯ ҳамчун хор мехалид. Вале на ҳамеша эътироз мекард, вақте косаи сабраш лабрез мешуд, ба шӯр меомад, сухани ҳақашро мегуфт. Пас аз ин ҳам боз худ ба худ азоб мекашид. Ман даҳҳо бор шоҳиди он будам, ки дар паси мизи корияш бо хотири парешон менишаст, дастнависи ҳикояеро варақ мезад.

– Чӣ гапи нав? – мепурсидам аз ӯ.

– Акаи Равшан, ҳеҷ гап не.

– О, табъатон хира аст-ку?

– Не, ҳамту, баъзан мешавад.

Кӯшиш мекард, ки дарди дилашро пинҳон дорад, худаш рӯҳан азоб мекашид, намехост дигаронро ҳам ба ин азоб шарик созад.

Баъдтар дар омади гап арз мекард:

– Фалон ҳикоя хуб буд, аммо ба баъзеҳо маъқул не. Муаллифаш ҷавон, кам мешиносанд.

Ҳикояе ба Муаззама маъқул мешуд, бо муҳаббат мехонд, ислоҳ мекард. Боре ҳикояи Абдурофеъ Рабиев «Зардолуи

---

[1] Муаллиф ҳикояи «Гулҳои сафед – садои турнаҳо»-ро дар назар дорад, ки бо ҳамин унвон чоп шуда буд – Т.Н.

маҳтобӣ» дар ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чоп шуд. Муаззама бо сӯз гуфт, ки ҳикоя як ҷумлаи бисёр хуб дошт, афсӯс онро хат задаанд.

Саҳифаи ҳаҷвии ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» паси ҳам ҳикоя, латифа ва материалҳои сустро чоп кард. Муаззама аз ин ҳам ба шӯр омад. Дар маҷлиси идора арз кард. Масъули ин саҳифаро иваз карданд. Аз байн чанд вақт гузашт, ман аз ӯ пурсидам:

– Саҳифаи «Мушфиқӣ» ба фикратон чӣ хел?

Муаззама гуфт, ки ман барои беҳтар шуданаш гап зада будам, вале боз ҳам бадтар шуд.

Чанде таҳияи ин саҳифаро ба зиммаи ӯ гузоштанд. Ба мисли занбӯри асал аз ҳар гуле ширае ҷустуҷӯ мекард. Саҳифа беҳтар шуд. Аз ин байн чанд вақт гузашт. Рӯзе Муҳаммадзамони Солеҳ, ки ҳамроҳи ӯ дар як утоқ менишаст, ба ман гуфт:

– Муаззамаро табрик кунед!

– Чӣ шудааст? – ба сӯи Муаззама нигаристам.

– Ҳеҷ ҷои табрик нест, – гуфт ӯ.

Ман саволомез боз ба ӯ нигаристам.

– Насрро боз ба ӯҳдаи Муаззама гузоштанд, – гуфт Муҳаммадзамон.

– «Мушфиқӣ» беҳтар набуд?

– Кори саҳифаи «Мушфиқӣ» осон. Вале наср ба дасти одамони ҷӯрабоз меафтод. Қадри сухан паст мешуд, – гуфт Муаззама, – барои ҳамин.

Ӯ арзиши суханро медонист, ба қадраш мерасид.

Боре дар хусуси қиссаҳои Сорбон ва Саттор Турсун байни рафиқон баҳс шуд. Соли 1982 буд. Баъзеҳо хидмати Сорбонро дар адабиёт боло мегузоштанд, баъзеҳо мегуфтанд, ки не, Саттор Турсун беҳтар менависад.

– Ба фикри ман, – гуфт Муаззама, – пас аз нашри повести «Пайванд» Саттор Турсун дар сухан аз Сорбон гузашт.

Боре бо Муаззама шарт кардам. Шарт дар хусуси ҳикояи Сорбон «Кабӯтари сафед» буд. Ман гуфтам, ки ҳикоя ба Малика Собирова бахшида шудааст. Муаззама гуфт, ки не. Прототипи ҳикоя Малика нест. Пас аз муаллиф пурсидем. Сорбон чунин ҷавоб дод:

– Ба Малика набахшидаам. Вале имрӯзҳо менавиштам, ҳатман ба ӯ мебахшидам.

– Ман таслим, – гуфтам ба Муаззама. –Хоҳишатонро гӯед, иҷро мекунам. Муаззама хандид. Гарон меафтад.

– Фарқ надорад. Ман ҳар рӯз ба духтарҳо бой намедиҳам-ку?

– Акаи Равшан, ман хоҳиши кӯчаке дорам.

– Чӣ хоҳиш?

– Хоҳиш не, илтимос. Кай ба Афғонистон меравед?

– Бисту чоруми январ.

– Ба ман кассети сурудҳои Гугушро биёред. Дигар ҳеҷ илтимос надорам.

– Ҳеҷ гап набудааст-ку?

Муаззама мусиқиро дӯст медошт, хусусан хондани Гугуш, Аҳмад Зоҳир, Муқаддасро. Рӯзе ҳамроҳи чанд тан дар хонаи мо меҳмон буд. Бо хоҳиши ӯ мо сурудҳои Гугушро чанд бор такроран шунидем. Ҳофизоне, ки бо эҳсос месуруданд, ӯро ба ваҷд меоварданд. Дар насраш ҳам кӯшиш мекард, ки шӯру ҳиссиёт бошад, ҷумлаҳояш оҳанг дошта бошанд.

Маҷмӯаи ҳикояҳоямро ба чоп омода месохтам. Аз ин Муаззама огоҳ шуд.

– Биёред, худам як машинисткаи шинос дорам, нағз чоп мекунад, – гуфт ба ман. – Қариб бехато.

Ман дастнависи ҳикояҳоямро ба Муаззама супурдам. Пас аз чанде машинистка онҳоро чоп кард. Муаззама ҷузъбанди ҳикояҳоро ба дасти ман дода гуфт:

– Узр, бе иҷозати шумо ду ҳикоятонро барои ҳафтанома гирифтам. Розӣ ҳастед?

– Чаро не? – гуфтам.

Аз ин ҳикояҳо «Шоҳбузи сафед» ва «Хӯҷаи Хизр» чоп шуд.

Дар хотир дорам як мақолаи Адаш Истадро муҳокима мекарданд. Пас аз муҳокима Муаззама ба шахси бисёр хаста шабоҳат дошт, фикр мекардед, ки бемор аст.

– Ба шумо чӣ шуд? – пурсидам.

– Нашунидед? Гапи дурустро нодуруст мегӯянд. Кас тоқат намекунад.

– Аз ҳар гап ранҷур нашавед, – гуфтам ман. – Ҳамаи ин гапҳо мегузарад.

– Наметавонам, акаи Равшан, наметавонам.

Боре Муаззама ба ман арз кард, ки дар хусуси нақши занони тоҷик дар таърих мақолае навиштааст.

– Чаро ин мавзӯъро интихоб кардед? – пурсидам.

– Ҳеҷ фикр намекунам, ки зани тоҷик дар таърих, дар инкишофи тамаддун нақше надошта бошад. Мо ҳамеша менависем, ки занон пеш аз инқилоб ғуломи шавҳар буданд, дар хона менишастанд, аз зери чодар чизеро намедиданд. Ба фикри ман ин тавр нест. Занони мубориз ҳам буданд. Дар ҷангҳо ба мардҳо ёрӣ мерасонданд. Ба фарзандҳояшон маърифат меомӯхтанд. Модари устод Садриддин Айниро биёед, ба хотир меорем? Оё, нақши ин зан дар тарбияи Садриддин Айнӣ бузург нест? Чаро ба воқеаҳо яктарафа баҳо медиҳем, чизи будагиро инкор мекунем? Ба ман алам мекунад, ки хизмати занони тоҷик дар таърих қариб дар ҳеҷ куҷо зикр намешавад.

Муаззама ин мақоларо навишт. Он солҳо ман дар хориҷа кор мекардам. Чи шуду чи нашуд, намедонам. Баъдтар, соли 1986 қисмати мақолаашро пурсидам. Гуфт, ки чоп накарданд. Ба баъзеҳо маъқул нашуд.

Чун ин сатрҳоро навиштам, ба девони Мавлоно фол задам, чунин мисраъҳоро хондам:

*Хамӯшед, хамӯшед, хамӯшӣ дами марг аст,*
*Ҳама зиндагӣ он аст, ки хомӯш намиред!*

***Зиё АБДУЛЛО***

## ДИЛИ ХОҲАР

Он солҳо шоирон асосан зери таъсири «Гулафшон»-и Сергей Есенин монда буданд ва нигоҳашон ба табиат фурӯ рафта буду деҳа, кампирони қишлоқу боғи бобоиву осиёи бобоӣ, подаву рама ва духтарони шармгини рустоӣ, вале нигоҳашон бештар ҳамроҳи гулу гиёҳу дарахтон месабзиду мехушкид ва дилашон ба омад-омади хазон хиш-хиши хазон мегирифту бо оғози баҳор мастии шукуфоӣ. Калимаи худшиносӣ маъмул нашуда буд. Мо ҳам қатори ҳама мегаштем. Дар гӯшаи хаёлам набуд, ки касе ба камина эътибор медода бошад, эътибор ба ин маънӣ, ки « ӯ чӣ гуна одам аст?». Вақте устод Бозор Собир китоби русиашро бо соядасти зерин ҳадя кард:

*Кист дар байни шоирон чу Зиё*
*Хоксору шикастанафсу ҳалим,*
*Пири садсола ҳам дар ин бобат*
*Гирад аз ин ҷавон басе таълим, –*

гуфтам, як нигоҳи ба лутфи шоирона, дигар ҳеҷ, зеро худи ман ба тарзи либоспӯшӣ, ҳаракат ва дигару дигарҳои атрофиён аслан эътибор намедодам, мегуфтам: эҷодкор чеҳра дорад ва асар. Бинобар ин ҳангоми сӯҳбат ба рӯи ҳамсӯҳбатҳо нигоҳ мекардаму ҳангоми хондани асарашон асосан ташбеҳу истиора ва ибораҳои тоза ва мақсад меҷустам, то бубинам, ки гапи наве ёфта, тамом. Муҳит низ ором буд, аз сухани адибон низ кам-кам бӯи сухани ашрофӣ меомад ва онро табиӣ мешумурдам чун зиндагӣ ҳам дар шаҳр ҳамин бӯро дошт ва ман худро рустоӣ ҳис мекардам ва ҳанӯз ин эҳсос тарки ман накарда, бинобар ин худро лоиқи назари махсуси касе намедонистам, вазифаам низ хоксорона буд.

Вале… Ин соли 1982 буд. Тобистон. Ман мусаҳҳеҳи маҷаллаи «Садои Шарқ» будам. (Кормандони маҷалла асосан дер ба кор меомаданд, соатҳои 11-12. Ҳама эҷодкор, бехобии шаб… Чунин қабул афтода буд). Ман ҳам он рӯз соатҳои 11 оҳиста-оҳиста, бо сари хам ба ошёнаи савуми бинои Иттифоқи нависандагон по гузоштам. Баробари по мондан шунидам: – «Вай, Зиё!». Ва ин ду калима тарзе гуфта шуд, ки дилам якбора ларзид. Дидам, ки дар раҳрави дароз Муаззама истодааст ва ду дасташ баробари китфонаш бозу панҷаҳо мисли хӯшаи ангур кашол, тамоми андомаш меларзад ва… ва чашмонаш пури об… Ҳайратзада шудам, ҳайронҳайрон омада аз панҷаҳояш гирифтам ва ба девони даҳлез шинондам. Ӯ оҳиста-оҳиста ба худ омад ва гуфт: «Шумо зинда!». Ин сухан чунон ба забонаш омад, ки агар аз он ҳарф занам, метарсам, самимияташ, мисли шабнам аз рӯи гул мерезад…

Ҳақиқат ин буд: он саҳар тарҷумони маъруф, ки «Доғистони ман»-и Расул Ғамзатовро низ ӯ ба тоҷикӣ гардонидааст, рӯзноманигори шинохтаи тоҷик Абдулло Зокир дар истгоҳи коргоҳаш аз троллейбус фаромада, дар ҳамон ҷо рӯи сабзаҳо бо зиндагӣ падруд мегӯяд…

Овоза ба номи камина низ афтода, яъне дар ҳамон ҳолат ман мурдаам. Барои овоза ҳам заминае буд: ман барои ислоҳу чопи «Садои Шарқ» ба матбааи боло рафту омад доштам ва дар ҳамон истгоҳ мефаромадам ва боз марҳум бо падарам ҳамном буд.

Меҳрубониҳои хоҳарони калонӣ ба ҳама маълум, вале меҳрубонии хоҳари хурдӣ нашъаи дигар дорад, агар нозук эътибор диҳед, самимияти кушодаи ба хӯи кӯдакон каме омехта ва ба гардани бародар бо як дилкашолии тасвирнопазир овезон шуданҳояш аҷаб ангезише дорад. Ман, шукр, чор хоҳари аз худ калон дорам, вале аз худ хурд надоштам. Ҳар гоҳ чунин меҳрпошии хоҳарони хурди баъзе дӯстонамро бар сари эшон медидам, дилам гум мезад ва афсӯс мехӯрдам, ки модарам барои ман хоҳари хурдӣ тӯҳфа накардаанд. Вале он рӯз дарёфтам, ки солҳо пеш модари меҳрубоне дар Исфара барои ман хоҳари воқеӣ зода ва номи азизи Муаззама дода будаанд. Танҳо мани хаёлӣ дер фаҳмидам… ва ба Муаззама инро гуфтам, боз гуфтамаш: акнун бовар дорам, ки сари тобути ман ҳам нафаре гиря мекунад… Афсӯс…

Ҳар гоҳ ин лаҳза ба ёдам расад дилам гум мезанад. Ҳанӯз нафаҳмидаам, ки чаро лоиқи чунин назари ӯ шуда будаам…

## ЯК ПАРВОЗ

Чун насими маърифат бишнохт ҷонаш,
Маърифат сӯи муҳаббат хонд ӯро,
Ҳамчу тифли тозагоми соати шираш расида,
Аз паси модар барои шир бо ғавғо давида,
Ӯ ба сӯи ишқ рӯ овард бо ғавғои ширин.
Дар канори гарми уммед
Ғунчаро дарёфт пистони муҳаббат,
Бо даҳони орзу ин ғунчаҳоро
Он қадарҳо дошт дар зери забонаш,
Ки саропо шуд муҳаббат ҷисму ҷонаш.
Бо лаби олудаи шири муҳаббат
Чун ба сӯи зиндагӣ бикшод чашми тозае.
Дид ошиқ нест пайдо,
Нест пайдо!
Интизорӣ додаш аз ҳар сӯй ово.

Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Бор илоҳо ӯ саропо ишқу аммо
Нест ошиқ,
Ҳар сари раҳ ғӯли нафсе ҳасту аммо
Нест ошиқ…
Худ ба худ нолид босӯз,
К-андар он хоке ки ошиқ нест, биллоҳ,
Маърифат нест!...
Дафтари худ монда рӯи шонаи давру замонаш,
Шири ишқе бар лаби дафтар чаконид,
Хомаро молид чун ангушти ошиқ,
Чун сари ошиқ навозиш кард дафтарро ба ҷонаш.
Давр чун бемори сил азбаски месулфид бисёр,
Рӯзгораш баски чун диққинафасҳо
Бо азобе мекашид аз шонагоҳи худ нафас,
Буд душвореву душворе варо
Хомаронихо ба майли хотири шоду муроди хештан.
Чун ба дарди халқи худ пайваст домон,
Дошт маҳкам ӯ адолатро гиребон,
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Дид сӯи халқу дарёбид ӯро:
Сар ниҳода рӯи болин,
Ҷисми хеш афкандааст андар сари кор:
Сар намепурсад зи ҳоли зори ҷисмаш,
Гоҳ-гоҳе ҷисм мепурсад зи аҳволи сари хоб…
Духтарон худро на сӯи оташи бедуди дониш,
Балки рӯи оташи ҷаҳли мураккаб мекашонанд.
Ҷои он ки машъале гарданду дарди халқ сӯзанд,
Каллаҳоро ҷои он ки машъали дониш намоянд,
Аз ҳунарҳои ватанпарвар сари ҳар панҷа
як машъал фурӯзанд,
Ё забонҳо гул кушояд сар-сари шохи забонҳо
Ё ҳунарҳо гул кунад дар шохаҳои панҷаҳошон
Рӯи роҳи марг аз андоми хеш
Машъале дар дода имрӯз…

Гӯиё тоҷикро зоида андар хӯи моҳӣ
Дар даҳонаш обу обу об, ё раб!
Чанд хоҳад зист чун моҳӣ дар об?!
Ҳиссагарҳо ҳиссаи ӯро ба коми чоҳ мерезанд,
Ҳамраҳи виҷдон,
Коми мансаб ҳамчу коми ваъда бепоён.
Ҳиссагарҳо баъди он аз коми мансаб ком бардоранд,
Мардуми бечора ҳам аз коми ваъда мехӯрад ваъда,
Мардуми ӯ дорад умри ваъдахоре…
Ваъдахорӣ… Интизорӣ… ваъдахорӣ…
Интизорӣ…Интизорӣ
Ӯ авомеро ба сӯи маърифат мехонду лек афсӯс,
Ҷуз ду бепушту панохҳи хор,
Буд зиёиҳои халқи ӯ ҳанӯз аз маърифат холӣ,
Беҳтар аз худро чу бинад ин зиёии ҳарису данг,
Ҷои он ки сӯи ӯ пошад гули шодӣ,
Мансабашро пеши роҳи ӯ,
Мекунад девори Чину аз фарози он
Ҳилабозон бар сари ӯ мепаронанд санг.
Халқи худро ин зиёӣ
Раҳзаниҳо кардаву ҳаргиз накарда раҳнамоӣ.
Чашми чоре шуд, ки ояд маърифат сӯи зиёиҳои халқаш,
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Одамӣ дар зиндагӣ гарчи намепояд,
Одамиро хона мебояд.
Дар қатори дигарон поид навбат,
Баски лезак дошт дар по,
Низ навбат буд бешафқат.
Интизорӣ боз аз ҳар сӯ садо дод
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Дарди бенавбат садо зад,
Бар дари ҷону дилаш аз ҳар тараф мушти бало зад,
Интизории дигар сӯяш сало зад,
Интизори сиҳҳатии ҷони худ гардид,

Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Баски бефарҳангӣ афзуд
Бозуи дардаш қавӣ гашт.
Бузмаки чанде милал
Бештар печид аз ҳар сӯ ба ҷонаш
Чанд наҳси безабоне,
Безабониҳои чанде
Дошт маҳкам аз забонаш,
Он қадар печид то ӯро зи по зад,
Зад зи пову монд танҳо…
Дар утоқи корӣ ӯро шаб ҳама шаб
Як чароғи чун хаёли ӯ фурӯзон посбон шуд,
– Аз сиёҳӣ пуштибон шуд.
Мурд ӯву интизорӣ зинда буд аммо,
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Оқибат хуршед омад дар суроғаш,
Низ фарроше аз ин сӯ.
Посбоне ҳам аз он сӯ,
Баъд аз он омад муфаттиш,
Духтурон ҳам бӯй бурданд
Дӯсти ӯ аз ҳама пас…
Ҷисми ӯро гӯри гушна зудтар мехонду аммо
Интизорӣ буд бар ҷо,
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Барфу борон, барфу борон, барфу борон…
Роҳу роҳу роҳу роҳу роҳ,
Сахт пурпечу баланду пасту ноҳамвор
Ҳамчу ҷисми зиндаи ӯ,
Ҷисми беҷонаш ту гӯӣ
Бори дигар пай заду пай зад раҳи умри ҷавонаш,
Гарчи буд душвор, аммо

Дошт гӯё боз уммеде зи ҷонаш,
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…

Эй дареғи зиндагонӣ!
Муштарипарвардагони маърифатпаймои хокӣ
Аз замин гар пар кушоянд,
Муштариву муштаризоде надорад қудрати бозу
То бигардонанд онҳоро дубора ҷониби мо.
Лек аз боло ки майли мо намоянд он ҳама зоидаи нур,
Он қадар Кайвону кайвонзодагон доранд нерӯ,
Бӯ набурда пояшон аз хок
Боз гардонанд бар афлок.
Эй шумо дар осмон, чилдухтарони ман,
Духтаре ҳамдарду ҳамҷони шумо имрӯз
Бо ҳаросу тарс аз хартуми хуни маърифатдаркаш
Сӯятон парвоз дорад,
Аз шумо дорад суроғе дар баландиҳо…
Аз кучҷое боз меояд садои ногуворе
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Интизорӣ…
Гар расад дастам бирезам хуни наҳси интизорӣ…

*1988*

***Юсуф АҲМАДЗОДА***

## «СОҲИБИ АСПИ САФЕД»

«Соҳиби аспи сафед»
Дили ман бурд ба худ.
Уфуқи шоми маро
Сурати субҳ намуд.

Магар ин хобу хаёл,
Магар ин бахту умед?!
Ошиқи насри туям
«Соҳиби аспи сафед».

*Беранги КӮҲДОМАНӢ*

## АСИРИ ДОМИ ТАҚДИР

Ай духтари номуроди ноком,
Томоти ҷафову ҷабри айём.

Бишкаста замон ниҳоли умрат,
Он гуна, ки бод шохи бодом.

Ҷисми ту агарчи зуд пажмурд,
Рӯҳи ту ҳамора бод пидром.

Зудат ки замона баст дафтар,
Ноёфта қиссаи ту анҷом.

Мо ҷумла асири доми тақдир,
Ҳар рӯз чи тангтар кунад дом.

*Ҳабибулло НОЗИРӢ*

## НАВҲАИ МУАЗЗАМА

Маро, ки зиндагонӣ бе ғазо кушт,
Ба дасти дардҳои пурбало кушт.

Намемурдам ман, аз сабри вафоям
Диламро бурда ёри бевафо кушт.

Ба ёдаш ҳар куҷое лаб кушодам,
Маро он қиссаи дардошно кушт.

Зи минбар дил буридам чун суханро
Маро худхоҳии мансабгадо кушт.

Ба номи миллатам овоз додам,
Маро «миллатшиори» бехудо кушт.

Дили дардошнои ман хато кард,
Маро кушту маро кушту маро кушт.

*АБДУСАМЕЪ*

## МАРСИЯ

Эй гул, аз шохи баланди ормон афтодаӣ,
Эй дил, аз рӯи кафи барги хазон афтодаӣ.

Аз куҷо дарёфтат чашми хатобини аҷал,
Эй нигоҳи сода, аз чашми замон афтодаӣ.

Бо дили дардошнову ғамшарику дилнавоз,
Дар раҳи дилҳои мардум дилгазон афтодаӣ.

Ҳамчунон оби дари хона кӣ донад қадри мо?
Дар масири умри чун оби равон афтодаӣ!

Бо умеду орзуҳои баланду болдор,
Дар хати парвози дур аз осмон афтодаӣ.

Як тасалло дорад ин дил, ки ба бӯстони сухан,
Эй хазони ҳастӣ, умре бехазон афтодаӣ!...

*Рӯзномаи «Коммунисти Исфара»,*
*11 феврали соли 1988.*

***Пайрав ҚАҲҲОРОВ***

## ҲАСРАТИ ҚАЛАМ

Туро надидаам, вале ҳамеша бо туам.
Аё баҳори рафта аз диёри Исфара.
Ба «асп»-и худ наёфтӣ, дареғ «соҳибе»,
Бисӯзад аз ғами ту шаҳсавори Исфара.

Раҳи сухан барад маро ба кӯи ёди ту,
Зи ту ҳикоя мекунад ҳикояҳои ту.
Чу ахтар аз фазои зиндагӣ паридаӣ,
Ҷаҳон ситорае наофарад ба ҷойи ту

Баҳори орзуи диданат хазон шуда,
Муаззама, Муаззама, куҷоӣ ту, куҷо?...
…Ҳама равем пеши ту, зи лобаҳо чӣ суд?
Ҷаҳони рӯсияҳ ба кас намекунад вафо!

*деҳаи Ворухи Исфара*

***Ҳоҷӣ Мирзоабдукарими РАҲИМЗОДА***

## БО КАЛОМИ ПУР ЗИ МЕҲР

Духти Аҳмад Муаззам, бо каломи пур зи меҳр
Буд сабки маънии оламкушои Исфара,
Андалебони сухангӯяш наво чун сар кунанд,
Мешаванд қурбони ҳар савту навои Исфара.

*17 июни соли 1998.*

## ДАР ЧОРСӮИ ЗИНДАГӢ

Андӯҳи гароне дилҳои мо, ҳамкорон ва дӯстони ин духтари дар самимият ва садоқат беҳамторо тазйиқ медиҳад. Марги нобаҳангом ва бешафқат дар айёме риштаи умри ин адибаи некмазҳарро гусаст, ки акнун орзуҳояш мешукуфтанд, хаёлаш рангомезӣ мекард. Муаззама дар рафоқат ва шафоат ба дӯстон ва ҳамкорон беназир буд. Ӯ дар андак рӯзгор бо заҳматписандӣ, ҳақиқатпазирӣ ва истеъдоди соф фитрӣ, бо сабки нозуки нигориш, ҳам дар адабиёт ва ҳам дар байни хонандагону суханварон маҳбубияти гарм пайдо намуд.

Муаззама эҷодкори ниҳоят ҳассос буд ва аз ин рӯ ҷунбишҳои рӯҳии инсон, такопӯву саргардонӣ ва масъалаҳои дардомези зиндагиро амиқ эҳсос мекард. Вай аз нахустин ҳикояҳояш ба хонандаи хушзавқ умед бахшид, ки ба адабиёт як нависандаи ширинкалому борикназар меояд. Маҷмӯаи ҳикояҳои ӯ – «Соҳиби аспи сафед» ин умедро қавитар гардонд.

Муаззама адибае буд, ки бори аввал дар насри бадеии тоҷик хислату характер, покизагию иффату исмат ва олами орзуву андешаи духтари тоҷикро мӯшикофонаю табиӣ ба риштаи тасвир кашидааст, ҷаҳони ботинӣ ва нозуктарин ҷунбишу лағзиши қалби ӯро ба тозагӣ дарк кардааст, «Рӯймолчаи сари девор», «Ман, Амур ва очаам», «Соҳиби аспи сафед» ва силсилаи дигари ҳикоёташ на танҳо аз софии дилу маънавиёти қаҳрамонҳояш, балки аз покии қалби муаллиф башорат медиҳанд.

Ин маълум аст, ки асари асили адабиёт ба осонӣ рӯи чанд пора коғаз қаламӣ намешавад. Барои эҷоди асари тоза хуни дил хӯрдан лозим меояд.

Акнун бо андӯҳ ба ёдамон меояд, ки Муаззама боре гуфта буд: «Кам менависам, аммо аҷиб, ки бисёр ғам мехӯрам…». Низ огоҳ ҳастем, ки солҳои охир ин духтари равшанзамир на ҳар чизи навиштаашро барои чоп пешниҳод мекард.

Муаззама чанд сол инҷониб ходими адабии шӯъбаи насри ҳафтанома буд. Вай аз хурдтарин падидаи адабӣ кӯдаквор ба шавқ меомад ва баръакс чун бо навиштаи қолабию берӯҳе дучор мешуд, хиҷил мегашт ва мекӯшид, ки он ба дасти хонанда нарасад.

Ҳамкорони Муаззама ҳаргиз фаромӯш нахоҳанд кард, ки айёми таъсис шудани рӯзномаи нави республикавӣ – «Маданияти Тоҷикистон», баъдтар «Адабиёт ва санъат», ӯ барои қувват гирифтан ва маҳбубияти он дар байни хонандагон чӣ қадар заҳмату талош карда буд. Маҳз дар ҳамин нашрия вай ба рӯзгори пурташвишу ҳамеша нооромии рӯзноманигорӣ ворид шуд. Дар андак муддат камол ёфт. Очерку мақолаҳояш бо фаро гирифтани масъалаҳои муҳими зиндагии мардуми тоҷик мӯъҷазу хотирнишон таълиф шуданд.

Муаззамаи меҳрубон дар ҳама корҳои ҷамъиятӣ ва ташкилии ҳафтанома ва Иттифоқи нависандагон фаъол буд.

Имрӯз мо, ҳамкорони ӯ, бо як дарди ҷонсӯз ба ёд меорем: ҳар бор маҳз Муаззама пеш аз дигарон моро бо рӯзи мавлуд табрик мекард. Вале имсол мо наметавонем, ки ӯро ба рӯзи таваллудаш табрик гӯем. Марги беамон чанд рӯз муқаддам аз зодрӯзаш ӯро аз байни мо рабуд.

Аз ғалладони мизи кории Муаззама рӯйхате ёфтем, ки дар он санаи зодрӯзи ҳамаи мо, ҳамкоронаш, дар соли нав қайд

шуда аст, вале санаи таваллуди худи ӯ – 20 феврал сабт наёфта.

Муаззама дақиқаҳои охирини умри ҷавон ва пурорзуи худро дар сари мизи идораи ҳафтанома ба поён расонд.

Афсӯс, дар зиндагӣ умри гул кӯтоҳ будааст. Соҳибаи аспи сафед басе бошитоб аз ин раҳ гузашт.

Муаззама барои мо, ҳамкорон, хоҳари мушфиқ ва дилсӯз буд. Ӯ зиндагии кӯтоҳе ба сар бурд, вале ҳарорати меҳр ва муҳаббати беандозааш ба одамон дар дилу ёди онҳое, ки ӯро мешинохтанд ва аз чакидаҳои қаламаш бархурдор буданд, ҷовидон хоҳад монд.

Алвидоъ, эй хоҳари мушфиқ, эй духтари хаёлу хотираат тобнок!

*Ба пирӣ мерасад хори биёбон,*
*Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад,* –

гуфтааст шоири бузург Муҳаммад Иқбол, ки мутолиаи ҳамешагии осори ӯро Муаззамаи мо бисёр дӯст медошт.

***Кормандони ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат»***[1]

---

[1] Аз рӯзномаи «Адабиёт ва санъат». Феврали соли 1988.

## МУНДАРИЧА

А.Набавӣ. Савори аспи сафед (Ба ҷои пешгуфтор). .............. 4

Ҳикояҳо ........................................................................... 17

Шеърҳо ............................................................................ 134

Шеърҳо барои бачаҳо ......................................................... 142

Тарҷумаҳо ........................................................................ 146

Очеркҳо ........................................................................... 164

Дар бораи эҷодиёти Муаззама ............................................. 189

Ёднома ............................................................................. 193

**Муаззама Аҳмадова**

**АФСОНАИ ТАНҲОӢ**

Мусаввир *А.Абдуллоев*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*
Мусаҳҳеҳ *Г.Зоҳидова*

Ба матбаа 24.05.2010 супорида шуд. Ба чопаш 27.05.2010 имзо шуд. Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 7,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.